К-69

Расул Ҳодизода

# ТАСАВВУФ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС-ТОЧИК





АКАДЕМИЯИ ИЛМХОИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЕТИ БА НОМИ РУДАКИ

РАСУЛ ХОДИЗОДА

# ТАСАВВУФ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС-ТОЧИК

ДУШАНБЕ
НАШРИЕТИ «АДИБ»
1999

ББК 83.3 (0) 9
Х—74

Ходизода Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-точик. Душанбе, «Адиб», 1999

Тасаввуф дар таърихи тамаддуни исломӣ ва илму фарҳанги форсӣ яке аз пурарзиштарин мероси маънавист. Хонанда аз ин китоб дар бораи тасаввуф дар адабиёти форсӣ маълумотҳои ҷолибе пайдо хоҳад кард.

Х $\frac{4702540202-20}{М 503-98}$

МУҲАРРИР ОДИНА МИРАК

در نشر این کتاب سفارت کبرا و رایزنی فرهنگی جمهوری اسلامی ایران بلطف اعانت سهمگذاری نمودند.

© Расул Ходизода, 1999

БИБЛИОТЕКА
№ 709 203
...ИНСТИТУТА

*Ба ёдбуди 725-мин солгарди даргузашти орифи Раббонӣ, мутафаккири ҷаҳонӣ, шоири осмонӣ Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ машҳур ба Румӣ*

## ПЕШГУФТОР

Тасаввуф дар таърихи тамаддуни исломӣ ва таърихи илму фарҳанг ва адабу шеъри форсӣ яке аз пурарзиштарин мероси маънавист. Бе тасаввуф мо имрӯз таърих ва поёни таҳаввулоти адабиёти форс-тоҷикро ба худ тасаввур карда наметавонем. Бе тасаввуф таърихи фалсафа ва таърихи афкори иҷтимоию сиёсии мардуми мусалмон номукаммал хоҳад шуд. Аз ин сабаб омӯхтани тасаввуф ҳам аз ҷиҳати таърихӣ ва ҳам аз ҷиҳати назарӣ барои таҳқиқи илму фарҳанг ва хусусан адабиёти бадеии мо аҳамияти басо бузурге дорад.

Тасаввуфро то имрӯз як ҷараёни ирфониву фалсафӣ ё ба таъбири русӣ диниву мистикӣ меноманд. Ба назари мо, дурусттар он аст, ки мо тасаввуфро як ҷараёни фикрии динию фалсафӣ номзад кунем. Зеро тасаввуф дар асоси пайдоиш ва такомули поя ба пояи худ ба дини ислом ва мазмунҳои асосии Қуръон такя намудааст ва аз он манша гирифтааст. Баробари ҳамин тасаввуф ҳамчун дигар ҷараёнҳои фалсафӣ дорои ақоид ва афкори муназзами назариявӣ аст, ки дар он масъалаҳои умдаи фалсафӣ, монанди ҳастӣ, моддиёт, илоҳиёт, тавҳид, кайну фасоди олам. Инсон, олами кабир ва олами сағир ва дигар масоили назариявӣ бо як системи муайян ва ҷаҳонбинии мураттаб баён меёбад. Дар тасаввуф нуктаҳои муҳимтарини дини ислом бо тавҷеҳ ва ташреҳи хоссаи сӯфиёнаву ирфонӣ ба ҳам созгору тавъам омадааст. Аз ин рӯ мо метавонем, мисли фалсафаи моддиюн, ё ишрокиюн ё афлотунӣ як системи ҷаҳонбинии махсуси тасаввуфро дар даст дошта бошем, ки он ба афкори умумии иҷтимоию башарӣ, инчунин ба мазмуни мундариҷоти адабиёт нуфузи калоне кардааст.

Аз ин ҷост, ки омӯхтани тасаввуф ва хусусан назарияи он ҳамчун як системи диниву фалсафӣ аз охири асри XIX ва хусусан аз ибтидои қарни бист мавриди таҳқиқоти илмии ховаршиносони Урупо гардид. Зеро бе ин пажӯҳиши

илмӣ таърихи тамаддун ва мероси маънавии мардуми Шарқ номукаммал ва ҳатто номумкин буд.

Аз олимони урупо, ки дар пажӯҳиш ва ковишҳои илмии таърих ва назарияи тасаввуф хадамоти бузурге ба ҷой гузоштанд, Р. Никольсон, ва Э Браун буданд, ки осори таҳқиқотии ишон имрӯз ҳам арзишу аҳамияти худро гум накардааст. Дар Эрон омӯзиши тасаввуф бо усули навини илми имрӯзаи таърихиву адабӣ аз миёни қарни мо шурӯъ шуд. Аз бузургтарин симоҳои илмии соҳаи омӯзиши таърих ва назарияи тасаввуф олимони фақид Саид Нафисӣ ва Қосим Ғанӣ буданд, ки бо осори пурҳикмати худ дар ин ҷода хидматҳои беназир ва ибратангез карданд. Ва имрӯз доктор Абдулҳусайн Зарринкӯб ҳамаи ин тадқиқоти гузаштагони худро на танҳо бо муваффақият давом медиҳад, балки дар роҳи тадқиқу таҳқиқи ирфони назарӣ ва адабӣ роҳҳои нопаймударо кашф кардааст. Таълифоти ӯ ба номи «Арзиши мероси сӯфийя», «Дар ҷустуҷӯи тасаввуфи Эрон», инчунин ду муҷаллад ба номи «Сирри най» (дар кашфи андешаву орои ирфонию фалсафии Мавлонои Балхии Румӣ) як саҳифаи дурахшонест дар омӯзиши тасаввуф.

Донишмандони Тоҷикистон низ дар омӯзишу тадқиқи тасаввуф ҳиссаи бузурге гузоштаанд. Дар ин ҷода кашшофи роҳи уламои тоҷик зиндаёд Алоуддин Баҳоваддинов буд. Вай дар китоби худ «Сайри таърихии афкори фалсафии тоҷик» фасле ба тасаввуф тахсис намуд ва ба ин восита пайравони мактаби илмии худро ба омӯзиши ин ҷараёни фикриву фалсафӣ ҳидоят кард. Шогирдон ва пайравони ин марди аллома дар тадқиқ ва омӯзиши масоили назариву таърихии тасаввуф ва риҷоли баргузидаи он бо ғайрату ҳиммати шоистае хидмат намуданд ва дар андак муддате чандин китобу расоил аз пажӯҳишҳои худ ба нашр расониданд. Банда номи онҳоро, ки қисме аз ишон ба ин ҷониб нисбати шогирдӣ доранду имрӯз аз ҳамкорони наздики мананд, бо эҳтиром ин ҷо сабт мекунам: Н. Арабзода, Х. Зиёев, шодравон Б. Исматов, А. Қурбонмамадов, А. Муҳаммадхоҷаев, Н. Одилов, Қ. Олимов, М. Султонов, М. Ҳазратқулов.... Ин муҳаққиқони гиромӣ тасаввуфро дар иртибот бо афкори фалсафии умумбашарӣ омӯхтанд ва онро ба як тартибу танзими илми муосир ворид намуданд.

Қариб ҳамаи мутолиот ва таҳқиқоте, ки имрӯз пиромуни таърих ва рушду тавсиаи тасаввуф анҷом гирифтааст, бештар аз таърих ва назарияи ин ҷараён баҳс мекунад ва дар мавзӯи иртибот ва пайванди тасаввуф бо адабиёт

ва хусусан адабиёти порсӣ пажӯхишҳо камтар ба назар мерасад. Ҳол он ки тасаввуфро ҳам дар таърихи густаришу тавсиаи он ва ҳам дар паҳн гардидани орову ақоиди он бе адабиёти форсӣ тасаввур кардан муҳол аст. Агар гӯем, ки тавсиа ва густариши тасаввуф дар Эрону Хуросону Мовароуннаҳр мавкуф ба адабиёти форсӣ ва шуарою удабои форсизабон буд ва инчунин шӯҳрату ҷаззобии шеъру адаби форсӣ аз асри XI бибаъд ба шарофати андешаву орои ирфонӣ буд, хато нахоҳем кард.

Ин ҷониб солҳост, ки ба омӯзишу мутолиоти адабиёти сӯфия ва ирфонӣ, инчунин осори манзуми мероси сӯфийя машғул ҳастам. На танҳо мазомини ирфонӣ ва андешаву афкори тасаввуфӣ, балки либоси сеҳрангез, пур аз рамзу истиорот ва мафтункунандаи осори шуарои мутасаввифа ҳамеша маншаву сарчашман гармии дили ман буд, ба фикру андешаҳои ман ғизо ва ба рӯҳам нур ато мекард. Дар пеши ман ҷаҳони осору розҳои ниҳонии қарнҳои дур кушода мешуд, як шаъшааи нури осмонӣ синаро равшан мекард. Дар соатҳое, ки бори зиндагӣ пуштро фишор медод ё хиёнати нохалафе оинаи дилро хира мекард, як байту як пораи шеъри ирфонӣ маро аз хоки замин ба табақоти самовот мебурд. Бо вуҷуди ҳамин дар ман тасаввуре ҳаст, ки ҳанӯз аз ин дунёи тилисмот гӯшае барои ман кушода нашудааст, ҳанӯз ҳарфҳои рамзу сатрҳои роздори шеъри ирфонӣ барои ман ҳамчунон пӯшидаву дар сатранд. Аммо ҳар қадар ки дар хондану омӯхтани шеъру назарияи ирфон таҷруба зиёдтар меандӯхтам, умеду ниятам бештар ва маҳкамтар мешуд, ки як китоби мухтасаре барои ҷавонон, донишҷӯён, муаллимон ва умуман хонандагони дур аз дунёи ирфон таълиф кунам, шояд муқаддимае бошад барои вуруд ба ин олами ҳайрату фикрат. Ва инак панҷ сол пеш ба таълифи ҳамин саҳафот шурӯъ кардам.

Дар таълифи ин мухтасар ман аз он чӣ дар диёри мову хориҷ аз марзи он дар мавзӯи тасаввуф навишта шудааст, истифода кардам. Аммо ин истифодаи бобаракат буд, на нусхабардорӣ аз кутуби пешгузаштагон. Банда кӯшиш кардам, ки дар таърихи пайдоиш, манбаву манша ва рушду тавсиаи тасаввуф худ ҳам ақидае дошта бошам ва онро ба хонандагон арза дорам. Баробари ҳамин банда саъй кардам дар тавсиф ва таърифи нуктаҳои ирфонӣ ва шарҳу баёни рояҳои назариявии он бештар ба шеъри шуаро рӯй оварам, то тавонам аз рӯи имкон иртиботи тасаввуфу шеъри форсӣ барои хонандагон то андозае равшантар бошад.

Барои ин ҷониб иноятн ғайбист, ки ҷопи ин авроқ ба 725-мин солгарди даргузашти ситораи тобони ҷаҳони ирфонӣ Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ рост омад. Шеъри пурҷозибаи Мавлоно аз овони ҷавонӣ ба талқин ва тарғиби қиблагоҳии шодравонам ба гушу ҳуши ман қарин буд. Ва дертар худ низ ба баҳри нопайдоканори осору андешаи Мавлоно қадам гузошта аз поёби он ҳар чӣ дар доираи тавону қудратам буд дурру гуҳаре ба даст овардам, ки он дар шумори неъмати беминнати дунёи маънавии ман аст. Аз ин ҷост, ки имрӯз ба умеди ҳидояти рӯҳи Мавлоно банда ин коҳбарги худро ба боргоҳи сулаймонии ин симои оламафрӯз ба расми эҳдо тақдим медорам, шояд ба ҷойгоҳи қабул пазируфта гардад.

августи соли 1998.

# ТАСАВВУФ ДАР АДАБИЁТИ ФОРС—ТОҶИК

Ҷараёнҳои фалсафӣ, ақоид ва мафкураҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ ва таълимоту ғояҳои динӣ ба адабиёт таъсиру нуфузи бузург дорад. Баробари ҳамин адабиёт бо каломи бадеи дар такомул, тавсиа ва густариши ғояҳои динӣ ва афкори иҷтимоию сиёсӣ дар навбати худ нақши муассиреро дорост.

Дар замоне, ки ақоид ва ҷараёни мафкуравии тасаввуф аз ғарби хилофати араб ба шарқ, ба Хуросону Мовароуннаҳр нуфуз кард, яке аз заминаҳои мусоиди равнақу интишори афкори суфия адабиёти форсу тоҷик буд. Адабиёти форсу тоҷик ва махсусан назми форсӣ буд, ки ақоиду афкори тасаввуфро зуд қабул кард, балки ин адабиёт таблиғи тасаввуфро дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр ва қисми зиёди марзҳои шимолии Ҳинд (ба ин мафҳум Покистони ҳозира низ дохил мешавад, интишор дод. Ба воситаи назми форсӣ тасаввуф ба доираҳои васеи табақоти гуногуни мардум нуфузу эътибор гирифт, афкор ва ақидаҳои он ҷаззобтару гиротар шуданд.

Аз тарафи дигар, тасаввуф адабиёти форсу тоҷикро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, мавзуъ ва муҳтавиёт, аз ҳайси бадеияту санъати сухан ба сатҳи баланд бардошт. Бо нуфузи ақоиди сӯфиёна дар адабиёти форсӣ марҳилаи наве шурӯъ шуд, ки шеъри форсӣ бо образҳои нави бадей ва воситаҳои тозаи бадеию эстетикӣ бой гардид. Аз асри IX сар карда дар адабиёти форсу тоҷик ҷараёни наве ба номи назми сӯфиёна ба вуҷуд омад. Баробари ҳамин шеъри форсӣ, ки аз тарафи шоирони на сӯфимашраб эҷод мешуд, низ аз нақшу таъсири афкори сӯфиёна ва ба ин восита аз обу ранги ғояҳои ирфонӣ холӣ набуд. Аз ин сабаб адабиёти бадеии ирфонӣ (сӯфиёна) яке аз заминаҳои бунёдгузори таърихи адабиёти мо ба шумор меравад.

Талқиқи тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик таърихи зиёда аз як қарнро дорад. Дар саргаҳи ин таърих олимони забардаст аз қабили Э. Браун ва А. Крымский арзи зуҳур

карда буданд. Тадқиқоти ин олимон дар пайдоиш ва густариши тасаввуф, инчунин нуфузу таърихи он дар назми форсу тоҷик як оғози роҳнамуне гардид[1]. Дертар дар Урупо дар тадқиқи тасаввуф ва таъсири он дар абадиёти форсу тоҷик олимони англис Р. Никольсон ва А. Арберри, олимони фарансавӣ Л. Массинъон ва Ҳ. Қорбин таҳқиқот ва тадқиқоти пурарзише анҷом доданд. Дар Иттиҳоди шӯравӣ дар омӯхтани адабиёти суфияи форсу тоҷик ва ҳаёту фаъолияти намояндагони назми ирфонӣ шодравон Е. Бертельс умри бобаракати худро сарф намуд. Натиҷа ва хулосаҳои ковишҳои илмии ӯ имрӯз ҳам арҷ ва аҳамияти илмии худро гум накардаанд[2].

Дар Эрон дар омӯхтани зиндагӣ ва осори орифон ва дар нашри мутуни шуарои сӯфия ва кутуби назарии ирфонӣ, дар таҳқиқи масъалаҳои умумӣ ва ҷомеи тасаввуф корҳои бисёре анҷом ёфтааст, ки аз баъзеи онҳо дар мавридҳои муносиб ёдовар хоҳем шуд. Аммо, ба назари мо, аз ду асар, ки дар равшан сохтани таърих ва таҳаввули тасаввуф арзиши муҳим ва бунёди маҳками илмӣ доранд, махсус бояд арзёбӣ кунем. Яке асари доктор Қосим Ғанист, ки бо номи «Таърихи тасаввуф дар ислом ва татаввурот ва таҳаввулоти мухталифаи он аз садри ислом то асри Ҳофиз» ба чоп расидааст. Ин асар қисмате аз таҳқиқоти бузурги олим аст, ки ӯ дар тадқиқи зиндагии Ҳофиз ва ашъори ӯ анҷом додааст[3]. Китоби дигар, ки «Арзиши мероси сӯфия» ном дорад, ба қалами доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб муталлиқ аст ва дар он масъалаҳои умумии таърихи тасаввуф ва афкору орои он дар адабиёти форсу тоҷик баррасӣ шудааст[4].

Дар Тоҷикистон тасаввуф аз ҳайси назарияи фалсафӣ хеле хуб тахқиқ шудааст[5], аммо роҷеъ ба тасаввуф ва адабиёти сӯфия китобе ҷудогона то имрӯз таълиф нашудааст. Фақат чанд сол пеш дар китоби таърихи адабиёти асри XII—XIV-и тоҷик боби мухтасаре дар ин мавзӯъ тахсис гардид, ки он ба қалами А. Болдырев навишта шудааст[6].

Тасаввуф ҷараёни идеявӣ ва таълимоти фалсафию диниест, ки дар асрҳои аввали пайдоиши ислом ташаккул ёфтааст. Дар тадқиқоте, ки дар садаи гузашта ва ибтидои асри ҳозир сурат гирифтааст, тасаввуфро ҳамчун як ҷараёни мафкуравӣ ва фалсафӣ, ки афкор ва ақоиди номуназзаме (эклетикӣ) дорад, таъриф мекарданд. Ин фикр махсусан дар таҳқиқоти таърихи адабии форсӣ, ки Э. Браун таълиф намудааст, ба сурати илмӣ даромад ва то хеле вақт

дар илми шаркшиносӣ мавриди кабул ва арзёбӣ буд. Э. Браун пайдоиш ва манишаи тасаввуфро дар чор мабдаи диниву мафкуравӣ муқаррар намудааст. Якум, зуҳдиёти насронӣ, ки аз таълимоти Исои Масеҳ бармехезад. Дуюм, таълимоти пантеистии навоафлотуниён, ки дар ороu ваҳдати вуҷуди тасаввуф намоён гардидааст. Сеюм, таълимоти Буддоӣ, ки зикру ибодатро роҳи ба зоти парвардигор наздик шудан медонист. Ва ниҳоят, чорум, таълимоти худи ислом ки бар таҳвид, ягона донистани Худо карор гирифтааст[7].

Э. Браун дуруст муайян намудааст, ки дар тасаввуф ҳамин чор унсури умда вуҷуд дорад ва ҳамин чор унсур аст, ки таълимоти муназзами онро ташкил намудааст. Аммо ин чор унсури мафкуравиро таъсири бевоситаи афкори аз исломият берун гуфтан албатта нодуруст аст. Аввалин шахсе, ки ин акидаи нодурустро рад намудааст, доктор Абдулхусайни Зарринкӯб аст. Ӯ дар «Арзиши мероси сӯфийя» ба тарзи котеъ исбот намудааст, ки унсурҳои идеявӣ ва заминаи мафкуравии тасаввуф пеш аз ҳама ба оёт ва сураҳои Қуръон асос ёфтааст.

Албатта, дар пайдоиш ва такомули тасаввуф аз омилҳои берунӣ сарфи назар кардан ҳам раво нест. Ба мисли он ки дини ислом аз таъсир ва накши орову афкори динҳои пешини орӣ нест, тасаввуф ҳам дар асоси афкор ва акоиди хеш аз таъсир ва нуфузи акидаҳои фалсафии Юнону Рум, аз таъсири мафкураҳои динҳои Буддоӣ ва Зардуштӣ берун намондааст. Аммо заминаи пайдоиш ва мояи афкори ин ҷараён ба оин ва орои дини ислом ва оёти Қуръон бунёд гирифтааст.

Дар тафсири маънои калимаи «тасаввуф» акидаҳои мухталиф баён шудааст. Бархе гуфтаанд, ки ин калима аз решаи «сафа»-и арабист, ки ба маънии поку покиза омадааст ва азбаски аҳли тасаввуф ба покии ахлоқ мавсуф будаанд, онҳоро мутасаввиф гуфтаанд. Фиркае ба он мӯътакиданд, ки ин калима аз «суфа», ки ба маънии баландист, маъхуз шудааст. Нисбати ин калимаро ба «аҳли суффа», ки дар замони пайғамбари акрам (с) будаанд, марбут медонанд. Дар солиёне, ки Муҳаммад (с) ба Мадина Ҳиҷрат намуд, ҳамроҳ ва ҳампои ӯ иддаи калоне аз мухлисону пайравони ӯ низ ҳиҷрат намуданд. Ин мардум, ки дар Мадина ҷои хобу сарпаноҳ надоштанд, дар суффае, ки воқеъ дар масҷиде буд, ҷамъ омада, ҳамон ҷо шабонарӯзиро ба риёзату ибодат дар маҳрумиятҳои зиндагӣ сипарӣ мекарданд.

Ин идда мардумро аҳли суффа мегуфтанд. Гӯё пайравони ҷараёни нави динӣ, ки дар риёзату ибодат мисли «аҳли суффа» сахтсару пофишор буданд, ба мутасаввифон (шакли калимаи арабӣ, ки аз решаи «суфф» ва «суффа» сохтан мумкин аст) номзад шудаанд. Ақидае низ ҳаст, ки «тасаввуф» шояд аз калимаи «софистика»-и юнонӣ муштақ бошад. «Софист» лақаби муаллимон ва файласуфоне буд, ки дар давраи муайян дар Юнони қадим фаъолият доштанд.

Аммо ҳамаи ин тақриб ва тахминҳо чандон бунёни маҳкам надоранд. Ва наздиктар ба ҳақиқат он аст, ки «тасаввуф» аз калимаи «суф» ки ба маънии матони дуруштн карбосӣ ва пашмина омадааст, гирифта шудааст. Сабаби ба ин вожа номзад шудани аҳли тасаввуф аз он будааст, ки сӯфия дар аввалҳо ба нишони фақру тарки сарвати дунё либосҳои дурушти карбосӣ ва пашмина дарбар мекардаанд, то эътирозе ба муқобили аҳли сарвату дунёпарастони замонашон бошад.

Тасаввуф дар ибтидои ислом, гуфтан мумкин аст баъди як асри даргузашти Муҳаммад (с) ба вуҷуд омад. Дар оғози нашъати худ ин ҷараёне буд дар ислом, ки ба муқобили аҳли сарвату дунё ва ҳукком ва соҳибдавлатоне, ки аз номи дин ва бо аҳкоми дин роҳи ҷамъ кардани мол ва ба раият зулму ситамро гирифта буданд, як эътирози иҷтимоӣ ва ахлоқӣ буд. Дар ин роҳ фирқае ба вуҷуд омад, ки аҳли он дар бар либосҳои фақирона аз қабили пашмина карда, дар гӯшаи узлат зиндагии оромона ва зуҳдпарварона ихтиёр намуда, ба ибодату тоати Ҳақ таоло машғул шуданд. Онҳо такаббуру уҷби соҳибони мансабу ҳокимият ва боигариву сарвати дунёро ба назари таҳқир медиданд ва дунёпарастону пешвоёни риёкори динро ошкорову далерона мазаммат мекарданд. Ин фирқа покии ахлоқ ва роҳи ҳаққи зиндагиро дар рӯзгори фақирона ва дар ибодат ва зикри ҳамешагӣ медиданд. Ин мардум худро ба «Мутасаввиф» (яъне «суфпӯшон») номзад карданд ва тарзи тариқату андешаи онҳо ба «тасаввуф» машҳур шуд.

Сарманша ва бунёдгузори чунин равияи зоҳидонаи тасаввуф дар он аср **Ҳасани Басрӣ** буд. Дар тазкира ва китобҳои аҳли тасаввуф Ҳасани Басриро пешвои тасаввуф ва яке аз шайхони бузурги зоҳиду обиди он аср тавсиф карданд. Ҳасани Басрӣ аз мардони бузурги мутадаййин буд, ки аҳли тасаввуф ӯро аз саромадони шайхони сӯфийя ва пайравони зуҳду вараъ донистаанд. Номи пурраи ӯ Абӯ Саид ибн Абилҳасан Йасор аст. Ӯ соли 642 дар шаҳри Ма-

дина таваллуд шудааст. Аз соли 657 хонаводаи ӯ ба Басра мекӯчанд ва Ҳасан то охири умр дар Басра зиндагӣ мекунад. Ӯ аз ҷавонӣ бо дониш ва илми замонаш шӯҳрати комиле ҳосил карда ва ба ин восита ба доираҳои ҳукмронии давронаш наздик будааст. Дар замоне, ки Ҳаҷҷоҷ ба ҳокимии Ироқ мансуб буд, Ҳасан дар қатори олимони машҳури замонаш дар тасҳеҳи китобати Қуръон иштирок кард ва аз ҷумла дар муайян намудани муъҷамоти ҳуруфи он хидмати калон ба харҷ дод. Дар замони хилофати Умари Хаттоб Ҳасан ба мансаби қозии Басра таъйин шуд.

Ҳасани Басрӣ ҳамчун донишманди мумтози илми дин ва фиқҳи ислом дар байни гурӯҳҳои мухталифи ақоиди исломӣ шогирдон ва пайравони зиёд дошт. Ҳасани Басрӣ дар таъвил ва тафсири аҳкоми дин ва аҳодиси набавӣ фикри озодона дошт. Баробари ин ӯ пайрави ахлоқи пок ва порсой буд. Дар осоре, ки ба ӯ нисбат медиҳанд ва бо номи «Ривоёт» ва «Мавоиз» машҳур аст[8], Ҳасани Басрӣ ба муқобили таҷаммул ва шукӯҳи пурдабдабаи аҳли давлат ва сарват сахт эътироз мекунад ва зиндагии бечораҳолона ва сабру қаноатро таблиғ мекунад. Ин оровӯ андешаҳои ӯ аввалин падидаҳои зуҳду узлатгузинӣ буданд, ки манша ва мабдаи тасаввуф аз он ғизо гирифтааст.

Ҳасан то охири умр дар Басра зиндагӣ кард ва дар ҳамин шаҳр соли 730 (112) ҳиҷрӣ) даргузашт. Соли вафоти ӯро Фаридиддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» дар қитъаи зерин ба моддаи таърихи «аҳли дин» сабт кардааст:

> Ҳасани Басрӣ он худогоҳ,
> Муқтадои ҳама, валикуллоҳ.
> Ҳасани Басрӣ аст бо Ҳақ дуст,
> «Аҳли дин» буд соли риҳлати ӯ»[9].

Мазори ӯ имрӯз дар чанд фарсах дуртар аз Басра воқеъ аст ва зиёратгоҳи мардум аст. Ҳасани Басрӣ чунон ки ҳам ба аҳли суннат ва ҳам ба пайравони муътазилийя наздик ва пеши онҳо соҳиби эҳтиром буд, ба ҳамин андоза пеши аҳли тасаввуф мақому мартабаи калон дошт ва ба сони сӯфиёни нахустини аҳли ирфону маърифат дар тазкира ва таърихномаҳои тасаввуф дар мадди аввал дохил шудааст. Ва бисёр нақлу ривоятҳое, ки дар ахлоқи поку писандида ва сабру қаноат, узлату тарки дунёи фонӣ ҳикоят мекунанд, ба ӯ нисбат дода шудааст. Аз ҷумла дар «Тазкирот-ул-авлиё»-и Аттор аз ин қабил нақлу ривоятҳо бисёр дарҷ гардидааст.

Ҳасани Басрӣ, чунон ки дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст, дар кӯдакӣ ба дидори халифаи дуюм Умари Хаттоб ва дертар ба мулоқоти Алӣ (р) расида будааст. Аттор аз дидори Ҳасан бо Алӣ (р) чунин нақлеро зикр кардааст: «Нақл аст, ки Алӣ (р) ба Басра даромад, маҳори шутур бар миён баста. Ва се рӯз бошид. Фармуд, то ҷумла минбарҳоро бишкастанд ва музаккиронро манъ карданд. Ба маҷлиси Ҳасан даромад. Сухане мегуфт. Суол кард: «Ту олимӣ ё мутааллим?» (Ҳасан) Гуфт: «Ҳеҷ кадом. Сухане аз пайғамбар ба ман расидааст — бозмегӯям». Алии Муртазо ӯро манъ накард ва гуфт: «Ин ҷавон шоистаи сухан аст». Пас бирафт. Ҳасан донист, ки ӯ Алист, аз минбар фуруд омад ва аз паи ӯ равон шуд, то бад-ӯ расид, гуфт: «Аз баҳри худой, маро таҳорат кардан биёмӯз». Ҷоест, ки онро «боб-ут-ташт» (дари обшӯйхона) гӯянд, ташт оварданд, то Ҳасанро вузӯъ сохтан биёмӯхт»[10]. Ин ҳикоят маънии амиқ дорад. Аввал ин ки Алӣ (р), ки яке аз мардони хонадони пайғамбар ва дар илми дин аз саромадони он аср буд, суханҳои Ҳасанро шунида ӯро аз «зикр» манъ намекунад. Дуюм ин ки Ҳасан, ки то ин вақт оини вузӯъ (таҳорат карданро) намедонистааст (албатта муболиға аст), маълум мешавад ӯ ба расму оини зоҳирии дин аҳамият намедодааст, ҳарчанд дар тоати Ҳақ ва сипосу эҳтироми пайғамбар содиқ ва самимӣ будааст. Худи ҳамин ривоят ишора ба он аст, ки зоҳидони асри нахустини ислом, ки поягузорони тасаввуф буданд, на ба зоҳири дин, балки ба ботин ва асли моҳияти он садоқатманд будаанд.

Ҳасани Басрӣ пеш аз ҳама ба покизагии ахлоқ ва беолоишии имону виҷдон хондааст ва аз ин лиҳоз ӯ ба фақеҳон ва арбобони дини расмии замонаш назари танқидгарона дошт. Дар ин бобат дар «Тазкират-ул-авлиё» бисёр нақл ва ривоятҳо мазкур аст. Аз ҷумла:

«Пурсиданд (аз Ҳасани Басрӣ), ки «мусулмонӣ чист ва мусулмон кист?» Гуфт: «Мусулмонӣ дар китобҳост ва мусулмон дар зери хок». Гуфтанд, дар «асли дин чист?» Гуфт: «Вараъ». Гуфтанд: «Он чист, ки вараъро табоҳ кунад?» Гуфт: «Тамаъ». ...Суол карданд, ки «дилҳои мо хуфта аст, ки сухани ту асар намекунад — чӣ кунем?» Гуфт: «Дилҳои шумо мурдааст. Хуфтаро биҷунбонӣ, бедор шавад, мурда бедор намешавад»[10].

Ҳасани Басрӣ барои одамӣ пеш аз ҳама ахлоқи нек ва сирати писандидаро илқо намудааст. Ин ҳамоно аз аввалин тарғиботест ба сӯи ахлоқи пок, ки дертар аҳли тасав-

вуф онро яке аз асосхои таълимоти худ карор доданд. Ӯ гуфтааст: «Фикрат оинаест, ки ҳасанот ва саййиноти ту ба ту намояд. Ва гуфт: «Ҳар киро сухан на аз сари хикмат аст, он айни офат аст. Ва ҳар киро хомӯшӣ на аз сари фикрат аст, он ҳама шаҳвату ғафлат аст». Ҳасани Басрӣ яке аз ахлоки писандидаро дар сабру каноат мебинад, сабру каноате, ки шахсро аз мардум бениёз мекунад ва ба касе дастгир намесозад. Шахси порсо бояд каноатдуст ва узлатгузин бошад. «Гуфт: «Дар Таврот аст, ки ҳар кӣ каноат кард, аз халк бениёз шуд ва чун аз халк узлат гирифт, саломат ёфт ва чун шаҳват зери пой кард, озод гашт ва чун аз ҳасад даст бидошт, маваддат зохир гашт ва чун рӯзе чанд сабр кард, бархӯрдории човид ёфт»[11].

Ба ҳамин тарик зуҳд, риёзат ва каноат, ибодат ва зикр дар танхоию дар гӯшаи узлат яке аз даъватҳои умдае буд, ки дар аввали пайдоиши тасаввуф заминаи таблиғоти мафкуравии он гардид. Дар атрофи ашхоси обид ва зоҳид, мисли Ҳасани Басрӣ, бисёр пайравону мухлисон ва шогирдон гирд омаданд, ки онҳо ба тарикаи суфиёнаи онҳо дохил мешуданд. Шайхони зоҳиду обид ва пайравони онҳо дар чамъият бештар обруву нуфуз пайдо мекарданд ва афкору акоиди онхо берун аз Басра ба шаҳру марказҳои дигари хилофат торафт васеътар интишор меёфт.

Зӯҳду зохидӣ, ки дар марҳилаҳои аввали таърихи тасаввуф яке аз пояҳои назарӣ ва асоси таълимоти ин чараён буд, гузашта аз нуктаву афкори пароканлаи мутасаввифони бузурги давраи нахуст, дар ду карни баъдӣ дар китобҳои фалсафию динӣ як таърифот ва танзимоти муайяни касб намуд. Зӯҳдро ҳамчун асоси ахлокӣ ва маънавии тасаввуф тавсиф менамуданд , дар зӯҳд коидаву зобитаҳои мушаххас ва муназзамеро бунёд мениходанд. Яке аз мутафаккироне, ки дар масъалаи зӯҳд хеле мукаммал ва муназзам изҳори акида кардааст ва зуҳдро аз ҳайси назариявию фалсафӣ бунёд гузоштааст, ал-Ғаззолӣ мебошад.

Аз таърифоти Ғаззолӣ чунин бармеояд, ки зӯҳд яке аз лавозимот ва зарурияти ҳолоти ориф аст. Хеле чолиби диккат аст, ки дар «Кимиёи саодат» ориф ҳамрадифи сӯфӣ кор фармуда шудааст. Ғаззолӣ барои равшантар сохтани таърифи «зӯҳд» дар аввал чунин мисол меорад: «Бидон ки ҳар кӣ ях дорад дар вакти гармо ва бар он ҳарис бошад, то чун ташна шавад, об ба он сард кунад. Ва касе биёяд, ки онро ба зар бихарад, баробари он ҳирси вай аз ях биравад, ба ишки зар ва гӯяд: «Имрӯз оби гарм бихӯрам ва сабр

кунам ва ин зар ҳама умр ба ман бимонад, авлотар аз он ки ях нигаҳ дорам, ки худ намонад ва шабонгоҳ гудохта шавад». Ин нохостани ӯ яхро дар муқобилаи чизе, ки беҳтар аз он аст, зӯҳд гӯянд. «Яъне зӯҳд он будааст, ки шахс барои чизи човид ва боқиву софӣ ва лаззати гузаранда сарфи назар кунад». Дар ҳоли ориф дар дунё ҳамчунин бошад, ки дунё даргузар аст ва бардавом мегузарад ва вақти марг тамом бирасад, чун охират бинад — софӣ ва боқӣ, ки ҳаргиз нарасанд ва намефурӯшанд». Яъне зӯҳд он будааст, ки барои охират, ки он чаҳони абадист, аз ҳоли ин дунё, ки фониву гузарандааст, мегузаранд ва харидору талабгори охират мешаванд. Ғаззолӣ мегӯяд, ки барои охират ва биҳишт шуда аз ин дунё гузаштан ҳанӯз зӯҳди том нест. Орифи ҳақиқӣ он аст, ки вай ҳам ба ин дунё ва ҳам ба он дунё бо чашми шаҳват ва ҳавасмандӣ назар накунад. Охиратро на барои биҳишт дӯст дорад. Балки бо бузургиву озодманишӣ аз лаззати ҳарду чаҳон ҳам бояд озод бошад:

«Ориф он бувард, ки охиратро низ аз пеш бардорад, ҳамчунон ки дунё бардошт, ки биҳишт низ насиби шаҳвати чашму фарҷу бикам аст, балки ба ин ҳама ба чашми ҳақорат нигарад ва худро бузургтар аз он дорад, ки ҳарчи баҳоимро дар он ширкат бувад аз шаҳавот, ба он илтифот накунад».

Ғаззолӣ зӯҳдро ба дараҷаҳо низ тақсим кардааст. Дараҷаи аввали зӯҳд он будааст, ки зоҳид аз дунё даст мебардорад, аммо дилаш ба дунё моил асту аз ин майл худдорӣ мекунад. Ин дараҷаи «мутазаҳҳид» аст, на «зоҳид». Аввали роҳи зоҳид ҳамин дараҷаи «мутазаҳҳид» будааст. Дараҷаи дуввум он будааст, ки зоҳид аз дунё даст мебардорад, ба дунё майлу ҳавасе дар дил надорад. Дар ин дараҷа зоҳид моҳияти зӯҳдро мефаҳмад ва ин зӯҳдашро машғулияте ва коре медонад. Ин дараҷа — дараҷаи «зоҳид» аст. Дараҷаи саввум он бувад, ки «дар зӯҳд низ зоҳид бувад, яъне зӯҳди худро набинад ва онро коре надонад». Яъне зӯҳдро ҳамчун раванд ва чараёни зиндагӣ медонад. Ин дараҷа — дарчаи «камоли зӯҳд» будааст.

Ва ниҳоят Ғаззолӣ дараҷа ва шартҳои қаноати зоҳидро дар зиндагӣ ва муҳиммоти дунё баён кардааст. Ӯ навиштааст: «Бидон ки халқе дар ҳовияи (номи дӯзахи ҳафтум) дунё афтоданд ва водиҳои дунёро ниҳоят нест. Локин муҳим дар дунё шаш чиз аст: хӯрданӣ ва пӯшиданӣ ва маскан ва ҳанури хона ва зан ва молу чоҳ». Сипас Ғаззолӣ мухтасар баён кардааст, ки зоҳид дар ин шаш муҳиммоти зиндагӣ аз

чӣ дарачан қаноат бояд пайравӣ кунад. (Дар бораи боби зӯҳд мурочиат шавад: Кимиёи саодат, чопи Бомбай, соли 1314, саҳ. 403—409. Бобҳои «Пайдо кардани ҳақиқати зӯҳд ва фазли он», «Пайдо кардани дарачоти зӯҳд», «Пайдо кардани тафсили он чи зоҳидро ба он қаноат бояд кард дар дунё»).

Дар «Кашф-ул-маҳчуб», ки яке аз кутуби муътабари тасаввуф аст, дар боби зӯҳд зикре ба чашм намерасад. Аммо муаллиф дар баёни фақр, ки яке аз заруриёти зӯҳд ва тарки дунё мебошад, чанд андешаву мулоҳизоти худро баён доштааст. Аз чумла: «Фақир он бувад, ки ҳеч чизаш набошад ва андар ҳеч чизаш халал наёяд ва ба ҳастии асбоб ғанӣ нагардад ва нестии вай сабаби эҳтиёчи ӯ нашавад. Вучуду адами асбоб ба наздики фақраш яксон бувад. Ва агар дар нестӣ ҳазмтар бувад, раво бувад. Аз он чӣ машоих гуфтаанд: «Харчанд дарвеш тангдасттар бувад, раво бувад, ки ҳол бар вай кушодатар бувад. Зеро вучуди маълум мар дарвешро шум бувад, то ҳадде ки ҳеч чизро дар банд накунад, илло бад-он миқдор андар банд шавад. Пас зиндагонии дӯстони Ҳақ ба алтофи хафӣ ва асрор бехтар аст бо Ҳақ, на бо олоти дунёи ғаддор ва сарои фаччор». (Кафш-ул-маҳчуб», чопи Самарқанд, 1330 қамарӣ, 1902 милодӣ, с. 25).

Зӯҳду тақво, ки худ як маҳдудияти ташаббуси шахс ва фаъолияти ӯ буд, ба андозаи муайян Инсонро, аз чумла соликро низ, дар чорчӯбаи одоб ва зарурётҳои ахлоқӣ мегузошт. Зӯҳд на танҳо соликро аз чиҳати чисмонӣ ва моддӣ, балки аз чиҳати маънавӣ, аз чиҳати озодманишиву озодандешӣ низ маҳдуд месохт. Аз замоне, ки тасаввуф дар назм нуфузи зиёд пайдо кард ва мавзӯи ишқу тараннуми Инсони комил, инсони самовӣ, инсоне, ки бо зоти илоҳӣ яктои мечӯст, мавзӯи шахси озодфикру лоубол дар шеър густариш ёфт, мазмуну оҳанги зӯҳд монеае дар роҳи тавсиф ва васфи солику орифи лоубол ва бесарупо гардид. Дар шеърҳои аввалини орифона ва ошиқона солик худро аз банди зӯҳд ва тақвои хушкмизочона берун андохтанӣ мешуд. Зӯҳд дар пеши оташи сӯзони Ишқ, дар назди ҳучуми бологири Ишқ истодагарӣ карда наметавонист. Ориф ва шоири сӯфӣ нотавонии зӯҳди худро дар пеши ишқу майхорагӣ эҳсос мекарданд, аммо аз ин ачзу фурӯмондагии зӯҳд чорачӯӣ карда наметавонистанд. Саноӣ гуфтааст:

Эй соқӣ, май биёр пайваст,
К-он ёри азиз тавба бишкаст.

Бархост зи чои зуҳду даъвӣ,
Дар майкада бо нигор биншаст.

Саноӣ дар ғазали дигараш гуфтааст, ки зуҳди дини ӯ дар асари ишқи ӯ ба моҳи хушликҳо хароб шудааст, имону куфри ӯ мағлуби нерӯи маю шароб гаштааст:

Дар меҳри моҳ зуҳдаму динам хароб шуд,
Имону куфри ман ҳама рӯду шароб шуд.
Зуҳдам мунофике шуду динам мушаъбаде,
Таҳқиқҳо намоишу обам сароб шуд,
Имону куфр маю оби зулол буд,
Май об гашту об маи сирфи ноб шуд.
Дӯш аз пиёлае ки сураёш банда буд,
Софии май дар ӯ чу саҳайлу шиҳоб шуд.

(Девони Саноӣ, с. 823, 857—858).

Дар шеъри Саноӣ ҳанӯз мо ихтилофе байни зуҳду ишқ, байни зоҳиду ошиқ намебинем. Саноӣ танҳо мегӯяд, ки ба сабаби зӯриву қудрати Ишқ ва Май зуҳду тақво мешиканад, аз байн меравад ва орифи зоҳидро ба кӯи ишқ, ба хонаи хаммор меафғанад. Аммо асре мегузараду мо дар шеърҳои Фаридиддини Аттор мазаммати зуҳду тақворо мушоҳида мекунем. Дар шеърҳои Аттор солики ориф дар роҳи ишқу майпарастӣ зуҳду тақворо тарк мекунад. Ӯ зуҳду тақворо ҳамчун монеаи роҳи озодиву лоуболӣ, риндиву майхорагӣ бад мекунад, аз он ҳазар менамояд. Гузашта аз ин Аттор дигар худ зоҳиду обид нест, миёни худу зоҳид тафриқа мегузорад, роҳи ишқ ва риндиву майхорағиро аз зуҳду тақво болотар мемонад: Аттор зуҳдро як риёву рӯй, доми тазвиру авомфиребӣ ба қалам медиҳад;

Ало, эй зоҳидони дин, диле бедор бинмоед,
Ҳама хастед дар мастӣ, яке хушёр бинмоед.
Зи даъвӣ ҳеч нагшояд, агар мардед андар дин,
Чунон к-андар дарун ҳастед, аз бозор бинмоед.
Ҳазорон марди даъвидор бинмоям аз ин масҷид,
Шумо як марди маънидор аз хаммор бинмоед.
...Ба зери хирқаи тазвир зуннори муғон то кай,
Зи зери хирқа, гар мардед, он зуннор бинмоед.
Кунун чун тавба кардам ман зи бадномию бадкорӣ,
Шумо гар дасти он доред, рӯи кор бинмоед.
Маро дар водии ҳайрат чаро доред саргардон,
Маро як тан зи чандин халқ кӯи ёр бинмоед.
Чу айёрони бе чома миёни ҷамъи дарвешон
Дар ин водии бепоён яке айёр бинмоед.
Зи ному нанги зарқи ман нахезад ҷуз нагунсорӣ,
Яке бе зарқу фан худро қаландарвор бинмоед.
...Дар ин раҳ бо диле пурхун ба сад ҳайрат фурӯ монед,
Дар ин андеша як саргашта чун Аттор бинмоед.

(Девони Фариддиддини Аттор, Теҳрон, 1361, с. 313—314).

Дар ин ғазал ва чанде аз ғазалҳои дигари Аттор зӯҳду зоҳидӣ ҳамчун як чараёни фикрии хушкмизочона, ҳамчун як ақоиди зиддиирфонӣ мазаммат шудааст.

Аз оҳанги маломатомези ашъори Аттор дар ҳакки зоҳидон чунин тасаввуре ҳосил мешавад, ки орифон ва соликони тарикаи сӯфийя зери мафҳум ва шахси зоҳид танҳо сӯфиёни зӯҳдпарварро дар назар надоштанд. Аз тасвиру тавсифи онҳо чунин бармеояд, ки зӯҳдпарварон ва тақвопарастони зоҳирбин уламои дин ва рутбадорони динӣ ҳам буданд, ки онҳо ба ҳарфу навиштаҳои зоҳирии шариат пайравӣ намуда, аз асли моҳияти ваҳдат ва яктоии вучуди инсонӣ-мавчудоти олам ва зоти илоҳӣ чашм мепӯшиданд ё мумкин ба муқобили чунин андешаҳо қиём мекарданд. Чунин ашхос, ки худро зоҳид номзад мекарданд, аз риояи расму оини зоҳири дин танҳо оқибати хайр, яъне оромии охиратро манзур доштанд. Бар хилофи ин қабил ашхос орифон дар дилу дар имонашон ба оқибати хайр умед ва бовар доранд, зеро чунонки мавлонои Рум мефармояд, онҳо аз собиқа огаҳӣ доранд, медонанд, ки миёни зоти илоҳиву Инсони комил дуӣ вучуд надорад ва оқибат дар мақоми фанофиллоҳ (дар роҳи Ҳақ фонӣ шудан) онҳо ба дарачаи бақо мааллоҳ (бо Ҳақ таоло бақо ёфтан) мерасанд.

Хаст зоҳидро ғами поёни кор,
То чӣ бошад ҳоли ӯ рӯзи шумор.
Орифон з-оғоз гашта ҳушманд,
Аз ғаму аҳволи охир фориғанд.
Буд орифро ғами хавфу рачо,
Собиқадонеш хӯрд он ҳар дуро.
Дид, к-ӯ собиқ зироат буд мош,
Ӯ ҳамедонад чӣ хоҳад буд чош.
Ориф аст ӯ бозраст аз хавфу бим,
Ҳойю ҳуро кард теғи Ҳақ дуним.

(Маснавии маънавӣ, с. 487).

Бо мурури замон дар таъбир ва истилоҳи орифон калима ва мафҳуми «зӯҳду зоҳид» билкулл маънии манфӣ ба худ мегирад. Дар назми ирфонӣ ва шеърҳои сӯфимашрабона, ки дар он ориф ҳамчун як фарди комил ва муттасил ба зоти илоҳӣ тасвир ва тавсиф шудааст, «зоҳид» ба сони як шахси зоҳирбин, ҳушкмизоч, кундфаҳм дур аз моҳияти аҳкоми дин, ҳамчун як фарде, ки аз номи дину шариат дамдамаву фиреб меангезад, ҳамчун шахси риёкор ва мунофиқ мавриди мазаммат ва маломат қарор гирифтааст. Ин маънӣ дар ғаз[illegible] бараловина бозднд мешавад.

БИБЛИОТЕКА
Инв. №
им. Т. Г. Шевченко

Дар ғазалиёти Ҳофиз калимаи «зӯҳд» дар 22 мавриди ва «зоҳид» дар 32 мавриди омадааст. Ва дар тамоми ин маворид ҳар ду калима ба оҳанги маломату мазаммат кор фармуда шудааст.

Дар мазамммати зӯҳд:

Ҳирқаву зӯҳди маро оби харобот бибурд,
Хонаи ақли маро оташи хумхона бисухт.

* * *

Зи зӯҳди хушк малулам, биёр бодаи ноб,
Ки бӯи бода мудомам димоғ тар дорад.

* * *

Башорат бар ба кӯи майфурӯшон,
Ки Ҳофиз тавба аз зӯҳду риё кард.

* * *

Агар ба бодаи мушкин кашад дилам шояд,
Ки бӯи хайр зи зӯҳду риё намеояд.

* * *

Сӯфӣ гуле бичину муроққаъ ба хор бахш,
В-ин зӯҳди талхро ба маи хушгувор бахш.

* * *

Маи сӯфиафган кучо мефурӯшанд,
Ки дар тобам аз дасти зӯҳди риёӣ.

Зоҳид дар ғазалиёти Ҳофиз аз ин ҳам сахттар мавриди замму қадҳ қарор гирифтааст:

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хӯрда магир,
Ки надонанд чуз ин тӯҳфа ба мо рӯзи аласт.

* * *

Зоҳиди хом, ки инкори маю чом кунад,
Пухта гардад, чу назар бар маи хом андозад.

* * *

Зоҳиду учбу намозу ману мастиву ниёз,
То туро худ зи миён бо кӣ иноят бошад.

* * *

Зоҳид ар риндии Ҳофиз накунад фаҳм, чӣ суд? —
Дев бигрезад аз он қавм, ки Қуръон хонанд.

* * *

Бирав, эй зоҳиди худбин, ки зи чашми ману ту
Рози ин парда ниҳон асту ниҳон хоҳад буд.

* * *

Ёраб, он зоҳиди худбин, ки ба чуз айб надид,
Дуди оҳеш дар оинаи идрок андоз.

* * *

Чу тифлон то кай, эй зоҳид, фиребӣ
Ба себи бӯстону шаҳду ширам?

Дар хирмани сад зохиди окил занад оташ
Ин доғ, ки мо бар дили девона нихолем.

* * *

Зохид чу аз намози ту коре намеравад,
Ҳам мастии шабонаву рози ниёзи ман.

* * *

Пеши зоҳид аз ринди дам мазан ки натвон гуфт
Бо табиби номаҳрам холи дарди пинхоний.

(Мурочиат шавад. Daniella Meneghini Correale. The gazals of Hafiz. Concordance and vocabulary. Roma. 1988. Моддаи калимаҳои «зӯҳд» ва «зоҳид»).

Ба ҳамин тариқа, зоҳид ва шахси зӯҳдпарвар, ки дар марҳилаи аввали пайдоиши тасаввуф солики роҳи Хак ва тариқат буд, рафта-рафта аз доираи аҳли тасаввуф ва орифони собитқадам берун баромада ба як фарди мухолифи ирфони исломӣ мубаддал мешавад. Калимаи «ориф» ҳамчун солики тариқаи тасаввуф маънои васеъ ва мусбат мегирад: ҳам ошиқи шайдо, ҳам ринди бесару по, ҳам сокини майкадаву харобот, ҳам орифи сарсахт ва собитқадаме, ки вай на танҳо ба зоҳидон, ҳатто гоҳо ба суфиёни хушкмизоҷ ва тақлидгар муқобил меистоданд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин мо дар омӯзиши таърихи тасаввуф аз зӯҳд ва таъсиру нуфузи он дар такомули орову андешаҳои сӯфиёна сарфи назар карда наметавонем. Зӯҳд дар ибтидои пайдоиши тасаввуф яке аз пояҳои орову андешаи ин чараён ба шумор мерафт.

## ИШҚ ДАР ТАСАВВУФ

Баробари қувват ва интишор ёфтани тасаввуфи зоҳидона афкор ба ақоиди сӯфиён боз орову андешаҳои нав дохил мешуд. Дар ҳамин аср буд, ки ба доираи сӯфиён баробари таблиғи зӯҳду ибодати гӯшанишинона оҳанги тозае дохил шуд, ки он муҳаббат ва ишқ ба Худо буд ва инро баъдтар ба ишқи илоҳӣ номзад карданд. Таблиғи муҳаббати мӯъминон ба худо ва муҳаббати худо ба мӯъминон, ки дар он аср пайдо шуд ва баъдҳо вусъату густариш пайдо кард, бешубҳа ба оёти Қуръон асос ёфта буд. Дар Қуръон дар чанд ҷой омадаст, ки мӯъминон бояд худоро, пайғамбари уро ва умуман бародарони мӯъминро ба худ дӯст интихоб кунанд ва худоро аз самими қалб дӯст доранд, дар он сурат худо низ бандагони худро дӯст хоҳад дошт ва ба онҳо муҳаббати сахт ва бахшоянда хоҳад баст. Дар оёти

30 сураи Оли Имрон омадааст: «Кул ин кунтум тухиббуналлоҳа фаттабиунӣ йухбибкумоллуҳу», яъне эй Муҳаммад, бигӯ (ба уммати худо): «агар шумо худоро дӯст доред ва ба ман пайравӣ кунед, худо шуморо дӯст хоҳад дошт». Ва боз дар Қуръон омадааст; «Валлазина ӯману ашадду ҳуббан лиллоҳӣ», яъне онҳо ки имон овარданд, худоро сахттар дӯст медоранд»[12]. Ва боз:

«Иннамо валийюкум олоҳу ва расуллуҳу валлазина ӯману», яъне «Худо ва фиристодаи ӯ ва онҳо, ки имон овардаанд, дӯсти шумоянд»[13]. Ин ҷо ҷолиб он аст, ки дӯстии худо бо дӯстии шахсони воқеӣ-дӯстии расули акрам ва аҳли имон — баробар карда шудааст. Аз ин ҷост, ки сӯфиён ишқи инсони заминро бо ишқи илоҳӣ ва ишқи илоҳиро дар пардаи ишқи одами хокӣ таблиғ мекарданд.

Яке аз табғиғгарони ишқи илоҳӣ зани сӯфия **Робиаи Адавийя** буд, ки дар таърих ва таълимоти тасаввуф ӯро аз саромадони таблиғоти ишқи ирфонӣ медонанд. Робиа соли 714 милодӣ дар Басра дар хонадони камбағали араб таваллуд шудааст. Чунон ки нақл мекунанд, шаби таваллуди ӯ дар хона равғане набудааст, ки нофи ӯро нарм ва матое набудааст, ки тифлро парпеч кунанд. Дар кӯдакӣ падару модари Робиа чашм аз ҷаҳон пӯшиданд ва чанд духтару бачаи онҳо ятим монданд. Дар асари қахтие, ки дар Басра рӯй дод, додару хоҳарони Робиа ба ҳар ҷо парешон шуданд. Худи Робиа ба хидматгории шахсе даромад ва ин шахс ӯро дертар ҳамчун канизак ба хоҷае фурӯхт Робиа дар хидмати хоҷа хеле чусту ҷолок буд ва баробари ҳамин аз ибодату тоат хеҷ фурӯгузорӣ намекард. Хоҷа ин порсои ва диндории ӯро дида Робиаро аз ғуломӣ озод мекунад. Роби а аз шаҳр ба дашт кӯчида дар кулбае танҳо ба сар мебарад ва шабонарӯз дар тоату ибодат мегузаронад. Соле ба душворӣ ва машаққати зиёда ба Макка сафар карда, хонаи худоро зиёрат мекунад. Баъди ҳаҷ боз ба Басра бармегардад ва дар ҳамин ҷо хонақоҳе ба худ гирифта дар узлату қаноат ба ибодати Ҳақ машғул мешавад. Робиа ҳамчун зани порсо ва сӯфимашраб дар миёни халқ обрӯю эътибори зиёд пайдо мекунад. Шайху олимони дин дар ҳалқаи сӯҳбати ӯ буданд ва ба суханону ҳикматҳои ӯ ба сидқу сафо гӯш ва пайравӣ мекарданд. Аз рӯи маълумоти сарчашмаҳо миёни Робиа ва Ҳасани Басрӣ дӯстӣ ва суҳбатҳои сӯфиёнаву обидона ҳамеша баркарор будааст. Дар ин боб дар «Тазкират-ул-авлиё» нақлу ривоёти зиёде мундариҷ аст ва аз ҷумла ин аст: «Нақл аст, ки (Ҳасани Басрӣ) дар

ҳафта як бор ваъз гуфтӣ ва чун дар маҷлис Робиаро надидӣ, тарк кардӣ. Мардум мегуфтанд: «Чандин бузургон ва хоҷагон омадаанд, агар пиразане наёмад, чӣ бошад?» Гуфтӣ: «Оре, шарбате, ки ба ҳавсалаи пилон сохта бошем, дар синаи мӯрон натавонем рехт». Ва чун дар сухан гарм шудӣ, рӯй ба Робиа кардӣ ва гуфтӣ: «Ҳазо мин ҳамазоти қалбикӣ, ё саййида — ин гармӣ аз гармии дили туст»[11].
Робиа соли 801 дар Басра вафот мекунад.

Робиа ба сӯфиёни замонаш ва асрҳои баъдӣ таъсири бузург гузоштааст. Сабру қаноат, риёзату тоат ва зӯҳду тақвои Робиа ҳам барои сӯфиёни муосир ва ҳам барои орифони асрҳои баъдӣ намунаи ибрат ва маншаи пайравию пайгирӣ буд. Ва аз ин мавзӯъ дар китобҳои аҳволи сӯфийя бисёр нақлу ривоятҳо мазкур аст. Ин чанд нақл аз «Тазкират-ул-авлиё» шоҳиди гуфтаҳои мост: «Нақл аст, ки як бор ҳафт шабонарӯз рӯза накушод. Ва ба шаби ҳаштум гуруснагӣ ғолиб шуд. Нафс фарёд баровард, ки «маро чанд ранҷонӣ?» Ногоҳ яке дар бизад ва косаи таом биёвард. Робиа бистад ва биниҳод. То чароғ гирад, гурба биёмад ва он коса бирехт. Гуфт: «Биравам ва кӯзаи об орам ва рӯза бикшоям». Чун кӯза биёвард, чароғ бимурд. Хост, ки об хӯрад, кӯза аз даст дарафтод ва бишкаст. Робиа охе бикард, ки бим буд, ки хона бисӯзад. Ва гуфт: «Илоҳо, ин чист, ки бо мани бечора мекунӣ?» Овозе шунид: «Ҳой, агар меҳоҳӣ, неъмати дунё ба ту вақф кунам, аммо андӯҳи худ аз дилат бозгирам. Андӯҳи ман ва неъмати дунё дар як дил ҷамъ нашавад»... Гуфт: «Чун ин шунидам, чунон дил аз дунё мунқатеъ кардам ва умед кӯтоҳ гардонидам... ва чунон аз халқ бурида гаштам, ки чун рӯз шавад, аз бими он ки маро машғул кунанд, гӯям «худовандо, ба худам машғул гардон, то касе маро аз ту машғул нагардонад»[15].

Тоату ибодат ба даргоҳи Ҳақ аз муҳаббат ва ишқ қуввату илҳом мегирад. Ин ишқи оламгир аст, ки дар дили мӯъмин ва хусусан дар қалбу синаи сӯфиён ҷойгузин шудааст. Ва Робиа аз сӯфиёни аввалин фарде буд, ки ба зӯҳду ибодати орифона боз эҳсоси ишқу муҳаббатро нисбат ба Ҳақ таблиғ кардааст. Агар мӯъмин ба Ҳақ муҳаббати содиқона дошта бошад, Ҳақ ҳам ӯро дӯст хоҳад дошт. Муҳаббати Робиа ба Ҳақ аз ҳама муҳаббати дили инсонӣ болотар аст ва ин муҳаббат ба муҳабати дигар ба дил роҳ намедиҳад. Дар ин бобо аз Робиа чунин ҳикоят кардаанд:

«Нақл аст, ки гуфт: «Расул (с)-ро ба хоб дидам. Гуфт: «Ё Робиа, маро дӯст дорӣ?» Гуфтам: «Ё расулуллоҳ, ки

бувад, ки туро дӯст надорад? Лекин муҳаббати Ҳақ маро чунон фаро гирифтааст, ки душманиву дӯстии ғайри ӯро дар дилам ҷой намондааст». Пурсиданд аз муҳаббат. Гуфт: «Аз азал даромад ва барояду гузарад»[16].

Ҳақ маъразест, ки ишқи Робиа дар он на танҳо ошкор мешавад, балки бо ӯ унс мегирад. Аз ин ҷост, ки дар ин ишқи рӯҳонӣ ва маънавӣ эҳсоси ҷисмонӣ пайдо мешавад. Ва оллоҳ ҳамчун дӯст арзи вуҷуд мекунад. Аз Робиа пурсидаанд, ки чаро ту ҳар дам мегириӣ? Ӯ мегӯяд: Ман аз бурида шудан (қатиат) аз мазҳари муҳаббатам, яъне аз дӯст, аз маҳбуб метарсам. «Бо ӯ хӯ кардаам, набояд, ки ба вақти марг нидо ояд, ки маро нашоӣ (шоиста нестӣ)[17]». Ва ин маҳбуб дар симои Шахс намоён мешавад, ки дертар дар ашъори орифон бо чеҳраи маҳбуб, шоҳид, ёр, ҷонон ва ғайра хеле интишор ёфт. Андӯҳи Робиа, ранҷи ӯ аз фироқи маҳбубу аст, ки инро ҳам ба тарзи маҷозӣ ва ҳам ба тарзи воқеӣ тафсир кардан мумкин аст. Чунонки, вақте ки ӯ бемор мешавад, мепурсанд, ки сабаби бемориӣ чист. Ӯ ҷавоб медиҳад: «Саҳаргоҳ дили мо ба биҳишт майл кард, дӯст бо мо итоб кард, ин бемориӣ аз итоби ӯст»[18]. Ин ҷо Ҳақ бо ном ва симои Дӯст мешавад. Ин образ дар назми ирфонӣ дертар хеле шоеъ шуд.

Дар гуфтор ва афкори Робиа Дӯст ба шахси обид ва зоҳид чунон наздик аст, ки ӯ худро берун аз он тасаввур намекунад. Ӯ дар Маҳбуб, яъне дар Ҳақ нест шудааст ва бо Ҳақ вуҷуд пайдо кардааст. Ин ҳамон нуктаи орифон аст, ки суфӣ дар мартабаи ваҷду шуҳуди илоҳӣ ба дараҷаи «фано филлоҳ» — «Дар Оллоҳ фонӣ гаштан» ва бақо маъаллоҳ» — «Бо Оллоҳ бақо ёфтан» мерасад. Ин ҳанӯз ваҳдати вуҷуд набуд, аммо қадаме ба андеша ва орои ваҳдати вуҷуд гузоштан буд.

## ИШҚИ ИЛОҲӢ

Ишқи илоҳӣ ё дурустараш ишқи орифона, ки дар ибтидои таърихи тасаввуф дар наклу андарз ва гуфторҳои Робияи Адавийя, инчунин дар абёти шӯрангези ӯ ба забони арабӣ баён ёфта буд, дертар дар тасаввуф яке аз мавзӯъҳои пуртустариш ва муҳимме гардид. Дар ин мавзӯъ бисёр орифону соликон орову андешаҳои худро баён карданд, оҳангу мазмуни ишқӣ дар шеъру рубоиҳои аввалини форсии суфиёна умқи маънавӣ ва тавҷеҳу тавзеҳҳои гуногун

касб кард.

Ишқи илоҳӣ, ишқи орифона, ишқи маҷозиву ҳақиқӣ — ин мавзӯъ ва матлабҳои умдаи тасаввуф ҳам аз ҷиҳати фалсафию назарӣ, дар ҳамбастагӣ бо оёту аҳодиси набавӣ мавриди баҳсу баррасиҳо, мавриди мунозира ва баёни афкору ақоиди гуногун гардид. Аз ҷумла Имом дар «Кимиёи саодат» дар тавҷеҳ ва тавзеҳи муҳаббат чанд нуктаи муҳиме дорад, ки он ҳам ба ҳамон оёти Қуръон (ки дар боло зикр кардем) ва гуфтаҳои паямбар асос ёфтааст. Ғаззолӣ мегӯяд, ки Одам ба накӯӣ муҳаббат пайдо мекунад ва барои ин ки ин муҳаббати ӯ кавӣ ва устувор бошад, бояд аз ҳамаи он чи ки муқобили некӯст, рӯй бигардонад. Муҳаббати одам ба Ҳақ таоло низ ба ҳамин мисдоқ аст. Ҳар кӣ ба Худой таоло муҳаббат баст, бояд аз ҳамаи он чи ғайри худост, рӯй бигардонад. Пайваста дар зикри маҳбуб будан, касро ба маърифат, яъне шинохти маҳбуб мерасонад. «Ҳар кӣ ёди касе бисёр кунад, лобуд ӯро бо вай унсе пайдо шавад». Барои пайдо кардани муҳаббат ба Ҳақ таоло кас бояд чӣ корҳо кунад? Ғаззолӣ дар ин боб ҳафт шарт мегузорад: аввал он ки маргро кореҳ (бадбин) набошад, ки ҳеч дӯст дидори дӯстро кореҳ набувад (Ғаззолӣ мегӯяд, ки марг ин ба дидори Ҳақ расидан аст)... дуввум он ки бар маҳбуби Ҳақ таоло маҳбуби хеш эсор кунад (яъне ғайр аз Ҳақ таоло аз баҳри дигар маъразҳои дӯст доштан сарфи назар кунад) ва ҳар чи донад, ки сабаби қурбати вай аст, назди маҳбуб фурӯ нагузорад ва ҳар чи сабаби буъди (дурии) ӯ бувад, аз он дур шавад... Саввум он ки ҳамеша зикри Ҳақ таоло бар дили вай тоза бувад ва ба он мулаъ (ҳарис) бувад бе такаллуф, ки ҳар ки чизеро дӯст дорад, зикри он бисёр кунад... чаҳорум он ки Қуръонро, ки каломи ӯст ва расули ӯро ва ҳар чи ба ӯ мансуб аст, дӯст дорад. Ва чун дӯстӣ қавӣ шуд, ҳама халқро дӯст дорад, ки ҳама бандагони вайанд. Панҷум он ки бар хилвату муноҷот ҳарис бошад ва орзуманд бувад, ки шаб дарояд... ва ӯ ба хилват бо дӯст муноҷот кунад.. Шашум он ки ибодат бар вай осон бувад ва сиқли он аз вай бияфтад... Ҳафтум он ки ҳама бандагони мутеи ӯро дӯст дорад ва бар ҳама раҳим ва мушфиқ бувад».
(«Кимиёи саодат», с. 469—471).

Аз асри XI бибаъд, ҳангоме, ки тасаввуф дар адабиёти форсӣ ва махсусан дар шеъри форсӣ ҷойгоҳи маҳкам ва пурдомана гирифт, мавзӯи ишқ дар назми мо ҳам аз ҷиҳати тасвири бадеӣ ва ҳам аз ҳайси таҳлил ва таҳқиқи фал-

сафию назариявӣ мавкеи умдае пайдо кард. Ин густариш ва инкишофи мавзӯи ишқ дар назми мо, гуфтан мумкин аст, ба ду самт ва бо ду рӯҳ равнақ ёфт.

Якум, дар маснавиҳои сӯфиёна масъалаи ишқ ва иртиботи он бо ақоиди динӣ ва аҳкоми шариат, бо масъалаҳои қадимият ва мутлақияти он дар офариниш, муносибати ошиқ ва маъшуқ маҳбуб ва муҳиб ва чандин масъалаҳои дигар бо далоили аклӣ ва таҳлилу таҳқиқи мантиқиву илмӣ (дар доираи андешаҳои орифона) тавчеҳу тавзеҳ мешуданд. Чунин таҳқиқот ва назариёти аклониро дар касидаҳои сӯфиёна низ мушоҳида мекунем. Ин мавзӯъ сараввал дар маснавиҳои Ҳаким Саноӣ, аз ҷумла дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат»-и ӯ, дар маснавиҳои Фарриддидини Аттор ва махсусан дар «Маснавии маънавии» Мавлонои Рум ниҳоят бориксанҷона, ба далелу бурҳонҳои қотеъ таҳқиқ ва исбот шуданд.

Ҳаким Саноӣ маснавии махсусе ба номи **«Ишкнома»** дорад, ки дар бобу фаслҳои он масъалаҳои гуногуни ишқ ва ҷузъиёти он хеле муфассал ва мӯ ба мӯ таҳқиқ шудааст. Чунон ки дар ин маснавӣ омадааст, ишқ ду хел мешавад. **ишқи қадим,** ки он аз азал вуҷуд доштааст ва он ишқи Ҳақ таоло аст , ки ба дилу рӯҳ насиб шудааст. Ва ишқи дигар **ишқи ҳодис** аст, ки он баъд пайдо шудааст ва он ишқ дар иллати омилҳои зоҳирӣ пайдо мешавад. Ба қавли Саноӣ, ишқи қадим аз дарун берун меояд ва ишқи ҳодис аз берун ба дарун меояд. Дар ин маънӣ чанд байти «Ишкнома»-ро ин ҷо сабт мекунем:

Ишқ дар зоти худ чу якранг аст,
Фориғ аз сулҳу эмин аз ҷанг аст.
На дар ӯ сабқи собиқ аз масбуқ,
На дар ӯ фарқи ошиқ аз маъшуқ.
Зоти ӯ бартар аз ҷиҳот омад,
В-ин авориз бурун зи зот омад.
Ҷиҳати ошиқиву маъшуқӣ,
Нисбати холиқиву махлуқӣ.

Ва боз дар бораи фарқи ишқи қадиму ишқи ҳодис менависад:

Ишқро ҷон гузида айвон аст.
Ҷони моро амонияш он аст.
Ишқ дар доғгоҳи рӯзи аласт
Мутамаккин даруни ҷон бинишаст.
Гар кунун пардаро тунук ёбад,
Нури ӯ аз дарун бурун тобад.

Зобите гуммат чӣ хуб, алҳақ,
Ки кунад фарқи ишқи халқ аз Ҳақ:
Ишқи Ҳақ аз даруи буруи ояд,
Ишқи халқ аз буруи даруи ояд.
...Дил маҳалли таназзули Ишқ аст,
Доимо дар таҷаллули ишқ аст.
Чон ӯ калбу нафсу рӯҳ омад,
З-ин сӯяш банду з-он футӯҳ омад.

Чаро ин Ишқ қадимист, ҷовидонист ва ҷон ӯ дар дилу рӯҳ аст? Зеро ин Ишқ аз Ҳақ бармеояд, тамоми зебоӣ ва ҷозиба дар Ҳақ таоло аст ва аз Ҳақ таоло манша мегирад:

Аҳади фард эзиди мутаол
Ҳам ҷамил асту ҳам муҳибби ҷамол.
Ту ҳам ар дар ҷамоли Ҳақ бинӣ,
Дар ҷамолу ҷалоли Ҳақ бинӣ.
В-агарат бар маҳалли ӯ назар аст,
Дон ки дар вай аз он ҷамол асар аст.
Ин назар дар шумори маҳсуб аст,
Чун муҳаббат муроди маҳбуб аст.

Ваҷҳи — ҷамоли Ҳақ ҷовидонист, бокист ва ин ҷамол дар тамоми нишонаҳои офариниши Ҳақ ҳувайдост. Аз ин сабаб дидаи ошиқонаро танҳо ба ҳамин маҳзар нигаронидан лозим аст, зеро ғайри он «кулла мин алайҳо фон» (кулли он чи ғайри вай аст, бебақо ва фонӣ аст):

Гар туро чашми маърифат биност,
Ваҷҳи сонеъ зи сунъи ӯ пайдост.
Дида аз ваҷҳи хуби чашман нур,
Дида дар сунъи ояти машҳур.
Ҷуз бад-ин ваҷҳ агар назар бошад,
Чашми бинанда бебасар бошад.
Чашми бинанда нест бинанда,
З-офариниш ҷуз офаринанда.
Ваҷҳи боқӣ ҷамоли яздон дон,
Ғайри он «кулла мин алайҳо фон».

(«Ишқнома» «Маснавиҳои Ҳаким Саноӣ», Теҳрон, 1348, с. 20—22).

Аҳли ирфон ҳам дар кутуби назарийяву ҳам дар шеъри сӯфиёна ишқи ҳақиқиро ҳамон ишқи илоҳӣ, ишқи Ҳақ таоло донистаанд ва ишқи маҷозиро ишқи омма, ишқи мардум, ишқи ҳар ду ҷинс шумориданд. Ишқи ҳақиқӣ ҳамон ишқи Ҳақ таолост, ки ӯ дар оламу одам сабаби ҷунбишу зиндагист ва боқи ҳама ишқҳо бекору беҳудаанд. Мавлонои Рум дар бисёр ҷоҳои «Маснавии маънавӣ» ҳамин ишқи илоҳӣ ва идеалиро сурудааст ва онро ҳамчун манбаи маънавиёт ва ҳастии Инсон маънидод кардааст. Минҷумла ӯ гуфта-

аст, ки манбаъ ва маншаи шодиву ғам, ҳиммату хидмат ҳама Ҳақ аст, яъне ишқ аз Ҳақ сар мезанад.

Ошиқонро шодмониву ғам ӯст,
Дастмузду уҷрату хидмат ҳам ӯст.
Ғайри маъшуқ ар тамошое бувад,
Ишқ набвад, ҳарза савдое бувад.
Ишқ он шуълаест, к-ӯ чун барфурӯхт.
Ҳар кӣ ҷуз маъшуқ, боқӣ ҷумла сӯхт.
Теги «ло» дар қатли ғайри Ҳақ биронд,
Дар нигар охир, ки баъди «ло» чӣ монд?
Монд «иллоллоҳ», ҷумла боқӣ рафт,
Шод бош, эй, ишқи ширкатсӯз рафт.
Худ ҳам ӯ буд аввалину охирин,
Ширк ҷуз аз дидаи аҳвал мабин
Эй аҷаб, ҳусне бувад, ҷуз акси он
Нест танро ҷунбише аз ғайри он.

Мавлонои Рум дар ҷои дигар қувват ва қудрати Ишқро нисбат ба аҷзу нотавонии солик ва ориф хеле хуб тасвир намудааст. Ишқ қувватест, ки соликонро зери сояи худ гирифта ё ба неруи сели равону тозон андохта ҳар чи мехоҳад ба сарнавишти онҳо оид мекунад:

Ишқ қаҳҳор асту ман мақҳури Ишқ,
Чун қамар равшан шудам аз нури ишқ.
Барги коҳам пеши ту, эй тундбод,
Ман чӣ донам, то куҷо хоҳам фитод.
Гар Ҳилолам вар Билолам—медавам.
Муқтадо бар офтобат мешавам.
Моҳро бо зафтиву зорӣ чӣ кор?
Дар паи хуршед пӯяд соявор.
...Коҳбарге пеши бод — он гаҳ қарор?
Растхезе вонгаҳонӣ фикри кор?
Гурба дар анбонам андар дасти ишқ,
Як даме болову як дам пасти ишқ.
Ӯ ҳамегардонадам бар гирди сар,
Не ба зер ором дорам, не забар.
Ошиқон дар сели тунд афтодаанд
Бар қазои ишқ дил бинҳодаанд.
Ҳамчу санги осиё андар мадор,
Рӯзу шаб гардону нолон беқарор.

(Маснавии маънавӣ, чопи муншӣ Нувал Кашур дар Хинд 1282 ҳиҷрии қамарӣ, мутобиқ ба 1868 мулодӣ, саҳ. 405, 512).

Мавзӯи ишқи ирфонӣ дар ғазали форсӣ, гуфтан мумкин аст, яке аз мазомини умда ва марказии ин навъи шеър буд. Агар мо дар маснавиҳову достонҳо бештар тавҷеҳу тавзеҳи назарӣ ва фалсафии ишқро мушоҳида кунем, пас дар ғазал тасвири эҳсосӣ ва қалбии ишқи ирфониро мебинем. Дар

ғазал шӯру хаячон, ошуфтагиву парешонӣ, чазбаву нерӯи ба дил истилокунандаи ишқ, симо ва намои Маъшуқи нопайдо, аммо ҳамеша ҳозиру нозир, шодиву нишоти айёми висол ва дарду алами соатҳои фироқ — хуллас тамоми он эҳсос ва рӯҳияи ошиқона, ки ба Инсон, ба инсони зиндаи ошиқу дӯстдор хос аст, тасвир шудааст, дар суханҳои муассир ва гирову шево ифода ёфтааст. Гуфтан мумкин аст намунаи аввалини ғазалҳои комили сӯфиёнаро мо дар девони Ҳаким Саноӣ дар сабку услуби ғуногуни, дар таъбиру истилоҳоти махсуси орифонаву шоирона мебинем. (Харчанд, пеш аз Саноӣ Бобо Кӯҳӣ дар ғазалиёти худ шӯри ирфониро то андозае ифода намудааст).

Ҳаким Саноӣ, ки дар маснавиҳои сӯфиёнааш мафҳум ва истилоҳи Ишқро бо таҳлили файласуфонаву олимона тадқиқ намудааст, дар ғазалҳои худ чиҳати эҳсоси ва шӯрангезии Ишқро тараннум мекунад. Шоир аз Ишқ шарҳу баёнот намедиҳад, балки аз оташи сӯзон, аз қувваи бузурги оламгир, аз таъсиру нуфузи он ба олам ва тамоми мавчуди инсон, ба дилу рух, қалбу синаи Инсон бо шиддату ҳиддат сухан мегӯяд:

Хештандорӣ кунед, эй ошиқон, бо дарди ишқ,
Гарчи мо борс наем аз ишқбозӣ марди ишқ.
Мо ҳама даъвӣ кунем аз ишқу ишқ аз мо ба ранч,
Ошиқ он бояд ки аз маъни бувад дархӯри ишқ.
...Хирасар то кай занӣ ҳамчун занон лофи дурӯғ,
Ночашида шарбати васлу надида дарди ишқ.
Ҳар ки ӯро нест оҳи сарду чони гармрӯ,
Бенасиб омад ҳам ӯ чун ман зи гарму сарди ишқ.
Эй Саноӣ, тавба бояд кардан аз маъни туро,
Гар бароям мавкаби риндону бардобарди ишқ.
Ашки сурхи ошиқону рӯи зарди бедилон
Гар надидастӣ, биё, бингар ба сурху зарди ишқ.

Ва дар ғазали дигар гӯяд:

То дили ман сайд шуд дар доми ишқ,
Бола шуд чони ман андар чоми ишқ.
Он бало к-аз ошиқӣ ман дидаам,
Боз чун афтодаам дар доми ишқ?
Дарзамонам масту бесомон кунад,
Чоми шӯрангези дардошоми ишқ.
Ман худ аз биму балои ошиқӣ
Бар забон менагзаронам номи ишқ.
Ин ачабтар к-аз ҳама халқи чаҳон
Назди ман бошад ҳама ороми ишқ.
Чону дину дил ҳамехоҳанд зи ман —
Ин будаст аз сӯи чон пайғоми ишқ.
Чону дину дил фидои ишқ бод,
То магар якроҳ бароянд коми ишқ.

(Девони Саноӣ, с. 915—916).

Маълум аст, ки ҳанӯз то нуфузи тасаввуф дар назми форсӣ шеъри ошиқона чӣ дар ғазалу рубоӣ ва чӣ дар шаклҳои дигари шеър ниҳоят ривочу равнақ гирифта буд. Дар шеъри ошиқона, махсусан дар ғазал, таъбиру вожаҳои махсус барои тавсиф ва баёни эҳсоси ошиқ ва шодиву андӯҳҳои ишқ, рамзу истиораҳои роиҷ дар васфи маъшуқаву ёри дилошӯб, санъатҳои лафзию маънавӣ дар ифодаи эҳсосоти ошиқ ва рӯҳу қалби ӯ сохта шуда ва ташаккул ёфта буд. Инак, ҳамин таъбироту рамзу истиораҳои шеърҳои ошиқона дар назми ишқии сӯфиёна низ барои баёни ҳиссу ҳаяҷони муҳаббати орифона истифода шуд. Ба ҳамин тариқа, мавзӯи ишқ истифодаи воситаҳои бадеии лирикаи ошиқонаро ҳам дар назми орифона ва ҳам дар шеъри лирикӣ муштарак сохт. Дар исбот ва мисоли ин муддао боз як ғазал аз Саноӣ ин ҷо дарҷ мекунем:

Барнадорам дил зи меҳрат, дилрабо, то зиндаам,
В-ар чи озодам, туро то зиндаам ман бандаам.
Меҳри ту бо ҷони ман пайваста гашт андар азал,
Нест рӯи растгорӣ з-ӯ маро, то зиндаам
Аз ҳавои ҳар кӣ ҷуз ту ҷону дил биздудаам,
В-аз вафои ту чу нор аз нордон огандаам.
Ишқи ту бар дину дунё, дилрабо, бигзидаам,
Хоҷагӣ дар роҳи ту бар роҳи хок афгандаам.
То бидидам дурҷи марвориди хандони туро,
Бас ақиқо, к-аз дареғ аз дида бипроканда ам.
То ба ман бар лашкари андӯҳи ту бигшод даст,
Аз салоҳу некномӣ дастҳо бифшондаам.
Даст дасти ман буд аз аввал, ки дар ишқ омадам,
Қам задам, то лоҷарам дар шашдара дармондаам.

(Девони Саноӣ, с. 922).

Дар ин ғазал, агар дар зоҳир бинем, маъшуқа маҳбубаи заминӣ васф шудааст. Аммо дар рамзи ин ишқ мо ишқи илоҳӣ — ишқи орифонаро низ эҳсос мекунем. «Аз азал ба меҳри ҷонон пайваст будани дил ва бар дину дунё баргузидани ишқи маҳбуб» — аз ишқи орифона бархостааст.

Баробари ин дар шеъри ошиқонаи сӯфиёна — ҳатто дар ғазалҳои ишқии холӣ аз тасаввуф ҳам — таъбиру истилоҳоти тасаввуф ва истиораву ташбеҳот ва санъатҳои дигаре, ки зодаи шеърҳои орифона буданд, барои баёни эҳсоси ишқи илоҳӣ, ишқи идеалии рӯҳонӣ маъмул гаштанд. Вожаву таъбироте аз қабили «тариқат», «солик», «покбоз» (ба маънии шахси поки ориф), «ринд», «ҳайрат», «тоири қудс», «шоҳид», «таҷаллӣ», «сифот», «зот» ва ғайра ҳама аз калимоти наве буданд, ки ба шеъри ошиқонаи форсӣ

бо нуфузи тасаввуф ворид ва маъмул гаштанд. Бо ин таъбиру вожаҳо танҳо эҳсоси ишқи сӯфиёна, ишқи ҳақиқии осмонӣ суруда мешуд. Чунончӣ, Саъдӣ дар як ғазалаш овардааст:

Ишқбозӣ чист? — Сар дар пои ҷонон бохтан,
Бо сар андар кӯи дилбар ишқ натвон бохтан,
Оташам дар ҷон гирифт аз уди хилват сӯхтан,
Тавбакорам, тавбаам аз ишқи пинҳон бохтан.
Асб дар майдони расвоӣ ҷаҳонам мардвор,
Беш аз ин дар хона натвон гӯю чавгон бохтан.
Покбозони тариқатро сифат донӣ ки чист,
Бар бисоти нард дар аввал назар ҷон бохтан.
Зоҳидӣ бар ёди «илло» молу мансаб додан аст,
Ошиқӣ дар шашдари «ло» куфру имон бохтан.
Бар кафе ҷоми шариат, бар кафе сандони ишқ,
Ҳар ҳавасноке надонад ҷому сандон бохтан.
Саъдиё шатранҷро мардони хилват бохтанд,
Рав тамошо кун, ки натвонӣ чу эшон бохтан.

Дар девони шоирони ориф ғазалҳои ошиқонае ҳастанд, ки онҳоро ҷуз ба маънии сӯфиёна ва мазмуни ишқи илоҳӣ тафсир ва тавҷеҳи дигар кардан мумкин нест. Дар ин гуна ғазалҳо ҳам ишора ба оёту ҳадиси набавӣ, ҳам истинод ба афкору ақоиди сӯфиёна, ҳам мазмуне аз нуктаҳои муҳимми орову андешаҳои мутасаввифона дида мешавад. Баробари ҳамин дар девони ғазалиёти орифон ва шоирони сӯфимашраб ғазалу таронаҳои ниҳоят бисёри ошиқона ҳастанд, ки онҳоро метавон ҳам ба маъниҳои орифона тавҷеҳ кард ва ҳам мумкин аст ин ғазалҳоро ҳамчун таронаи ишқи заминӣ ва инсонии дӯстдоранда қабул кард. Чунин ғазалҳо, чунончи дар девони яке аз шуарои машҳури мутасаввиф Ироқӣ пуропур аст. Ин аст, яке аз чунин қабил ғазалиёти ӯ:

Назар зи ҳоли мани нотавон дареғ мадор,
Назораи рухат аз ошиқон дареғ мадор.
Агар сазои ҷамоли ту нест дида, равост,
Хаёли рӯи ту боре зи ҷон дареғ мадор.
Ба пурсиши мани ранҷур агар намеоӣ,
Иноятe зи мани нотавон дареғ мадор.
Зи ҳоми васли ту чун қонеам ба дидоре,
Ту низ ин қадар аз меҳмон дареғ мадор.
Ба ман, ки гирди дарат чун сагон ҳамегардам,
Навола гар надиҳӣ, устухон дареғ мадор.
Чу дӯстонро бар тахти васл биншонӣ,
Зи ман, ки хоки туам, остон дареғ мадор.
Чу бо надимон ҷоми шароб нӯш кунӣ,
Насиби ҷуръае аз хокиён дареғ мадор.

(Куллиёти Ироқӣ, ба кӯшиши Саид Нафисӣ, чопи чаҳорум, бидуни таърих, баъди соли 1338, с. 207).

Бо вуҷуди ҳамаи ин рӯҳи орифона ва мазмуни суфиёнаи ғазалиёти шоирони мутасаввиф ё умуман шоирони сӯфимашраб гуфтан мумкин нест, ки тамоми назми ин шоирон билкулл аз оҳанги ишқи илоҳӣ моломол аст ва дар девони онҳо ғазале дар мазмуни ишқи заминӣ, ишқи инсони ин ҷаҳонӣ дида ё ҳис карда намешавад. Ҳам дар ғазалиёти Саноиву Ироқӣ, ҳам дар девони Саъдиву Ҳофиз, ҳам дар ғазалҳои Атторy Румӣ бисёр ашъори ошиқонае ҳаст, ки дар васфи маҳбуб ва маъшуқаҳои муайян ва дилхоҳи шоир, чун таронаи ишқи дили ошуфтаю муҳаббатпарвари ин шоирон суруда шудааст. Чунончӣ, Саноӣ дар ғазалаш аз ишқи маҳбубе, ки дар забон лакнат доштааст, бо гармии меҳру бо самимияти дил ёдовар мешавад:

То шефтаи оразӣ гулранги фалонам,
Бо пушти хамида чу сари чанги фалонам.
Танг аст ҷаҳон бар мани бечораи ғамгин,
То ошиқи чашму даҳани танги фалонам.
Гаҳ ҷанг кунад бо ману гаҳ сулҳ кунад боз,
Ман фитна бар он сулҳу бар он ҷанги фалонам.
Бисёр бидидам ба ҷаҳон сангдилонро,
Оҷизшудаи он дили чун санги фалонам.
Ланг аст забонаш ба гаҳи гуфтан, лекин
Ман шефтаи он сухани ланги фалонам.
Қавлаш ҳама зарқ аст ба наздики Саноӣ
Ман бандаи зарроқию найранги фалонам.

(Девони Саноӣ, с. 938).

Ҳофиз, ки яке аз бузургтарин сароядагони Ишқи осмониву малакутист, яке аз бузургтарин ғазалсароёни сӯфимашраб аст, дар қатори ғазалҳои нотакрори орифонааш шеърҳои ошиқонае низ бисёр дорад, ки дар он дили шӯридаи ошиқи заминӣ, тапиши қалби дӯстдори «рӯи хушу мӯи дилкаши» маҳбуб, шефтагии «чашми масту маи софи беғаш» эҳсос мешавад. Ҳофизро на танҳо фариштаҳои осмонӣ, балки «лӯлиёни шӯхи Шероз, сияҳчашмони кашмириву туркони самарқандӣ» ошуфтаву вовайло кардаанд. Ба ин ғазали ӯ таваҷҷӯҳ кунед, ки дар он «одами биҳиштӣ» имрӯз «асири ишқи ҷавонони маҳвашӣ» шаҳри худ гаштааст:

Ман дӯстдори рӯи хушу мӯи дилкашам,
Мадҳуши чашми масту маи софи беғашам,
Дар ошиқӣ гузир набошад зи сӯзу соз,
Истодаам чу шамъ — матарсон зи оташам.,
Ман одами биҳиштиям, аммо дар ин сафар
Ҳолӣ асири ишқи ҷавонони маҳвашам.

Бахт ар мадад диҳад, ки кашам рахт аз ин диёр,
Гесуи хур гард фишонад зи мафрашам.
Шероз маъдани лаби лаъл асту кони ҳусн,
Ман ҷавҳарии муфлисам, эро мушавашшам.
Азбаски чашми маст дар ин шаҳр дидаам,
Ҳаққо ки май намехӯрам акнуну сархвашам.
Шаҳрест пуркарашмаю хубон зи шаш ҷиҳат,
Чизем нест, в-ар на харидори ҳар шашам.
Гуфтӣ: зи сирри аҳли азал нуктае бигӯ,
Он гаҳ бигӯямаш, ки ду паймона даркашам.
Ҳофиз арӯси табъи маро ҷилва орзуст,
Оинае надорам, аз он оҳ мекашам.

(Девони Ҳофиз, ба тасҳеҳи доктор Рашид Айвазӣ ва доктор Акбар Беҳрӯз, Табриз, 2536 шоҳаншоҳӣ, с. 349).

Тасаввуф, афкор ва ақоиди он, нуктаҳои фалсафӣ ва назарии он дар назми форсӣ шаклҳои мутаносибн зебо, рамзу истиораҳои бадеъ, таъбиру ибораҳои рехтаву дилнишин, тамсилу зарбулмасалҳои мӯҷазу пурмӯҳтаво эҷод кард ва дар ин либоси рангини шеър фикрҳои олӣ ва эҳсосоти баланду рӯҳониву маънавии худро баёнгар гардид. Бобо Кӯҳиву Бобо Тоҳири Урён, Абӯсаид Абулхайру Абдуллоҳи Ансорӣ дар маҳфилу ҳалқаи муридону соликон, дар хонақоҳу масҷидҳо зубдаи афкор ва умдаи ақоиди худро дар байту сатрҳои манзуми форсӣ адо мекарданд. Байтҳои обдор ва ғазалу рубоиҳои шӯрангези шеъри форсӣ ба умқи афкору хирад ва ниҳонхонаҳои дилу ҷони шунавандагону мардуми сӯфимашрабу ғайрисӯфӣ ҷой мегирифт, онҳоро ба ваҷд меовард, дар дили аз меҳнати рӯзгор ва ҷафои ситамгарон ранҷуру озурдаи онҳо таскину таслият ва сабукиву кушодагӣ меоварду. Ба ҳамин тариқа, шеъри форсию ирфони форсӣ ба ҳам тавъам гашт ва ин ду решаро аз ҳам ҷудо кардан номумкин шуд.

Аз тарафи дигар, шеъри форсӣ бо ақоид ва оҳангу сози тасаввуф аз ҷиҳати маънавиёт, мавзӯот ва мӯҳтавиёти мазомини фалсафию назариявӣ назар ба назмӣ, гӯем, асрҳои даҳу ёздаҳ, ки иборат аз мадҳу санои мамдӯҳон буд, хеле ғанӣ ва пурдомана гашт. Мавзӯи ишқ, ки пеш аз ин ҳам дар шеъри форсӣ мақому мартабаи басазое дошт, дар назм мавқеи пурарзиш ва пургустурдатаре ба худ гирифт. Ишқ аз дараҷаи заминӣ, аз муҳити инҷаҳоӣ ба мартабаи осмонӣ, ба манзалати Илоҳӣ, ба дараҷаи олии рӯҳоният ва маънавият расид. Чунон ки дар Қуръони шариф омада, ки Ҳақ таоло ба Инсон аз рӯҳи худ дамид («фанафахту фиҳи ми-р-рӯҳӣ» Сод, ояти 72, Ҳиҷр, ояти 29 «ва баъд аз ӯ аз рӯҳи худ дамидам» тасаввуф дар шеъри форсӣ дар мавзӯи

Ишқ як рӯҳи тоза, як маънии амиқ ва пурмӯҳтаво, як нафаси Илоҳӣ бахшид, мавзӯи Ишқ аз ин пас умқи фалсафӣ ва парвози баланди малакутӣ гирифт. Баробари ҳамин шахси Ошиқ ҳам ба дараҷаи баланди маънавӣ расид, дар ин шахс таҷассуми илоҳӣ, зуҳури зоти Ҳақ таоло намудор гардид, ки дар ин мавзӯъ поинтар муфассал сӯҳбат хоҳем кард.

* * *

Тасаввуф, ки аввалан дар Мисру Басра ба вуқуъ омада буд, тадриҷан ба тарафи шарқи хилофат паҳн шуд, аз Бағдод,хоки Ироқ ғузашта ба Эрону Хуросон роҳ ёфт. Тасаввуф ҳар қадар ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба сарзаминҳои нав доман мегустурд, доираи афкору ақоиди он низ густариш ва тавсиа меёфт, андешаву орои дину мазҳабҳои пеш аз исломии эрониён, тафаккури мазҳаби масеҳияту дини буддой ба тасаввуф таъсиру нақшгузорӣ мекарданд. Баробари ҳамин равнақи илму маданият ва афкори фалсафӣ дар Бағдод дар аҳди аббосиён ба тавсиаи ақоиду афкори сӯфиён низ таъсири калон гузошт.

## МАЪРИФАТИ ҲАҚ

Яке аз афкори наве, ки дар тасаввуф пайдо шуд, **таълимоти маърифат** буд, ки он аз ақидаҳои фалсафӣ нашъат гирифта буд. Аҳли тасаввуф ба ҷуз ишқи илоҳӣ ва зӯҳду риёзату ибодат ба маърифати Ҳақ низ рӯй оваранд. Маърифати Ҳақ дар тасаввуф на ба далоили ақлонӣ, балки ба эҳсос, ҷазаба ва биниши рӯҳонӣ асос ёфта буд. Яке аз аввалин мутасаввифоне, ки дар маърифат андешаҳои худро гуфтааст, орифи номбардор **Зуннуни Мисрӣ** буд. Падари ӯ аз ғуломони нубиягӣ ва аз қабтиҳои мисрӣ ва масеҳимазҳаб будааст. Зуннун соли 796 дар мавзеи Аҳмими Нубиё (Судони имрӯза) таваллуд шудааст. Номи пурраи ӯ Абулфайз Савбон ибн Иброҳим ва Зуннун лақаби ӯ будааст. Ӯ дар Қоҳира таҳсили улум карда ва пеши устоде ба номи Саъдун дар улуми диния ва калому фиқҳ дониши мукаммал гирифтааст. Зуннун дар ибтидо дар мадрасаву масҷидҳо ба панду мавъиза машғул буд ва мазмуни мавъизаҳои ӯ ҳама дар пардаи ирфонӣ ва дар оҳанги озод ва холӣ аз такаллуфоти динӣ буд. Ба сабаби ин озодандешиҳо ӯ борҳо ба таъқибу таъдиби уламои расмӣ

гирифтор шуда буд. Зуннун соҳиби чандин таълифот будааст, аммо аз онҳо имрӯз осоре дар даст нест. Аз забони Зуннун бисёр нуктаву афкори дақиқ дар мавзӯъҳои сӯфиёна, хусусан дар мавзӯи маърифат дар китобҳои тасаввуф овардаанд. Аз ҷумла дар «Тазкират-улавлиё»-и Аттор низ чунин нақлу ривоят хеле фаровон омадааст. Ин нуктаву ривоятҳо барои таърихи таҳаввули фикрии аҳли тасаввуф тасаввур намудани ақоиди маърифати Ҳақ дар оғози пайдоиши тасаввуф аҳамияти басазое дорад. Зуннун дар Гиза вафот ёфтааст ва марқади ӯ имрӯз ҳам зиёратгоҳи мардум аст. Дар соли вафоти ӯ ихтилоф ҳаст. Дар «Тазкират-улавлиё 244 (858) омадааст. Зарринкӯб санаи 246 ё 247—860—861-ро ба тақриб овардааст[18]. Дар комуси «Ислом» низ ҳамин сана нишон дода шудааст[19].

Зуннуни Мисрӣ дар зуҳду ибодат ва риёзату қаноат аз мардони сарсахт ва устувори тасаввуф буд. Зуннуни Мисрӣ низ баъди Робиа дар ишқу муҳаббат ба Ҳақ муътақид буд ва дар ин мавзӯъ бисёр нуктаҳои назарӣ баён намудааст ва дар зиндагиаш ҳам дар ин роҳ содиқу пайгир будааст. Бинобар ҳамин Зуннун бо ибодату риёзат, бо эҳсоси Ишқи бузург ба дараҷаи маърифати Ҳақ расиданро ташвиқ намудааст. Ин маърифат на ба воситаи эҳсоси зоҳирӣ, балки ба воситаи эҳсоси ботинӣ, бо Дил муяссар мешавад. Ӯ гуфтааст: «Сахттарини ҳиҷобҳо диди нафс аст». Нафс ва ҳоссаи берунӣ мисли чашму гӯш дӯстро аз назари сӯфӣ маҳҷуб (пушида) медорад. Ва фақат Дил аст, ки ин ҳиҷобро мебардорад ва ба маърифати Ҳақ мерасад. Зуннуни Мисрӣ ва даргоҳи Ҳақ рӯй меоварад ва илтиҷо мекунад, ки ӯро аз маърифати худ маҳрум накунад: «Худовандо, маро азоб макун, ба зилли ҳиҷоб маҳҷуб магардон!».

Маърифат ҳам мартаба ва дараҷаҳо дорад. «Маърифат бар се ваҷҳ бувад, — гуфтааст Зуннун, — яке маърифати тавҳид бувад ва ин оммаи мӯъминонрост; ва дуввум — маърифати ҳуҷҷат ва баён аст; ва ин ҳукамо, булағо ва уламорост; саввум — маърифати сифоти ваҳдоният аст ва ин аҳли вилоятро»[20]. Инак, ҳамин маърифати сифоти ягонагии Ҳақ насиби валиён, пешовоёни аҳли тасаввуф аст, ки онҳо ба риёзату ибодат ба ин дараҷа мерасанд. Он чи аз маърифат ба инҳо арзонӣ мегардад, Ҳақ ҳаоло ба дигар мӯъминон эъто намекунад. «Он ҷамоате, ки шоҳиди Ҳаканд ба дилҳои хеш, то Ҳақ таоло бар эшон зоҳир мегардонад он чи бар ҳеҷ кас аз оламиён зоҳир нагардонад». Он чи ба афроди мӯъмин ба воситаи чашм ва дигар аъзои ҳосса маъ-

лум ва маъруф мешавад, он Илм аст, яъне дониши мукаррарии инсонӣ. Аммо он чи ба воситаи Дилҳо маърифати сифоти Ҳақ ҳосил мешавад, он Илми якин аст. «Ҳар кӣ аз чашмҳо бинад, нисбати он бо Илм бувад. Ва ҳар чи аз дилҳо бинад, нисбати он бо Якин бувад». Якин чист ва нишонҳои он аз чӣ иборат аст. «Се чиз аз нишони яқин аст: яке назар ба Ҳак кардан дар ҳама чизҳо; дуввум — руҷӯъ ба вай кардан аст дар хама корҳо: севум — ёрӣ хостан аст аз вай дар ҳама ҳолҳо». Илми якин ба дониш ва ҳикмати инсонӣ низ марбут аст ва натиҷаи ниҳоии Якин Хикмат ҳам ҳаст: «Якин даъват кунад ба кӯтоҳии амал; ва кӯтоҳии амал даъват кунад ба зӯҳд; ва зӯҳд даъват кунад ба ҳикмат; ва хикмат нигаристан ба авоқиб (оқибатҳо) бозоварад». Якин ҳам зуҳди комил аст, ҳам ахлоқи поки озодона аст. «Якин он аст, ки... тарки мадҳи халқ кунад, агараш атое диҳанд ва фориғ гардад аз накуҳидани эшон, агар низ манъ кунанд».

Ақоиди Зуннуни Мисрӣ дар масъалаи маърифат ва илми якин дар таълимоти тасаввуф як марҳилаи бузурге ба вуҷуд овард ва дар асрҳои баъдӣ ҳам дар назария ва ҳам дар адабиёти бадеии форсӣ мақоми калоне ишғол кард. Махсусан масъалаи Яқин дар рисола ва кутуби назарии аҳли тасаввуф хеле муфассал баррасӣ гардид ва паҳлӯҳои нав пайдо кард.

Аҳли калом ва посдорони шариат таъкид мекарданд, ки Инсон нокомил аст ва аз ин сабаб ба дараҷаи маърифате, ки дар он зоти илоҳиро мушоҳида кунад, расида наметавонад. Пайғамбари ислом маърифати оллоҳро дар ҳадиси шариф эътироф кардааст. «Ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббоҳу» фармудааст яъне он касе, ки худро шинохт, худои худро мешиносад. Аммо баробари ҳамин расули акрам фармудааст, ки «мо арафнока Ҳаққу маърифатака» — «Ё Ҳақ, мо маърифати туро надонистаем». Шояд ин дар пояи паямбарӣ гуфта шуда бошад, ки дар Қуръон улуҳияти паямбарон, аз ҷумла Исои Масеҳ тардид шудааст. Ва аз ин ҷо «ба маърифати ту нарасидем» гуфтани паямбар эҳтимол ба дараҷаи улуҳият нарасиданро дар назар дошта бошад. Ва аҳли тасаввуф, ки аз ин ҳадиси пайғамбар огоҳ буданд, ба шинохти зоти илоҳӣ қодир ва қобил будани инсонро тасдиқ кардаанд. Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» ба шинохтани Ҳақ субҳонаҳу боби махсус таълиф намуда аз ҷумла гуфтааст: «Бидон ки дар кутуби пайғамбарон маъруф аст, ки ба эшон гуфтанд: «Ар-

риф нафсака туърифу раббака» ва дар аҳодис ва ахбор маъруф аст, ки «ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу». Ва ин калимот далели он аст, ки нафси Одамӣ чун оина аст, ҳар кӣ дар вай нигарад, Ҳақро бинад»[21].

Ба ҳамин тариқ, маърифати Ҳақ на танҳо як намои хиссии инсони комил гардид, балки ҳамчун илме ба номи «илми яқин» дар фалсафа ва назарияи тасаввуф мавқеъ ва мавзӯи муҳимм ба худ касб кард. Дертар Яқин ҳамчун илми ботинӣ ва шуҳудӣ ба чандин появу марҳилаҳо тақсим шуд. Аз рӯи ин дарачаву мартаба солик, ориф ё сӯфӣ чун ба маърифат расид, он мақомро «илми яқин» мегӯянд. Ин дарача ва мартаба бо мучоҳида ва саъю кӯшиши ориф ҳосил мешавад, аммо дар ин чо мадади анбиёуллоҳ зарур аст. Баъд аз «илми яқин» «айни яқин» меояд, ки ин мақоми болотари маърифати илоҳист. Ба ин мартаба ориф бе ҳеч мадад ва васила, танҳо бо дили худ мерасад. Дар ин мартаба мустақиман аз тарафи худо ба рӯҳи ориф нури тачаллӣ изофа мешавад.

Мақоми аз ҳама болотару болотар дар маърифат «ҳаққ-ул-яқин» аст. Чун ориф ба ин мақом расид, ӯ болотар аз шариату тариқат меистад ва мартабаи «ҳаққ-ул-яқин» бошад, болотар аз ҳамаи ин дарача ва ҳарфу нуктаҳои ҳолу қол аст. Яке аз аввалин назариётчиёни тасаввуф, ки асари худ «Кашф-ул-маҳчуб»-ро ба тасаввуф тахсис намудааст, яъне Алӣ ибн Усмони Чуллобии Ҳучвирӣ дар боби илми яқин ва мақомоти ӯ чунин гуфтааст:

«Илм-ул-яқин дарачаи уламост ба ҳукми истиқоматашон бар аҳкоми умур. Ва «айн-ул-яқин» — мақоми орифон ба ҳукми истеъдодашон мар-маргро. Ва «ҳаққ-ул-яқин» фаногоҳи дӯстон ба ҳукми этирозашон аз кулли мавчудот. Пас «илм-ул-яқин» ба мучоҳадат ва «айн-ул-яқин» ба муонасат, ва «ҳаққул-яқин» ба мушоҳадат бувад. Ва ин як омм аст ва дигаре хос ва седигар хосс-ул-хосс»[22].

Хулоса, маърифат ва илм-ул-яқин, ки яке аз рукнҳои тасаввуф аст, сараввал дар нукоту суханони Зуннуни Мисрӣ бунёд гирифта буд. Дертар ин афкору ақоиди орифона ҳам дар китобҳои назариявии тасаввуф ва ҳам дар либоси бадеӣ дар назми сӯфиёна хеле тавсиа ёфт ва дар шаклу обу рангҳои гуногун ифода гардид. Баъд аз пайдоиши мафҳуми маърифат ва илми яқин ба чои «сӯфӣ» ва «мутасаввиф» истилоҳи «ориф», ва ба чои «тасаввуф» «ирфон» хеле шоеъ гардид ва ҳамрадифу ҳаммаънои калимоти аввалини тасаввуф гардид.

Таълимоти «ирфон» ва маърифат» дар тасаввуф манша ва мабдаи худро низ аз Қуръони маҷид гирифтааст. Дуруст аст, ки дар Қуръон калимаи «арафа» ва «маърифат» дар маънии шинохти Ҳақ субҳонаҳу ба чашм намерасад. Аммо дар оёт ва сураҳои Қуръон масъалаи шинохти Ҳақ таоло ба воситаи нишонаҳое, ки дар олами мавҷудот ба қудрати илоҳӣ халқ шудааст, борҳо омадааст. Инсон, ё саҳехтараш он шахсе, ки ба Ҳақ таоло имон овардааст, қудрати худоро дар офариниши олам ва тазоҳуроти гуногуни он мебинад ва ба ин восита худоро мешиносад. Ба тарзи мисол аз сураи «ал-Анъом» оятеро зикр мекунем, ки дар он киссаи имон овардани Иброҳим ба қудтари Ҳақ таоло зикр шудааст. Иброҳим (а) ба падари худ Озар мегӯяд, ки чаро ту ва қавми ту бутонро ба ҷои илоҳ саҷда мекунед, охир ин залолати (саҳви) ошкорост. Ва дар ин ҳол Ҳақ таоло ба Иброҳим (а) ҳастии осмону заминро нишон медиҳад. «Қазолика нурӣ Иброҳима малакут-ас-самавоти в-ал-арзи ва лиякуна мин-ал-муқинин». (ояти 75). Бад-ин сон малакути (мулкҳои) осмону заминро ба Иброҳим бинамудем, то ӯ аз аҳли яқин бошад». Иброҳим ҳастии мавҷудотро мебинад, аммо онҳоро ба худо шарик намедонад — на офтобу, ситораву на моҳро. Балки ба воситаи он Ҳақ таолоро мешиносад ва ба ӯ имон меоварад. «Иннӣ ваҷҷаҳту ваҷҳия лиллазӣ фатарал-с-самавоти ва-л-арза ҳанифо» (ояти 79) — («Ман рӯй ба оне овардаам ба тарзи хосса, ки ӯ осмонро ва заминро падид овардааст»). Яъне Инсон Ҳақ таолоро ба воситаи он малакуте, ки ӯ офаридааст, яъне ба воситаи оёт — нишонаҳое, ки дар он дунё аз Ҳақ таоло ошкор аст, мешиносад ва ба ӯ имон меоварад.

Инак ҳамин шинохти Ҳақ таолоро аҳли тасаввуф ҳамчун «маърифати илоҳӣ» тавҷеҳ кардаанд ва ин маъниро ба обу ранг ва оҳангҳои гуногун тафсир намудаанд.

Аҳли тасаввуф дар таълимоти «маърифат» ба ду ҳадиси набавӣ истинод ва такя намудаанд. Яке он аст, ки расули акрам фармудааст: «арраф нафасака туърифу раббака» — «Бишнос ҷони хешро, онгоҳ худои худро мешиносӣ». «Ман арафа нафсаху фақад арафа раббаҳу», яъне он кас ки худро шинохт. Худои худро низ мешиносад. Ин ҳадис дар маърифати аҳли тасаввуф аҳамияти калон дорад. Аҳли тасаввуф ва ирфон ба маърифати Ҳақ танҳо ба воситаи худшиносӣ мерасанд. Инсон бояд аввал худро шиносад. Инсоне, ки Ҳақ таоло ӯро аз тамоми мавҷудот болотар ва волотар офаридааст; инсоне, ки Ҳақ таоло ӯро ба сурати

беҳтарин (фӣ аҳсаниттақвим) офаридааст. Инсоне, ки Ҳақ таоло ӯро офаридаасту ба ӯ аз рӯҳи худ дамидааст; Инсоне, ки Ҳақ таоло парастидани ӯро ба малоик фармудааст. «Из қола раббука лил малоикати инни ҳолиқун башаран мин тини фаизо саввайтуҳу ва нафаҳту фиҳи мир-рӯҳи фақаъӯ лаҳу соҷидин» (Онгоҳ парвардигорат ба фариштагон гуфт: «Ман офаридагони башаре ҳастам ва чун тамом кардам онро ва аз рӯҳи хеш дар ӯ дамидам — дар баробари ӯ ба саҷда биафтед». . Сураи 38 — Сод, оятҳои 71—72). Бале, чунин инсон агар худро, ҷойгоҳи худро, сабаби офариниши худро бишиносад, вай ҳатман ба маърифати (шинохти) Ҳақ таоло низ мерасад.

Дараҷаи олии маърифат Мушоҳидаи зоти илоҳӣ аст. Аммо ин мушоҳида на дидори воқеӣ, балки биниш ва мушоҳидаи эхсосӣ ва рамзӣ аст. Зеро дидани Ҳақ таоло, яъне ба чашми бино дидани ҷамоли Ҳақ ҳатто ба паямбар муяссар нашудааст. На симои ҷисмонӣ, балки таҷаллии зот ва сифоти Ҳақ таолоро дидан ба тариқи шуҳуд аз Қуръони маҷид маншаъ гирифтааст. Ва ин дар қиссаи Мӯсо (а) ва рафтани ӯ ба кӯҳи Тур дар умеди дидани ҷамоли Ҳақ зикр шудааст. Ин қисса дар сураи Аъроф (7) ояти 143 омадаат, ки тарҷумаи он ин аст: «Ва чун Мӯсо ба ваъдагоҳи мо омад ва парвардигораш бо ӯ сухан кард, Гуфт: «Парвардигоро худатро ба ман бинмо (рабби арнӣ, анзур илайка), ки туро бингарам». (Худо) гуфт: «Ҳаргиз маро нахоҳи дид, вале ба ин кӯҳ бингар, агар ба ҷои хеш барқарор монад, шояд маро тавонӣ дид. Ва ҳамин ки парвардигораш бар он кӯҳ ҷилва кард (фаламмо таҷалло раббуҳу лил-ҷабали) онро ҳамвор кард ва Мӯсо беҳуш биафтод....»[23].

Аз ин маълум мешавад, ки мушоҳидаи таҷаллии зоти илоҳӣ дар ҳолате даст медиҳад, ки Инсони комил аз эҳсоси ин ҷаҳони фонӣ берун рафта дар ҳолати шуҳуди рӯҳонӣ биафтад ва дар чунин ҳолат ӯро ба чашми дил дидани нури ҷамоли илоҳӣ муяссар мешавад. Ва ин чанд байти Ҳофиз айнан ҳамин ҳолати мушоҳидаи партави таҷаллии зоти илоҳиро тасвир намудааст:

Дӯш вақти саҳар аз ғусса наҷотам доданд,
В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.
Бехуд аз шаъшааи партави зотам карданд,
Бода аз ҷоми таҷаллисифотам доданд.
Чи муборак саҳаре буду чи фархунда шабе,
Он шаби қадр, ки ин тоза баротам доданд.
Баъд аз ин рӯи ман-у оинаи васфи ҷамол
Ки дар он ҷо хабар аз ҷилваи зотам доданд[24].

Расидан ба мушоҳидаи партави зоти илоҳӣ ба воситаи пок доштани ахлоқ ва таййи марҳилаҳои ҳолот ва мақомот муяссар мегардад. Ва ниҳоят ин ҷойгоҳи шуҳуд дар мақом ва ҳолоте, ки ориф аз фано гузашта ба «бақо маллоҳ» мерасад, муяссар мегардад.

Хулллас, маърифат ҳамчун яке аз пояҳои тасаввуф аз аввалин марҳилаҳои пайдоиши ин ҷараён ба вуҷуд омада ва дар асрҳои баъдӣ ба як таълимоти муназзам ва мураттаби идеявии тасаввуф мубаддал гашт, ки ҳам дар назми орифона ва ҳам дар маснавиҳои орифони бузург хеле ба тафсил матраҳ гардидааст.

## ВАҲДАТИ ВУҶУД

Дар тасаввуф яке аз пояҳои идеявии он таълимоти ваҳдати вуҷуд буд, ки он низ дар асри дуюми пайдоиши ин ҷараён ба вуҷуд омад. Пайдоиши ин таълимотро одатан бо таъсири фалсафаи навафлотунӣ, ки ба воситаи тарҷумаи осори фалсафии юнониён дар шарқи мусалмонӣ шоеъ гашта буд, алоқаманд мекунанд. Албатта, ин фикр то андозае дуруст аст ва заминаи таърихию иҷтимоӣ низ дорад. Дар воқеъ ҳам, аз замони барқарор гаштани давлати аббосиён таъсири фалсафаи юнони қадим дар марзҳои қаламрави хилофат хеле зиёд шуд. Дар фалсафаи олами ислом ва дар афкору мутафаккирони ин олам таъсиру нуфузи ақоиду афкори фалсафаи юнониён ва навафлонуниён хеле вусъат пайдо кард. Табиист, ки дар чунин муҳити нуфузи фалсафаи юнониёну навафлотуниён тасаввуф ҳам аз таъсири ин афкору ақоид берун намонд. Ақоиди зуҳури зоти илоҳӣ дар табиат ва муҳтавиёти табиат, ки яке аз заминаҳои умдаи афкори навафлотуниён буд, дар орову андешаҳои аҳли тасаввуф тазоҳур ёфт. Аммо чунин зуҳуротро танҳо нақшу таъсири афкори навафлотуниён пиндоштан хатои маҳз аст. Он ки дар табиат ва ашёву мавҷудоти табиӣ инъикоси симои илоҳӣ мушоҳида мешавад, дар ояти шарифаи Қуръон сареҳан ба назар мерасад: «Ва лиллоҳи-л-машриқу ва-л-мағрибу фа-айнамо таваллӯ фасамма ваҷҳуллоҳи» (сураи «Бақара», ояти 115). Ибораи «ваҷҳуллоҳ»-ро дар тарҷумаҳои форсӣ гоҳо ба маънои «қиблаи худо», «ҷиҳати худо» тарҷума кардаанд, ки аз он ин мазмун ҳосил шудааст. «Ба ҳар сӯй рӯй оваред, қиблаи худо он ҷост». «Ба ҳарҷо рӯ кунед, ҷиҳати худо ҳамон ҷост»[25]

И. Ю. Крачковский «вачҳуллоҳ»-ро «лик Аллаха»[26] тарчума кардааст. Дар тафсири Ҳусайнӣ ҳам ин ибора ба ҳамин маънӣ тарчума шудааст. «Ҳар чо ки руй оред, пас он чо вачҳи худо аст, яъне чиҳати тоати ӯст». Ва сипас Ҳусайни Қошифӣ дар ин боб чунин тавзеҳ медиҳад: «Ва муҳаққиқонро дар таҳқиқи ин оят нуктаест, ки аз он чумла забони олибаёни ҳазрати ҳақоиқрутбат ва вилоятманқабат... дар ин абёт ишорате бад-он мефармояд:

Аз Нубо «айнамо таваллӯ» хон,
«Самма вачҳуллаҳ»-аш мутаммам дон:
Яъне он сӯ, ки рӯи қасд орӣ,
То ҳақи бандагеш бигзорӣ,
Вачҳи Ҳақ, к-он бувад ҳақиқати ӯ
Вошад он чо, ба сӯи ӯ кун рӯ.
Ҳеч чоро накард истисно,
Бас бувад айни Ҳақ аён ҳама чо.
Орифи ҳақшиносро бояд,
Ки ба ҳар сӯй дида бикшояд.
Бинад он чо чамоли Ҳақ пайдо,
Нагсилад аз чамоли Ҳақ қатъо![27]

Ба назари мо, «вачҳуллоҳ-ро «Симои Оллоҳ» тарчума кардан асосе дорад ва аз ин чост, ки аҳли тасаввуф ба ин маънӣ «симои Оллоҳро» дар ҳама чо ва дар ҳама чиз пайдо дидаанд ва умумияти чамоли илоҳӣ дар мавчудот ба ягонгии ҳастӣ, яъне ваҳдати вучуд далолат кардааст. Аз ин чо «таълимоти ваҳдати вучуди» ирфонӣ манша гирифтааст, ва он дар тасаввуф бунёди назариро ба вучуд овардааст.

Аз саромадони аҳли ирфон, ки дар таълимоти ваҳдати вучуд ва шохаҳои гуногуни ин таълимот асоси мустаҳкам гузоштааст, симои дурахшон ва заволнопазири тасаввуфи ислом **Боязиди Бистомӣ** буд. Номи пурраи ин шахси бузург Абу Язид Тайфур ибн Исо будааст ва ба Боязиди Бистомӣ машҳур аст. Аз нисбааш маълум аст, ки ӯ дар шаҳри Бистом, ки воқеъ дар шимоли ғарби Эрон буд, таваллуд шудааст. Соли таваллуди ӯро Аттор дар ин байт овардааст:

Соли мавлуди он шаҳаншаҳи дин
Сирри «сӯфӣ» бидон ба сидқу яқин»[28]

Аз моддаи таърихи «сӯфӣ» 186 бармеояд, ки он ба 802 милодӣ мутобиқ аст. Чадди Боязид дар мазҳаби зардуштӣ буд ва баъд ислом оварда буд. Падари ӯ аз табақаи ашрофи вилояти Бистом будааст. Ду бародари Боязид — Одам ва Алӣ низ ба чодаи зӯҳд ларомада буданд. Боязид як умр дар Бистом ба сар бурдааст ва дар ҳамин шаҳр фавтида-

аст. Соли вафоти ӯро 875, 857 нишон додаанд[29]. Аттор санаи реҳлати ӯро дар ин байт овардааст:

Соли тарҳили он мукаммали Ҳақ
Шуд рақам «Боязид восили Ҳақ»[30].

Моддаи таърих 269 аст, ки ба 882 милодӣ мутобиқ аст. Боязиди Бистомӣ дар ваҳдати вуҷуд ва ҳулули холику махлуқ ақидаҳои ниҳоят далерона баён кардааст, ки ба ин сабаб уламои расмӣ ӯро дар куфр айбдор карда буданд ва Боязид муддате маҷбур шуда буд, ки аз шаҳри худ фирор кунад. Боязиди Бистомӣ ақоиди худро дар ягон рисола ё маҷмӯае ҷамъ накардааст. Ҳикмат ва нукоти афкори ӯро, ки дар маҷлису маҳфилҳо шифоҳан гуфтааст, шогирди ӯ Абӯ Мӯсо ибн Одам ба забони форсӣ гирд оварда буд ва ин гуфтаҳоро дертар орифи машҳур Ҷунайди Бағдодӣ, (с. в. 290) ки эрониюласл буд, ба забони арабӣ тарҷума кардааст.

Ба назари мо, Боязиди Бистомӣ дар оғози суфигарии худ пайрави орои ваҳдати вуҷуд буд, ки он аз маърифати Ҳақ (Зуннуни Мисрӣ) ва ишқи илоҳӣ (Робиаи Адавийя) бархостааст. Он ки ба маърифати Ҳақ расидааст ва Ишқи Ҳақ ӯро фаро гирифтааст, дар ҳама офоқу анфус таҷаллии зоти илоҳӣ ва акси ҷамоли худоро мебинад. Худой ҳамчун Симои муҷассам дар ҳама ҳастии офоқу анфус ҷилвагар аст. «Ҳар ки наздики Ҳақ бувад, ҳама чиз ва ҳама ҳол ӯро бувад, зеро ки Ҳақ таоло ҳама ҷо аст ва Ҳақро ҳама чиз ҳаст». Ҷаҳд кун, то як дам ба даст оварӣ, ки он дам дар замину осмон ҷуз Ҳақро набинӣ». Мебинем, ки ин гуфтаҳои Боязиди Бистомӣ бо мазмуни ҳамон ояти шарифа, ки дар боло овардем, дар рӯҳу маънӣ як аст. Ин нуктаҳои муҳими афкори Боязиди Бистомӣ дертар дар тасаввуф хеле тавсиа ёфт ва ба пардаву оҳангҳои гуногун дар назми ирфонӣ ҳам ифода ёфт. Яъне дар ҳама ҷо ориф ҷилваи ҷамоли Ҳақро мебинад, дар ҳама ашёву дар ҳама кирдору рафтори Инсон симою иродаи Ҳақ намудор мегардад. Аз ҷумла Мавлонои Рум дар яке аз ғазалҳояш фармудааст:

Чу аз сар бигӯям, бувад сарвар ӯ,
Чу ман дил биҷӯям, бувад дилбар ӯ.
Чу дар маҷлис оям, шароб асту нуқл,
Чу дар гулшан оям, бувад абҳар ӯ.
Чу дар кон равам, ӯ ақиқ асту лаъл,
Чу дар баҳр оям, бувад гавҳар ӯ.
Чу дар дашт оям, бувад равза ӯ,
Чу воҷарх оям, бувад ахтар ӯ.

Чу дар разм оям ба вакти китол,
Бувад сафингаҳдору сарлашкар ӯ.
Чу дар базм оям ба вакти нишот,
Бувад сокиву мутрибу сoғар ӯ.
Чу нома нависам сӯи дустон,
Бувад когазу хомаву махбар ӯ.
Чу бедор гардам, бувад хуш ӯ,
Чу хобам биёяд, ба хоб андар ӯ.
Чу ҷӯям барои ғазал кофия,
Ба хотир бувад кофиягустар ӯ.
Ту чандон ки бартар назар мекунӣ,
Аз он бартари ту бувад бартар ӯ.
Бирав тарки гуфтори дафтар бигӯ,
Ки он беҳ, ки бошад туро дафтар ӯ.
Хамӯш кун, ки ҳар шаш ҷиҳат нури ӯст,
В-аз ин шаш ҷиҳат бигзорӣ, довар ӯ[31].

Боязиди Бистомӣ акс ва ҷилваи Ҳақро на танҳо дар мавҷудоти рӯҳонӣ ва ҷисмонии олам мебинад, балки ин ҷилваро дар шахси Инсон ҳам пайдо мекунад. Ин ҷилваи Ҳақ дар Инсон ба дараҷае мерасад, ки иттиҳод байни ошику маъшук, холику махлук ба миён меояд. Дар ин иттиҳод «Ман»-и инсон аз байн меравад ва ин «ман» бо Ҳақ чунон ҳулул мекунад, ки дар миёна шахси ҷисмонӣ гум мешавад ва шахси илоҳӣ, осмонӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо Инсон аз тани ҷисмонӣ берун меояд ки ин макоми «фанофиллоҳ» (пеши оллоҳ фонӣ гаштан) аст ва ба Ҳақ мепайвандад, ки ин макоми бако маалло҃ҳ (ҷовидон бо оллоҳ) мебошад.

Гуфт: «Аз Боязид берун омадам чун мор аз пӯст. Нигоҳ кардам ошику маъшукро яке дидам, ки дар олами тавҳид ҳама якӣ тавон дид». Ва гуфт: «Нидо карданд аз ман, ки «Эй ту ман! Яъне ба макоми алфано филлоҳ расидам».

Боязиди Бистомӣ дар ин иттиҳод Инсони комилро ба дараҷае мебинад, ки дар он зоти илоҳӣ таҷассум ёфтааст ва он чи Инсон мегӯяд, ҳама сухани ӯ нест, балки садову ҳарфи илоҳ аст.

«Гуфт: «Ҳақ таоло сӣ сол оинаи ман буд, акнун ман оинаи худам, яъне он чи ман будам, намондам, ки ману Ҳақ ширк бувад. Чун намондам, Ҳақ таоло оинаи хеш аст. Инак мегӯям, ки акнун оинаи хешам Ҳақ аст, ки ба забони ман сухан мегӯяд ва ман дар миён нопадид»[32]

Ин афкори ниҳоят бебокона ва файласуфонаи Боязид дертар дар тасаввуф ва назми орифона хеле вусъат ёфт ва ба шарху тавзеҳоти гуногун дар образҳои шоирона ифода ёфт. Чунончи, Ҳофиз дар маънии иттиҳоди Инсон бо Ҳақ низ ғазалҳои облоф дорад. Ва аз ҷумла дар байтҳои зерин

қариб ҳамин фикри Боязиди Бистомиро дар либоси шеър адо намудааст:

Борҳо гуфтаму бори дигар мегӯям,
Ки мани дилшуда ин раҳ на ба худ мепӯям.
Дар паси оина тӯтисифатам доштаанд,
Он чи устоди азал гуфт, бигӯ — мегӯям.
Ман агар хорам агар гул — чаманорое ҳаст,
Ки аз он даст, ки мепарвардам, мерӯям[33].

Ба забони Инсон сухан гуфтани Ҳақ ё ба фармудаи Ҳақ ба гуфтор омадани одамиро ба маънои рамзии ирфонӣ бояд қабул кард. Дар ин ҷо мартабаи бузурги Инсон, ки дар мақоми қурб бо Ҳақ ба зоти илоҳӣ мепайвандад, дар назар дошта шудааст. Инсон махлуқест, ки дар олами мавҷудот болотар, шарифтар ва рӯҳонитар аз ҳама аст. Аз баски Ҳақ таоло рӯҳи худро ба Инсон дамидааст[34], сухан гуфтани ӯ худ як мӯъҷизаест, ки ӯро болотар аз мавҷудоти ҳайвонӣ мегузорад. Танҳо қудрат ва эъҷози офариниши худованд аст, ки инсон сухан мегӯяд ва ин сухани Ҳақ аст. Аммо аз лабони инсон берун омадани сухани Ҳақ аз ваҳйи паямбарон, ки Худо бар баргузидагони худ, яъне ба расулони худ мефиристад, тамоман фарқ мекунад. Дар ин хусус дар Қуръон ояте омадааст, ки ваҳй ва рисолати илоҳиро аз гуфтори ҷисмонӣ болотар мегузорад. Дар оёти 51—52 сураи Шуро омадааст: «Ва мо кона ли башарин ан юкаллимаҳу-ллоҳу илло ваҳйан ав мин варои ҳиҷобин ав юрсила расулан фа юҳия би изниҳи мо яшоу. Иннаҳу алиюн ҳакимун (51) Ва казолика авҳайно илайка рӯҳан мин амрино. Мо кунта тадрӣ ма-л-китобу ва ла-л-имону ва локин ҷаалноҳу нуран наҳдӣ биҳ ман нашоу мин ибодино. Ва иннака латаҳдӣ ило сиротин-мустақим (52). — Дарҳӯри ҳеч инсоне набуд, ки худо бо ӯ сухан гӯяд, магар ба ваҳй ва аз паси пардае ё ин ки фиристодае фиристад, ва изни ӯ ҳар чи хоҳад ваҳй оварад, ки ӯ (яъне худо) баландмартабаи ҳикматомез аст. Ва ин чунин ба сӯи ту ваҳй кардем Қуръонро аз сӯи худамон. Ту намедонистӣ, ки китоб чист? Ва имон чист? Ва лекин онро нуре кардем, ки ба сабаби он ҳар киро хоҳем аз бандагони худ ҳидоят кунем, ва бегумон ту ба роҳи рост ҳидоят мекунӣ». Маълум мешавад ки Худо ҳатто бо фиристодагони худ низ бевосита сухан намекунад, балки ба ӯ ваҳй мефиристад, ки онро фариштагони осмонӣ, ва дар мавриди Муҳаммад (с) ҳазрати Ҷабраил аз осмон меовардааст. Бинобар ин «сухани Ҳақ» гуфтани башар дар забони аҳли ирфон як рамзи ило-

хист, ки эътироз ба рисолати паёмбарон, ки он волотар аз ҳама мартабаи инсонист.

Қурб бо Ҳақ дар таълимоти Боязиди Бистомӣ ба дараҷае мерасад, ки солик дар он иттиҳод шахси худро гум мекунад. Шахси солик дар дунё ҷисман вуҷуд дорад, аммо иттиҳоди ӯ бо Ҳақ ба дараҷаест, ки дигар ӯ вуҷуди рӯҳонии худро бо «манияти» худ тасаввур намекунад. Дар ин бобат чунин ҳикояте, ки аз забони Боязид овардаанд, хеле ҷолиб аст:

«Шайх гуфт: «Аввал бор, ки ба Ҳаҷ рафтам, хонае дидам, дуввум бор, ки ба хона рафтам, худованди хонаро дидам, сеюм бор на хона дидам, на худованди хона». Яъне чунон дар Ҳақ гум шуда будам, ки ҳеҷ намедонистам, агар медидам, Ҳақ медидам». Ва далел бар ин сухан он аст, ки яке дари хонаи ӯ рафт ва овоз дод. Шайх гуфт: «Киро металабӣ?» Гуфт: «Боязидро». Гуфт: «Бечора Боязид! Сӣ сол аст, то ман Боязидро металабам ва ному нишони ӯ намеёбам!» Ин сухан бо Зуннуни (Мисрӣ) гуфтанд. Гуфт: «Худои аззу ва ҷалла бародарам Боязидро биёмурзад, ки ҷамоате, ки дар худои аззу ва ҷалл гум шудаанд, ӯ низ гум шудааст».

Дар ин маънӣ Мавлонои Рум дар «Маснавӣ» ҳам ишорае чанде додааст ва аз ҷумла ин аст:

Гуфт қоиле: «Дар ҷаҳон дарвеш нест,
В-ар бувад дарвеш, он дарвеш нест.
Ҳаст аз рӯи бақои зоти ӯ,
Нест гашта васфи ӯ дар васфи Ӯ.
Чун забонаи шамъ пеши офтоб
Нест бошад, ҳаст бошад дар ҳисоб.
Ҳаст бошад зоти ӯ то ту агар
Бар ниҳӣ пунба, бисӯзад з-он шарар.
Нест бошад, роҳате надиҳад туро,
Карда бошад офтоб ӯро фано».

Дар «худои аззу ва ҷалл» гум шудани Инсон мартабаи ӯро ба дараҷаи пастӣ намерасонад, балки ҳамин мақоми ӯро болотар нишон медиҳад. Боязид таълим кардааст, ки Инсони комил ба иттиҳоде бо Ҳақ, иттиҳоде ки ин нисбат меёбад, ки зоту сифоти Ҳақ дар ӯ пайдо мешавад. Ва бино ба ин Боязид гуфтааст, ки «камтарин дараҷаи ориф он аст, ки сифоти Ҳақ дар вай бувад».

Улвият ва баландии мартабаи Инсон дар Меъроҷи Боязид омадааст. Ин меъроҷ уруҷи мартабаи инсонӣ ба зоти илоҳӣ, ба дараҷаи комилан пайвастани сифоти худованд аст.

Боязид дар ин чо аз номи худ сухан гуфтааст, аммо ин танхо Меърочи ӯ нест, балки меърочи Инсони бузург ва муқаддас аст, ки ба тоату ибодат ва покии ахлоқ, ба рӯшноии дили беолоиш ба пойгоҳи олии қурби илоҳӣ расидааст. Инак чанд банде аз Меърочномаи Боязид:

«Шайх гуфт: «Ба чашми яқин дар Ҳақ нигаристам. Баъд аз он ки маро аз ҳама мавҷудот ба дараҷаи истиғно расонид ва ба нури худ мунаввар гардонид ва аҷоиб ва асрор бар ман ошкор кард ва азамату ҳуввияти хеш бар ман пайдо овард ва ман аз Ҳақ дар худ нигаристам ва дар сифоти хеш тааммул кардам. Нури ман дар ҷанби нури Ҳақ зулмат буд ва азамати ман дар ҷанби азамати Ҳақ айни ҳақорат гашт ва иззати ман дар ҷанби иззати Ҳақ нопайдо гашт. Он ҷо ҳама сафо буд, ин ҷо ҳама кудурат. Боз чун нигоҳ кардам, нури худ дар нури ӯ дидам ва иззати худ дар иззат ва азамати ӯ донистам. Ҳар чӣ кардам, ба қудрати ӯ тавонистам кард. Нури ӯ дар қолабам тофт — ба чашми инсоф ва ҳақиқат назар кардам — ҳама парастиш аз Ҳақ буд, на аз ман. Ва ман пиндошта будам, ки манаш мепарастам. Гуфтам: «Бор худоё, ин чист?» Гуфт: «Он ҳама манам ва нагайри ман!»... Ва чун заъфи ман бидонист ва ниёзи ман бишнохт, маро ба қуввати худ кавӣ гардонид ва ба зинати худ биёрост ва тоҷи каромат бар сари ман ниҳод ва дари сарои таҳвид бар ман кушод. Чун мутталлаъ шудам, ки сифоти ман дар сифоти ӯ расид, аз ҳазрати худ маро ном ниҳод ва ба худии худ маро ташриф дод ва яктой падид омад ва дуӣ бархост»[37].

Мартабаи улвии Инсон дар ҳолати иттиҳод ва иттисол бо зоти илоҳӣ баъди Боязид дар назми форсии ирфонӣ мавзӯи ниҳоят ҷолиб, хассос ва ҷозибе буд, ки ҳам дар ғазалу қасоид ва ҳам дар маснавиҳои сӯфиёна сурудаву сутуда мешуд. Ва ин ҳама мадеҳаву ситоиши бузургии Инсон, мартабаи олии ӯ дар олами мавҷудот ва пойгоҳи ашрафи он дар осмону замин буд. Аз ҷумла ҳаким Саноӣ дар маснавии «Ақлнома» дар боби аввале, ки «Фи ҳукми маротибил-инсон» номидааст, дар ситоиши одам мегӯяд:

Эй дил, аз баъди ин чӣ хоҳӣ гуфт,
Пас аз ин дурр чи мӯхра хоҳӣ суфт?!
Гар ҳазорон чунин ту бархонӣ,
Вар ҳазорон чунин забар донӣ,
Ба дари рои хештан нарасӣ,
Худ надонӣ, ки андарун чӣ касӣ!
..Подшоҳии худ куҷо донӣ?
Нақши берунӣ дар куҷо хонӣ?

Хар ду олам даруни синаи туст,
Осмону замин хазинаи туст.
Шав фуру хон, мабош марди салим,
«Сапурихиш» ту аз каломи кадим»[3].

Мавлонои Румро низ аз бузургдошти Инсон ҳам дар «Девони Шамс» ва ҳам дар «Маснавӣ» бисёр нуктаҳои баланде хаст, ки аз ҷумла абёти зерро иктибос мекунем:

Ту зи «каррамно бани Одам» шаҳӣ,
Ҳам ба дарё, хам ба хушкӣ пониҳӣ,
Ки «ҳамалноҳум алал-баҳри» ба ҷон,
Аз «ҳамалноҳум ала-л-барр» пеш рон.
Мар-малоикро сӯи барр роҳ нест,
Ҷинси ҳайвон ҳам зи баҳр огоҳ нест.
Ту ба тан-ҳайвон, ба ҷони аз малак,
То равӣ ҳам бар замин ҳам бар фалак.
То ба зоҳир «мислукум» бошад башар,
Бо дили «юҳӣ илаййа» дидавар.
Колаби хокӣ фитода бар замин,
Рӯҳи ӯ гардон бар он чархи барин»[2].

Мавлоно дар ин ҷо ба чанде аз оятҳои Қуръон ишора намудааст ва аз ҷумла ба ояти шарифаи 110 сураи Каҳф истинод намудаст, ки он ин аст: «Қул иннамо ано-башару-м-мислукум, йуҳо илаййа» — Бигӯй (эй Муҳаммад), ки ман фақат башаре ҳастам мисли шумо, ки ба ман (аз тарафи худованд) ваҳӣ меояд». Яъне бузургии Инсон дар он аст, ки ҳатто чунин паямбари баргузидаи худо Муҳаммад (с) ба ягон кунваи фавкулодда даъвӣ накардааст ва худро ба дараҷаи Инсоне донистааст, ки мисли дигарон аз одамизод аст.

Бузургдошти Инсон дар таълимоти сӯфиён дар иттиҳод, иттисол ва қурб бо худованд аст. Инак дар ҳамин афкори «ваҳдати вуҷуд» буд, ки уламои расмӣ ва аҳли калом бо аҳли тасаввуф дар ихтилоф ва ҷудоӣ буданд. Дар ин хусус доктор Қосим Ғанӣ дуруст фармудааст:

«Аммо... бузургтарин низоъҳо ҳамеша бар сари ақидаи ваҳдати вуҷуд будааст. Зеро мутакаллимин ва баъзе аз фуқаҳо фалсафаи мадрасӣ ва ҳикмати мазҳаби тартиб дода буданд ва чунон таълим медоданд, ки Худо ваҳдати мутлак ва зоти лойатағаййири ғайри мумозиҷ (ҳамроҳнашаванда) ба ашёст ва иродаи маҳз аст ва мо фавқи ҳар эҳсос ва инфиол (таъсирпазирӣ) ва таасурест. Қувваи қоҳирест, ки ҳеҷ башаре ба ҳар мартабае бирасад, наметавонад бо ӯ иртибот ё муносибате пайдо кунад. Возеҳ аст, ки худое, ки ба ин шакл ё ақоид назири он дар ҳикмати ис-

ломӣ ва илми калом васф шуда, бо ақидаи ваҳдати вуҷуди суфийя ва фикри онҳо дар худо фарқи бисёр дорад»[40].

Бале, аҳадияти худо дар Қуръони маҷид борҳо зикр шудаст. Боргоҳи худованд тааррузнопазир аст ва касеро ба он мадхал ва мансубият нест. Аҳли тасаввуф ҳам ба ин мункир нестанд. Аммо қурби ҳазрати Инсонро ба зоти илоҳӣ аҳли ирфон эътироф мекунанд. Иттиҳод ва иттисоли рӯҳи Инсонӣ бо зоти илоҳӣ дар афкори орифон ба рамзу истиора оварда шудааст. Аммо ин рамзу истиора холӣ аз бунёд нест. Аҳли ирфон ин ҷо ба бисёр оятҳои Қуръон, ки дар он Ҳақ таоло Инсонро ба рӯҳи худ пайваст мекунад ва нишонаҳои рубубиятро ба воситаи намоён гаштани ин нишонаҳо дар «ҷони нафси» инсонӣ намоиш медиҳад, истинод кардаанд. Мо дар боло аз сураи Сод ояти 72-ро овардем, ки дар он Ҳақ таоло фармудааст, ки ӯ субҳаноҳу ба инсон аз рӯҳи худ дамидааст.

Дар бузургдошти Инсон дар мавҷудоти олам (ҳам замину ҳам осмон) дар Қуръони маҷид бисёр оёт омадааст. Аз ҷумла:

«Ва лақад каррамно Бани Одама ва ҳамалноҳум филбарри ва-л-баҳри ва разақноҳум ми-т-таййиботи ва фаззалноҳум ало касири-м-миман халақно тафзилан» (Ва ба яқин мо писарони Одамро гиромӣ доштем ва онҳоро дар хушкӣ ва дарё нишонидем ва аз покизаҳо ризқашон додем ва онроҳо ба бисёре аз онон ки офаридем, бартарӣ додем, бартарии додани — Сураи Бани Исроил, ояти 70).

Ва из қола раббула ли-л-малоикати иннӣ ҷоилун фи-л-арзи халифатан» (Ва чун парвардигорат ба фариштагон гуфт: Ман бар онам, ки дар замин (ба худ ҷонишин бигуморам» сураи Бақара, ояти 30). Зайнулобидин Роҳнамо баъди ин тарҷума дар поварақ аз тафсирҳои гуногуни Қуръон чунин тавзеҳот овардааст:

«Ин олитарин рутбаест, ки худованд дар дастгоҳи офариниши худ ба башар медиҳад, ки ӯро ҷонишини (халифаи) худ месозад. Ин калима аз решаи «халаф» ба маънии «ҷонишини касе шудан ва баъд аз касе омадан ва низ дар миёни бандагони худо ҳукм ва қазоват кардан аст. Муаллифи «Баҳр-ул-ҳақоиқ» «халифа»-ро ба ин маънӣ гирифта, ки халаф аст аз ҷамеи мавҷудот. Ва муқавванот (ҳастии олам) халафи ӯ наметавонад буд, зеро ки ӯ (одам) маҷмаи ғароиб ва манбаи рағоиби ғайб ва шаҳодат аст, хулосаи аволими ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ бо ӯст ва ҷомеи ҳақоиқи улвӣ ва сифлӣ ҳама ӯст (одам аст):

Одамӣ чист? барзахи ҷомеъ,
Сураташ халку Ҳақ дар ӯ ломеъ.
Муттасил бо дақоиқи ҷабарут,
Муштамил бар ҳақоиқи малакут.

Башар бо доштани чунин қудрат, ки ҷонишини худованд бошад ва ин ки ӯ қодир аст ҳам хуб ва ҳам бад кунад, худованд ба барқарории ӯ ба самти хилофати худ ба рӯи замин ишора мекунад, дар сурате, ки фариштагон аз торикиҳо ва ҷиноёти зиндагии башар ва суиистифодаи аз ҳар қудрате, ки ба дасташ меафтад, гуфтугу мекунанд ва худованд ба фариштагони худ мегӯяд: Ман чизҳое медонам, ки шумо намедонед (Иннӣ аъламу мо ло таъламун).

Дар Қуръон дар хилофати Инсон дар замин аз сӯи худованд боз як ояте ҳаст: «Хува-л-лазӣ ҷаалакум халоифа-л-арзи», ӯ касест, ки шуморо дар замин халифагон қарор дод». (Сураи Анъом, ояти 165). Ҳусайни Воизи Қошифӣ ин оятро чунин тафсир кардааст: «Яъне шуморо ба ҷои пешиниён мутамаккин сохт ва мақолиди (калидхои) тасарруф дар замин ба қабзаи иқтидори шумо бозгузошт».

Гузашта аз бузургдошти Инсон, ки ҷонишини Худованд дар замин будааст, Ҳақ таоло нишонаҳои қудрат ва тавонони офариниши худро ба воситаи Инсон зоҳир намудааст. Ва дар ин маънӣ дар Қуръон ин ояти шарифа омадааст: «Санурихим оётино фи-л-офоқи ва фӣ анфусиҳим, ҳатто йатабаййана лаҳум аннуҳу-л-Ҳаққу» — «Ба зудӣ ба ишон оёти хешро бинамоем дар ҳар сӯе (аз ҷаҳон) ва дар нафсҳои худашон, то ишонро ошкор гардад, ки Қуръон рост аст»[41]. Худо оёти худро барои Ҳақ бовардании Қуръон ё Расули худ ҳам дар Офоқ, ки ҷаҳони куброст ва ҳам дар «нафсҳои, яъне дилу ҷони» Инсон намоён намудааст, ки ин олами сағира мавҷудот — офариниш аст ва Ҳусайни Қошифӣ мефармояд:

«Дар «Аҳкоф» оварда, ки офоқ олами кабир аст ва анфус олами сағир ва ҳар чи аз далоили қудрат дар олами кабир аст, намуд аз он дар олами сағир аст... ҷамеъ он чи дар олам аст, муфассалан дар нашъаи инсон мундариҷ аст муҷмалан. Пас Инсони олами сағир муфассал аз рӯи мартабаи Инсон олами кабир аст ва олам Инсони сағир. Рубой:

Эй он ки туро аст мулки Искандару Ҷам,
Аз ҳирс мабош дар паи ним дирам.
Олам ҳама дар туст, валекин аз ҷаҳл
Пиндоштаи ту хешро дар олам[42]

Ба ин тарик қурбати Инсон ба Ҳақ таоло ва таҷассуми рӯҳи Илоҳӣ дар Инсон борҳо дар оёти шарифаи Қуръон таъкид ва таъйид шудааст. Ва аҳли тасаввуф дар ақоид ва афкори худ бар боби иттисол ва иттиҳоди Инсони комил ба ҳарфу маонии Қуръон такя кардаанд. Дар ин ҷо инҳироф ва шаккоки дар аҳкоми шаръӣ ва фармудаҳои Қуръон дида намешавад. Факат ин ки дар баъзе расоил, аз ҷумла дар «Меъроҷи» Боязид ва баъзе ашъору назми сӯфиёна рамзу истиораҳое ҳаст, ки дар он ин маъниҳои Қуръон тавҷеҳу тафсирҳои махсусе гирифтааст. Ин ҷо то андозае озодии тахайюл ва парвози тафаккуроти шоирона дида мешавад, на инҳироф ва дурӣ аз аслу моҳияти дину шариат. Чунончӣ, Ҳофиз дар ғазали зерини худ аз бузургии Инсон мутаранним шуда дар рамзу таъбироти шоирона ҳамон маъниҳои оёти шарифаро мутазаккир шудааст.

Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд,  
Гили Одам бисириштанду ба паймона заданд.  
Сокинони ҳарами сатру ифофи малакут  
Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд.  
Шукри эзид, ки миёни ману ӯ сулҳ афтод,  
Қудсиён рақскунон соғари шукрона заданд.  
Осмон бори амонат натавонист кашид,  
Қуръаи фол ба номи мани девона заданд...[43]

Дар ин ҷо ҳама таъбироти рамзомезу мустаор (мисли ба дари майхона омадани малоик, бо гадои сари кӯй бодаи мастона задани онҳо, миёни Ҳақ (ӯ) ва Инсон сулҳу иттиҳод афтодан, ҳамон маъниҳои Қуръонро ифода намудааст, ва ҳатто ояти шарифаи 72 «инно аразно...» аз сураи «Аҳзоб» дар пардаи шеър хеле закиёна ифода ёфтааст (Осмон бори амонат...)[44].

Бузургдошти Инсон дар афкору ақидаи Боязиди Бистомӣ боз ҳам ба пояҳои баландтар мерасад. Дар Инсон на танҳо руҳи Илоҳӣ, на танҳо таҷаллии сифоти зоти Илоҳӣ зоҳир мегардад, балки Инсон худ ба илми Ҳақ расида ва худ намоёнгари Ҳақ аст. Ва гузашта аз ин Инсон дар мақоми Ҳақ қарор гирифтааст. Ӯ ба Ҳақ мерасад ва аз Ҳақ назар меандозад. Дар Меъроҷи Боязид омадааст:

«Пас дидаи ман аз воситаи дидан ва аз «ман» дидан бардӯхт ва нигариш ба асли ҳувийяти хеш даромӯхт ва маро аз буди худ ночиз кард ва ба бақои хеш боқӣ гардонид ва азиз кард (ба) «худии худ». Аз ин ҷо маълум мешавад, ки Инсон дар мақоми ба Ҳақ расидан аз вуҷуди ҷисмонии худ берун мешавад ва бақои рӯҳонӣ мегирад. Инак, дар

хамин маком ӯ бо Ҳак ба Ҳак мерасад. «Лочарам Ҳақ маро ҳақиқат бифармуд ва аз Ҳақ ба Ҳақ нигоҳ кардам ва Ҳақро ба ҳақиқат бидидам ва он ҷо маком кардам.. Ҳакро бар ман бахшоиш омад ва маро илми азалӣ дод ва забон аз лутфи худ дар коми ман ниҳод ва чашмам аз нури худ биёфарид. Ҳама мавҷудотро ба Ҳақ бидидам. Чун ба забони лутф бо Ҳак муноҷот кардам ва аз илми Ҳақ илм ба даст овардам ва ба нури ӯ бад-ӯ нигаристам»[45].

Хеле ҷолиб аст, ки Инсон дар мартабаи бақо ба Ҳақ мерасад, аммо ба пайғамбари акрам расида наметавонад. «Ҳарчанд хостам то танобн хаймаи Муҳаммад Расулуллоҳ битавонам дид, заҳрае надоштам ба Муҳаммад расидан, бо он ки ба Ҳақ расидам, яъне ҳар касе ба қадри худ ба худои таоло тавонанд расид, ки Ҳақ бо ҳама ҳаст, аммо Муҳаммад алайҳисалавоти васаллам дар пеши Он дар садри хос аст, лоҷарам то водии «ло илоҳа иллоллоҳ» қатъ накунӣ, ба водии «Муҳаммад расулуллоҳ» нарасӣ. Ва дар ҳақиқат ҳар ду водӣ якест»[46]

Боязиди Бистомӣ ҳамчун Инсоне, ки ба мақоми Ҳақ расидааст, ба Муҳаммад расида наметавонад (Дар ин ҷо ва баъдан Боязид на ба маънии ин шахс, балки ҳамчун таҷассуми Инсон ва ба маънии Инсон меояд). Чаро? Зеро Муҳаммад (с) ҳамчун Инсон мисли дигарон ба Ҳақ расидааст, аммо ҳамчун паямбаре, ки ба уммати худ «ло илоҳа иллоллоҳро» ваҳй овардааст, аз ҳамаи Одамон дар мақоми садр, яъне мартабаи болотар менстад. Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки Боязид, ки ҳамчун Инсони Ҳақ аз паямбар болотар менстад, ин ҳамон Инсон аст, ки бо нури Ҳақ мебарояд. Ин Инсони Ҳақ ҳам Боязид аст ва ҳам паямбар. Ва паямбар, ки акрами уммат( омма) аст, ӯ дар садри Инсони Ҳақ ҷой мегирад. Бинобар ин «ливои ман аз ливои Муҳаммад (с) бузургтар аст» гуфтани Боязид Муҳаммад — Инсони Ҳақро аз Муҳаммад паямбар баландтар гузоштан аст. Дар ин ҷо ҳеҷ тардид ва шаккокие ба унвони ҳазрати Муҳаммад дида намешавад, чунон ки мухолифони Боязид ӯро дар куфр айбдор мекунанд. Ва инак Боязиди Бастомӣ мегӯяд:

«Илоҳо, ҳар чи дидам, ҳама «ман» будам, бо «манин ман» маро ба ту роҳ нест ва аз худии худ маро гузар нест. Маро чӣ бояд кард?» Фармон омад, ки «халоси ту аз «туии» ту дар мутобиати дӯсти мост Муҳаммад алайҳиссалавот васаллам. Дидаро ба хоки қадами ӯ иктиҳол кун ва бар мутобиати ӯ мулозамат намой!»

Ва Аттор дар ин чо чунин фикре мегӯяд: «Тааччуб аз қавме дорам, ки касе̂ро чандин таъзими нубувват бувад, онгоҳ сухане гӯянд ба хилофи ин ва маънии ин». Ва пас сухани Боязидро идома медиҳад, ки дар он чо ӯ Худ — яъне умуман Инсони Ҳақро аз як шахси Инсони Ҳақ — Муҳаммад болотар мегузорад. Дар ин бологузорӣ ҳеч ихтилофе дар назари Боязид нест, чунки ӯ ба воситаи мутобиат ба Муҳаммад (с), ки онро низ Ҳақ фармудааст, ба ҳамин дарачаи Ҳақ расидааст:

«Боязидро гуфтанд: «Фардои қиёмат халоиқ дар таҳти ливои Муҳаммад алайҳиссалавот ва-д-саллам бошанд?» (Боязид) гуфт: «Ба худои таоло, ки ливои ман аз ливои Муҳамад алайҳиссалавот вассалом зиёдат аст, ки халоиқ ва пайғамбарон дар таҳти ливои ман бошанд. Чун Манеро на дар осмон масал ёбанд ва на дар замин сифат донад— сифоти ман дар ғайби ғоиб аст. Чун касе чунин бувад, чӣ гуна ин — Қас бувад»? Ин чо бояд диққат кард. Дар сурате, ки Инсон чунин сифати илоҳӣ дошта бошад, пас он Қас нест, балки худи Ҳақ аст.

«...Балки ин касро забони Ҳақ бувад ва гӯянда низ Ҳақ бувад». Боязид бар он меояд, ки Инсон худ Ҳақ аст. Ва аз ин чост, ки нутқи ин Инсони Ҳақ гуфтанӣ, шуниданӣ ва диданӣ нест. «Бе йантуқ ва бе йасмаъ ва бе йабсар». Ва аз ин чост, ки Ҳақ ба забони Боязид сухан мегӯяд ва он ин бувад, ки «ливоӣ аъзаму мин ливои Муҳаммади алайҳиссалавоти васаллам, балки ливои Ҳақ аз ливои Муҳаммад азимтар бувад». Яъне Боязид мегӯяд, ки «ливои ман аз ливои Муҳаммад (с) бузургтар аст. Зеро Ман Ҳақ ҳастам ва ливои Ҳақ аз ливои Муҳаммад бузургтар аст. Зеро Ҳақ дар асл Инсон аст ва Инсон Ҳақ аст. «Ва чун раво дорӣ, ки «Иннӣ аноллоҳу» (Ба дурустӣ ки ман Оллоҳ ҳастам) аз дарахте падид ояд, раво дорад, ки «ливои аъзаму мин ливои Муҳаммадӣ» ва Субҳонӣ, мо аъзаму шонӣ» (Покам ман, чӣ бузургаст шаъни ман!) аз дарахти ниҳоди Боязид падид ояд»[47].

Аз ин чо маълум мешавад, ки Боязид Муҳаммадро ҳамчун Инсоне, ки ба дарачаи Ҳақ аст, аз дарачаи Муҳаммаде, ки расули акрам аст, баландтар мегузорад. Ва маънии «Иннӣ аноллоҳу» таҳтуллафзан он нест, ки «ман Боязид худо ҳастам», балки маънии он бузургии Инсон аст, ки «ҳар Оина Ҳаққ аст, яъне Оллоҳ аст».

Уламои дин маъниҳои рамзии нуктаҳои ниҳоят нозук ва печидаи Боязидро дуруст намефаҳмиданд ва аз ин сабаб

ӯро дар шаккокӣ нисбат ба паямбар айбдор мекарданд. Ва сабаби чанд вақт аз Бистом фирорӣ шудани Боязид шояд дар ҳамин гуфтаҳои бебоконаи ӯ бошад. Ҳатто Ҷомии бузург дар «Нафаҳот-ул-унс» аз Боязид ёловар шуда ӯро ҳамчун шайх ва сӯфии бузург тавсиф намуда аммо аз ин гуфтаҳои Боязид, ки мағзи ақоиди ӯро ташкил мекунад, ба хомӯшӣ мегузарад[40].

Аз он чи дар ҳоли Боязиди Бистомӣ гуфтем, маълум мешавад, ки хулосаи ақоиди ӯ иттиҳод ва иттисоли Инсон бо зоти илоҳӣ будааст, ки онро ӯ бо шиоре «ман оллоҳам» — «иннӣ аноллоҳу» — баён кардааст.

Ҳарчанд афкор ва ақоиди Боязиди Бистомӣ дар таблиғи иттиҳоди рӯҳи Инсон бо зоти илоҳӣ дар байни шайхони сӯфия як ваҷду ғалёни бузурги эҳсос хаячон ба вуҷуд овард ва шиори ошкору далеронаи ӯ «Иннӣ аноллоху» — Ҳар оина ман оллоҳ ҳастам» уламони расмро ба табу ларза ва хашму ғазаб андохт, аммо ӯ аз таарррузи уламо ба қасди ҷонаш эмин монд. Шояд бонси ин он буд, ки Боязид аз табақаи аъён буда ва ҷадду падари ӯ бо ҳукмронҳои замонаш наздик буданд. Аммо чанд сол гузашту ба даъвои ҳамин «ман оллоҳам» яъне «ана-л-ҳаққу» орифи дигари номбардор Ҳусайни Ҳаллоҷ ба қатл расид.

**Ҳусайни Мансури мулаққаб ба Ҳаллоҷ соли 858** дар ҷануби Эрони имрӯза дар вилояти Форс дар мавзеи Байзо таваллуд шудааст. Гузаштагони Мансур дар кеши зардуштӣ буданд ва падари ӯ ислом оварда буд. Падари ӯ созкунандаи пахта — ҳаллоҷ буд ва ин лақаб баъдтар ба Ҳусайни Мансур — писари ӯ низ мансуб гашт. Падари Мансур дар туфулияти Мансур ба шаҳри Восит кӯчид ва дар ҳамин шаҳр Мансури Ҳаллоҷ таҳсили илм ва касби камол намуд. Дар ин замон тасаввуф дар ҷомеаи ислом нуфузи зиёд дошт ва гумон меравад, ки Мансури Ҳаллоҷ аз солҳои наврасӣ ба ҷуз касби илмҳои мутадовили замонаш ба таълимот ва ақоиди сӯфийя рағбат ва майли зиёд доштааст. Шояд дар ҳамин солхо бошад, ки ӯ бо ҷамоаи сӯфиён алоқамандӣ дошт ва дар маҳфилу маҷлисҳои онон дохил буд.

Ҳаллоҷ дар ҳабдаҳсолагӣ аз Восит ба шаҳри Тустар сафар мекунад ва ба хидмат ва доираи маҳфили яке аз шайхони номдори ин шаҳр Саҳл ибн Абдуллоҳи Тустарӣ (дар баъзе сарчашмаҳо ин шаҳр ба номи Туштар омадааст) медароял. Чанд муддат дар ҳалқаи муридони ин шайх буд —номаълум аст. Аммо баъд ӯ ба шаҳри Басра меравад,

ки ин шаҳр яке аз гаҳвораҳои пайдоиш ва густариши афкору ақоиди тасаввуф буд. Дар ин шаҳр ӯ ба шайхи бузург Амр ибни Усмони Маккӣ дасти иродат медиҳад ва яку ним сол (ҳаҷдаҳ моҳ) дар хидмати ӯ мемонад. Чунонки Аттор менависад, Амр ибни Усмон ба як боисе аз Ҳаллоҷ ранҷида ва Ҳаллоҷ хидмати ӯро тарк мекунад. Вақти рафтан Ҳаллоҷ гӯё як рисолаи навиштаи ин шайхро ба номи «Ганҷнома» аз зери саҷҷодаи ӯ пинҳонӣ гирифта бо худ мебарад. Шайхи мазкур дертар аз ин воқеа воқиф шуда дуои бад мекунад, ки «он мард, ки он «Ганҷнома» бурд, дастҳо ва пойҳояш бибуранд ва бар дораш кунанд ва бисӯзонанд ва хокистараш ба бод барди ҳанд»[49].

Ҳаллоҷ аз Басра ба Бағдод меравад ва ба ҳалқаи муридони Ҷунайди Бағдодӣ, ки дар ин вақт шуҳрат ва нуфузи калон дар ҷомеа ва пеши назари халифа дошт, дохил мешавад. Ҷунайд ӯро қабул карда «ба сукут ва хилват» мефармояд. Чунонки Аттор мегӯяд, Ҳаллоҷ «чанд гоҳ дар суҳбати ӯ сабр кард. Пас қасди Ҳиҷоз кард»[50].

Ба ҳамин тариқа, Ҳаллоҷ ба зиёрати Макка меравад ва он ҷо як сол иқомат мекунад. Дар ин ҷо ӯ шабонарӯз дар зикру ибодат ва риёзату қаноати орифона ба сар бурд. Ба назари мо, Ҳаллоҷ дар ин ҷо дар байни сӯфиён обрӯю нуфузи калон пайдо мекунад ва дар атрофи ӯ пайравону муридони мухлиси бисёре ҷамъ меоянд. Ба ин ҳамон ишораи Аттор шоҳид аст, ки мегӯяд: «Як сол он ҷо (яъне дар Макка) муҷовир буд, ба Бағдод омад бо ҷамоате сӯфиён».

Аз ин ҷо тахмин кардан мумкин аст, ки Ҳаллоҷ дар ин солҳо на мурид у пайрави ягон шайх, балки худ муршид ва сарвари ҷамоаи орифон буд ва худ афкору ақидаи махсусу мустақилро пайравӣ ва тарғиб мекард. Аттор мегӯяд, ки Ҳаллоҷ дар Бағдод «қасди Ҷунайд кард ва аз ӯ масъалае пурсид, Ҷунайд ҷавоб надод ва гуфт: «Зуд бувад, ки ту сари чӯбпорае сурх бикунӣ». Яъне сари дор. Ҳусайн гуфт: «Он рӯз ман сари дор сурх кунам, ки ту ҷомаи аҳли сурат пӯшӣ».

Аз ин гуфтугӯй ва аз воқеоти тарҷумаи ҳоли Ҳаллоҷ то ин дам чунин хулоса гирифтан мумкин аст, ки ӯ аз ҷавонӣ озодандеш, соҳиби афкор ва ақоиди мустақил будааст. Ин афкору андешаҳои ӯ хеле бебокона будаанд, ки ӯ бо шайхони бузурги замонаш, ки ба ӯ ҳукми устодӣ доштанд, созиш карда натавонистааст. Аз хидмати Саҳли Тустарӣ рафтани ӯ, бо Амр Усмони Маккӣ густохӣ кардани вай ва ниҳоят бо Ҷунайд, ки шайх ва орифи номбар-

дори он вакт буд, дар болои «масъалае» талош кардани Ҳаллоҷ аз шӯру исён ва хислати ҷасуронаву акидаи ниҳоят ошубгаронаи ӯ шаҳодат медиҳад. Дар ин хусус Аттор ҳам баъдтар навиштааст, ки мо поинтар аз он сӯҳбат хоҳем кард.

Шояд дар асари ҳамин фошгӯӣ ва далерии Ҳаллоҷ буд, ки дар ин солҳо бузургони Бағдод ба катли Ҳаллоҷ ҳукм мебароранд ва дар иҷрои ин ҳукм ба халифа муроҷиат мекунанд. Аттор мегӯяд, ки Ҷунайд дар ҷомаи сӯфиён буд, ва «он хат менавишт». Аз ин ишора чунин мебарояд, ки шахсоне, ки ба катли Ҳаллоҷ ибром намуда буданд, уламои расмии шаҳр ва ҳокимони замон будаанд. Аттор накл мекунад: «Халифа гуфт, ки хатти Ҷунайд бояд. Ҷунайд аз хонакоҳ ба мадраса рафт ва ҷомаи аимма (имомон) дарпӯшид ва он хат бинавишт, ки «наҳну наҳкуму би-з-зоҳирӣ» яъне Ҳаллоҷ «бар зоҳири ҳол куштанист ва фавто бар зоҳир аст, аммо ботин худой бидонад»[51].

Маълум мешавад, он андешаву афкоре, ки Ҳаллоҷ дар ин шаҳр таблиғ мекард, ба зоҳири аҳкоми дин рост намеомад ва то дараҷае аз доираи шариату суннат берун будааст, ки уламо ба катли ӯ фатво додаанд. Танҳо шафоати Ҷунайд ӯро аз ин вартаи ҳалок наҷот дод.

Аммо бо ин ҳама некие, ки Ҷунайд дар ҳакки ӯ кард, Ҳаллоҷ дар масъалае, ки ба Ҷунайд пешниҳод карда буд, бо ӯ мувофикат карда натавонист. Ва ҳамин ихтилоф байни Ҳаллоҷу Ҷунайд ва зиёда аз ин хатари ҷон, ки аз сӯи уламо ба ӯ таҳдид мекард, ӯро маҷбур сохт, ки Бағдодро тарк гӯяд «ва зани худ гирифта»[52] ба Тустар баргардад.

Ҳаллоҷ дар Тустар як сол истиқомат кард. Дар ин муддат ӯ бо орову андешаҳои сӯфиёнаи худ дар миёни мардум шӯҳрату нуфузи калон пайдо кард («ва кабули азим дар дили халқ ӯро падид омад»). Аммо ӯ бо уламо ва табакаи ашроф ҳамчунон носозгор буд ва суханони пешвоёни шариатро писанд намекард. Аз ин ҷо буд, ки уламоро нисбат ба вай хусумату ҳасад зиёд шуд. Сарвари мухолифони Ҳаллоҷ дар ин шаҳр ҳамон Амр ибн Усмони Маккӣ буд, ки Ҳаллоҷ бо ӯ ҳеҷ оштӣ кардан натавонист ва шояд майлу оштӣ ҳам надошт. Ин шайх дар ҳакки Ҳаллоҷ номаҳои тӯҳматангез навишта ба деҳкадаҳои Хузистон паҳн кард ва мардумро ба мукобили ӯ шӯронид. Дар ин ихтилоф баъзе сӯфиёни гумроҳ ва тарафдори Амр ибни Усмон низ ҳамроҳ шуданд.

Ва ниҳоят, чунон ки Аттор менависад, Ҳиллоҷро низ аз ин қисса дил бигирифт, ҷомаи сӯфиён берун кард ва қабо дар пӯшид ва ба суҳбати абнои замон машғул шуд. Дар фарҳанги «Ислом», «қабо»-ро либоси оддии ҳарбӣ (ё ҷанговар) гуфтаанд, ки ба назари мо, чандон саҳеҳ нест. Тақриб он аст, ки Ҳаллоҷ бар хилофи сӯфиёни зоҳирпараст ва гумроҳ аз хирқаи дарвешӣ ва суҳбати онҳо даст кашида, ба қавли Аттор, «ба суҳбати анбои дунё машғул гашт»[53] яъне бо мардуми оддӣ ва табақаҳои гуногуни ҷомеа анису ҳамсуҳбат шуд.

Дар асари таъқибот ва бадгӯиҳои сарони шаҳр Ҳаллоҷ маҷбур шуд аз Тустар фирор кунад ва панҷ сол ӯ шаҳр ба шаҳру кишвар ба кишвар сафар мекард. Дар таййи ин сафарҳо Ҳаллоҷ ҳамчунон ба тарғиб ва таблиғи ақидаву афкори сӯфиёнааш машғул буд ва дар шаҳру кишварҳои мухталиф мухлису пайравони бисёр пайдо кард. Аммо, аз тарафи дигар, уламои расмӣ ба зоҳири гуфтаҳои ӯ эътироз карда, маънии ботинии онҳоро ба назар намегирифтанд ё ба назар гирифтан намехостанд. Ҳаллоҷ аз бими ҷон шаҳр ба шаҳр овора мегашт ва дар ҷое маскан гузида наметавонист. Дар ин хусус Аттор навиштааст:

«Панҷ сол нопадид шуд. Ва дар он муддат баъзе ба Хуросон ва Мовауннаҳр ва баъзе Нимрӯзу Систону Кирмон, пас ба Порс бозомад ва аҳли Форсро кутуби нафис тасниф кард. Ва аҳли Аҳвозро сухан гуфт ва наздики хосу ом мақбул гашт. Ва аз асрор (розҳои пӯшида) халқро мегуфт, то ӯро «Ҳаллоҷ-ул-асрор» гуфтанд»[53].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Ҳаллоҷ дар ин сафарҳо фақат аз асрори таълимоти сӯфиёна, яъне аз Ҳақ ва расидан ба Ҳақ таблиғу тарғиб мекард ва дар ин ваъзу суханрониҳо пайравони бисёр ҷамъ кард ва шӯҳрати ӯ дар шаҳру кишварҳо интишор ёфт. Баъди панҷ сол боз ба Басра бозгашт ва дар ин ҷо боз хирқа — мураққаи сӯфиёна дар бар кард.

Ҳаллоҷ дар Басра бисёр наистод ва дере нагузашту ӯ қасди зиёрати Макка кард. Дар ин сафар сӯфиён ва мухлисони бисёре (ба қавле зиёда аз чор сад тан) ҳамроҳ ва ҳампои ӯ буданд. Ин ҷамоаи бузург ва сарвари бонуфузи он Ҳусайни Ҳаллоҷ дар Маккаву атрофи он шӯҳрату овоза бардоштанд ва мардум ҳама барои шунидани ваъзи Ҳаллоҷ ҷамъ меомаданд. Ҳаллоҷ суханҳои пуррамзу пӯшида мегуфт, ки на ҳама онро мефаҳмиданд, аммо дар маънӣ ҳама суннати зоҳири динро мунҳариф мешуд ва бинобар ин

уламо ва аҳли Макка ба муқобили Ҳаллоҷ хуруҷ карданд. Яке аз аиммаи номдори он ҷо Абу Яъқуб Ҳунари Ҷурӣ Ҳаллоҷро ба соҳириву ҷодугарӣ нисбат дод ва тавонист қисме аз мардумро бар ӯ барангезад Ҳаллоҷ маҷбур шуд аз Макка бозгардад. Ӯ чанде дар Басра ва Аҳвоз ба сар бурд. Аммо дар асари хуруҷи мухолифони ӯ аз ҷумлаи уламо ва фуқаҳо, ки аз таблиғот ва мавъизаҳои шаттохонаи ӯ ба тарсу ваҳм афтода ӯро таъқиб мекарданд, Ҳаллоҷ маҷбур шуд боз ҷалои ватан кунад. Ӯ ба дӯстони худ гуфтааст, ки «ба билоди ширк (кофирон) меравам, то халқро (ба сӯи) худо хонам» ва ба Ҳиндустон сафар кардааст. Аз Ҳиндустон боз ба Хуросону Мовароуннаҳр рафт, пас «ба Мочин (эҳтимол Кошғар бошад — Р. Ҳ.) шуд ва халқро ба худой хонд ва ишонро тасониф кард», яъне барои онҳо рисола таълиф намуд[54].

Аз ин сафари дуюми тӯлонӣ Ҳаллоҷ эҳтимол боз ба Басра омада бошад (аз ин хусус Аттор чизе нагуфтааст). Шӯҳрати Ҳаллоҷ дар ин солҳо ба дараҷае буд, ки ба номи ӯ аз мухлисону пайравон ва муршидони бисёраш, ки дар шаҳру кишварҳои сафар кардааш буданд, ҳаррӯза номаҳо мерасид ва дар ин номаҳо бошандагони ҳар вилоят ӯро ба лақабу номҳои ифтихории гуногун хитоб мекарданд. Аз Ҳинд ба лақаби Абулмуғис (Падари ёрирасон), аз Чин — Абулмуин, аз Хуросон — Абулмумайййиз, аз Порс — Абӯабдуллоҳи зоҳид, аз Хузистон — Ҳаллоҷ-ул-асрор, аз Бағдод — Мусталам[55]. Ва дар Басра, ки ин замон иқомат дошт, ба лақаби Мунчар («Мукаммал, муяссар») шӯҳрат дошт.

Аммо иқомати ӯ дар Басра тӯл накашид. Дар шаҳр боз дар атрофи ӯ фитнаву ғаммозӣ боло гирифт, дар ҳаққи ӯ ҳар гуна бадгӯӣ ва гумонҳои бад мебофтанд. Ҳаллоҷ маҷбур шуд бори сеюм ба Макка сафар кунад, то дар зиёрат, тавоф ва ибодати Маккаи муаззама аз ин дасисаву фитнаҳо халосӣ ёбад. Ӯ ин бор дар Макка ду сол муҷовир буд.

Кашиши ватан ӯро боз ба ҷониби ҷоҳои ошнову шиносаш овард. Ӯ ҳамоно боз дар Басра иқомат ихтиёр кард. Боз дар ин ҷо ба таблиғу мавъизаи сӯфиёнааш машғул шуд. Чунон ки Аттор менависад, дар ин дафъа ҳолати ӯ билкул тағйир ёфта буд. Зикру риёзат ва эътиқоди покдилонаву самимонааш ӯро ба ҳолати ваҷду фаромӯшӣ ва қаробат ба зоти илоҳӣ оварда буд. Дар ин ҳолат «ба ранге дигар буд, ки халқро ба маънӣ ҳамехонд, ки касе бар он вуқуф намеёфт». Ин ишораи Аттор далолат бар он аст, ки он чи Ҳаллоҷ мегуфт, ба гӯшу ҳуши мардум намерасид,

саҳехтараш он ки уламову фуқаҳо қабул надоштанд. Гузашта аз ин, уламову арбоби дин диданд, ки тарғибу таблиғи Ҳаллоҷ, ки то ба дараҷаи хитоби «анал-ҳақ», яъне «ман худо ҳастам» расида буд, мардумро метавонад шўронад ва бар асоси дини ҳанифи ислом ларза андозад. Онҳо ба ҳар роҳ чораҳо меандешиданд, ки Ҳаллоҷро аз сари роҳи худ дур созанд. Ба ин таъқиботи уламо вазири аббосиён Ибн-ал-Фурот сардорӣ мекард. Ҳаллоҷ маҷбур шуд соли 908 ба шаҳри Сус фирор кунад. Аммо ўро дастгир карданд ва ба Бағдод оварда ба маҳбас андохтанд. Ўро ба илҳод ва таблиғи қарматия айбдор карда се рўз ба сутун баста дар пеши мардум ҳамчун гунаҳкор ва муртади дин ба намоиш гузоштанд. Ва мардуми нодону бехабар ба ў нафрину лаънат мехонданд. Он чи ки дар «Тазкират-ул-авлиё» воқеаи Ҳаллоҷро заданӣ шудани Шиблӣ нақл шудааст, шояд дар ҳамин рўзҳои сахти зиндагии ў рўй дода бошад:

«Нақл аст, ки як рўз Шиблӣ наздики ў шуд, то ўро бизанад. Ў гуфт: Ё Абўбакр, дасте барнеҳ, ки мо қасди азим кардаем ва саргаштаи коре гаштаем. Ва чунин корӣ ва саргаштаи чунин кореро назананд. Мазан ки мо худ куштанро дар пеш дорем!»[56].

Аммо ин бор Ҳаллоҷ ба шафоати вазири дигари аббосиён Алӣ ибн Исо аз куштан наҷот ёфту вале чанд сол дар зиндон умр ба сар бурд. Аз зиндагии зиндонии ў чанд нақлу ривоятҳои ҷолибе дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст. Аз ҷумла: «Нақл аст, ки дар шабонарўзӣ дар банд ҳазор ракъат намоз кардӣ. Гуфтанд: «Мегўӣ ман Ҳаққам, ин намоз киро мекунӣ?» Гуфт: «Мо донем қадри мо!». Яъне Ҳаллоҷ мегўяд, ки «бале, ман Ҳаққам, ман қадри хеш медонам ва намоз ба пешгоҳи худ мекунам!» Маълум мешавад, ки Ҳаллоҷ дар банди зиндон ҳам аз ақидаву афкори худ вопас нагаштааст.

Дар солҳои зиндониаш Ҳаллоҷ рисолаи ягонаи худро дар наср бо номи «Китоб-ут-тавосин» таълиф намуд. Эътиқоди сахти Ҳаллоҷ дар афкор ва гуфторҳои худ уламо ва ҳуккомро ором нагузошт. Онҳо ба таҳрики яке аз вазирони аббосӣ Ҳамид соли 922 Ҳаллоҷро боз ба муҳокима кашиданд. Ўро ба гуноҳҳои сахттарини хилофи дин айбдор карданд ва бар дор кашиданд. Лаҳзаҳои фоҷиангез ва мудҳиши ба дор кашидани Ҳаллоҷро Аттор дар тазкирааш тасвир намудааст. Шояд дар ин нақлҳои Аттор нақши афсона ва мубoлиға бошад, аммо дар ин лаҳзаи сахт мардонагӣ, ҷасорат ва дар эътиқоду андешаҳои худ устувору матин будани

Ҳаллоҷ шакку шубҳае ба миён намеорад. Ӯ дар соатҳои пурхатар ва дар лаҳзаҳои начотбахш аз фикру орои худ як қадам ақиб нагашт. Ҳанӯз вақте ки дар зиндон буд, аз шайхони номдор Ибни Ато ва Абдуллоҳи Хафиф наздни ӯ касони наздики худро фиристоданд, ки вай аз ҳамон суханони бебоконаи худ баргардад, то чони худро ба саломат барад. Аммо Ҳаллоҷ дар эътиқоди худ маҳкам истод ва гуфт, ки «бигузор, ҳамон касоне, ки ин суханро гуфтанд, аз гуфтаи худ узр бихоҳанд». Ва Ибни Ато инро шунида гуфтааст: «Мо худ чанд аз Ҳусайни Мансурем!»

Дар сари дор ҳам Ҳаллоҷ, ки ба Ҳақ ва Худ бовар дошт, аз тарси марг ва ҳаёҳуи нафратангези мутассибони дин ба худ наларзид. Сӯи ӯ санг меандохтанд. Мегӯянд, ки аз рӯи мудоро бо ҳозирон Шиблӣ ҳам кулухе ба сӯи ӯ андохтааст ва Ҳаллоҷ ин дам оҳе кашидааст. Ба ӯ гуфтаанд: «Охир ин ҳама санг андохтанд, сухане нагуфтӣ, бад-ин гил оҳ бикунӣ?» Гуфт: «Онҳо намедонанд — маъзуранд. Аз ӯ сахтам меояд, агарчи гиле беш нест. Ӯ донад, ки намебояд андохт!» Маълум мешавад Ҳаллоҷ дар ҳамин лаҳзаҳо ҳам ба нодонӣ ва ҷаҳолати атрофиён бо нафрат назар мекард ва ҳис мекард, ки вай аз ин ҷоҳилону бебасиратони пояи дор ва майдони шаҳр дар мартабаи баландтар меистод. Ва аз ин ҷост, ки ӯ дар ин дам ба Худо рӯй оварда гуфтааст: «Илоҳо, чандин ранҷе, ки аз барои ту бар ман медоранд, маҳрумашон макун ва аз ин давлаташон бенасиб макун. Ва алҳамду лиллаҳ, ки агар дасту пои ман бориданд, дар роҳи ту буриданд ва агар сарам аз тан боз мекунанд, дар мушоҳидаи ҷалоли ту мекунанд бар сари дор!»[67].

Ҳаллоҷро ба як тарзи ваҳшиёна сар буриданд, сӯхтанд ва хокистараш бар бод доданд, то ки аз ягон зарраи ҷасади ӯ боз мисли ӯ касе ба вуҷуд наояд.

Акнун суоле пеш меояд, ки оё Ҳаллоҷ аз сӯфиёни гузашта ва муосираш дар чӣ афкору ақоид ифрот карда ва аз ҳудуди дин гузашта буд, ки ӯро ба чунин ҷазои сахт маҳкум намуданд. Оё ӯ дар ҳақиқат ба дараҷаи илҳод ё муртадӣ расида буд? Инак, барои ҷавоб ба ин суол мухтасар хулосаи ақоиду афкори ӯро аз назар бояд гузаронид.

Ҳаллоҷ аз ҷавонӣ то охири умр дар зӯҳду риёзат, ки аҳли ирфон пайрави мӯътақиди ин сулук буданд, сахт устувор ва ҳатто аз ҳад зиёд пайгир будааст. Ҳаллоҷ гуфтааст: «Дунё ба гузаштани зӯҳди нафс аст ва охират ба гузаштани зӯҳди дил аст, ва тарки хештан гуфтаи зӯҳди

чон аст»[57]. Ҳаллоҷ зуҳд ва тарки хештан гуфтанро дар риёзат ва ибодати шабонарӯзӣ мебинад. Дар тазкираи Аттор чунин нақле оварда шудааст, ки ҳарчанд асари мубоғиға боздид мешавад, аммо дар ҳар сурат аз риёзат ва сабри ҷонсупоронаи Ҳаллоҷ далолат медиҳад: «Як бор дар сафари бодия чаҳор ҳазор одамӣ бо ӯ буданд. Бирафт то ба Каъба. Ва як сол дар офтоб биистод баробари Каъба, бараҳна, то равған аз аъзои ӯ бар санг мерафт ва пӯст бозмеафганд ва ӯ аз он ҷо наҷунбид. Ҳар рӯз қурсаке биёвардандӣ, канораҳои он бихӯрдӣ, боқӣ бар сари кӯза ниҳодӣ ... Пас дар арафот гуфт: «Ё далел-ул-мутаҳайирин, агар кофирам, дар кофириям дарафзой!» Ва чун дид, ки ҳар кас он рӯз дуое мекард, ӯ сартили рег бозниҳод ва наззора мекард. Чун ҳама бозгаштанд, ба хилват нафасе бизад ва гуфт: «Подшоҳо, азизо, покат донам ва покат гӯям аз ҳама тасбеҳи мусаббиҳон ва аз ҳама таҳлили муҳаллилон ва аз ҳама пиндори соҳибпиндорон![58].

Ҳаллоҷ гуфтааст, ки ӯ пайрави ҳеҷ мазҳабе набудааст: «Дар панҷоҳсолагӣ гуфтааст, ки то акнун ҳеҷ мазҳаб нагирифтаам, аммо аз мазҳабҳо он чӣ душвортар буд, ихтиёр кардаам ва имрӯз, ки панҷоҳсолаам, ҳазорсола намоз бигзоридаам ва ҳар намозеро ғусле карда». Ҳаллоҷ баробари тоату ибодат ва риёзат ба маърифати Ҳақ расидани соликро эътироф мекунад. Барои расидан ба маърифати Ҳақ ориф бояд аз сифоти ҳастии худ даргузарад. «Ҳар ки бо сифати худ ором гирад, ориф набувад» — гуфтааст Ҳаллоҷ. «Пурсиданд, ки тариқи ба худой расидан чӣ гуна аст?». Гуфт: «Ду қадам аст ва расидӣ: Як қадам аз дунё даргир ва дигар қадам аз уқбо — инак расидӣ ба мавло». Расидан ба маърифати Ҳақ — худро ҳамчун ҳастӣ гум кардан аст ва бо таҷаллии зоти Ҳақ «бо худо» — «мааллоҳ» шудан ва бақо ёфтан аст. Ва дар ин ҳол ӯ «ишорат аз худо» мекунад, яъне ба забони Ҳақ сухан мегӯяд.

«Сӯфӣ ваҳдониюззот аст, на ӯ як касро донад ва на як кас ӯро. Гуфт: «Сӯфӣ он аст, ки ишорат аз худой кунад ва халқ ишорат ба худой кунанд, яъне ӯ дар миён маҳв бувад». Ва гуфт: «Маърифат иборат аст аз дидани ашё ва ҳалоки ҳама дар маънӣ». Ва гуфт: «Чун банда ба мақоми маърифат расад, ғайб бад-ӯ ваҳй фиристад... то ҳеҷ хотир наёбад ӯро магар хотири Ҳақ».[59]

Расидан ба Ҳақ на иттиҳоди ҷисмонӣ, балки ваҳдати вуҷуди рӯҳонист, ки дар он ориф таҷаллии зоти Ҳақро мебинад, на ба чашми сар, балки ба чашми дил. Гуфт: «На

мунфасил аст башарият аз ӯ ва на муттасил аст бад-ӯ». В а гуфт: «Ӯ он аст, ки мутачаллӣ шавад аз сари сӯзане онро ки хоҳад ва мӯҳтачиб гардад дар осмону замин, аз он ки хоҳад. Пас бар ту бод, ки мағрур нагардӣ ба худои таоло ва навмед нашавӣ аз ӯ ва рағбат бикуни дар муҳаббати ӯ ва розӣ набошӣ, ки на муҳиб бошӣ ва исботи ӯ макун ва нафйи вай макун»[59]. Ҳаллоҷ дар ишқ ва муҳаббат эътиқоди калон дошт ва таблиғ мекард, ки танҳо бо эҳсоси ишқ ба худо наздик шудан мумкин аст. Аммо баробари ҳамин баъзе фикру андешаҳои Ҳаллоҷ аз ваҳдати вуҷуд ва қурби ҳазрати Ҳақ гоҳо дур мерафт ва ҳатто ба ақоиди расмии дин муқобил меомад .Чунончи, ӯ мардудият ва азоби чаҳими Иблисро аз он медонад, ки ӯ танҳо ба худо сачда мекард ва сачдагоҳи дигарро, аз ҷумла сачда ба Инсонро эътироф накард. Дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст: Нақл аст, ки Ҳусайни Мансур гуфт: «Иблиси лаин мегузашт. Мӯсоро дид алайҳиссалом. Мӯсо гуфт: «Эй ронда, чаро сачда накардӣ, то ронда нашудӣ?» Гуфт: «Бад накардам ба ғайри ӯ нигоҳ накардам, чунон ки ту, ки чун дидор хостӣ, гуфтанд — унзур илалчабали (нигоҳ кун ба сӯи кӯҳ). Ту ба кӯҳ бознигаристӣ. Ман гуфтам: «Чуз туро сачда накунам ва ба чуз ту нангарам». Ҳаллоҷ, албатта, ин чо Иблисро ба назари ҳақбини аз дарачаи Мусо баландтар бардоштани нест. Аммо фикри ӯ дар он аст, ки агар Иблис барои сачда танҳо ба даргоҳи илоҳӣ аз чаннат ронда шуда бошад, пас чаро одамӣ барои расидан ба Ҳақ ба тамоми маҳрумиятҳо тан надиҳад?

Риёзат ва маҳрумиятҳо соликро ҳатто ба дарачае мерасонад, ки ӯ мачоли шукргузорӣ ба даргоҳи Ҳақ надорад, аммо пайванди зотии солику Ҳақ ба дарачаест, ки ин чо худи Ҳақ шукргузорӣ кунад ба худи Ҳақ, ки чунин соликони тариқат дорад. Ҳаллоҷ дар ҳамон лаҳзаи ибодати худ дар Макка, ки дар боло оварда будем, дар поён мегӯяд: «Илоҳо, ту донӣ, ки чун очизам аз мавозеи шукр, ту ба чои ман шукр кун хешро, ки шукр он аст!»

Ин муболиғаҳо дар тоати Ҳақ дар маъниву мантиқ ба ботини дин халале намеоранд, аммо дар сурати тақрир ба зоҳири дин лағзиши чиддие оид мекарданд. Ҳамаи ин уламои расмӣ ва посдорони зоҳири исломро ба ташвиш наандохта наметавонист. Аммо ин гуфтаҳои дар зоҳир исёнкорона на танҳо аз Ҳаллоҷ мебаромад. Дар замони ӯ ва пеш аз вай ҳам шайхони номдору бонуфуз буданд, ки аз ин қабил гуфторҳои орифона, ки дар зоҳир куфр менамуд,

бисёр гуфтаанд, аммо ҳеҷ яке аз онҳо ба ин ҷазои мудҳиш, ки Ҳаллоҷ гирифтор шуд, мустаҳиқ нашуда буданд.

Сабаби аввалин ва умдае, ки Ҳаллоҷ пеши уламо ва фуқаҳои замонаш мавриди тардид мешуд, он буд, ки ин сӯфии шӯридаву хассос ва далеру пурдил афкор ва ақидаҳои ирфониро аз доираи хонақоҳ ва маҳфилҳои шайхон ва сӯфиёни баргузида берун овард. Дар ҳар ҳол пеш аз Ҳаллоҷ доираи шунавандагон ва мухлисони афкору ақоиди ирфонӣ ҳамон маҳфил ва суҳбатҳои на чандон оммии муршид ва пешвоёни ирфонӣ буд. Аммо Ҳаллоҷ ин орову андешаҳои дилангез ва ҷаззоби сӯфиёнаро аз деворҳои хонақоҳ ва маҷлисҳои шайхону соликон ба майдони васеъ ва доираи табақаҳои гуногуни ҷомеа, ба ҷамъияти ҳунармандону бенавоёни шаҳр баровард. Панду мавъизаҳои ирфонӣ, суханҳои дилошӯб, нуктаҳои нишонраси пуршӯр, ки Ҳаллоҷ бо эҳсоси лабрез ва ҷасорати том баён мекард, барои синаҳои пурсӯзу гудоз ва қалбҳои аз фақру бенавоӣ пурхуну пурдарди бечорагон таскину тасаллӣ ва давои рӯҳонӣ буд. Аз ин ҷост, ки мухлису муридони Ҳаллоҷ дар шаҳру деҳкадаҳо аз табақоти гуногун, ки миёни онҳо зандиқаву мулҳидин, қарматийяву исмоилӣ низ хеле зиёд буданд, ниҳоят афзуд. Дар ин табақаи мардум онҳое, ки ба ҳокимони золим ва уммоли ситамгар адовату хусумати оштинопазир ва ҳунбаҳоҷӯёна доштанд, низ бисёр буданд. Дар тазкираи Аттор омаддаст, ки дар як сафари ҳаҷ дар ҳалқаи дарвешони Ҳаллоҷ зиёда аз чор сад нафар ҷамъ омада буданд. Дар ин ҷамъият мардуми гуногунмазҳабу гуногунхислат гирд меомаданд, ҳарчанд дар ихлосу иродати онҳо нисбат ба Ҳаллоҷ самимияту садоқат ҳувайдо буд, аммо дилу нияти онҳоро якгуна ҳисобидан мумкин нест.

Аз тарафи дигар, Ҳаллоҷ на танҳо дар шаҳру марказҳои сиёсии наздики хилофат, балки дар кишварҳои атроф ва каламрави хилофат низ ҳазору даҳ ҳазор пайравону иродатмандон дошт. Ҳаллоҷ ба дили бедор ва таъсири бузурги суханаш бовар дошт, аз ин сабаб ӯ ором дар як ҷо нишаста наметавонист, дар шаҳрҳои бузургу марказҳои калони Хуросону Мовароуннаҳр, Форсу Хузистон, Ҳиндустон, Қошғар ва ғайра миёни издиҳоми мардум ва дарвешону соликон бо мавъизаву таблиғҳои сӯфиёна баромад мекард, мардумро бо қувваи сухан ва ҷозибаи орову андешааш ба тарафи худ ҷалб мекард, миёни онҳо маҳбубияту маъруфияти калон ба даст меовард. Албатта, уламои расмӣ ва посдорони русуму оини дин ба ин таъсиру нуфузи як шахси

шаккок ва бебок, ба қувваи сухан ва қудрати ваъзхои ӯ созиш таҳаммул карда наметавонистанд. Инак, ҳамин шӯҳрату нуфузи Ҳаллоҷ, ки ҳам марказу ҳам ноҳияҳои хилофатро ба шӯр оварда буд, барои ҳокимон хатарангез буд. Аз ин сабаб баҳонае, бурҳоне ва айбномаи чиддие лозим буд, ки чунин шайхи бузурги ориф ва чунин дарвеши маҳбуби умумро аз байн бардоранд. Ин ҷо танҳо «аналҳақ» гуфтани Ҳаллоҷ гуноҳи азим ҳисобида намешуд. Зеро аз Ҳаллоҷ пештар Боязиди Бистомӣ «Иннӣ ано-л-лоҳу» — «ҳар оина ман оллоҳ ҳастам» гуфта ва аз ин газанде ба ӯ нарасида буд. Ба назари мо, айбе лозим буд, ки Ҳаллоҷро дар назари мардум бадном созад. Ин айбу гуноҳ ба карматийя ва карматиён таваҷҷӯҳ ва алоқаманд будани ӯ буд.

Ҳаллоҷро танҳо ба фатвои уламо ба қатл расониданд душвор буд, аз ин сабаб айбу гуноҳҳои ӯро пеши халифа ва вазирони аббосӣ ба тасдиқ расониданд ва қатли Ҳаллоҷ бо фатвои уламо ва умарои халифаи замон ба амал омад.

Ва ниҳоят ба чунин ҷазои сахт гирифтор омадани Ҳаллоҷ носозгории ӯ бо шайхону орифони замонаш низ буд. Дар боло гуфтем, ки Ҳаллоҷ ҳанӯз аз ҷавонӣ бо устоди худ Амр Усмони Маккӣ созиш карда натавонист. Ин шайх дар лаҳзаи пурхатар на танҳо Ҳаллоҷро дастгирӣ накард, балки номаҳо навишта ӯро бадном сохт. Ҳаллоҷ бо Ҷунайди Бағдодӣ ва Шиблӣ, ки аз шайхони бузург ва бонуфузи он замон буданд, низ дар ихтилоф буд ва ба сардӣ муомила мекард. Ин орифон низ дар лаҳзаи охирин ӯро дастгирӣ накарданд, ба қатли ӯ бо хомӯшӣ ё фатвои дуҳӯра ризояти зоҳирона доданд.

Хулоса, ба қатли Ҳусайни Ҳаллоҷ фақат таблиғ ва тарғиби сӯфиёнаи ӯ боис набуд, балки ҳамон ихтилофи иҷтимоию идеологии ӯ бо ҳукком ва уламои замонаш, хуруҷҳои ошкоро ва оммавии шӯрангези ӯ дар тамоми хилофат ва қаламрави он сабаб шуд.

Дар зиндагӣ ва баъди маргаш ҳам муосирони бузурги Ҳаллоҷ ба дини мубини ислом содиқ будани ӯро эътироф кардаанд. Аз ҷумла орифи машҳур Абдуллоҳи Хафиф, ки дар вилояти Форс ба дидори Ҳаллоҷ расида буд, гуфтааст: «Ҳусайни Мансур олими раббонист». Абӯбакри Шиблӣ, ки ҳангоми ба майдон баровардани Ҳаллоҷ сӯи вай кулӯх андохта буд, баъди ҳалоки ӯ гуфтааст: «Ману Ҳаллоҷ як чизем. Аммо маро ба девонагӣ нисбат карданд, халос ёфтам, ақли ӯ ӯро ҳалок кард». Ва Аттор аз худ илова мекунад: «Агар матъун будӣ, ин ду бузургвор дар ҳаққи ӯ на-

гуфтандӣ. Моро ду гувоҳ тамом аст»[60].

Баъди вафоти Ҳусайни Ҳалоҷ дар таййи яку ним-ду қарн дар ҳаққи ӯ фикру ақидаи орифон ва шайхони мутасаввиф гуногун будааст. Дар ин мавзӯъ ҳам дар «Қашф-ул-маҳҷуб» ва ҳам дар «Тазкират-ул-авлиё» тазаккуроти равшан оварда шудааст. Ва Аттор гуфтааст: «Ва бештари машоих дар кори ӯ ибо карданд ва гуфтанд, ки ӯро дар тасаввуф қадаме нест, магар Ибн Ато ва Абдулло Хафиф ва Шиблӣ ва Абулқосим Насрободӣ ва ҷумлаи мутааххирин, илло мошаоллоҳ, ки ӯро қабул кардаанд. Ва шайх Абусаид Абулхайр ва шайх Абулқосим Гургонӣ ва шайх Абӯ Алӣ Қормадӣ ва имом Юсуфи Ҳамадонӣ разиюллоҳу анҳум дар кори ӯ саре доштаанд (ё сирре доштаанд — яъне фикри худро изҳор накардаанд). Ва боз баъзе дар кори ӯ мутаваққифанд (яъне аз изҳори ақида худдорӣ кардаанд, — Р. Ҳ.) чун устод Абулқосим Қушайрӣ, ки дар ҳаққи ӯ гуфт: «Агар ӯ мақбул бувад ба назди халқ мардуд нагардад ва агар мардуд бувад, ба қабули халқ мақбул набувад. Боз баъзе ба сеҳр ӯро нисбат кунанд ва баъзе гӯянд аз асҳоби ҳулул... Ва ҳар ки ин сухан гӯяд, худ сараш аз тавҳид хабар надорад»[61].

Муаллифи «Қашф-ул-маҳҷуб», ки қариб сад сол баъди қатли Ҳаллоҷ ба Бағдод ва ҷоҳои сафаркардаи ӯ рафта буд, навиштааст, ки дар ин ҷоҳо дар вақти зиндагии Ҳусайн ибн Мансури Ҳаллоҷ шахси дигаре ба номи Ҳасан ибни Мансури Ҳаллоҷ буд, ки «мулҳиди бағдодӣ устоди Муҳаммад Закариё будааст ва рафиқи Абӯ Саиди Қарматӣ... ва ман гурӯҳеро дидам аз малоҳида (бединон) ба Бағдод ва навоҳии он, ки даъвии таваллo бад-ӯ доштанд ва каломи вайро ҳуҷҷати зиндиқаи худ гардонида буданд ва исми «ҳаллоҷӣ» бар худ ниҳода андар амри вай ғуллув мекарданд»[62].

Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки Ҳаллоҷ чунон ки дар зиндагиаш ба табақаи гуногуни халқ мақбул ва маҳбуб буд, баъди маргаш гурӯҳҳову аҳзоби гуногун аз эътибори бузурги шахс ва орои ӯ истифода менамуданд. Муаллифи «Қашф-ул-маҳҷуб» ҳангоме, ки дар Бағдод ва атрофи он будааст, «панҷоҳ пора» аз таснифоти Ҳаллоҷро ба чашми худ дидааст. Инчунин дар Хузистону Форс ва Хуросон низ дар дастони муридон «ҷумла суханони» Ҳаллоҷро ёфта будааст.

Аз қатли Ҳаллоҷ ҳар қадар ки солҳову қарнҳо мегузаштанд, шӯҳрати ӯ боз ҳам зиёдтар мешуд ва доираи мӯъ-

такид ва ихлосмандони ӯ аз ҷумлаи мутафаккирону мутакаллимон, мисли Шаҳобиддини Сӯҳравардӣ, Муҳйиддин Ибн ал-Арабӣ, Ғаззолӣ, Ҷалолиддини Румӣ васеътар мешуд. Дертар симои Халлоҷ дар адабиёт, дар назм ва дар шеъри ирфонӣ ҳамчун таҷассуми муҳаббат ва рози пинҳонии илоҳӣ, ҳамчун ҷонсупурдаи роҳи Ҳак мартабаю манзилати пурарҷе ба худ гирифт. Ҷалолиддини Румӣ, ки аз суханону симои Ҳаллоҷ ҳам дар Девони кабири ва ҳам дар Маснавӣ бисёр ёдовар шудааст ва дар рубоие мефармояд:

Мансури Ҳаллоҷӣ ки «аналҳақ» мегуфт,
Хоки ҳама раҳ ба нӯки мижгон меруфт,
Дар кулзуми нестӣ худ ғута бихӯрд,
Онгаҳ пас аз он дурри «аналҳақ» месуфт[63].

Аз он ҷо ки ба ин ҷониб маълум аст, Ҳофиз дар ду ғазал аз Ҳаллоҷ ҳамчун орифи рози ишқи Ҳақ ва сарсупурдаи роҳи Ҳақиқат ба эҳтиром ва меҳри бузург ёдовар шудааст:

Гуфт: Он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Ҷурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.
Он ки чун ғунча дилаш рози ҳақиқат бинҳуфт,
Вараки хотир аз ин нукта муҳашшо мекард.

Ва ҷои дигар:

Таҳсили ишқу риндӣ осон намуд аввал,
Охир бисӯхт ҷонам дар касби ин фазоил.
Ҳаллоҷ бар сари дор ин нукта хуш саройд:
Аз Шофеӣ манурсед амсоли ин масоил[64].

Дар аҳвол ва осори Ҳаллоҷ дар китобҳои тазкира, ки дар аҳволи орифон ва аҳли тасаввуф тадвин шудааст (чунончи дар «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиёи» Аттор, «Нафаҳот-ул-унси» Ҷомӣ) маълумот ва нақлу ривоятҳои пуркимат оварда шудааст. Маълумоте, ки дар «Кашф-ул-маҳҷуб» мундариҷ аст, аз ҷиҳати асолат ва наздикӣ ба ҳақиқат барои мо эътимодбахш аст. Зеро муаллифи ин китоб Ҳуҷвирӣ ҳанӯз аз қатли Ҳаллоҷ сад сол нагузашта буд, ки ба Бағдод сафар кард, аз забони мардум ва шоҳидони зинда аз рӯзгор ва осори Ҳаллоҷ хабар ёфт, ва ба хондани чандин осори Ҳаллоҷ даст ёфт, ки бисёре аз ин таълифот то замони мо нарасидаанд. Эҳтимол меравад, ки Ҳаллоҷ аксари осори худро ба арабӣ таълиф карда, аммо пораҳои ҷудогонаи осори худро ба забони форсӣ ҳам навишта бошад. Ин гумони ғолиби мо аз он бармеояд, ки Ҳаллоҷ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва сар-

заминҳои дигар, ки аҳолии он эронинажоду форсзабон буданд, таблиғу мавъизаҳои худро ба забони форсӣ анҷом додааст. Дар ҳар сурат он ҷи ки Ҳуҷвирӣ дар тавсифи сабку услуб ва забони осори ӯ гуфтааст, гузашта аз забони арабӣ ба забони форсии Ҳаллоҷ ҳам дахле доштааст.

Ҳуҷвирӣ дар бораи сабку усули тақриру таблиғи Ҳусайни Ҳаллоҷ чунин гуфтааст: «Вайро тасонифи азҳар аст ва рамузу каломи музаҳҳаб (тозаву сода) дар усулу фуруъ... ҷумла суханон ёфтам чунонки иқтидои намудҳои (амалӣ) муридон бошанд. Аз он баъзе қавитар ва баъзе заифтар ва баъзе санеътар (зеботар)...» Чунонки мебинем, Ҳуҷвирӣ забону тарзи баёни ӯро созгори мазоқ ва мавриди пайравии муридони ӯ медонад. Аммо ба тарзи умум бошад, Ҳуҷвирӣ мегӯяд, ки сабку услуби ӯ барои ҳама мавриди тақлид ва пайравӣ шуда наметавонад, зеро суханони ӯ дар ҳолатҳои гуногуни ваҷду ҳаяҷон ва эҳсосу изтироб гуфта шудааст. Сухане, ки дар ҳолати ваҷд гуфта шуда бошад, аз сухану гуфторҳои ботамкинона (мутамаккин) фарқ дорад, яъне ин суханҳо ба сабки орому пироста баён намешаванд, балки шӯру ҳаяҷони дил якрангӣ ва матонати сабкро халалдор мекунад:

«Ва дар ҷумла бидон ки каломи вай иқтидорро (тақлиду пайравиро) нашояд, аз он ҷи мағлуб будааст андар ҳоли худ, на мутамаккин. Ва калом мутамаккин бояд, то ба вай иқтидо тавон кард. Пас азиз аст вай биҳамдиллаҳ таоло бар дили ман, аммо бар ҳеҷ асл тариқаш мустақим нест ва бар ҳеҷ маҳалл ҳолаш муқаррар не, андар аҳволаш фитна (ҷунун ва эҳсоси ишқ) бисёр аст»[65].

Ҳуҷвирӣ гуфтааст, ки ӯ дар аҳвол ва осори Ҳаллоҷ китобе таълиф намудааст, инчунин дар рисолае ба номи «Минҳоҷ-уд-дин» дар бораи Ҳаллоҷ маълумот ва баёнияҳо доштааст. Аммо ҳар ду ин асари Ҳуҷвирӣ то ба мо нарасидааст: «Ва пеш аз ин андар шарҳу каломи вай китобе сохтаам. Ва ба далоилу ҳуҷаҷ улувви калом ва сиҳҳати ҳолаш собит карда . Ва андар китобе, ки зикр кардаам, ба ҷуз он «Минҳоҷ» ном ибтидо ва интиҳояш ёд кардааст»[66].

Ҳаллоҷ соҳиби девони ашъори арабӣ ва чандин рисолаҳо будааст. Аммо ҳоло аз ин осори пурбаҳо танҳо девони ашъор ва рисола бо номи «Китоб-ут-тавосин» дар даст аст. Аҳвол ва тавсифи афкору ақоиди ӯ дар китобҳои таърихи тасаввуф ва таърихи адабиёт бисёр омадааст. Аммо на дар Эрону на дар Тоҷикистон китоби муфассале дар бораи Ҳаллоҷ навишта нашудаст. Хидмати бузурге дар таҳқиқ ва наш-

ри осори Халлоч олими фаронсавй Луи Массинъон анчом додааст, ки тадкикоти ӯ дар Париж ва дертар дар Бейрут ба чоп расидааст. Соли 1969 дар Техрон китоби Луи Массинъон бо номи «Қавси зиндагии Мансури Халлоч» дар тарчумаи Абдулғафури Равони Фарҳодй ба чоп расид, ки ин аввалин китоби муфассал дар аҳволи Халлоч ба забони форсй буд[67].

Дар поёни рочеъ ба як девони маъчуле, ки ба Мансури Халлоч нисбат дода шудааст, бояд чанд сухан гӯем. Ин девон соли 1343 хичрии шамсй мутобиқ бо 1964 исавй дар Техрон дар нашриёти «Китобхонаи Саноӣ» ба табъ расидааст. Нашири девон Довуди Шерозй ном шахсе, ки ҳамоно аз маъмурони ҳамин нашриёт будааст. Дар муқаддима мегӯяд, ки девони Хусайн Мансури Халлоч аз ин пеш ду бор — дар Хинду Техрон ба чоп расида буд. Аммо ҳар ду нашр ҳам пур аз хатову саҳвҳо будааст ва ношир дар таййи чанд сол бо муқобилаи таҳқиқи чанд нусхаи каламй девони Халлочро ба чоп ҳозир намудааст. Дар аввали девон ду муқаддима, яке дар мавзӯи ишқи илоҳй ва дигаре дар шарҳи ҳоли Халлоч оварда шудааст.

Ношир худ дар мансубияти ин девон ба Хусайн Мансури Халлоч исрор намекунад ва таҳқиқи ин амрро ба муҳаққиқону донишмандони адабиёт ҳавола кардааст. Маълум мешавад, ки худи ӯ дар асолати девон шӯбҳа дорад. «Дар ҳувиййат ва мабнои ин китоб, ки оё ин ашъор аз Хусайн Мансури Халлоч аст ё ӯ мутлақан шеър ба форсй дорад ё на кори муҳаққиқон ва мутатаббиин астъ—мегӯяд ношир.

Барои исботи он ки ин девон ба Хусайн Мансури Халлоч ҳеч нисбате надорад, таҳқиқи амиқ лозим нест. Аз ғазали аввал муайян кардан мумкин аст, ки ин девон ба шоире мансуб аст, ки бо тахаллуси Хусейн (шояд ин номаш ҳам бошад) шеър гуфтааст. Шеъри ӯ дар воқеъ ҳам дар мазоқи сӯфиёна навишта шудааст, аммо сабку усули он ба назми асрҳои XV—XVI-и Эрон наздик аст.

Аз тарафи дигар, ин шоир аз пайравони мазҳаби шиа будааст, ки ба сабабе аз Эрон ҳичрат намуда чанд муддат ё то охири умр дар Хоразм умр ба сар бурдааст. Аз як қасидае, ки ӯ дар он мадҳи Алй ва имоми ҳаштумро кардааст, ҳам ба сабки шеъри ӯ ошной метавон ҳосил кард ва ҳам аз пайгирии ӯ дар ташайӣӯъ ва иқомати ӯ дар Хоразм шоҳид метавон дид.

**Домани ҳиммат барафшон, эй дил аз кибру риё,**
**Баъд аз он бар дӯши чон афган ридои кибриё.**

Умр рафт аз дасту ту дар хоби гафлат мондай,
Қофила бигзашту ту менашнавӣ бонги сало.
Чун занон суратпарастӣ кам кун андар роҳи ишк,
Ҷавшани сурат бурун кун, дар сафи мардон даро.
...Гар Халилуллоҳ ба Батҳо Каъбае бунёд кард,
Дар Хуросон кард эзид Каъбаи дигар бино.

Ин ҷо шоир ҳамоно ба мазори шарифи Балх, ки қадамгоҳи ҳазрати Алӣ мегӯянд, ишора кардааст.

Аз вуҷуди Мустафо гар гашт он Каъба азиз,
Ёфт ин каъба шараф аз нури чашми Мустафо.
Ҳоҷан ҳар ду саро, яъне имоми ҳаштумин,
Сирри ҷони Муртазо Султон Алӣ Мӯсиризо.
...Эй амир-ул-муъминин, эй куррат-ул-айни расул,
эй имом-ул-муттақин, эй раҳнамои авлиё!
Ман саноят чун тавонам гуфт эй султон, ки ҳаст
Нафси нотиқро забони нутқи абкам з-ин сано.
...Чун Ҳусайни Карбало дур аз ту бечора Ҳусайн,
Мегузорад андар ин Хоразм бо карбу бало.
Ман Ҳусайни вақту ноаҳлон Язиду Шамри ман,
Рӯзгорам ҷумла Оширову манзил Карбало[68].

Ноширн ин девон на танҳо шеърҳои шоири шиамазҳаб Ҳусайнро ба Ҳаллоҷ нисбат додааст, балки худи Ҳаллоҷро низ яке аз саромадони мазҳаби ташаййӯъ ба қалам дода дар хотимаи муқаддима менависад:

«Махфӣ намонад, ки сабаби куштани Ҳусайни Мансур аз кароре, ки дар «Китоби Ансоби» Самъонӣ ва китоби мӯътабари Санҷарӣ, ки дар замони Шамсулмаолӣ самти таълиф ёфта, мазкур аст, ки Ҳусайни Мансур мардумро ба имом Муҳамад Маҳдӣ алайҳиссалом даъват мекард ва ба мардум мегуфт, ки анқариб аз Толиқони Дайлам берун хоҳад омад. Бинобар ин ӯро гирифта ба Бағдод burданд ва муохаза намуданд. Ва аз ин ҷо маълум мешавад, ки гуноҳи Ҳусайни Мансур интисоб ба мазҳаби имомийя ва эътиқод ба вуҷуди Маҳдӣ алайҳиссалом ва даъвати мардум ба нусрати он ҳазрат ва шӯронидани мардум бар хулафои аббосӣ буд, куфр ва зандиқаро баҳона сохтанд»[69].

Ба ҳамин насақ, ноширони ин китоб на танҳо як девони шоири дигари шиамазҳабро ба Ҳусайни Ҳаллоҷ нисбат додаанд, балки худи Ҳаллоҷро низ яке аз бузургони мазҳаби ташаййӯъ ба қалам додаанд, ки ин ҳама хатои маҳз, балки таҳриф ва дурӯғи ошкор аст.

Маком ва каламоти Ҳусайни Ҳаллоҷ дар тарғиб ва ташвики ақоиди сӯфийя ниҳоят бузург аст. Мансури Ҳаллоҷ гуфтан мумкин аст, баъд аз Боязиди Бистомӣ яке аз мубаллиғони собитқадами ақоиди ваҳдати вуҷуд буд.

Иттиходи шахс бо Хак, аз «дуй» гузаштан ва «яктой» (яъне ягонагй бо Хак) гузидан, дар шахси худ Хакро дидан — ин буд магзи афкор ва аконди вахдати вучуд, ки онро Мансури Халлоч таргиб мекард. Ва аз ин чо дар назми суфия ва умуман дар шеъри форси Мансури Халлоч хамчун рамзи иттиход ва иттисол бо Хак, хамчун мубаллиги ягонагии Инсон ва Хак, хамчун симое, ки дар рохи таблиги хамин орову андеша ба катл расидааст, тасвир шудааст. Дар ин мавзуъ мо дар боло аз Мавлонои Рум ва Хофиз шохид оварда будем[70].

Абдулкодир Бедил дар бисёр газалхои худ шахс ва симои Мансури Халлочро хамчун образ — чехраи рамзй овардааст, ки дар он озодии рухонй ва бузургии макоми Инсон тачассум мешавад. Чунончй, дар як газал гуфтааст:

Ишк агар дар чилва орад партави макдурро,
Аз гудози дил дихад равгаи чароги Турро.
Беинёзй баски муштоки дикои ачз буд,
Кард холи руи худ дасти Сулаймон мурро.
...Сухтан дар хар сифат манзури ишк афтодааст
Машраби парвона аз оташ наллонад нурро.
Софу дурдй нест дар хумхонаи тахкик, лек
Дор боло бурд шури нашъаи Мансурро[71].

Ироки дар газале гуфта:

Чаро харбандаи Даччол бошам,
Чу кардам бо Масехо хамвисокй?
Бех аз хаштум бихишт ояд маро чои,
Варои ин равоки хафттокй.
Магу: ман ўву ў ман, нек медон,
Ки ўро худ набошад чуфту токе.
Макун фош ин суханхо хамчу Халлоч,
Биёвезандат аз дор, эй Ироки![72]

Хаким Саной дар маснавии «Тахримат-ул-Калам» аз Хусайни Мансури Халлоч чунин ёдовар шудааст:

Чун ба химмат зи кави бигзаштй,
Фарши хастй тамом биниваштй,
Бо ту аз ту намонд хеч туй,
Дарнагунчад дар он макоми дуй.
Чун ту худро тамом ў доий,
Гар «аналхак» задо куий, оий.
Ар худой аз дарунат огох аст,
Бар замин накши хун-т оллох аст.
Бе худ ар аз худой магрурй,
Дар рахи дини Хусайни Мансурй[73].

Он чи дар боло овардем, хама аз шўхрат ва номбардории Хусайн Мансури Халлоч дар адабиёти форсй шохид

аст. Гузашта аз ин номи Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ дар таърихи тасаввуф низ мавқеъ ва мақоми махсус дорад. Ин на аз он суханони машҳури ӯ, ки «ана-л-ҳақ» гуфтааст, балки бештар мавқуф ба он буд, ки ин марди бузург ва мубориз таъсир ва нуфузи таълимоти тасаввуфро бештар аз пештар дар байни мардум интишор дод. Пеш аз Мансури Ҳаллоҷ тарғиби тасаввуф ва ваъзу таблиғоти ирфонӣ дар хонақоҳу маъбадҳои сӯфиёни номдор анҷом меёфт. Мардум — аз пиру ҷавон ва сарватманду ҳунарманд, хуллас аз табақаи гуногуни ҷомеа дар ин ҷоҳо ҷамъ меомаданд, тарғибу мавъиза ва таълимоти пирони орифро гӯш мекарданд, ба он ихлосу бовар ва эътиқод ҳосил менамуданд — ва аз ҳамаи ин мардуми гуногунаслу гуногунтабъ як ҷомеаи ҳаммаслаку ҳаммароми сӯфиён ташаккул меёфт. Чунин ҷомеаҳои сӯфиён дар асри IX дар Ироқу қаламрави арабизабони хилофат хеле бисёр шуд.

Мақом ва хидмати махсуси Мансури Ҳаллоҷ иборат аз он буд, ки ӯ таъсиру нуфуз ва таълимоту тафаккуроти ирфониро аз доираи хонақоҳу масҷидҳо ва маъбаду иқоматгоҳи шайхону муршидон берун овард. Ӯ аз мардони аввалин буд, ки нотарсонаву далерона, бо эҳсоси бузургу ҷонфишонӣ дар майдонҳои шаҳру бозорҳо, дар кӯчаҳову деҳкадаҳо бо таблиғи таълимоти тасаввуф баромад мекард, аз таъқиботу буҳтонҳои уламои расмӣ ва шариатпаноҳони зоҳирпараст наметарсид, мардумро ба таълимоти ирфон ва ба яке аз ошкоротарин ва далеронатарин самти ин таълимот— ба ваҳдати вуҷуд ташвиқ менамуд. Чунон ки дар «Тазкиратул-авлиё» омадааст, Мансури Ҳаллоҷ дар таййи умраш сафарҳои бисёре ба Хуросон карда ва дар ин сафарҳо ба таблиғу тарғиби таълимоти ирфон машғул будааст. Дар асри IX тасаввуф аз мамолики араб ба шарқ — ба Хуросон ва Мовароуннаҳр нуфузу интишор пайдо кард. Дар интишори таълимоти сӯфийя дар ин марзҳо таблиғоти шайхон ва муршидони сӯфӣ, ва бе шакк таблиғу ташвиқи Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ таъсиру нақши бузург доштааст.

Пеш аз он ки ба боби тавсифи тасаввуф дар Хуросону Мовароуннаҳр гузарем, лозим аст, ки аз он чи дар саҳифаҳоти гузашта зикр шуд, чанд хулоса гирем. Хулосаи аввалин он аст, ки тасаввуф, ки дар ғарби марзҳои хилофат дар асри VI пайдо шуд, дар тӯли ду аср дар сарзамини васеи хилофат интишор ёфт ва ҳамчун як ҷараёни фалсафию ирфонӣ дар ҳаёти маънавию илмии олами ислом мавқеъи бузург пайдо кард.

Дуюм. Дар ин асрҳо буд, ки пояҳои ақоид ва тафаккуроти тасаввуф дар чор самти асосӣ бунёд гирифт, ки иборат аз ин буд. 1. Зуҳд ва фақру дарвешӣ; 2. Ишқи илоҳӣ ва ирфонӣ; 3. Маърифати Ҳақ; 4. Ваҳдати вуҷуд. Чунон ки дар боло дидем, ҳамаи ин чор рукни тасаввуф асосан аз оёти шарифаи Қуръон манша гирифта буд ва аз доираи эътиқодот ва ақоиди исломӣ берун набуд. Албатта, дар ақоид ва орои ирфонӣ нақшу таъсири кешу мазҳабҳои дигар, мисли масеҳияту буддой, бозгид мешуд. Аммо ин нақшу таъсири берунӣ асоси мафкуравии тасаввуфро ташкил намекард. Бунёди андешаву ақоиди ирфонӣ ҳамон эътиқодоти исломӣ ва мағзу мундариҷаи Қуръон буд. Бо ҳамин пояҳои назариявӣ ва бо ҳамин эътиқодоту ақоид тасаввуф аз марзбуми ғарби хилофат ба сарзамини шарқи Эрон паҳн шуд ва дар ин кишварҳо заминаи нави рушду равнақ пайдо кард.

## ТАСАВВУФ ДАР ХУРОСОН ВА МОВАРОУННАҲР

Чунон ки дар боло дидем маркази пайдоиш ва ривоҷи таълимоти сӯфия ғарби хилофати араб — ва махсусан шаҳрҳои Бағдод ва Басра буд. Орифони номдору бузурге, ки аз шаҳрҳои дигари хилофати араб баромада буданд, низ аксар ба Басраву Бағдод меомаданд ва таблиғу тарғиби афкор ва ақоиди ирфониро дар хонақоҳ ва работу такяхои ҳамин шаҳр ташкил мекарданд.

Дар ривоҷу равнақ ва тавсиаи ақоиди сӯфия саҳми он афроде, ки аз Хуросону Мовароуннаҳр зуҳур карда буданд, низ кам набуд. Чунон ки дар ривоҷи илму фарҳанг ва фалсафаю улуми табиӣ зодагони сарзаминҳои қавмҳои эронию туркӣ дар пойтахти хилофат маскан ихтиёр намуда ба фаолияти пурбаракат машғул буданд, дар таблиғу тавсиа ва ривоҷу равнақи тасаввуф ва интишори рӯзафзуни он миёни омма зодагони марзбумҳои ғайриарабии хилофат нақши бузург гузоштаанд. Ба тасдиқи ин фикр мо аз шахси Боязиди Бистомӣ ёдовар мешавем, ки асли баромади ӯ аз шаҳри Бистоми Эрон будааст.

Дар «Тазкират-ул-авлиё» Фаридиддини Аттор тарҷумаи ҳол ва суханони машоихе зиёде оварда шудааст, ки онҳо аз Хуросону Мовароуннаҳр ба шаҳри Бағдод сафар карда, бо афроди бузурги сӯфия, мисли Ҷунайди Бағдодӣ ва Боязиди Бистомӣ дӯст ва ҳамсӯҳбат будаанд, чанд тан аз онҳо Бағдодро ҷои иқомат қарор дода дар ҳамон ҷо фавти-

даанд, қисми дигаре аз онҳо баъди фаъолият ва таблиғоти орифона дар Бағдод ба Хуросон баргашта дар ин сарзамин ба интишори таълимоти сӯфийя машғул шудаанд. Аз он ҷо ки дар «Тазкират-ул-авлиё» бисёрҳо омадааст, дар асри IX ва аввали асри X яке аз марказҳои бузургтарини таблиғоти тасаввуф ва маҳалли иқомату хуруҷи сӯфиёни Хуросон шаҳри Нишопур будааст. Ва чунон ки поинтар хоҳем дид, Нишопур чунин мавқеи пураҳамияти худро дар интишори тасаввуф дар ҷанд асри баъдӣ низ нигоҳ доштааст.

Яке аз симоҳои барҷастаи аҳли тасаввуф, ки аз Хуросон баромадааст, **Шақиқи Балхӣ** будааст. Ӯ, чунон ки нисбааш далолат мекунад, дар шаҳри Балх таваллуд шуда ва барои касби камоли улум ба Бағдод рафтааст. Чунон ки дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст, Шақиқи Балхӣ дар улуму ирфон дар Бағдод шахси бонуфуз ва мӯътабаре будааст, ва бо халиф Ҳорунаррашид, ки солҳои 786—809 хилофат дошт, ҳамсуҳбат шудааст.

Орифи номдори дигар **Абӯ Муҳаммад Муртааш** дар яке аз мавзеъҳои наздики Нишопур таваллуд шудааст. Ӯ дар Бағдод касби улум намуда сипас ба роҳи тасаввуф рафтааст ва яке аз ҳамсуҳбатону ҳаммаслакони Ҷунайди Бағдодӣ будааст. Абӯ Муҳаммади Муртааш дар Бағдод вафот намуда дар ҳамон ҷо мадфун шудааст.

**Шайх Аҳмади Масруқ,** ки дар Тус мутаваллид шуда дар Бағдод умр ба сар бурдааст, низ аз орифони номдор будааст, ки бо шайхи сӯфии номдори Бағдод **Абӯ Абдулло ал-Муҳосибӣ** (781—857) дӯстӣ ва мусоҳибат доштааст.

Яке аз маошиҳи номдор **Шайх Абулҳасани Бушанҷӣ** буд, ки ба қавли Аттор «аз ҷавонмардони Хуросон ва мӯҳташамтарин аҳли замона ва олимтарин маошиҳ» ба шумор мерафт. Ӯ солҳо аз Бушанҷ ба Ироқ рафта бо шайхони бузурги он ҷо дӯстиву мусоҳабат доштааст. Баъди бозгашт аз Ироқ уламои расмӣ ӯро ба куфру зиндиқа айбдор мекунанд. Шайх Абдулҳасан аз таъқиботи уламо ба Нишопур фирор карда (ҳамоно он ҷо шайхони сӯфӣ бисёр будаанд, ки ӯро тахти ҳимоят гирифтаанд) боқимондаи умрашро дар он ҷо гузаронидааст.

Дар нимаи дуюми асри IX дар Хуросон шайхи мутасаввиф **Усмон ал-Ҳирӣ** шӯҳрати калон дошт. Чунон ки Аттор менависад, суханони Усмони Ҳирӣ ниҳоят пуртаъсир будааст. Ӯ менависад, ки дар бузургии ӯ сухан нест, чунон ки аҳли тариқат дар ҳаққи ӯ чунин гуфтаанд, ки дар дунё

се марданд, ки ишонро чаҳорум нест: Абу Усмон дар Нишопур, Ҷунайд дар Бағдод ва Абу Ҷило дар Шом. Ва ба қавли Аттор ин шайх буд, ки тасаввуфро дар Хуросон интишор дод («ва изҳори тасаввуф дар Хуросон ӯ карда буд»).

Шайхони ориф, ки дар асри VIII—IX дар Хуросону Мовароуннаҳр хуруҷ карда буданд, дар шумори тан, албатта, бо ин чанде, зикрашон кардем, маҳдуд намешаванд. Дар китобҳои манокиб ва тарҷумаи ҳоли урафо, ки як аср баъд ё дертар таълиф шудаанд, ному насаб ва афкору ақоиди машоих ба муршидони номдори сӯфия мунбариҷ аст. Аз миёни ин шайхони номдор фарди баргузидае, ки дар Хуросон нуфузу таъсири бузург дошт, Абулҳасани Хароконӣ маҳсуб мешуд.

**Шайх Абулҳасани Хароқонӣ** дар мавзеи Харакон, ки дар атрофи Рай буд, мутаваллид шудааст. Таваллуди ӯро ҳанӯз чанд солҳо пеш Боязиди Бистомӣ пешгӯӣ карда будааст. Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» дар ин воқеа чунин нақл овардааст.

Шайх Боязид ҳар сол ба зиёрати деҳистон, ки он ҷо мадфани шаҳидон воқеъ буд, мерафт. Ва боре вақте ки аз назди Харакон мегузашт, биистоду нафасе баркашид. Муридон пурсиданд, ки «шайхо, мо чизе аз бӯй ин ҷо намебарем, чаро ту нафас ин ҷо мекашӣ?» Боязид ҷавоб медиҳад, ки ман аз ин ҷо бӯи марде мешунавам, ки куняташ Абулҳасан ва номаш Алӣ аст. Ва ин мард аз ман ба се дараҷа пештар бувад»[74]. Ва ин пешгӯии Боязид гӯё дар воқеъ ҳам ҳақиқат шудааст. Ҳамин ривоятро Мавлоно Румӣ дар «Маснавӣ» қариб айнан ба шеър даровардааст:

Он шунидӣ достони Боязид,
Ки зи ҳоли Боязид аз пеш дид.
Рӯзе он султони тақвӣ мегузашт
Бо муридон ҷониби саҳрову дашт.
Бӯи хуш омад мар-ӯро ногаҳон
Дар саводи Рай зи ҳадди Хороқон.
Ҳам дар он ҷо нолаи муштоқ кард,
Бӯйро аз бод истиншоқ кард.
Бӯи хушро ошиқона мекашид,
Ҷони ӯ аз бод бода мечашид.
...Гуфт: «Бӯи булъаҷаб омад ба ман,
Ҳамчунон ки мар-набиро аз Яман.»
Гуфт: «З-ин сӯ бӯи ёре мерасад,
К-андар ин деҳ шаҳриёре мерасад.
Баъди чандин сол мезояд шаҳе,
Мезанад бар осмонҳо хиргаҳе.

Рўяш аз гулзори Ҳақ гулгун бувад,
Аз ман ў андар мақом афзун бувад.
Чист номаш? Гуфт· «Номаш Булҳасан».
Ҳуляаш вогуфт з-абруву зақан.
Қадди уву ранги уву шакли ў
Як ба як вогуфт аз гесуву рў.
...Чашми ў ҳамчун чароге бар замин.
Нури ў болои сақфи ҳафтумин.
Он шуои офтоб андар висоқ,
Курси ў андар сипеҳри чор тоқ».
...Барнавиштанд он замон таърихро,
Аз кабоб оростанд он сихро.
Чун расид он вақту он таърих рост,
З-он замин он шоҳ пайдо гашту хост[75].

Дар нақли Аттор ва ҳикояти Мавлонои Рум як чиз хеле муҳим аст. Ҳанчанд ба пешгўии Боязид, ки ному насаби шайхи ояндаро равшану сареҳ гуфтааст, шакке падид аст, аммо дар он ки Абулҳасани Хароқонӣ дар мавқеъ ва нуфузи ақидаҳои ирфонӣ баробари Боязид ва ҳатто пешкадамтар аз ўст, шояд шубҳае набошад. Зеро ин марди ориф, ки пас аз бузургони бинёдгузори тасаввуф зиндагӣ кардааст, табиист, ки таълимоти гузаштагони худро на танҳо густариш додааст, балки қадаме аз онҳо ба пеш гузоштааст.

Абулҳасани Хароқонӣ дар воқеъ яке аз пайравони бузурги Боязиди Бистомӣ ва давомдиҳандаи пайгири таълимоти ў буд. Чунон ки Аттор мегўяд, Абулҳасани Хароқонӣ дувоздаҳ сол паёпай ба зиёрати турбати Боязид мерафт ва ҳар бор вақти бозгашт рўй ба хоки қадам вопас мегузошт ва мегуфт, ки «бор худовандо, аз ин хилъате, ки Боязидро додай, Абулҳасанро насибе деҳ!» Аз ин нақлҳо маълум мешавад, ки Абулҳасан худро дар аввал шогирди содиқи ин шайхи бузург медонистааст. Баъди ин тоату ибодатҳои сидқӣ, ки мувоздаҳ сол давом кард, ниҳоят аз турбати Боязид садое баромадааст, ки «Эй, Абулҳасан, гоҳи он омад, ки бинишинӣ»[76], яъне ба манзилати шайхи ориф соҳиб шудаӣ.

Дар сарчашмаҳо соли таваллуд ва синни ба мартабаи иршод расидани Абулҳасани Хароқонӣ нишон дода шудааст. Ин солҳову санаҳоро аз рўи нақлу ривоёте, ки дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст, ба тақриб муайян кардан мумкин аст. Дар «Тазкират-ул-авлиё» Аттор дар соли вафоти Хароқонӣ чунин таърих навиштааст:

Булҳавас буд он ки Хариқонӣ,
Нашунидам мисоли ў сонӣ,
Шуда таърихи соҳиби Хароқон
«Булҳасан зеби чои адну чинон»[77].

Аз ин моддаи таърих санаи 424 хичрӣ ҳосил мешавад, ки ба соли 1032—33 милодӣ мутобиқ аст. Дар ҳамин тазкира аз қавли Хараконӣ омадааст, ки хитобан ба Боязиди Бистомӣ мегӯяд: «Ту сиву нӯҳ сол пеш аз ман будӣ»[8]. Агар дар ин чо соли даргузашти Боязидро дар назар дошта бошад, ки соли 229 хичрӣ мутобиқ бо 884 милодист, пас соли таваллуди Харакониро дар ҳудуди 922—25 муайян кардан мумкин аст. Аз ин чунин бармеояд, ки Абулҳасани Хараконӣ қариб саду даҳ сол зиндагӣ кардааст. Шояд ин синну сол хеле зиёд бошад. Аммо тафовути солҳои хичриву милодӣ ва эҳтимоли саҳви котибону муаллифони сарчашмаҳоро ба назар гирем, шайхи Хараконӣ саду даҳ сол набошад ҳам, мумкин, аст қариб сад сол умр дида аст. Дар он сурат соли таваллуди ӯро дар солҳои сиюми асри IX тахмин кардан мумкин аст.

Абулҳасани Хараконӣ дар кадом хонавода ба дунё омад, дар чавонӣ дар кучо ва чӣ хел таҳсили илм кард, аз кадом вақт ба ирфон рӯй оварду шайхи муршид ё устоди ӯ кӣ буд — маълум нест. Фақат ҳамин маълум аст, ки ӯ аз чавонӣ ё синни кӯдакӣ ба Боязиди Бистомӣ ихлос доштааст ва ҳамеша ба зиёрати ӯ мерафтааст. Миёни Хараконӯ Бистом масофа чандон зиёд набудааст, ки «ба таҳорат намози хуфтан» дар сари турбати Боязид ва намози бомдод дар Харакон мегузоридааст[9]. Ва чунон ки ишорае худ кардааст, «баъди дувоздаҳ соли тоату ибодат аз турбати Боязид овози худи ӯ баромадааст: «Эй Абулҳасан, гоҳи он омад, ки бинишинӣ». Ин шояд чунин маънӣ дошта бошад, ки рӯҳи Боязид ба Абулҳасан шафоат кардааст, ки ӯ ба мавқеи муршидӣ бинишинад. Дар ин чо Абулҳасани Хараконӣ чавоб медиҳад: «Эй Боязид, ҳиммате медор, ки ман уммиам (яъне савод надорам) ва аз рамузи шариат чизе зиёдат намедонам». Дар ин чо боз овози Боязид шунида мешавад, ки суханони ӯ хеле чолибанд: «Эй Абулҳасан, он чи маро доданд, аз баракоти ту буд». Абулҳасан дар чавоб мегӯяд: «Ту сиву нӯҳ сол пеш аз ман будӣ». Садои Боязид чунин чавоб медиҳад: «Бале, валекин чун ба Харакон гузар кардамӣ, нуре дидаме, ки аз Харакон ба осмон бармешудӣ» ва ҳамин нур будааст, ки Боязидро мададгору шафеъ омадааст.

Ин ҳама нақлу ривоят шояд фасонае бошад, аммо ҳақиқати онҳо ин аст, ки Хараконӣ пас аз Боязиди Бистомӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр яке аз пурнуфузтарин шайхони ориф буд, ки ҳатто дар баъзе маврид ӯро болотар

аз Боязид ҳам мегузоштанд.

Ба мо нисбати шогирдӣ ва пайравии Хароқонӣ ба Боязиди Бистомӣ аз иктибосоти боло маълум шуд. Аммо баъди ба мақоми шайх ва муршид расиданаш ҳам Хароқонӣ бузургӣ ва беҳамтоии Боязидро инкор накардааст ва худро ҳамчун давомдиҳандаи таълимоту афкори Боязид манзур кардааст.

Хароқонӣ давомдиҳанда набуд, балки аз Бояизд дар ин чода қадаме ба пеш гузошта ва дар таблиғи тасаввуф тафовуте ҳам миёни ин ҳар ду марди бузург дида мешудааст: «Агар на он будӣ ки халоиқ маро гӯянд: ба дараҷаи Боязид расидааст ва беҳурматӣ кард. Ва илло ҳарчи Боязид бо Ҳақ таоло гуфтааст ва биандешидааст, бо шумо бигуфтамӣ. Аз он ки ҳарчи Боязид ба андеша он ҷо расидааст. Абулҳасан ба қадам расидааст» Ва боз гуфтааст: «Боязид гуфтааст, ки «на муқим аст, на мусофир». «Ва ман муқим дар ягонагӣ ва сафар мекунам дар яктоӣ». Чунон ки аз ин суханҳо маълум мешавад, Абулхасан Хароқонӣ он чизе, ки Боязиди Бистомӣ дар назария гуфтааст, ба қадам санҷидааст, яъне ӯ онро дар амал ифо намудааст. Ин ҳамоно чунин маънӣ дорад, ки афкор ва ақоиди Боязидро Хароқонӣ дар байни мардум интишор додааст.

Шӯхрат ва маъруфияти Хароқонӣ на танҳо дар миёни мардуми Хуросон, балки дар байни ашхоси баргузида ва ҳокимони давр ҳам ниҳоят зиёд будааст. Дар ин хусус дар «Тазкират-ул-авлиё» чанд нақле аз мулоқот ё дурусташ аз зиёрати чунин шахсони бузург мисли Абӯ Алӣ Сино, Абулқосими Қурайшӣ (986—1072), Абӯ Саиди Абулхайр (967—1149) Абулҳасани Хароқониро омадааст. Дар ҳамин тазкира омадааст, ки ба зиёрати Хароқонӣ ҳатто Маҳмуди Ғазнавӣ расида будааст. Аз нақли ин мулоқот ду-се лаҳза хеле ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Баъди зиёрат ва чанде муколама султон Маҳмуд гуфтааст: «Маро панде деҳ!» Хароқонӣ гуфтааст: «Чаҳор чиз нигоҳ дор: аввал парҳез аз манохӣ (он корҳое, ки аз рӯи шариат мамнӯъ аст); ва намоз бо ҷамоат; ва саховат; ва шафқат бар халқи худои таоло; ...Пас Маҳмуд бадраи (халтаи) зар пеш ниҳод. Шайх курси ҷавин пеши Маҳмуд ниҳод ва гуфт «бихӯр!» Маҳмуд ҳамехоид, дар гулӯш мегирифт. Шайх гуфт: «Оре». Гуфт: «Мехоҳӣ, ки моро ин бадраи зари ту низ дар гулӯ бигирад? Бигир, ки инро талоқ додаем».

Дар рафти мулоқот бузургии Хароқонӣ ҳамчун шайхе, ки сарвати дунёро пешпо задааст, намудор мегардад. Дар

вохўрихои дигари мардони бузург бо Харақонӣ низ чунин мақоми баланд ва волои шайх, шефтагӣ ва эхтироми он бузургон ба нисбати шайх ба риштаи баён омадааст. Чуночи Абӯ Алӣ Сино дар вақти мулоқот ба Абулҳасани Харақонӣ каромоте аз ӯ дида, ва ба бузургӣ ва қуввай ғайбии ӯ эътироф оварда «баъд аз ин тариқат ба фалсафа кашид», яъне тариқатро дар фалсафа чорӣ кард[30].

Афкор ва ақоиди ирфониву фалсафии Абулҳасани Харақонӣ дар гуфтору суханоне, ки аз ӯ нақл кардаанд, инчунин дар ҳикоёт ва ривоёте, ки аз зиндагии ӯ овардаанд, ифода ёфтаанд. Ин нақл ва гуфторҳои Абулҳасани Харақонӣ дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор хеле муфассал оварда шудааст. Инчунин дар як рисолае, ки ба номи «Нур-ул-улум» таълиф ёфтааст, низ аз Абулҳасани Харақонӣ бисёр суханони ирфонӣ ва ҳикоёту ривоёт аз зиндагии ӯ дарч гардидааст. Ин рисоларо бори аввал Е. Э. Бертельс тадқиқ намуда матни онро низ ба чоп тайёр карда буд. Ва ҳоло ин матн бо тарчумаи русӣ ва муқаддимаи пурарзиш дар чилди сеюми «Осори мунтахаби» ин олими шаҳир мундарич аст[31].

Ин асар соли 1299 4 август — яъне чоруми зилқаъда санаи 686 китобат шудааст. Е. Э. Бертельс нишондодааст, ки касе ин асарро ба Харақонӣ нисбат додааст. Ҳол он ки дар аввали рисола сареҳатан омадааст: «ал-мунтахаб мин китоби Нур-ал улуми мин каломи аш-шайх Абулҳасан ал-Харақонӣ». Яъне ин рисола мунтахабе аз ҳамон китобе будааст, ки бо номи «Нур-ул-улум» аз суханони Харақонӣ ва ҳикоятҳои аз зиндагии ӯ таълиф ва тадвин шудааст. Ва шояд ҳамон шахсе, ки дар охири рисола баъди таърихи китобат (ё таълиф) худро Маҳмуд ибни Алӣ ибни Салама гуфтааст, тартибдиҳандаи ҳамин мунтахаб ҳам бошад. Бисёр суханони Харақонӣ ва ҳикоятҳо аз зиндагонии вай, ки дар ин рисола дарч гардидааст, дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор ҳам омадааст.

Афкор ва ақоиди ирфонӣ ва фалсафию ҳаётии Абулҳасани Харақонӣ дар суханони ӯ, ки дар тазкираи Аттор ва «Нур-ул-улум» ба тарзи пароканда ва бе тартибу танзими мавзӯъҳо омадааст, баён гардидааст. Аммо аз ин гуфтаҳои парешон ва номураттаб баъзе тафсилот ва лаҳзаҳои зиндагӣ ва афкору ақоиди ирфонию фалсафии ӯро ба тартиб андохтан мумкин аст.

Аз баъзе ҳикоятҳое, ки дар «Тазкират-ул-авлиё» ва «Нур-ул-улум» омадааст, ҳукм кардан мумкин аст, ки Абулҳасани Харақонӣ шахси заҳматкаше будааст, ки ба музди

ранчи дастони худ умр ба сар мебурдааст. Ӯ боғдорӣ мекардааст, худ барои зиндагӣ хонаву девор мебардоштааст, аз ғаллаву меваҳои боғу заминаш тӯшаи зиндагӣ омода медоштааст. Абулҳасани Хараконӣ мисли орифони дигар пеш аз ҳама тоати Ҳакро барои банда лозим ва лобудд медонистааст. Дар тоату ибодат пеш аз ҳама сидқи дил, беолоиши марому мақсад бояд манзур бошад. Дар ҳамон сурат ба моҳияти тоату ибодат ва қурби Ҳақ таоло расидан мумкин аст.

Мегӯянд, ки Абулҳасани Хараконӣ чиҳил сол аз хуфтан то бомдод бе фосила сар ба болин наниҳода намоз мегузорид. Ва рӯзе ногоҳ ӯ аз болиш сар бардоштааст. Дӯстонаш сабаби ин пурсиданд. Ӯ ҷавоб медиҳад: «Абулҳасан истиғно ва бениёзии Ҳақ имшаб мушоҳида кард». Яъне Хараконӣ мегӯяд, ки Ҳақ таоло ба он ки ман аз шаб то ба рӯз тоат ба иҷро расонам, ҳеҷ ҳоҷат ва зарурате надорад. Мақсади Хараконӣ он аст, ки шахси мусалмон пеш аз ҳама бояд дар тоати Ҳақ самимӣ бошад, агар дил беолоиш бошад, онгоҳ тоати яксоата низ қабули даргоҳи илоҳӣ мешавад. На танҳо дар намоз, балки дар фикру андеша бо Ҳак будан лозим аст: «Сӣ сол аст, то ба ғайри Ҳақ як андеша дар хотири ман гузар накардааст»[82]. Ин фикрро Хараконӣ боз ҳам равшантар баён кардааст:

«Халоиқ баъзе дар Каъба тавоф кунанд ва баъзе дар байтулмаъмур тавоф кунанд ва баъзе гирди арш. Ва ҷавонмардон дар ягонагии ӯ тавоф кунанд». Тавоф ва тоати ягонагии Худо аз ҳама тавофҳои зоҳирӣ баландтар аст, мегӯяд Хараконӣ. Ва боз фармудааст: «Ҳама мусалмонон намоз кунанд ва рӯза доранд. Аммо мард он кас аст, ки шаст сол бар ӯ бигзарад, ки фаришта бар ӯ ҳеҷ нанависад, ки ӯро аз он шарм бояд дошт аз Ҳақ таоло. Ва Ҳақро фаромӯш накунад як ламҳа». Яъне аз намозу рӯзаи зоҳирӣ он беҳ аст, ки шахс гуноҳе накунад, ки аз он пеши Ҳақ шарм дорад ва як лаҳза ҳам Ҳақро фаромӯш накунад. Ва ин фикри худро ба ин ривояти хурд шарҳ медиҳад: «Дар Банисроил кас будӣ, ки як сол дар суҷуд будӣ ва ду сол. Аммо мушоҳида ин аст, ки ин уммат доранд, ки як соати фикрати банда бо як сол суҷуди ишон баробар бувад»[83].

Ин ақидаи Хараконӣ аз ҳадиси набавӣ, ки онро пеш аз ӯ ҳам шарҳу баёнҳо буд, бархостааст. Дар ҳадис омадааст: «Тафаккуру соатин хайрун мин ибодати саңатин» — «тафаккури яксоатӣ аз ибодати яксола нектар аст». Маъ-

нии ин ҳадис, ки асоси андешаҳои Харақонӣ аст, ба он шарҳ аст, ки шахси мӯъмин бояд ҳамеша дар андеша ва фикри поянда ва офаридагории Ҳақ таоло бошад ва ин фикру андешаҳое, ки туро бо Ҳақ мепайвандад, аз тоату ибодати яксола беҳтар ва авлотар аст»[64].

Ин орову андеша ҳамон ботинпарастӣ аст, ки аҳли тасаввуф ба зоҳирпарастии уламои дин онро муқобил мегузоштанд. Аз ин ҷост фикрҳои далерона ва дар зоҳир «куфронае», ки Абулҳасани Харақонӣ ба шогирдону пайравони худ илқо ва талқин мекард. Харақонӣ гуфтааст, ки тоати Ҳақ бояд ба сидқи дил ва бе ҳеҷ манзуру мақсуди шахсӣ адо гардад, яъне на барои он ки аз биҳишт ҷой гирад ва на аз тарси он ки б а оташи дӯзах сӯзад: «Илоҳо, чӣ будӣ, ки дӯзаху биҳишт набудӣ, то падид омадӣ, ки худовандпараст кист». Ё ин ки чунин фикре бо миён партофтааст, ки он бешубҳа уламои расмии динро ба ларза меандохт: «Дар дунё зери хорбуне ба худованд зиндагонӣ кунам, дӯсттар аз он дорам, ки дар биҳишт зери дарахти Тӯбо, ки аз вай хабаре надорам». Тавофи Макка низ як амри зоҳирист, ҳарчанд аз фарзиёт аст. Аммо мусалмони комил бо андешаву эътиқод ва тафаккури худ метавонад ба тавофи Каъба аз ғайб (ғоибона) ҳам бирасад. «Кас бувад, ки дар се рӯз ба Макка шавад ва боз ояд; ва кас бувад ки дар шабонарӯзӣ; ва кас бувад ки дар шабе; ва кас бувад ки дар як лаҳза биравад ва боз ояд ва ин қудрат бувад»[65]. Ба ибораи дигар, қудрати илоҳӣ ва эътиқоди самимӣ дар он аст, ки мӯъмини комил бо тоати худ метавонад рамзан ва ғайбан ба тавофи Каъба бирасад.

Ин ҳама ошкоргӯиҳои содиқона аз устувории имон буд, ки онро мо дар орову андешаҳои ҳамаи орифони бузург мушоҳида мекунем. Ин маънипарастӣ ва тоати содиқона, ки ба зоҳирбинии уламо як эътирози сахт буд, дар байни мардум боварӣ ва ҳусни таваҷҷӯҳи бузург нисбат ба орифон бармеангехт.

Яке аз таълимоти умда ва марказии эътиқоди Абулҳасании Харақонӣ ваҳдати вуҷуд буд. Қувваи илоҳӣ, зоти илоҳӣ, нури илоҳӣ дар тамоми мавҷудот ва офаридаҳои олам, махсусан дар симову ҳастии Инсон намоён ва партавафган аст. Аз ин ҷост ягонагии Инсони комил ва Ҳақ таоло, ваҳдати Холиқ ва Махлуқ, ваҳдати вуҷуди тамоми ҳастии олам, ки бо қудрати илоҳӣ бо ҳам марбут ва пайваст аст. Чунин ягонагӣ пеш аз ҳама дар иттиҳоди Ҳақ ва Инсон мутасаввир мегардад. Харақонӣ мегӯяд: «Агар бар бисо-

ти муҳаббатам бидорӣ, дар он маст гардам дар дӯстӣ; ва агар бар бисоти ҳайбатам бидорӣ, девона гардам дар салтанати ту. Ва чун нури ин бисот сар барзанад, ҳарду худи ман бошам ва манин ман туӣ»[86].

Дар чунин ягонагӣ Ҳақ Инсонро ба қурби худ роҳ додааст, бузургӣ ва волоии мақоми Инсон намоён гардидааст. Инсон аст, ки ба Арши аъло мерасад, ки он ҷо пойгоҳи малоик аст, аммо дар он пойгоҳ инсон аз малоик ҳам бузургтар аст. «Ҳафтсад ҳазор нардбони бениҳоят бозниҳодам, то ба Ҳақ таоло расидам, бо вуҷуди он ки қадам бар нахуст пояи нардбон, ки ниҳодам, Ба Ҳақ таоло расида будам». Ин ҳамон маънии оятҳои Қуръон, аст, ки дар он Инсон ҳамчун «халифатуллоҳ» васф шудааст ва худо ба Инсон дар вақти офариниш аз «рӯҳи худ дамидааст»[87].

Дар гуфтор ва пиндорҳои Харақонӣ мақоми Инсон ниҳояти дараҷа ва манзалати олӣ дорад. «Чун Ҳақ таоло бо ман ба лутфи хеш даромад, малоикро ғайрат омад. Пас маро аз ишон пушида кард. Пас маро нест бикард ва аз офарида бибурд. То баъд аз он аз худ бо худ мегуфт ва мекард». Чаро Ҳақ таоло Инсонро аз ҳама баландтар баргузид. Зеро Ҳақ таоло Инсонро дӯст медошт ва Инсон низ ба Ҳақ таоло муҳаббат дорад. «Ҳақ таоло маро фармуд, ки туро ба бадбахтон нанамоям, бо он кас намоям, ки маро дӯст дорад, ман ӯро дӯст дорам... Гуфтам: «Илоҳо, наздики худ бар!». Аз Ҳақ таоло нидо омад, ки маро бар туҳукм аст. Туро ҳамчунон медорам, то ҳар ки ман ӯро дӯст дорам, биёяд ва туро бубинад. Ва агар натавонад омадан, номи ту ӯро бишнавонам, то туро дӯст гирад, ки туро аз покии хеш офаридам. Туро дӯст надоранд ба ҷуз покон»[88].

Аз ин дӯстиву ҳамбастагӣ миёни Инсону Ҳақ таоло Ишқи бузурге ба миён меояд, ки он ҳамчун эҳсос ва оташи оламгир мавҷудотро гармиву ҷунбиш медиҳад: «Ғояти муҳаббат он бувад, ки агар ба адади ҳама дарёҳои олам шароб дар ҳалқи ӯ кунанд, сероб нашавад ва зиёдатӣ талабад ва аз ғайри Ҳақ таоло эъроз кунад ва ба ҳеҷ кароmат мағрур нашавад». Ҷои дигар мегӯяд: «Ишқ дарёест, ки ҳалқро дар он гузар нест, оташест, ки ҷонро дар вай хабар нест, оварду бурдест, ки бандаро дар он касбе нест»[89]. Аммо ин Ишқи бузург ва улвӣ насиби ҳар кас намешавад, танҳо онҳое, ки аз ҳастии худ, аз «ман»-и худ сарфи назар намудаанд, аз нури неруи ин Ишқ бархӯрдор мешаванд: «Як зарра Ишқ аз олами ғайб биёмад ва ҳама синаҳои му-

ҳиббонро бибўид ва ҳеч касро маҳрам наёфт ва ҳам боз ғайб шуд»[89]. Ҳар киро дил ба шавқи ў сўхта шавад ва хокистар шуда, бо ў муҳаббат дарояд ва он хокистарро баргирад ва осмону замин аз вай пур кунад. Пас агар хоҳӣ, ки бинанда ва шунаванда ва чашанда бошӣ, он ҷо тавон будан, аммо муҷарради ва ҷавонмардӣ мебояд»[90].

Абулҳасани Хараконӣ баробари тоату ибодат ва зўҳду узлатнишинӣ инсонро ба амалу фаолият ва кору мардонагӣ даъват мекунад. «Се қавмро ба худованд роҳ аст: бо илму миҷарра (?) ва бо мураққаъ саҷҷода ва бо аҳлу касб. Ва илло фароғу коҳилӣ нафси мардро ҳалок кунад». Худи Абдулҳасани Хараконӣ тимсоли чунин фаолӣ буд ва ризқу рўзиашро аз заҳмати дастони худ таъмин мекард. Чунон ки худ мегўяд, ў муриде ҳам надоштааст, ки ба ў ёриву дар корҳояш ионат кунанд: «Ҳаргиз маро мурид набуд, зеро ки ман даъвии роҳбарӣ накардам. Ман мегўям: «Оллоҳ!» ва бас»[90].

Бузургии манзилат ва рўҳи илоҳӣ бояд дар Инсон ҳисси дўстӣ ва маваддатро белор кунад, эҳсоси шафқату меҳрубонӣ барангезад нисбат ба ҷинси одамӣ, умуман ба башар ва ҳар он чӣ ҷони зинда дар ҷаҳон дорад. Ин афкору андеша ва ҳисси Инсондўстӣ, ки хоссаи орифон, аз ҷумла сўфиёни пеш аз Хараконӣ буд, дар гуфтор ва пиндори Хараконӣ ниҳоят барҷаста ва муяссару тобанда баён ёфтааст. Инак, чанд гуфтори ў: «Маро дидорест дар одамиён ва дидоре дар малоика ва ҳамчунин дар ҷинниён ва ҷунбанда ва чаранда ва ҳама ҷонварон дидорест. Ва аз ҳар чи биёфаридааст бар каронаи ҷаҳон нишонии беҳтар тавонам додан аз он чи ба навоҳӣ ва гирд бар гирди мост... Агар аз Туркистон то ба дари Шом касеро хоре дар ангушт равад ё қадаме дар санг ояд ё андўхе дар дил бошад, он ангушт аз они ман аст ва зиёни он қадам марост ва он андўҳ дар дили ман аст ва агар андўхе дар дилест, он дил аз они ман аст»[91]. Ва боз гуфтааст: «Ба ҷое расидам, ки фикрат ҳикмат гардид, пас сироти мустақим ва шафқат бар халқ гардид, чунон ки бар халқи ў мушфиқтар аз худ касеро надидам. Пас гуфтам: «Кошкӣ бадали ҳама халоиқ ман бимурдамӣ, то халқро талхии заҳри марг набоисти чашид; ва бадали ҳама халқ ҳисоб бо ман кардандӣ, то халоиқро ҳисоб набоистӣ дид; ва кошкӣ иваӣ ҳама халқ маро уқубат кардандӣ, то халоиқро азоби дўзах набоистӣ кашид»[92].

Ин ақоиди инсондўстӣ ва гуманизм, ки дар гуфтори

Абулҳасани Харақонӣ мебинем, баъдтар ҳам дар кутуби назарии тасаввуф ва ҳам дар назми сӯфиёнаи форсӣ хеле тавсиа ёфта ва яке аз мавзӯъҳои муҳимми адабиёти мо гардид.

Чанд андешаву орои Харақонӣ дар бораи марди сӯфӣ, ки ба рохи тариқат даромадааст, низ хеле ҷолиб аст. Ӯ мегӯяд: «Сӯфиро наваду нӯҳ олам аст. Як олам аз он арш аст то суро ва аз шарқ то ғарб соя кунад. Наваду ҳашти дигарро дар вай сухан натавон гуфт ва натвон намудан». Яъне ин олами руҳонӣ ва маънавии сӯфист, ки лаззату эҳсоси онро ба сухан гуфтан ё дар чашм намудан муҳол аст. Ва боз гуфтааст: «Сӯфӣ диле дорад, аз вай рабуда, тане дорад аз вай бурда, ҷоне дорад сухта» Яъне сӯфӣ на танҳо наздики арш аст, балки вай хароботӣ ва ҷунунзадаест, ки ваҷди ишқ ҳастии уро фаро гирифтааст. Гуфтан сазовор аст, ки дар суханҳои Харақонӣ бори аввал «хароботӣ» ҳамчун ринд ва ҷавонмард омадааст. «Аз он тарсам, ки дар қиёмат маро бияндозанд ва ба гуноҳи ҳама хароботиён маро уқубат кунанд»[93].

Ва ниҳоят ҳаминро бояд тазаккур диҳем, ки дар суханони Абулҳасани Харақонӣ марди ориф ва марди ҷавонмард бо эҳтиром ва муҳаббат ба забон омада бисёр хислатҳои неки одамӣ ба ин ду фирқа нисбат дода мешавад. Ин гуфта ва нуктаҳои Харақонӣ барои омӯхтани таърихи ҷунбиши ҷавонмардӣ ва робитаи он бо тасаввуф аҳамияти калон дорад. Аз ҷумла ӯ гуфтааст: «Ҳақ таоло хуни чандин пайғамбаронро бирехту бок надошт ва шамшер ба чандин пайғамбарон дарафшонд ва ин тозиёна ба ҳама дустон зад. Ва хештанро ҳеҷ кас фаро надод. Айёр аст ва айёр парварад. Ва ту низ айёр бош, даст ба ғайри ӯ фаро мадеҳ». Ва ҷое ҷавонмардонро ҳатто ба муфассирони Қуръони маҷид баробар мегузорад: «Ҷамоате ба тафсири Қуръон машғуланд, аммо ҷавонмардон ба тафсири хеш машғуланд»[94].

Абулҳасани Харақонӣ дар интишори тасаввуф дар Хуросону Мовароуннаҳр, дар нуфузи ирфон дар ҳаёти маънавии мардум, дар таблиғи баъдии ирфон дар осори чунин мардон, мисли Абу Саиди Абулхайр, Абдуллоҳи Ансорӣ ва Ҷуллобӣ мавқеъи ниҳоят бузурге доштааст. Бисёр нуктаҳои муҳимми андешаву орои ирфонии ӯ дертар дар шеъри шуарои мутасаввиф акси худро ёфт. Ҳамаи ин гувоҳӣ бар он аст, ки Абулҳасани Харақонӣ асосгузори тасаввуфи Хуросону Мовароуннаҳр буд.

Абулҳасани Хароқонӣ ҳарчанд эҳсоси бузурги қалбӣ ва ишқи дилангези орифонаро тамҳид мекард ва сӯфиро аз «сӯзу гудозандагони» оламиён ҳисобидааст, аммо дар гуфторҳои худ аз самоу рақс, ки баёнгари эҳсоси баланди қалб ва равшангари синаҳои сӯхтаи сӯфиён буд ва дар ин аср махсусан дар Хуросон дар маҳфилҳои орифон ҷамоа ба рақсу суруд бармехостанд, чизе барои талқин ва тарғиби он нагуфтааст. Дар «Тазкират-ул-авлиё» омадааст, ки Абӯсаиди Абулхайр ба зиёрати Хароқонӣ меояд ва баъди суҳбату гуфторҳои орифона аз шайх иҷозаи рақсу самоъ мепурсад. Шайх иҷоза мефармояд ва дар ҳамин маҷлис ба ташвиқи Абӯсаид ба рақс бармехезад. Ва ин рақси ӯ гӯё ҳамаро ба ваҷду ҷунбиш оварда будааст.

«Нақл аст, ки шайх ҳаргиз самоъ накардӣ. Чун шайх Абӯ Саид ба зиёрати ӯ омад ба Хароқон, баъди таом хӯрдан гуфт: «Дастури ҳаст, ки чизе баргӯянд?» (яъне таронае гӯянд ё суруде хонанд). Шайх гуфт: «Моро парвои самоъ нест, лекин бар мувофиқати ту ин бишнавем». Пас қавволон ба дастмолиш байте бигуфтанд. Шайх дар ҳама умр пеш аз ин як навбат самоъ накарда буд. Пас шайх Абӣ Саид гуфт: «Эй шайх, вақт аст, ки бархезӣ!» Шайх бархост ва се бор остини биҷунбонид ва ҳафт бор қадам бар замин зад. Ҷумлаи девори хонақоҳ бар мувофиқати ӯ дар ҷунбиш омаданд. Шайх Абӯ Саид гуфт: «Ё шайх, бас кун, ки биноҳо хароб шавад!» Пас гуфт: «Ба иззати Худой, ки осмону замин бар мувофиқати ту дар рақс оянд». Шайх гуфт: «Самоъ касеро мусаллам аст, ки аз болои вай то арш кушода бинад ва аз зер то тахт-ус-суро». Пас асҳобро гуфт: «Агар шуморо гӯянд, ки ин рақс чаро мекунед, бигӯед: бар мувофиқати қавме, ки бархостаанд ва ишон инчунин бошанд»[86].

Аз ин нақл маълум мешавад, ки ҳарчанд дар маҷлисҳои Хароқонӣ рақсу самоъ ҷорӣ набуд, аммо дар маҳфилҳои шайхони дигари Хуросону Мовароуннаҳр ин урфу одат хеле шоеъ будааст. Нақлу ривоятҳое ки аз зиндагӣ ва суханони Абусаид хеле ва хеле бисёр оварда мешавад, дар маҷлисҳои ин шайх қаввolону сурудгӯён бисёр будаанд ва дар ҳар маврид шеъру таронаҳои муносиб мегуфтаанд ё месурудаанд. Дар ҳузури чунин шайхи бузургу бонуфузе мисли Хароқонӣ ба рақсу самоъ даромадани Абӯсаид ва муридони ӯ аз он баёнгар аст, ки ин расму оини дар Хуросон хеле шоеъ буда ва бе ин маҷлиси сӯфиён як маҳфили нотамом ва бенур мегардидааст.

Аз он чи гуфтем, метавонем ин ҷо аз баъзе хусусиятҳои тасаввуфи Хуросон, ки дар заминаи миллӣ ва анъанаҳои қавму милали ин сарзамин ташаккул ёфт, чанд сухан гуем.

Тасаввуф дар Хуросон, чунон ки дар боло гуфтем, ҳамон раванду ҷараёнеро, ки баъди Мансури Ҳаллоҷ сурат гирифта буд, боз зиёдтар ва дар микёси васеътар ҷорӣ намуд. Ба ҳамин тариқа, ба доираи маҳфил ва ҷараёнҳои суфия, ки дар асри IX ва махсусан дар асри X—XI дар Хуросону Мовароуннаҳр ниҳоят равнақу тавсия ёфта буд, бештар мардуми заҳматкашу ҳунарманд роҳ меёфтанд. Дар пеши шайхони ориф ва дар суҳбату гуфторҳои родманишона ва инсондустонаи онҳо ин қабил мардум ба дарди дили ситамдидаву ба сузи синаҳои аламкашидаи худ як тасалливу таскин меҷустанд, он тасалливу таскине, ки онҳо аз ҳокимону волиён ва уламои расмии атрофи дарбор эҳсос намекарданд. Вуруди ин табақаи мардум ба ҷараёни суфия бешак ба маҷлису ҷомеаи орифон урфу одати мардумӣ, суннату оинҳои маъмули халқиро ҷорӣ мекард. Яке аз ин одату оинҳои халқӣ дар ҷамъомаду маҳфилхо суруду таронахонӣ ва рақсҳои умумӣ буд, ки ин оин дар маҷлисҳои суфиён низ ҷорӣ гардид ва шайхони ҷомеаи суфиён ин урфу расми халқиро бе ҳеҷ монеаву тардид қабул доштанд.

Дар он вақтҳое, ки тасаввуф ба Хуросону Мовароуннахр роҳ мефт, дар ин сарзамин як бедории маданиву фарҳангии миллӣ, як ҷунбиши аз нав зинда кардани суннату анъанаҳои халқӣ, ки онро истилогарони араб, гуфтан мумкин аст, таҳти фишор қарор дода буданд, ба тарзи умумӣ ҳукмфармо буд. Яке аз зуҳуроти ин бедории миллӣ ба вуҷуд омадани забони дарии форсӣ ва ба ин забон ташаккул ёфтани назми шево ва пурмазмун буд. Шеъри дарӣ, ки дар шаҳрҳои бузурги маданияти қадими эронӣ, мисли Самарқанду Бухоро, Балху Марв ва ғайра овоз баланд мекард, дар ин давр бо шеъри шуҳратёри араб ҳамвазну ҳамсарӣ, ва ҳатто аз он пешқадамӣ мекард. Дар қатори мавзуъҳои дигари ахлоқиву фалсафӣ ва ҳаётӣ дар назми дарии форсӣ оҳангҳои ишқу муҳаббати бузурги инсонӣ низ тараннум мешуд. Ин ҳама оҳангу эҳсоси баланди ишқ, ки бо вуҷуди Инсонӣ ва бо мақоми бузурги Инсонӣ марбут ва алоқаманд буда, ба ҳамон ишқи орифона ва суфигаронае, ки низ бо эҳсоси баланд баён мегардид, ҳамоҳанг буд. Аз ин ҷост, ки дар маҷлисҳои рақси суфиён ашъори ошиқонаи шоирони форсигуй бо муҳаббату ҳаро-

рат ва ҷазабаву вачля махсус хонда ва суруда мешуд. Чунончӣ, Абӯсаид Абулхайр дар маҳфилҳои сӯфиён ҳангоме, ки рақсу самоъ барпо мешуд ё аз эҳсоси ошиқона ҳарфе ба миён меомад, ашъори шоирони форсигӯй мехонд ё ба қавол қироати он шеърҳоро мефармуд. Чунончи дар мавриде аз он ки ҳар чи бар сари банда меояд, ҳама аз Ҳақ аст, мегӯяд: «Ин ҳама балост, ки дар роҳи ту меорем: агар хайр аст, балост ва агар шарр аст, балост. Бихезу ба шарр фурӯ маой ва бо мо гард. Пас аз он мо низ дар миён набудем — ҳама фазли ӯ буд». Ва ин ҷо ғазале мехонад, ки ҳоло ба Рӯдакӣ мансуб будани он исбот шудааст:

Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост.
Кучо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.
Соқӣ, ту бидеҳ бодаву мутриб ту бизан руд.
То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост.
Май ҳасту дирам ҳасту бути лоларухе ҳаст,
Ғам нест в-агар ҳаст, насиби дили аъдост[96]

Ба ҷуз шайхоне, ки ба шеъру суруд ва таронаву ҷакома майли зиёд доштанд ва маҳфилҳои сӯфиёнро ба он гарм мекарданд, боз шайхони муршид ва сӯфиёне пайдо шуданд, ки худ шеърҳои пурҷозибаю пуршӯри ошиқона менавиштанд, ки дар он эҳсоси муҳаббату шефтагии худро ба Маъшуқи ҷовидонӣ дар пардаву оҳангҳои ишқи инсонӣ ифода мекарданд. Аз он шайхоне, ки дар маҳфилу маҷлисҳои орифона аз шеъру сурудҳои шоирони гузаштаву ҳамзамони форсии худ (инчунин шеърҳои шоирони араб низ) истифода намудааст, орифи бузург шайх Абӯсаиди Абулхайр буд. Ва аз аввалин шайхоне, ки шеърҳои ошиқонаро дар мазоқи сӯфиёна ва машраби ишқ суфудааст, шайх Бобокӯҳӣ мебошад, ки мо дар поён аз аҳвол ва осори ишон мухтасар сӯҳбат хоҳем кард.

## ШАЙХ АБУСАИДИ АБУЛХАЙР

Дар бораи ҳаёт ва ҳолоти Абӯсаиди Абулхайр ва орову ақоиди ӯ нисбат ба сӯфиёни муосир ва пешина зиёдтар ва мӯътамадтар маълумот дар даст дорем. Ду китобе, ки баъди даргузашти ин шайхи бузург ду мухлис ва ҳаводори ҳалоди ӯ навиштаанд, барои равшан намудани на танҳо аҳвол ва ақоиди ин шайх, балки барои таҳқиқ на тадқиқи густариши тасаввуф дар Хуросону Мовароуннаҳр ва нуфузи он ба шеъри форсӣ аз сарчашмаҳои пурарзиш ба

шумор меравад. Яке аз ин китобҳо «Асрор-ут-тавҳид фи мақомоти аш-Шайх Абӣ Саид» аст, ки ба каламн наввадааш Муҳаммад ибн ал-Мунаввар ибн Абӣ Саид ибн Абӣ Тоҳир ибн Саид ибн Абилхайр таълиф шудааст. Соли таълифи асар дар ин китоб сабт нашудааст, аммо аз он чо, ки муаллиф асари худро ба Ғиёсиддин Муҳаммад ибн Сомӣ Ғурӣ, (солҳои 558/1163 — 559/1202 ҳукмронӣ кардааст) бахшидааст, соли таълифи ин асарро низ дар нимаи дуюми асри XII тахмин кардан мумкин аст. Ин асарро аз рӯи нусхаи ягонаи музеи Британия соли 1899 шарқшиноси машҳури рус В. Жуковский дар Петербург ба чоп расонида буд.

Рисолаи дигар, ки нисбат ба «Асрор-ут-тавҳид» мухтасар аст, аз тарафи набераи дигари шайх Абӯ Рӯҳ Лутфулло ибн Абӯсаид Асъад ибн Абӯтоҳир Саид ибн Абӣ Саид бо номи «Ҳолот ва суханони шайх Абӯ Саид» таълиф гардидааст. Ин асар ҳам бори аввал ба саъю кӯшиши мусташриқи рус В. Жуковский ба табъ расида буд[97].

Ин ду асаре, ки дар таърихи тасаввуф ва таҳқиқи яке аз симоҳои бузурги он шайх Абӯсаиди Абулхайр аз маъхазҳои пурарзише буд, баъди солиёни дароз дар Эрон аз рӯи нусхаҳои тоза ба дастомада ба нашр расид ва мавриди истифодаи доираи васеи олимони шарқу ғарб гардид[97]. Тарчумаи ҳоли то андозае муфассали Абӯсаидро низ аз ҳамин ду сарчашма танзим додан мумкин аст.

Падари Абӯсаид — Абулхайр аз сокинони деҳаи Майҳанаи шаҳри Ховарони Хуросон ба касби атторӣ машғул будааст. Абулхайр шахси тақводор ва мутадаййине буда аз тариқату шариат хуб огоҳӣ доштааст. Ҳамеша дар маҷлису маҳфили аҳли ирфон ва порсоёни дин буда ва худ ҳам дар манзилаш чунин суҳбату нишастҳо меоростааст. Абӯсаид дар Майҳана рӯзи якшанбе, аввали моҳи муҳаррам санаи 357 ҳиҷрӣ, ки ба аввали моҳи декабри соли 968 милодӣ мутобиқ аст, таваллуд шудааст. Ӯ аз хурдӣ илми дину фиқҳро пеши падар омӯхта ва аз кӯдакӣ дар маҷлису маҳфилҳои падар ҳузур доштааст.

Падари Абӯсаид аз шахсони бонуфуз ва сарватманд ҳам будааст, ки пеши султон Маҳмуди Ғазнавӣ мартабаю манзилати хосса доштааст. Мегӯянд, ки ба фармоиши султон ва ба маблағи султонӣ дар Майҳана барои Абулхайр сарое бино карда буданд, ки он дар замони зиндагии муаллифи «Асрор-ут-тавҳид» ҳам барҷо ва ба номи «Сарои шайх» маъруф будааст. Сақфу деворҳои ин сароро бо номи султон ва пилону лашкарҳои музаффари ӯ нақш карда

[х]удаанд. Дертар Абулхайр барои писараш дар ин саро [х]онае бино кардааст. Абўсаид мефармояд, ки дар сақфу [д]еворхои ин хона танхо номи «оллох»-ро нависанд. Ва [д]ар чавоби он ки «чаро ў номи султонро дар сақфу де[в]ор нақш накард?» ба падар чавоб мегўяд: «Хар касе бар [д]еворн хонаи хеш номи амири хеш бинависад»[39].

Абўсаид аз кўдакй дар махфилу мачлисхои падараш дар [м]ини эхсосу чазабаи ирфонй ба шеъру самоъ тарбия ёфта [б]уд. Хануз дар овони кўдакй яке аз шайхон ба ў мегўяд: «Эй писар, хохй, ки бо худой сухан гўй?» Ў мегўяд: «Хо[х]ем, чаро нахохем?» Шайх мегўяд: «Хар вакт, ки дар хил[в]ат бошй, ин бигўй ва беш аз ин магўй! Байт:

> Бе ту, чоно, карор натаонам кард,
> Эхсоси туро шумор натвонам кард.
> Гар бар тани ман забон шавад хар мўе,
> Як шукри ту аз хазор натвонам крд[40].

Баъд аз он ки Абўсаид пеши падар забону адаби фор[с]ию арабй меомўзад («чун шайхи мо., аз лугат фориг [ш]уд»), ў ба омўхтани илмхои мутадовили замонаш шурўъ [м]екунад ва ба ин максад ба шахри Марв, ки яке аз мар[к]азхои фархангу дониши сомониён буд, сафар мекунад. Ин[ч]о пеши имом Абўабдулло ал-Хусри, ки «муфтии аср» буд ва дар илми тарикат огохии тамом дошт, панч сол тахсили илм мекунад. Баъд аз вафоти ин устод назди имом Абў[б]акри Каффол (охангар, кулфсоз) панч сол илми фикх меомўзад. Баъд аз ин ў ба Сарахс сафар мекунад ва дар ин шахр пеши имом Абўалй Зохир ибни Ахмад-ал-факех тафсири Куръон, усули дин ва ахбори набавй меомўзад. Дар ин аср Сарахс яке аз марказхои чамъомадхои сўфиён низ буд ва Абўсаид дар соатхои фарогат аз тахсили илм дар хонакохи орифи машхури ин шахр Абулфазли Хасан дар мачлисхои сўфиён иштирок мекунад ва ба ин шайхи маъруф сахт мухлис мешавад. Абулфазли Хасан дар му[к]обили савмиаи худ барои Абўсаид хонае месозад ва шабона рўз аз ахволи ў ва лахзахои мурокабаву зикри ў хабардорй мекард.

Баъд аз тахсили илм аз Сарахс Абўсаид ба Майхана бармегардад ва ба чои он ки ба тадрису таълим машгул шавад, ў билкул ба рохи ирфон дохил мешавад. Дар Май[х]ана барои худ савмиаи орифонае сохта шабу рўз ба ибо[д]ату риёзат машгул мешавад. Ва эхтимол аз хамин сол[х]о сар карда дар гирди Абўсаид мухлисону муридон чамъ

омада дар савмиаи ӯ маҷлисҳои самоъу рақс ташкил мекарданд.

Баъди ду-се соли бозгашти ӯ ба Майҳана волидайни ӯ даргузаштанд. Чунон ки муаллифи «Асрор-ут-тавҳид» нақл мекунад, Абусаид ба сугворӣ ва ёди рӯҳи поки онҳо рӯй ба биёбон оварда муддати ҳафт сол дар саҳрои атрофи Майҳанаву Бовардӯ Мавру Сарахс ба муҷоҳадат машғул буда ғизои ӯ танҳо хору хас будааст. Дар ин ривоят шояд муболиға бошад, аммо гумон кардан мумкин аст, ки Абусаид баъди даргузашти волидайн чанд муддат дар зуҳду узлат гузаронидааст. Баъди бозгашт ба Майҳана муршиди ӯ Абулфазл Ҳасан низ аз ин ҷаҳон рафта буд ва Абусаид ба шайх Абулъаббоси Қассоб бипайваст. Муаллифи «Асрор» дар ин маврид мегӯяд: «Шайхи мо Абусаид... ҳеч касро аз машоих мутлақ нахондӣ, илло шайх Абулаббос Қассобро». Ва аз он ҷо ки шайх Абулаббос сокини шаҳри Омул буд, Абусаид низ дар ин шаҳр чанд муддат иқомат ихтиёр мекунад. Дар ин солҳо дар Омул зиёда аз чор сад турбати машоихи суфия будааст ва Абусаид пайваста ба зиёрати онҳо мерафтааст. Худи ҳамин ҳам гувоҳи он аст, ки тасаввуф ҳанӯз пеш аз асри X, дар нимаи асри IX дар Хуросон хеле шоеъ ва мунташир будааст.

Дигар на дар «Асрор-ут-тавҳид» ва на дар «Ҳолот ва суханон» аз зиндагии Абусаид лаҳзаҳои муҳим ва ҷолиб нестанд, ба ҷуз он мулоқот ва суҳбатҳое, ки бо муридони худ доштааст ва дар зимни он аз ахлоқу мақомоту ҳолоти орифон андешаву ақоиди худро баён намудааст. Дар ин ҷо танҳо аз он фитнае, ки уламои дин дар ҳаққи ӯ ва муридонаш дар Нишопур барангехта буданд, мухтасар зикр намудан ба ҷост, то муносибати аҳли дин ба аҳли тасаввуф ва мақому нуфузи Абусаид дар ҷомеаи он замон барои мо маълум бошад.

Вақте ки Абусаид бори аввал ба Нишопур омад, дар атрофи ӯ муридони бисёр ҳам аз Майҳанаву ҳам аз Нишопур ҷамъ омаданд. Раиси шаҳр ва қозии он ҷо Соид ном аз уламои дин буд, ки некрӯй ва хушлиқо буд ва аз ин сабаб ӯро «Моҳи Нишопур» мегуфтанд, Абусаид дар шаҳр маҷлисҳои орифона ташкил мекард, ки он ҳо мардуми бисёр ҷамъ меомаданд, нуқлу наво ва асбоби зиёфат ҳамеша ҳозир буд, Абусаид дар ин маҷлисҳо ваъзҳои бе такаллуф мегуфт ва сипас маҷлиси рақсу самоъ барпо менамуд. Уламои шаҳр ба муқобили ин бидъат ва ҷуръати Абусаид ба номи султон Маҳмуд шикоятнома ирсол мекунанд. Ва сул-

тон казовати ин амалро ба ихтиёри Козӣ Соид мегузорад. Зиёда аз ин мардум ва суфиён низ ба муқобили ин фитна эътироз карда ба ҳимояи Абусаид бармехезанд. Ниҳоят, Қозӣ Соид назди Абусаид омада узрхоҳ мепурсад. Шайх дар ҷавоб ин байтро нишо мекунад:

Гуфтам, ки «манам моҳи Нишопуру маро,
Эй моҳи Нишопур Нишопур туро.
Они ту турову они мо низ туро,
То бигӯй, ки хусумат зи чаро?[100]

Ин воқеае, ки муаллифи «Асрор-ут-тавҳид» нақл мекунад, шаҳодат аз он дорад, ки Абусаиди Абулхайр дар ин замон таъсиру нуфузи бузург на танҳо дар миёни аҳли ирфон дошта, балки дар ҷомеаи он давр низ мақому манзилат доштаст, ки ба он ҳар кас аз табақаи ҳукмрон ё уламои расмӣ таарруз карда наметавонист. Аз ин воқеа боз ин натиҷа гирифтан мумкин аст, ки ҷомеаи суфиён ва дарвешон ва гурӯҳҳои гуногуни орифону соликони роҳ дар ин аср дар Хуросон хеле паҳн шуда будаанд ва онҳо ҳама аҳли ҳирфат ва заҳматро дар атрофи худ муттаҳид менамудаанд. Гузашта аз ин дар сари ин ҷамоаҳо шахсоне буданд, ки худ дар асл аз хонадонҳои ҳунармарону косибон ва аҳли меҳнату ҳирфат бархостаанд. Чунончи аз устодони Абусаиди Абулхайр яке қулфсозу оҳангар (имом Абубакри қаффол) ва дигаре қассоб (шайх Абулаббос қассоб) будаанд.

Дигар аз зиндагӣ ва аҳволи Абусаид воқеаҳое, ки равандн рӯзгори ӯро дигаргун ё халалдор карда бошанд, дар ҳар ду китоби тарҷумаи ҳоли ӯ бездид намешавад. Бештар нақлу ривоятҳо дар мавридҳое оварда шудааст, ки аз шайх кароматe зоҳир гашта ё ӯ дар мавкеъҳои гуногун андешаву ақидаи худро пеши муридону соликон изҳор дошта аст. Ин андешаву орон Абусаид бештар ба тавҷеҳи нуктаҳои ирфонӣ ва мақому дараҷаҳои ахлоқӣ дахл дорад.

Муаллифи «Асрор-ут-тавҳид» рӯзу моҳи соли вафоти Абусаидро хеле равшан овардааст: «Шайхи моро ҳазор моҳ умр будааст, ки ҳаштоду се солу чаҳор моҳ бошад ва рӯзи панҷшанба намози пешини чаҳоруми шаъбон санаи арбаина ва арбамиа (440) вафоташ расид. Дар Майхана дар савмиаи ӯ, ки сарои вай аст, рӯзи одина чоштгоҳ дафнаш карданд»[101]

Аз рӯи тақвими В. В. Цыбульский ин санаву рӯзҳои ҳиҷрӣ ба 12 январи соли 1049 ва ҳамон рӯзҳои ҳафтаи номбур-

да комилан мувофиқ меафтад.

Шайх Абусаиди Абулхайр дар таърихи тасаввуф ва махсусан дар чараёни интишор ва бунёд ёфтани таълимот ва ақоиди тасаввуф дар Хуросону Мовароуннаҳр нақши бузурге дошт. Ва он ривоёте, ки миёни Абу Алӣ Синову Абусаид гӯё дар идроки дунё ва ҳаводиси он баҳсу мунозира воқеъ шудааст, шоҳиди он аст, ки чунон ки Сино дар илми фалсафаи ин сарзамин нобиғаву ангуштнамои умум буда, Абусаид ба ҳамин мартаба дар ирфон аз саромадони рӯзгори худ будааст.

Чунон ки аз маълумоти «Асрор-ут-тавҳид» ва «Ҳолот ва суханон» бармеояд, Абусаид дар нуктаҳои муҳим ва ақоиду афкори ирфонӣ, дар мавзӯъҳои фалсафаи тасаввуф асаре таълиф накардааст. Дар ин ду китоби мазкур низ оровy андешаҳои ирфонии ин шайх ба тартибу танзиме баён нагаштааст. Танҳо дар ҳикоёт ва нақлҳое, ки аз лаҳзаҳои зиндагии ӯ дар санаву солҳои мухталиф ва мулоқотҳои ӯ бо муридону шайхони номбардори замонаш омадааст, андешаву ақоиди сӯфиёна аз ин шайх баён ёфтаанд. Дар ин андешаҳо пеш аз ҳама ишқи илоҳӣ ва чазабаи муҳаббате, ки ба Ҳақ ва аз Ҳақ ба банда шоеъ мешавад, дар маҳди аввал меояд. Ин чазаба ва ҳарорати ишқ ҳам дар самоъу тарона, ҳам дар рақсу мусиқӣ ва ҳам дар шеърҳои ошиқона баён шудаанд. Аксари ин шеърҳо дар мавридҳои муносиб аз шуарои муосир ва мутақаддими форсизабон, ки дар тараннуми ишқ гуфтаанд, оварда мешавад. Ба ҳамин тариқа, ҳамон иборот, таъбирот ва ташбеҳоту истиороте, ки дар ғазалу рубоӣ ва чакомаҳои ишқии заминӣ бозлид мешаванд, ба сони рамзу мафҳумҳои сӯфиёна истеъмол мешаванд. Дар ин миён шеърҳое низ ҳастанд, ки мавзӯъ ва мазмуни ирфонӣ доранд ва ишқи ин сурудҳоро ба чуз ишқи илоҳӣ ба дигар ишқ тавчеҳ кардан мумкин нест. Аммо хулосаву натича ин аст, ки дар мачлису маҳфилҳои Абусаид шеърҳои ошиқона яке аз воситаҳои баён намудани чӯшу ҳаячони ишқи сӯфиёна, воситаи тачассум ва тасаввури эҳсоси ишқи илоҳӣ, яъне воситаи дар қолаби чисмонӣ зоҳир сохтани қувва ва эҳсоси рӯҳонӣ ва маънавӣ буд.

Дар зимни баёни ишқ ва чазабаи ишқӣ дар эътиқоди ирфонии Абусаид ҳамон озодманишӣ ва риндие, ки дертар дар назми форсӣ мунташир гардид, равшан дида мешавад. Абусаид, ки дар ин дунё ба ибодати Ҳақ машғул аст, зиндагии хуши ин чаҳонро ҳамчун як тӯҳфа ва неъмати ило-

ӣ, ки танҳо ба Инсон ато шудааст, ситоиш мекунад. Ӯ ...ушини зиндагӣ, шодии ҳаётро мепарастад. Дар ин мазмун ...икояте омадааст:

«Ва вақте аз авқот шайхи мо Қуръон мехонд ва дар ...хири аҳд ҳар чи ояти раҳмат буд, мехонд ва ҳарчи ояти ...зоб буд, мегузошт. Яке гуфт: «Эй шайх, ин чунин назми Қуръон нашавад». Шайх гуфт:

Сокӣ, ту бидеҳ бодаву мутриб, ту бизан руд,
То май хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост.
Май ҳасту лирам ҳасту бути лоларухон ҳаст,
Ғам нест, в-агар ҳаст, насиби дили аъдост»[102].

Аз ин ҳикоят муфод он аст, ки Абӯсаид ғазалу чакомаҳои ишқии шоиронро, ки дар мавзӯи ҳаётӣ ва замини су...рудаанд, барои изҳори ақидаҳои сӯфиёнаи худ хеле хуб истифода менамудааст. Ва гузашта аз ин Абӯсаид мазмунҳои ниҳоят нозук ва ташбеҳҳои бадеи шоиронаро нағз мефаҳмидааст. Дар ин маврид ҳикояти зериро ин ҷо нақл кардан бамаврид аст: «Хоҷа Абулфатҳ шайх гуфт: «Як рӯз қаввол пеши шайхи мо... ин байт мехонд, ки:

Андар ғазали хеш ниҳон хоҳам гаштан,
То бар ду лабат бӯса диҳам чун-ш бихонӣ.

Шайхи мо аз қаввол пурсид, ки «ин байт кирост?» Гуфт: «Аммора гуфтааст». Шайхи мо бархост ва бо ҷамоати сӯфиён ба зиёрати хоки Аммора шуд»[103].

Ин ҳикоят баёнгари он аст, ки Абӯсаид ва сӯфиёни он замон шеъру ғазалҳои ишқии шуарои асрро хуб медонистаанд ва хуб мепазируфтаанд ва ин ғазалу чакомаҳои ишқиро дар маҷлису маҳфилҳои худ месурудаанд, то ҷазабаи ишқ ва эҳсосу ҳаяҷони худро аз ҷаҳру самоъҳои орифона, ки дар соатҳои шавқу иштиёқи муҳаббати Ҳақ рӯй медод, бо ин ашъори ошиқона зоҳир намоянд.

Абӯсаид дар мавридҳои муносиб ва мавқеи зарура худ низ шеър мегуфтааст. Чунон ки дар боло шеъри ӯро хитобан ба Қозӣ Соиди Нишопурӣ овардем, дар «Асрор-ут-тавҳид» фасле ҳаст ба унвони «Абёти пароканда, ки бар забони шайхи мо... рафтааст» ва дар аввали ин фасл рубоие ҳаст, ки онро ҳамоно худи Абӯсаид иншо кардааст:

Ҷоно ба замини Ховарон хоре нест,
К-аш бо ману рӯзгори ман коре нест.
Бо лутфу навозиши ҷамоли ту маро
Дар додани сад ҳазор ҷон оре нест[104]

Ҳарчанд марҳум Саид Нафисӣ ва Е. Бертельс Абӯсаид Абулхайрро аз аввалин шоирони форсии ирфонӣ медонанд ва шеърҳои орифонаро ба ӯ нисбат додаанд, аммо худи Абӯсаид Абулхайр, мувофиқи шаҳодати муаллифи «Ҳолот ва суханон», гуфта будааст, ки ӯ ҳеҷ гоҳ худ шеър наменавиштааст. Он чи аз забони ӯ шеър оварда мешудааст, ҳама аз шоирони дигар ва бештар аз Пир Абулқосим Бушр ном шоире (ҳамоно ориф) будааст. Ин аст, ки муаллифи «Ҳолот ва суханон» дар ин боб овардааст:

«Дарвеше Ҳамза ном ба шайх нома фиристод ва бар сари нома навишта буд: «Бӯ Ҳамзат-ут-туроб». Шайх бар пушти нома набишт ин байт ва бифиристод:

Чун хок шудӣ, хоки туро хок шудам.
Чун хоки туро хок шудам, пок шудам.

Пас рӯй ба ҷамъ кард ва гуфт: Мо ҳар киро шеър бигуфтаем, он чи ба забони мо равад, гуфтаи азизон бувад ва бештар аз они Пир Абулқосим Бушр бувад»[104].

Дар ин фасл ва дар рисолаи «Ҳолот ва суханон» ашъори бисёре ба форсӣ ва низ ба арабӣ аз забони Абӯсаид оварда шудааст, ки ғолибан аз шуарои дигар аст, аммо мансубияти онҳо то имрӯз (ба ҷуз чанде аз ашъори Рӯдакӣ) маълум нест.

Абӯсаид на танҳо ошиқи шеъри ишқӣ, балки наққоди шеър ҳам будааст. Ӯ хубҳу ҳусни лафзи шеърро хуб мефаҳмид ва аз ин ҷост, ки истифодаи шеърҳо дар гуфтору суханони ӯ ниҳоят бамаврид ва муносиб афтодааст. Дар ҷое ӯ ба маънии як шеъри қаввол эрод низ гирифтааст. «Ва як рӯзи дигар қаввол дар пеши шайхи мо ин байт мехонд:

На ҳамраҳӣ ту маро, роҳи хеш гиру бирав.
Туро саломат боду маро нагунсорӣ

Шайхи мо гуфт:

«Чунин набояд гуфт. Бояд гуфт:
Туро саломат боду маро сабуксорӣ»[105].

Дар гуфтор ва суханони Абӯсаид дар тавҷеҳи тасаввуф ва баъзе ҳолоту мақомоти сӯфиён андешаҳои ҷолибе низ баён шудаанд. Чунон чи дар он ки тасаввуф чист ба тарзи муҷаз ва мухтасар, аммо ба маънии амиқ чунин фармудааст: «Шайхи мо гуфт: «Тасаввуф ду чиз аст: Як сӯ нигаристан ва як сон зистан»[106]. Дар ин нукта маънии амике ниҳон аст. Як сӯ нигаристан, яъне ҳамеша ба Ҳақ нигаристан, бо ӯ будан ва дил бо ӯ доштан аст. Як сон зистан,

яъне аз рохи сулуки сӯфиён, ки ибодат ва зикри доимист, беруи нарафтан, ахлоки поку ҳамидаро, ки сӯфиёну дарвешон таблиғ мекунанд, пайрави кардан аст. Ба ҳамин тариқа, Абӯсаид дар бораи зӯҳд, таваккул, ризо ва нуктаҳои дигари ақоид ва таълимоти тасаввуф фикру андешаҳои худро баён кардааст.

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар гуфтору суханони Абӯсаид мавкеи калон дорад, мавзӯи ахлоқи ҳамидаи Инсон аст. Абӯсаид ҳамон покии ахлоқ ва тазкияи рӯҳониро, ки аҳли тасаввуф умуман барои инсон ва хусусан барои аҳли сулук таблиғ мекарданд, низ дар гуфтор ва кирдори худ барои пайравону дарвешони замонаш ташвиқ намудааст. Он тартибу танзиме, ки дар таблиғи ахлоқ дертар дар Ғаззоливу Ҷуллобӣ ва шоирони мутасаввиф мебинем, дар гуфтору суханони Абӯсаид ба як назм наомадааст. Аммо дар нақлу ҳикоёте, ки аз зиндагӣ ва тарзи рӯзгору маҷлису маҳфилҳои ӯ ҳам дар «Асрор-ут-тавҳид» ва ҳам дар «Холот ва суханон» оварда шудааст, бисёр нуктаҳо ва муҳимми афкору андешаҳои Абӯсаид дар боби ахлоқ ҳувайдост.

Абӯсаид дар ахлоқи сӯфиён пеш аз ҳама ростӣ, бори заҳмати зиндагӣ кашидан ва дар тоату ибодат на такаллуф балки як оромӣ ва хомӯширо тарғиб мекард. Дар ин мавзӯъ ҳикоите аз ӯ овардаанд: «Вакте ду мусофир ба назди шайх даромаданд... ва суол карданд, ки «моро сӯфиӣ даромӯз». Шайх пушт ба сутуне боз ниҳода буд. Се бор даст ба сутун боз овард ва ҳеч сухан нагуфт. Хидмат карданд ва аз пеши шайх берун рафтанд. Яке аз он ду тан, ки оқилтар буд, пурсид, ки «шайх чӣ кард?» Гуфт: «Он чи боист. Шайх дар се ҳаракат, ки бар сутун даст зад, маълум шуд, ва он ин аст, ки «хомӯш бош ва рост бош ва боркаш бош!»[107].

Дар ҳикоятҳое, ки Абӯсаид нақл кардааст ё аз забони ӯ овардаанд, шайх самимият ва сидқу софии танати ботинию зоҳириро тарғиб мекардааст. Солик бояд дар роҳи худ рост бошад, аз роҳи Ҳақ барнагардад, кирдораш чӣ тавре, ки бошад, тинату ботинаш ҳам ба ҳамон тарз бошад. Чунончӣ: «Рӯзе шайхро гуфтанд: «Ё шайх, фалон муридат бар фалон роҳ афтодааст масту хароб!» Фармуд: «Биҳамдуллаҳ ки бар роҳ афтодааст, аз роҳ наёфтодааст».

Дар ҳамин маънӣ ҳикояти дигаре оварда шудааст, ки шайх аз рӯзгори Ҷунайди Бағдодӣ нақл карда будааст: «Дар Бағдод рӯзе масте буд ва тоқати рафтан набудаш аз

мастӣ. Шайх Ҷунайд баргузашт. Чашми он маст бар шайх афтод ва шайхро назар бар вай афтод.

Маст шарм дошт. Гуфт: «Ё шайх, чунин ки ҳастам, менамоям! Ту чунон ки менамоӣ, ҳастӣ?» Гиря бар шайх афтод. Ба сабаби ин сидқ, Ҳақ таоло он мастро тавба дод»[108].

Шайх Абўсаид дар тарғиби муҳаббат, покии ишқи инсонӣ, дар таблиғи адолат чандин гуфтор ва ҳикоятҳои пандомўз низ дорад. Ишқ бояд озод бошад. Ошиқу Маъшуқ бояд восили ҳамдигар бошанд, онҳое, ки озодии Ишқро помол мекунанд, аз одамият дуранд. Ва дар ин боб ҳикояти ҷолибе овардаанд, ки гуё дар зиндагии ў рух додааст.

«Гуфтанд: Рўзе шайх Абўсаид дар бозори Нишопур мерафт. Наздики наххосхона расид. Овози чанг бишнид, бингарист. Канизаки турки мутриба чанг мезад ва ин байт мегуфт:

> Имрўз дар ин шаҳр чу ман ёре не,
> Оварда ба бозору харидоре не.
> Он кас, ки харидор — бад-ў роям не,
> В-он кас ки бад-у рой — харидорам не.

Шайх ҳамон ҷо саҷҷода бияфганд ва бинишаст ва фармуд, ки канизакро биёрад. Дарҳол оварданд. Фармуд ки «байт бозгўй!» Бозгуфт. Шайх фармуд, ки «хасми канизак куҷост?» Гуфтанд: «Ҳозир аст!» Овоз доданд. Омад. Фармуд, ки «ба чанд мефурўшӣ?» Гуфт: «Як ҳазор динор!» Фармуд, ки «харидам!» Хасм гуфт, ки «фурўхтам!» Канизакро фармуд, ки «роят бар кист?» Гуфт: «Ба фалон!» Фармуд, ки «ҳозир кунед!» Ҳозир карданд. Канизакро озод кард ва ба занӣ бад-он хасм дод. Фурўшанда фарёд баровард, ки «баҳои канизак!» Фармуд, ки бирасонам. Аз муридон яке мегузашт. Шайх овоз дод ва фармуд, ки «ҳазор динор аз воҷибот бад-ин хасми канизак деҳ!» Қабул кард ва дар соат бирасонид»[109].

Абўсаид Абулхайр ҳарчанд шўҳрати калон дар замонаш дошт, аммо ҳамоно алоқае бо ҳокими вақт надоштааст. Танҳо дар мавриде ҳикояте омадааст, ки яке аз вазирони Тағрули салҷуқӣ — Бўмансури Варқонӣ пеши шайх омада аз ў васияту андарз хостааст. Абўсаид ўро чунин панду андарз кардааст:

«...Кори ту имрўз адои ҳуқуқи халқ аст. Пайваста чашми хайр медор, ки то фардо дастгири ту бошад... Ин халқ, ки ҷумла абнои давлати туанд, ба ҷумла ба назари фарзандӣ нигар. Ва ба хутомӣ дунё ва заҳмати халқ фирефта

машав, ки халоиқ бандаи хешанд. Агар ба ҳоҷати эшон нагузорӣ, ба ту илтифот накунанд ва агарчи бисёр ҳунар дорӣ!»[109].

То он ҷо ки маълум аст, ин ягона панду андарзест, ки мо нахуст аз забони шайх Абӯсаид ба ҳокими замон дар даст дорем. Баъд аз Абӯсаид панду андарзи орифон ба ҳокиму ҳукмронҳои замон бисёр дида мешавад ва ҳатто дар китобҳое, ки ба таълимоту фалсафаи тасаввуф тахсис шудааст, бобҳое таълиф шудаанд, ки мавзӯи онҳо иборат аз тадбири ҷаҳондорӣ ва раиятпарварист аз роҳи ахлоқи ҳамида.

## БОБО КӮҲӢ

Ҳарчанд зумраи шоирони ирфониро аз Бобо Тоҳир, Бобо Афзал ва Бобо Кӯҳӣ сар мекунанд, аммо дар ин миён Бобо Кӯҳӣ шоири аввалини ирфонист, ки аз ӯ девони мукаммале ба ҷой аст ва дар ин девон нуктаҳои умда ва афкору ақоиди ирфонии он замон бештар ва тамомтар инъикос ёфтааст. Аз ин ҷиҳат ашъори Бобо Кӯҳиро мо метавонем аз намунаи аввалини назми ирфонӣ баршуморем.

Ашъор ва аҳволи Бобо Кӯҳӣ дар шарқ ва ғарб гуфтан мумкин аст то солҳои бистуми асри мо аз баъзе тазкираву сарчашмаҳо маълум буд, аммо бояду шоид мавриди таҳқиқ ва омӯзиш нашуда буд. Аввалин шахсе, ки аҳвол ва осори ин шоирро мукаммал ва ба умқи назар омӯхтааст, мусташрики шаҳири рус Е. Э. Бертельс мебошад. Ин олим аз рӯи нусхаи девони шоир, ки дар Музеи Британия маҳфуз ва тавсифи он дар феҳристи Рё омада аст, матни интиқодии девони шоирро ба чоп омода сохта ва пешгуфтори муфассале дар бораи зиндагии шоир, мухтассот ва муҳтавиёти ашъори ӯ ва тарзу усули таҳияи матни девон навишта буд. Аммо матни таҳиянамудаи Е. Бертельс ба табъ нарасид ва пешгуфтори он низ рӯи чопро надид. Танҳо соли 1965 ин пешгуфтор дар яке аз ҷилдҳои осори мунтахаби Е. Бертельс мундариҷ гашт ва ба ин восита дар дастраси аҳли илм қарор гирифт. Арзиши илмӣ ва аҳмияти таҳқиқоти Е. Бертельс дар ин мавзӯъ имрӯз ҳам побарҷост ва мо низ дар таълифи ин фасл аз натиҷаҳои он таҳқиқот фаровон истифода бурдаем. Дар таҳлили мавзӯъ ва мундариҷаи девони шоир то он ҷо ки даст ёфтем, чанде андешаҳои худро илова намудем[110].

Дар дасти мо инчунин девони шоир мавчуд буд, ки онро соли 1332 шамсӣ дар Шероз Ҳабибуллоҳ Имдод ба чоп омода кардааст ва дар аввали девон дар аҳволи шоир ва чигунагии сурати нашри девон сарсухани мухтасар низ навиштааст[111]. Дар шарҳи зиндагии шоир мо баъзе маълумотро аз ин мукаддима низ ахз кардаем.

Дар муқаддимаи девон ношир номи шоирро Алӣ, куняашро Абӯабдулло, лақабашро Бобо ва тахаллусашро Кӯҳӣ гуфтааст. Баробари ҳамин ӯро Бокуя, Боку, Ибн Бокуя, Ибн Боку низ мегуфтаанд. Дар баъзе маохиз ин тахаллус хои ӯро ба он тавчеҳ кардаанд, ки шояд ӯ аз шаҳри Боку бошаду ба ин муносибат ҳамин лақабро гирифта аст. •Дар асл ин ҳама лақабҳо ҳамон шакли тасғир ё кӯтоҳи Бобо Кӯҳӣ асту бас.

Бертельс аз ин чо ки Бобо Кӯҳӣ вакти ба Нишопур омаданаш (соли 412/1021) бино ба гувоҳии муаллифи «Асрор-ут-тавҳид» 90 сол доштааст, санаи таваллуди ӯро соли 322/933—93 тахмин кардааст. Соли вафоти ӯ дар сарчашмахо 442/1050 — 51 сабт шудааст ва дар ин сурат муддаки умри Бобо Кӯҳӣ 120 мешавад, ки аз назари Е. Бертельс хам шубханок аст (ҳар чанд, мегӯяд ӯ, дар шарқ дарозумрхо бисёр буданд). Дар сарсухани девон соли таваллуди ӯро 337 нишон додаанд, ки он ба 948—49 милодӣ мутобиқ аст. Дар он сурат тӯли умри шоир 101 мешавад, ки ин ба ҳакикат карибтар аст.

Бобо Кӯҳӣ дар Шероз мутаваллид шудааст ва нисбаи ӯ — «шерозӣ» далели ҳамин аст. Ӯ дар чавонӣ дар назди шайхи машҳури он замон сӯфии номдор Абӯ Абдулло Муҳамад ибн Хафифи (с. в. 23 рамазони 371 ҳичрӣ — 20 марти соли 982 милодӣ) Шерозӣ дар хидмат будааст. Пас аз таҳсили илми мутадовили замонаш ба тариқаи сӯфия дохил шудааст ва илму дониши ӯ ҳайратафзои муосиронаш будааст. Чунончӣ Абдуллоҳи Ансорӣ гуфтааст, аз забони Бобо Кӯҳӣ 30 000 ҳадиси пайғамбар ва 30 000 ҳикоёти дигарро навишта будааст.

Бобо Кӯҳӣ чанд сол дар Нишопур, ки дар он аср онро метавон шаҳри орифон номид, зиндагӣ кардааст ва дар ин чо бо сӯфиёни машҳур Абӯ Абдураҳмон Суламӣ (с. в. 421 —1030) ва Абулқосим Қушайри ҳамсӯҳбат ва дӯст будааст. Дар ҳамин шаҳр будааст, ки ӯ дар синни 90-солагӣ бо Абӯсаид Абулхайр вохӯрда аз сӯҳбати ӯ хеле мутаассир ва баҳравар гардидааст. Аммо раксу самои маҳфили ӯро хеч ба дил кабул карда натавонистааст.

Дар охири умр Бобо Кӯҳӣ якбора аз дӯстону мухлисон тарки алоқа карда ба Шероз меояд ва дар як ғоре, ки бо... кӯҳи атрофи Шероз воқеъ будааст, манзил гузида дар ҳамон ҷо ба узлату риёзат умр ба поён расонидааст. Муаллифи муқаддимаи девон дар ин боб ҳикояте меорад, ки гӯё Бобо Кӯҳӣ ба духтари подшоҳи замонаш ошиқ шудааст, аммо медонистааст, ки ӯ сазовори чунин духтаре нест ва ба ӯ расидан ҳеҷ илоҷ надорад, ба гӯшаи узлат рафта ба дуову ниёиши ошиқона машғул шудааст. Дуову ниёиши ишқи ӯ чунон пуртаъсир будааст, ки маҳбубро пеши ӯ овардаанд ва ин ҳар ду то охири умр бо ҳамин ишқу муҳаббат дар тоату ниёиш умр ба охир кардаанд.

Бобо Кӯҳӣ дар ҳамин ғор аз дунё мегузарад ва ӯро дар ҳамин ғор дафн мекунанд. Имрӯз мадфани ӯ бар ҷост ва зиёратгоҳи мухлисону дарвешон аст.

Аз Бобо Кӯҳӣ як девони на чандон калон, аммо тамомиятёфта дар даст аст. Ғайр аз ин ӯ муаллифи тарҷумаи ҳоли Ҳусайни Мансури Ҳаллоҷ аст, ки матни ин тарҷумаҳолро олими фаронсавӣ Луи Массиньон ба чоп расонидааст[112]. Асари дигари ӯро бо номи «Ахбор-ул-орифин» муаллифи «Кашф-уз-зунун» зикр кардааст, аммо ин китоб ҳоло пайдо нест[113].

Девони Бобо Кӯҳӣ, чунон ки гуфтем калон нест. Шумораи абёти ин девон ва девонҳои қаламие, ки дар дасти марҳум Е. Бертельс будааст, дар ҳудуди 1200 байт аст, ва гуфтан мумкин аст, ки аввалини ҷомеътарин ашъори сӯфиёна аст, ки дар он хусусиятҳои умдатарини назми ирфонии мо дар ибтидои пайдоиши он ба назар мерасад. Он мавзӯъ ва оҳангҳои ошиқона ва сӯфиёна, ки мо дар ашъори Бобо Кӯҳӣ мебинем, баъдҳо аз тарафи чунин шоирони забардасту баландпоя мисли Саноию Аттор ба дараҷаи камолоти бадеӣ ва синоати сухан расид.

Бобо Кӯҳӣ дар ғазалҳои худ мазмуни оятҳои Қуръонро, ки онро шуарои мутасаввиф бо тавҷеҳ ва завқу фаҳми худ қабул мекарданд, ба либоси шеър даровардааст. Шоир ғазалҳое дорад, ки дар онҳо оҳангҳои сӯфиёна бо мазмуни Қуръон равшан ифода ёфтааст ва онро мисли шеърҳои ошиқона ба ду ваҷҳ маънидод кардан мумкин нест. Чунонки, ӯ қиссаи офариниши Одамро ба қудрати худо ва ҳамон нуктаи муҳимми ояти шарифро, ки ба мазмуни «ва нафахту фиҳи мирруҳӣ» омадааст, дар як ғазалаш ба ин байтҳо ... намудааст:

Ҳақ дамид андар дами Одам нафас,
З-ин ҷиҳат Одам ба Ҳақ шуд ҳамнафас.
Аз малоик сирри Одамро нуҳуфт,
Кай занад Ҳақ пеши номаҳрам нафас.

Ишора ба ҳамон оятҳои сураи «Бақара» аст, ки дар он парвардигор номи ашёро на ба малоик, балки ба Одам меомӯзонад. Ва ҳамгоме, ки малоик ба худо эрод мегиранд, ки набоистӣ, ки ин тавр шудӣ, худо мегӯяд: «Иннӣ аъламу мо таъламу» — «Он чи ки ман медонам, шумо намедонед» (сураи Бақара, оятҳои 29—31). Ва сипас мазмуни ҳамин оятро ба зодани Исо пайванд медиҳад.

Ҳақ аз он нафсе, ки дар Одам дамид,
Зад зи ҷони Эсии Марям нафас,
Кӯҳиё то чанд аз ин қилу мақол,
Пас мазан дар пеши «ло аълам» нафас[114].

Ин мазмун ва мавзӯи иттиҳоди шахси Инсон ва зоти илоҳӣ яке аз мазоминни муҳиммест, ки баъдҳо дар ашъори шоирони сӯфӣ ниҳоят интишор ёфт. Инак ҳамин рӯҳи илоҳӣ, ки дар ниҳоди Инсон аст, ба расидани солики ҳақиқӣ ба зоти илоҳӣ ва таҷаллии ин зот барои солик роҳ мекушояд. Ин маънӣ дар бисёр ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ мундариҷ аст. Аз ҷумла дар ин ғазал:

Ҳастам аз илми назар донои Ҳақ,
Чун ба чашми Ҳақ шудам бинои Ҳақ.
Ҷисм чун дор асту ҷон — Мансур боз,
З-он «аналҳақ» гуфту шуд гӯёи Ҳақ.
Ҳар чи мавҷуданд аз болову паст,
Қатраи маҳванд дар дарёи Ҳақ.
Маънии «куфван аҳад» донӣ, ки чист,
Нест ҷуз Ҳақ ҳеҷ кас ҳамтои Ҳақ.
Ҳам ба гӯши ҷон шунидам субҳидам,
Ҳаст Кӯҳе ҷони Инсон ҷои Ҳақ

Бобо Кӯҳӣ дар ғазалҳои худ ҳамон Ишқе, ки офаридагор ба банда ва банда ба офаридгор дорад, бо таъбиру ибораҳои ишқи заминӣ тараннум мекунад. Дар таълимоти аҳли ирфон ояти шарифаи Қуръон «фасавфа йаътиллоҳу би қавмин йуҳиббуҳум ва йуҳиббунаҳу» (бо зудӣ худо қавмеро меорад, ки он худоро дӯст медорад ва худо онҳоро дӯст хоҳад дошт)[115] дар тараннуми Ишқи илоҳӣ аҳамияти хеле калон дошт. Ишқи солик, ки ба парвардигор мепарварад, бо атое ба ӯ бармегардад, ки худо ҳам онро дӯст хоҳад дошт. Ва ҳамин Ишқи илоҳӣ, ки аз дили Инсон сар мезанад ва дили ӯро пурнур мекунад, бо муҳаббати худо боз дили инсонро поку пуртаҷаллӣ мегардонад. Инак,

ҳамин Ишқ дар ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ оҳанги пурҷозибае дорад.

Аз рӯи ҳусни маънӣ ҷонро бутест моил,
З-он рӯ нагашт ҳаргиз аз рӯи ҳусн зоил.
Назди ту ҷумла хубон чун зарра пеши хубон,
Ҳар аҷзи хеш ҳастанд заррoти ҷумла қоил.
То чашми бад набинад рӯи накӯи ӯро,
Тумори зулф гардид дар гарданаш ҳамоил.
Рамзи «раайту раббӣ» дар аҳсани сувар бин,
Хуршеду моҳ аз он шуд ҳайрони он шамоил.
Сайри «юҳиббуҳум»-ро охир баён ҳамин аст,
Буд ӯ ба хеш ошиқ дидем дар авоил...[116]

Дар ин ғазал ба ҷуз оҳанги Ишқ маънии ваҳдати вуҷуд низ мундариҷ аст. Дар пеши Ҳусни ОН ЗОТ тамоми заррaҳо эътироф доранд. Ин ҳуснро чашми бад дида наметавонад ва Зулф ин Рухро аз чашми нопок нигаҳ медорад. «Раайту раббӣ» — «Худоро дидам» гуфтан ин як рамзест, зеро Солик на Худоро, балки дар тамоми мавҷудот «сувари он», яъне нақши онро мебинад. Солик барои дидани таҷаллии зоти илоҳӣ бояд қолаби хокиро тарк гӯяд, дар он сурат Ҷон ба Ҷонон мерасад, ҳарчанд Тан аз он Ҷонон ба фарсангҳо дур аст. Дар ғазале Бобо Кӯҳӣ гуфтааст:

Дар раҳи ишқам, дило, девонаву ғофил мабош,
То бад-ӯ восил шавӣ, дар қайди ҷону дил мабош.
Марг ҳақ аст, эй писар, гар аз ҳақиқат воқифӣ,
Ботил омад зиндагӣ дар фикри ин ботил мабош!
Олами лоҳут, эй дил, манзилу маъвои мост,
Рӯ ба доми нафси носутиву обу гил мабош.
Ҷон ба ҷонон восил омад, ҳаст тан фарсанги роҳ,
Кӯҳиё, бархез аз роҳ дар миёни ҳоил мабош.[117]

Он чӣ гуфтем ва иқтибос овардем, ин нуктаҳои ирфонӣ ва андешаҳои сӯфиёнаи шоир буд, ки ҳам дар таъбиру ибороти тасаввуф ва ҳам дар сурати бадеи ғазалҳои лирикӣ ифода ёфтааст. Ба ҷуз ин дар девони Бобо Кӯҳӣ ғазалҳое ҳастанд, ки онҳоро мо ишқи сӯфиёна, ҷазабаи дили солик, эҳсосоти бузурги як нафар орифи Ҳақпараст гуфта метавонем. Ин ҷо симои Ёр, дили Ошиқ, сӯзу гудози дили ҷунунзада дида мешавад, ки он васли ёр, дидори ҷамоли онро мехоҳад ва месӯзад. Чунончи, шоир гуфтааст:

Мо чу гаштем ба тири мижаи ёр ошиқ,
Шуд дили сӯхта пурдарду ҷигархор ошиқ.
Ду ҷаҳонро ҳама бар оташи сӯзон фиганд,
Ҳар ки шуд аз дилу ҷон бар рухи дилдор ошиқ.
Ёри мо рӯи чу хуршед ба олам бинамуд,
Ҳама заррoти ҷаҳонанд ба дидор ошиқ.

Ҳақ дамид андар дами Одам нафас,
З-ин ҷиҳат Одам ба Ҳақ шуд ҳамнафас.
Аз малоик сирри Одамро нуҳуфт,
Қай занад Ҳақ пеши номаҳрам нафас.

Ишора ба ҳамон оятҳои сураи «Бақара» аст, ки дар он парвардигор номи ашёро на ба малоик, балки ба Одам меомӯзонад. Ва ҳамгоме, ки малоик ба худо эрод мегиранд, ки набоистӣ, ки ин тавр шудӣ, худо мегӯяд: «Иннӣ аъламу мо таъламу» — «Он чи ки ман медонам, шумо намедонед» (сураи Бақара, оятҳои 29—31). Ва сипас мазмуни ҳамин оятро ба зодани Исо пайванд медиҳад.

Ҳақ аз он нафсе, ки дар Одам дамид,
Зад зи ҷони Эсии Марям нафас,
Кӯҳиё то чанд аз ин қилу мақол,
Пас мазан дар пеши «ло аълам» нафас[114].

Ин мазмун ва мавзӯи иттиҳоди шахси Инсон ва зоти илоҳӣ яке аз мазоминни муҳиммест, ки баъдҳо дар ашъори шоирони сӯфӣ ниҳоят интишор ёфт. Инак ҳамин рӯҳи илоҳӣ, ки дар ниҳоди Инсон аст, ба расидани солики ҳақиқӣ ба зоти илоҳӣ ва таҷаллии ин зот барои солик роҳ мекушояд. Ин маънӣ дар бисёр ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ мундариҷ аст. Аз ҷумла дар ин ғазал:

Ҳастам аз илми назар донои Ҳақ,
Чун ба чашми Ҳақ шудам бинои Ҳақ.
Ҷисм чун дор асту ҷон — Мансур боз,
З-он «аналҳақ» гуфту шуд гӯёи Ҳақ.
Ҳар чи мавҷуданд аз болову паст,
Қатраи маҳванд дар дарёи Ҳақ.
Маънии «куфван аҳад» донӣ, ки чист,
Нест ҷуз Ҳақ ҳеҷ кас ҳамтои Ҳақ.
Ҳам ба гӯши ҷон шунидам субҳидам,
Ҳаст кӯҳе ҷони Инсон ҷои Ҳақ

Бобо Кӯҳӣ дар ғазалҳои худ ҳамон Ишқе, ки офаридагор ба банда ва банда ба офаридгор дорад, бо таъбиру иборaҳои ишқи заминӣ таранnум мекунад. Дар таълимоти аҳли ирфон ояти шарифаи Қуръон «фасавфа йаътиллоҳу би кавмин йуҳиббуҳум ва йуҳиббунаҳу» (бо зудӣ худо кавмеро меорад, ки он худоро дӯст медорад ва худо онҳоро дӯст хоҳад дошт)[115] дар тараннуми Ишқи илоҳӣ аҳамияти хеле калон дошт. Ишқи солик, ки ба парвардигор мепарварад, бо атое ба ӯ бармегардад, ки худо ҳам онро дӯст хоҳад дошт. Ва ҳамин Ишқи илоҳӣ, ки аз дили Инсон сар мезанад ва дили ӯро пурнур мекунад, бо муҳаббати худо боз дили инсонро поку пуртаҷаллӣ мегардонад. Инак,

хамин Ишқ дар ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ оҳанги пурҷозибае дорад.

Аз рӯи ҳусни маънӣ ҷонро бутест монд,
З-он рӯ нигашт ҳаргиз аз рӯи ҳуси зонд.
Назди ту ҷумла хубон чун зарра пеши хубон,
Ҳар ақли хеш ҳастанд зарроти ҷумла конд.
То чашми бад набинад рӯи накӯи ӯро,
Тӯмори зулф гардид дар гарданаш ҳамонд.
Рамзи «раайту раббӣ» дар аҳсани сувар бин,
Хуршеду моҳ аз он шуд ҳайрони он шамонд.
Сайри «юҳиббуҳум»-ро оҳир баён ҳамин аст,
Буд ӯ ба хеш ошиқ дидем дар авонд...[110]

Дар ин ғазал ба ҷуз оҳанги Ишқ маънии ваҳдати вуҷуд низ мундариҷ аст. Дар пеши Ҳусни ОН ЗОТ тамоми зарраҳо эътироф доранд. Ин ҳусиро чашми бад дида наметавонад ва Зулф ин Руҳро аз чашми нопок нигаҳ медорад. «Раайту раббӣ» — «худоро дидам» гуфтан ин як рамзест, зеро Солик на худоро, балки дар тамоми мавҷудот «сувари он», яъне нақши онро мебинад. Солик барои дидани таҷаллии зоти илоҳӣ бояд қолаби хокиро тарк гӯяд, дар он сурат Ҷон ба Ҷонон мерасад, ҳарчанд Тан аз он Ҷонон ба фарсангҳо дур аст. Дар ғазале Бобо Кӯҳӣ гуфтааст:

Дар раҳи ишқам, дило, девонаву ғофил мабош.
То бад-ӯ восил шавӣ, дар қайди ҷону дил мабош.
Марг ҳаққ аст, эй писар, гар аз ҳақиқат воқифӣ,
Ботил омад зиндагӣ дар фикри ин ботил мабош!
...Олами лоҳут, эй дил, манзилу маъвои мост,
Рӯ ба доми нафси носутиву обу гил мабош.
Ҷон ба ҷонон восил омад, ҳаст тан фарсанги роҳ,
Кӯҳиё, бархез аз роҳ дар миён ҳоил мабош.[111]

Он чӣ гуфтем ва иқтибос овардем, ин нуктаҳои ирфонӣ ва андешаҳои сӯфиёнаи шоир буд, ки ҳам дар таъбиру иборoти тасаввуф ва ҳам дар сурати баъзеи ғазалҳои лирикӣ ифода ёфтааст. Ба ҷуз ин дар девони Бобо Кӯҳӣ ғазалҳое ҳастанд, ки онҳоро мо ишқи сӯфиёна, ҷазабаи дили солик, эҳсосоти бузурги як нафар орифи Ҳақпараст гуфта метавонем. Ин ҷо симои Ёр, дили Ошиқ, сӯзу гудози дили ҷунунзада дида мешавад, ки он васли ёр, дидори ҷамоли онро меҳоҳад ва месӯзад. Чунончи, шоир гуфтааст:

Мо чу гаштем ба тири мижаи ёр ошиқ,
Шуд дили сӯхта пурдарду ҷигарҳор ошиқ.
Ду ҷаҳонро ҳама бар оташи сӯзон фиганд,
Ҳар ки шуд аз дилу ҷон бар руҳи диддор ошиқ.
Ёри мо рӯи чу хуршед ба олам бинамуд,
Ҳама зарроти ҷаҳонианд ба дидор ошиқ.

Маҳрами рӯи ту чуз чашми ту натвонад буд,
Чун шавад бар рухи зебои ту агӣр ошиқ?
...Кӯҳӣ аз дидаи хунбор фиғон кун, ки худо
Ҳаст бар оҳи туву гиряи хунбор ошиқ.[118]

Гузашта аз ин дар девони Бобо Кӯҳӣ ғазалҳое ҳастанд, ки дар онҳо ишқи заминии Инсони оддӣ, дӯстдоранда ва саршор аз эҳсоси дард суруда шудааст. Чунин ғазалҳоро ба маъниву рамзи сӯфиёна тавҷеҳ кардан як кори зӯракӣ хоҳад буд. Чунончи, чанд байти як ғазали шоирро аз назар гузаронем, ин гуфтаи мо тасдиқ меёбад:

Шаб рафтаем дар сари зулфи ту чун сабо,
Зулфат ба тоб гуфт, ки «дарвеш, марҳабо!»
Чашмаш ба ғамза гуфт: «чаро дер омадӣ?»
Бигдохтам чу об зи алтофи булвафо.
...Ҷонро бикушт чашмашу дарҳол зинда кард,
Охир ба хандаҳои шакарбори ҷонфазо.
Лаб бар лабам ниҳоду забон дар даҳони ман,
Май хӯрду маст аз лаби худ дод бӯсаҳо.[119]

Дар чанде аз ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ мо нахустин оҳангҳои риндӣ ва майпарастиву озодманиширо низ мебинем, ки ин мавзӯъ баъдҳо дар назми ирфонӣ ва умуман дар шеъри форсӣ хеле шоеъ гардид. Чунончи:

Омад он дилбари қаландарваш,
Фориғ аз мусҳафу амомаву фаш.
Сӯхт идроки илму фатворо
Ба ман арғувонӣ чун оташ.
Соғаре пуршароби аҳмар кард,
Лаби ӯ гуфт: «бе даҳон даркаш!»
То бидидам ҷамоли соқиро,
Шудам аз чашмҳои ӯ сархваш.
Дид соқӣ, ки хӯрда шуд ҷоме,
Гуфт: «Кӯҳӣ, те мекунӣ «хваш, хваш».[120]

Мухтасаран ин буд мазмуни умдаи ғазалиёти орифона ва ошиқонаи Бобо Кӯҳӣ. Дар поёни девон боз 20 рубоии шоир илҳоқ шудааст, ки ҳамаи онҳо дар мазмуну сабку услуб фушурдаи ҳамон ғазалҳои Бобо Кӯҳӣ мебошад. Ба тариқи мисол, ин ҷо се рубоии шоирро меорем:

Ҳақро ба яқин бидон, ки андар дили мост,
Дар ҳар ду ҷаҳон висоли ӯ ҳосили мост.
Аз рӯзи азал то ба абад мо дуем,
Мо восили ӯ шудему ӯ восили мост.

Эй рӯи ту ҳамчу моҳ равшан шаби тор,
Дар зулфи рухи ту бошад ин лайлу наҳор.
Ҳар субҳ зи шоми зулфи худ кард тулӯъ
Хуршеди рухи ту бо ҳазорон анвор.

Мо рӯзи азал ошиқу маст омадаем,
То даври абад ҷом ба даст омадаем.
Гар ошиқу масту майпарастам бинӣ,
Айбам накунӣ рӯзи аласт омадаем.[121]

Е. Э. Бертельс дар мансубияти баъзе ғазалҳо аз рӯи сабку услуб ба Бобо Кӯҳӣ шакк дорад ва ин ҷониб низ дар чунин ақида ҳастам. Дар девони шоир ғазалҳое ҳастанд, ки дертар аз тарафи котибон ба девони ӯ ворид шудаанд. Гузашта аз ин дар байту мисраъҳо низ баъзе нақшҳои сабки шеъри форсии давраҳои баъдӣ падидор аст. Аммо барои муайян намудани муаммо кори дақиқи матншиносӣ ва тартиби луғати ашъори Бобо Кӯҳӣ ва баъзе муосирони ӯро анҷом додан зарур аст. Дар ҳар сурат ҳоли ҳозир ҳангоме, ки мо сабки шеъри Бобо Кӯҳиро бо порчаҳои манзум ва рубоию ғазалиёте, ки дар «Асрор-ут-тавҳид» ва «Ҳолот ва суханон» аз забони Абӯсаиди Абулхайр оварда шудааст, муқоиса кунем, дар ин ашъор як ҳамоҳангӣ ва ҳаммонандиеро мебинем. Аз ин ҷо хулоса гирифтан мумкин аст, ки аксари кулли ғазалиёти девони Бобо Кӯҳӣ чакидаи қалам ва завқи орифонаи ӯст. Аз ин ҷо метавон шеърҳои Бобо Кӯҳиро намунаи нахустини назми сӯфиёна шуморем ва мухтассоти шеърҳои аввалини назми орифонаро аз рӯи ҳамин девон муайян намоем.

## ХОҶА АБДУЛЛОҲИ АНСОРӢ

Абдуллоҳи Ансорӣ яке аз шайхони бузургвор ва орифони номдори сарзамини Хуросон аст, ки шуҳрату овозаи ӯ чӣ дар замонаш ва чӣ баъди даргузашташ ҳам дар ин сарзамину ҳам дар билоди шарқ миёни аъробу аҷамиён интишори беҳамтое дошт. Дар оғози «Табақот-ус-сӯфийя» ному насаб ва алқоби ӯ ба тафсил ва тӯлонӣ омадааст. Аммо ӯро бештар ба ин ному лақаби мухтасартар ёдовар мешаванд: Шайхулислом Абӯ Исмоил Абдуллоҳ ибн Муҳаммад Ансории Ҳиравӣ. Ансорӣ дар Ҳирот дуввуми шаъбони соли 396 ҳиҷрӣ (ва ба қавле 395 ҳиҷрӣ) мутобиқ бо панҷуми моҳи май соли 1006 (ё 27 апрели 1007) таваллуд шудааст. Яке аз аввалин аҷдоди ӯ ба номи Абӯ Айюб аз ансори (ёварони) пайғамбар дар вақти ҳиҷрат аз Макка ба Мадина будааст ва пайғамбари акрам вақти расидан ба Мадина бору асқолашро ба хонаи ҳамин шахс фуровард будааст. Дертар Абӯ Айюб дар замони хилофати халифа Усмон ба Хуросон омада дар Ҳирот сокин шуда будааст. Лақаби Ансорӣ ба хоҷа Абдулло

аз ҳамон ҷадди аввалинаш омадааст.

Падари Ансорӣ шахси сарватманд ва соҳиби дӯкони атторӣ будааст. Дертар ҳангоме, ки ба ҳалқаи суфиён медарояд ва яке аз соликони собитқадами ирфон мегардад, ӯ тарки дӯкону тиҷорат карда, билкул худро дар роҳи ирфон мавқуф медорад. Абдуллоҳи Ансорӣ дар пеши падар ба касби камол шурӯъ мекунад ва Қуръону аҳкоми шариатро дар ҳамин ҷо меомӯзад. Ансорӣ аз кӯдакӣ истеъдоди фавқулоддае доштааст, ки бе ҳеҷ душворӣ сураҳои Қуръон ва шеърҳои гузаштагонро аз худ мекардааст. Дар синни чаҳордаҳсолагӣ пеши олими овозадори шаҳр Яҳё ибн Аммор ба омӯхтани тафсир сар кард. Қобилият ва фитрати ӯ ба дараҷае буд, ки Яҳё ибн Аммор пас аз худ уро ба халифагӣ баргузид ва аз ҳамин вақт сар карда Ансорӣ ба тадриси Қуръон ва тафсири он машғул гардид.[122]

Соли 1026 (417 ҳ.) Ансорӣ ба Нишопур, ба яке аз марказҳои бузургтарини он давр дар фарҳангу дину тасаввуф меравад. Дар ин шаҳр назди Қозӣ Абӯ Мансури Азудӣ, аз муҳаддисони номии он замон, илми ҳадис меомӯзад. Пас аз касби илми ҳадис Ансорӣ ба чанде аз шаҳрҳои Хуросону Эрон сафар кард. Дар ин миён боре ба Макка ҳам ҳаҷ кард. Дар бозгашт назди Абулҳасани Харақонӣ чанд муддат истиқомат кард ва аз ин суфии шуридаву лоубол ва рустоии кам таҳсилдида дарси ирфону маърифати суфиёнаро омӯхт ва сахт ба ҳалқаи тасаввуф пайваст. Соли 1034 пас аз даргузашти Абулҳасани Харақонӣ ба Ҳирот баргашт ва боз ба тадриси Қуръон ва тафсир пардохт.

Ансорӣ яке аз пайравон ва мубаллиғони мактаби мазҳаби ҳанбалийя буд, ки он дар қатори мазҳабҳои шофеӣ, ҳанафӣ ва моликӣ аз шохаҳои бонуфузи суннати ислом буд. Асосгузори он Аҳмад ибни Ҳанбал ва баъд пайравони ӯ ба муқобили калом ва мутакаллимон буданд ва ҳар гуна тавҷеҳ ва тафсирҳои баъдиро дар ислом ва Қуръон бидъат медонистанд. Онҳо асоси динро танҳо Қуръон ва тафсири онро танҳо ҳадиси пайғамбар медонистанд. Яке аз муҳимтарин самти ақоиди ҳанбалийя дар он буд, ки онҳо масъалаи ахлоқро дар madди аввал мегузоштанд ва «имон»-ро ба ахлоқи поку ҳамида вобаста медонистанд.[123]

Ба мазҳаби ҳанбалийя пайвастан ва то охири умр яке аз пайравони собитқадами он будани Абдуллоҳи Ансорӣ, ба назари мо, ду сабаб дошт. Аввал ин ки мазҳаби ҳанбалӣ ба илми калом сахт муқобил буд ва онро яке аз сабабҳои футур рафтани пояҳои ислом медонист. Ансорӣ, ки аз хурдӣ дар таъсири падари мутассавиф ва орифи худ тарбия дида

буд, аз нуфузи суфийя, ки низ муқобили илми калом ва мутакаллимон буданд, орӣ набудааст ва аз ҷавонӣ мазҳаби ханбалийяро як сипаре ба муқобили илми калом медонист. Дуввум ин ки масъалаҳои ахлоқ, ки дар мазҳаби ҳанбалӣ аз муҳимтарин пояи ақоиди ҳанбалиён ба ҳисоб мерафт, ба андешаҳои суфиёна дар боби инсони комил хеле наздик буд. Зеро ахлоқ дар тасаввуф яке аз умдатарин масоили фикрӣ ва амалист, ки барои солик ва такомули ӯ ҳамчун Инсони комил шарт ва омили асосӣ аст. Аз ин сабаб буд, ки Ансорӣ аз ҷавонӣ ба мазҳаби ҳанбалийя пайваст ва ҳар қадар ки ӯ дар тасаввуф росихтару устувортар мегардид, дар тарғиб ва таъйиди андешаҳои мазҳаби ҳанбалӣ котеътар мешуд. Ин ақидаҳои ӯ дар ду рисолааш, ба унвони «Замм-ул-каломи ва аҳлиҳӣ» («Танқиди калом ва аҳли он») ва «Маноқиб-ул-Имом Аҳмад Ҳанбалӣ» хеле равшан баён ёфтааст.

Пайравӣ аз мазҳаби ҳанбалӣ ва танқиду замми калом ва мутакаллимон ҳам аз назари мазҳабӣ ва ҳам аз ҷойгоҳи тасаввуф борҳо ба муқобили Ансорӣ фитнаву ҳамлаҳои уламову фуқаҳоро барангехт, то он ҷое, ки ӯ чанд бор аз Ҳирот табъид шуд ва зиндонӣ гардид. Соли 1039 (434 ҳ.) уламои Ҳирот ба ӯ шӯриданд ва Ансорӣ дар хатари ҷон буд ва танҳо бо тарки Ҳирот аз ин хатар эмин монд. Соли 1042 боз фитнае ба муқобили ӯ барангехтанд, ва ӯро дар мавзеи Пушанҷ наздики Ҳирот ба зиндон андохтанд. Соли 1048 аз маҳбас раҳоӣ ёфт, боз ба Ҳирот баргашт, боз ба тадриси Қуръон ва тафсир машғул шуд ва дар ҳалқаи соликони худ ба ваъзу мавъиза пардохт.

Ансорӣ на танҳо ба муқобили аҳли калом, инчунин бар хилофи баъзе ислоҳот ва чораҳои сиёсие, ки вазир Низомулмулк ҷорӣ кардан мехост, изҳори ақида мекард. Ба ин сабаб соли 1066 (458 ҳ.) бо дасисаву таҳрики уламо ва бо ишораи Низомулмулк Ансориро ба Балх табъид карданд. Аммо ин ҷазову заҷр дер напоид ва боз худи ҳамон Низомулмулк ӯро аз зиндон раҳо карду ӯ боз ба Ҳирот баргашт. Боз ба ҳамон тадриси Қуръону тафсир ва дар маҷлисҳои суфиён ба таблиғи ирфону тасаввуф машғул гашт. Пас аз ин дар зиндагии ӯ каме оромишу осудагии рӯҳ медиҳад ва ӯ имкон пайдо мекунад ба тадрису таълифи баъзе аз расоили худ машғул шавад.

Дар поёни умр дар ҳашт соли охири зиндагӣ Ансорӣ нобино шуд, аммо аз тадрису таблиғи шифоҳӣ бознамонд. Дар ҳамин ҳолати аҷзу нотавонӣ ҳам мухолифон аз фитнаву дасисаҳо дар ҳаққи ӯ даст накашиданд ва соли 1085 (478 ҳ.) ӯро боз аз Ҳирот пеш карданд. Баъд аз ду сол Ансорӣ ба Ҳи-

рот бозомад ва моҳи зулҳиҷҷаи 481 ҳиҷрӣ мутобиқ бо моҳи феврали 1089 милодӣ чашм аз ҷаҳон барбаст.[124]

Абдуллоҳи Ансорӣ як умри пур аз ноороминву кулфат ва зиндону шиканҷа, аммо як умри бобаракати пурбори маънавӣ ба сар бурдааст. Ҳам дар сафару ҳазар, ҳам дар хонаву манзилу ҳам дар зиндону табъид аз таълифу таблиғ ва тарғибу тадрис бознамондааст. Бо вуҷуди он ки уламои замон ва чанде аз фақеҳону зимомдорони дину шариат ӯро таҳқир мекарданд, аммо нуфузи обрӯи ӯ дар миёни мардум ва қисми зиёди уламову удабо ҳамчунон по бар ҷо буд. Ӯро шайхи аҳли ирфон мегуфтанд, ба ӯ рутбаи пурифтихори шайхулисломӣ дода шуда буд.

Абдуллоҳи Ансорӣ мубаллиғ, воиз, мударрис ва суханрони пуриктидоре буд. Ӯ дар ҳалқаи шогирдон ва соликон дарс мегуфт, аз тасаввуф ва ҳолоту мақомоти сӯфиёни гузашта нақлу ҳикоёт мекард, аз тафсири Қуръон сабақ медод ва худ низ аз рӯи донишу илми пурдоманаи худ Қуръонро тафсир ва аҳодиси набавиро шарҳу эзоҳ мекард, китоби мутасаввифони гузаштаро шарҳу баён менамуд, худ аз кутуби тасаввуф ба забони арабӣ тарҷумаву шарҳҳо менамуд. Шогирдони ӯ дарсу маъиза ва баёноти ӯро имло мекарданд, ба силки таълиф медаровoарданд ва аз назари устод гузаронида ба шакли рисола ва кутуб танзим мекарданд. Аз ҷумла бисёр тафсиру тавҷеҳоти Абдуллоҳи Ансорӣ бар ояти Қуръон бо мазмуну баёноти гуфтаҳои ӯ ба тафсири «Кашф-ул-асрор»-и ал-Майбадӣ оварда шудааст».[125]

Дар бораи маҷлисҳои дарси ӯ дар тафсири Қуръон доктор Зарринкӯб чунин изҳор доштааст: «Маҷолиси тафсири ӯ дар воқеъ дарси маърифат, дарси завқу ҳол буд. Дар хонақоҳи Шайх Амӯ (с. в. 1050) ва дар Ҷомеи Ҳирот ин маҷолис бо вуҷуди мухолафатҳо ва коршиканиҳои ашоира ва мӯътазилаи Ҳирот таваҷҷӯҳи иддаи касире аз оммаи халқ ва алоқамандони ба маърифати Қуръонро ҷалб мекард».[126]

Абдуллоҳи Ансорӣ яке аз бузургтарин уламои дин ва донишмандони илми тафсиру Қуръон ва аҳодис буд. Аммо мақоми арзандаву бузурги ӯ дар тасаввуф ва таъсиру нуфузи ӯ ба сабку мазомини адабиёти баъдии форсӣ мавкуф ба рисола ва осори ӯст дар ирфон ва андешаҳои ирфонӣ. Хусусан сабку услуби насри ӯ, ки аз саҷъҳои аввалини забони форсист, ба равнақи насри бадеӣ ва умуман забони форсӣ дар асрҳои баъдӣ таъсиру нақши намоён дошт. Дар адабиёти мо ба вуҷуд омадани «Мақомоти» Ҳамидӣ ва «Гулистон»-и Саъдӣ бе таъсири Ансорӣ сурат нагирифтааст.

Абдуллоҳи Ансорӣ аз хурдӣ ва ҷавонӣ ба шеър шавқу ало-

ҳамандин зиёде дошт ва ба забонҳои арабиву форсӣ шеъ мегуфт. Ҳарчанд гуфтаанд, ки девони мукаммали арабӣ дошт, аммо аз ин девон ҳоло асаре нест. Шеърҳои форсии ӯ дар рисолаҳои ирфонӣ ва дигар осори форсиаш ҳар ҷо-ҳарҷо омадааст. Забеҳулло Сафо чанд рубоии ӯро дар китоби худ овардааст, ки ин аст:

Дар ишқи ту гаҳ масту гаҳе паст шавам,
В-аз ёди ту гаҳ нест, гаҳе ҳаст шавам.
Дар пастиву мастӣ ар нагирӣ дастам,
Якборагӣ, эй нигор, аз даст шавам.

Дӣ омадаму наёмад аз ман коре,
Имрӯз зи ман гарм нашуд бозоре,
Фардо биравам бехабар аз асроре,
Ноомада беҳ будӣ аз ин бисёре.

Ҳар дил ки тавоф кард гирди дари ишқ,
Ҳам хаста шавад дар охир аз ханҷари ишқ.
Ин нукта навиштаем бар дафтари ишқ,
Сар дӯст надорад он, ки дорад сари ишқ.

Эй ҳар чи туро мурод он бояд кард,
Дидори туро нисори ҷон бояд кард.
Гар кор ба рағми посбон бояд кард,
Ҷон дар сари кори дӯстон бояд кард.[127]

Ансорӣ ғазалҳои ошиқона ҳам доштааст, ки дар мазоқи шавқи сӯфиёна сурудааст. Ғазали зерини ӯ дар чанде аз кутуби ирфонӣ сабт шудааст, ки ҳамоно аз яке рисолаҳои форсии ӯ гирифта шудааст. Ин ғазал мазмуни андарзи сӯфиёна дорад:

Эй ки ту мағрури бахту давлати фархундаӣ,
Хоҷаи соҳибсариру мафраши оганда.
Ё ки хуршедӣ ба сурат ё ки Ҷамшеди ба ҳусн,
Ё чу Зӯҳра чеҳра дорӣ ё чу маҳ тобандаӣ.
Ё чу Қайсар ҳаст бар сар тоҷу афсар ар туро,
Ё ки чу Исои Марям то қиёмат зиндаӣ.
Ё камолоте, ки гуфтӣ, ҷумларо дарёфтӣ,
Ё муродоте, ки ҷустӣ, ҷумларо ёбандаӣ.
Ё гирифтӣ чун Сикандар мамлакати рӯи замин,
Ё чу Қоруни сад ҳазорон молу ганҷ огандаӣ.
Гар чи Шаддодӣ, валекин нестӣ эмин зи марг,
Ҳеҷ кас гуфтаст бо ту то абад поядаӣ!
Осмон чун абри найсон бар ту гирён аст зор,
Он замон к-аз азмати худ ҳамчу гул дар хандаӣ!
Оташи савдои дил то чанд аз ин боди бурут,
Хоки бебониву а-он гаҳ бо димоғи гандаӣ.
Гар амирӣ ҳам амира! Пири Ансорӣ бидон:
Хоҷагӣ аз ту назебад, сар бинеҳ, чун бандаӣ![128]

Осори Абдуллоҳи Ансорӣ, ки ӯ ба забони форсӣ таълиф намудааст, голибо дар наср навишта шудааст ва дар дохили наср гоҳо аз худ ё шоирони дигар шеърҳо низ ворид кардааст. Чанде аз ин рисолаҳои ӯро бо тавсифу таърифи мундаричоташон ин чо зикр мекунем.

**«Илоҳинома»**, ки дар насри мусаччаи зебову шево навишта шудааст ва мо аз ин асар дар ноӣи боз порчаҳо овар-да, аз сабку услуби он баҳс хоҳем кард. Дигар чанд рисола ба номи **«Ганчнома»**, **«Қаландарнома»**, **«Зод-ул-мусофирин»** дорад, ки дар мавзӯи панду насиҳатҳои орифона таълиф гардидааст. Абдуллоҳи Ансорӣ на танҳо ба соликону шогирдонаш, балки ба соҳибмансабон, ҳатто ба вазирон низ андарзу насиҳат мекардааст. Аз чумла рисолае дорад ба номи **«Насоеҳ»**, ки ин ҳамон насиҳатномаи Ансорист, ки онро барои вазири машҳури замонаш Низомулмулк таълиф карда буд. Рисола бо насри хеле олӣ ва забони ниҳоят соддаву осони зебо таълиф шудааст. Ин рисоларо Е. Э. Бертельс бо унвони «Мин маколоти Хоча Абдуллоҳ Ансорӣ қаддас сирраҳу» ба чоп расонида буд[129]. Ва матни он ин аст:

«Дар насиҳати фахр-ул-вузаро Хоча Низомулмулки Тӯсӣ раҳималлоҳу алайҳ. Дар мувочеҳ фармуда, ки ё Низом, дар риояти дилҳо кӯш ва айби мардум бипӯш ва дин ба дунё мафрӯш. Ҳар кӣ ин даҳ хислат шиори худ созад, дар дунёву охират кори худ созад: Бо Худой ба сидк, бо халқ ба инсоф, бо нафс ба каҳр, бо дарвешон ба лутф, бо бузургон ба хидмат, бо хурдон ба шафкат, бо дӯстон ба насиҳат, бо душманон ба ҳилм, бо чоҳилон ба хомӯшӣ, бо олимон ба тавозуъ.

Пурсид, ки дар ҳакки дунё чӣ гӯӣ? Гуфт: Чӣ гӯям дар ҳакки чизе, ки ба ранч ба даст оранд ва ба хиссат нигоҳ доранд ва ба ҳасрат бигзоранд. Дигар фармуд, ки: сармояи умр мугтанам шумор ва тоати Ҳақро ғанимат дон. Аз омӯхтан нанг мадор, начоти нафс дар ибодат чӯй, нафсро мурод мадеҳ, дар ҳар кор ки бошад, ёрӣ аз Ҳақ талаб. Аз нодони мағрур ичтиноб намой, ношунида ва нодида магӯй, айби касон мачӯй, ба айби худ бино бош, то напурсанд, магӯ, то нахонанд, марӯв. Баландӣ ба сабр чӯй, дунёпараст мабош, аз омӯхтани илм маёсой, бар тоат ҳарис бош, мардумро ба ифрот маситой, дар ниҳон бехтар аз ошкор бош, даргузар, то даргузаронанд.

Аз худ лоф мазан, балоро натичаи ҳаво дон, он чӣ нанихода, бармагир, нокардаро карда машумар, дилро бозичаи дев масоз, то муҳосибаи нафси худ напардозӣ, дар дигарон шурӯъ макун, ҳар чи ба худ раво надорӣ, ба дигарон мапи-

саид. Бандаи хирс мабош, то тавонӣ нони кас махӯр ва нон аз ҳеҷ кас дарег мадор. Аз додаи худой хӯр, ки ҳаргиз кам нашавад, диҳанда худоро дон, аз дарвеши матарс, сармоя ба суди бисёр мадеҳ, суде ки дар охират зиён дорад, гирди он магард. Худро асири шаҳват масоз, ориятро ба фармони нафс аз даст мадеҳ, душман агарчи ҳақир бувад, хор мадор, бо ношинохт ҳамсафар мабош. Андаки худро беҳтар аз бисёри дигарон дон. Ғами беҳуда ба хотир роҳ мадеҳ. Аҳдро ба вафо расон, ҳар ҷо ки бошӣ, худойро ҳозир дон. Вақтро ғанимат дон... магӯ он чи натавонӣ шунид. Аз дӯст ба як ҷафо бозмагард. Ёрро вақти хашму ғазаб биёзмой, бо дӯстон дар ҳама кор муросо намо. То тавонӣ ниёзи худ бар махлуқ арза макун. Амонат нигоҳ дор, хомӯшӣ шиор соз, беҳудагӯиро сари ҳама офатҳо дон. Миннат бидор, миннат манеҳ. Хешро бандаи касон масоз. Ҳоҷатравоиро коре бузург дон. Дӯстии худойро дар камозори шинос. Саодати дунёву охират дар муҳаббати доно дон, аз нодон доман даркаш, дар сухан касро хиҷил масоз. Аз сухане, ки ханда ояд, ҳазар кун. Миқдори моли фақри худ бо ҳеҷ кас магӯй. Бо мардуми бешарму беҳаё манишин, ки дар дунёву охират мазаллату уқубат бошад. То хашм нанишинад, сухан магӯ. Ҳурмати ҳама кас нигоҳ дор, то туро ҳурмат бошад. Таом бисёр махӯр, ки дил сиёҳ кунад ва аз ибодат боздорад. Ботинро беҳтар аз зоҳир дор, ки зоҳир назаргоҳи халқ аст ва ботин назаргоҳи Ҳақ. Коре накунӣ, ки дар назари Ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу ва таоло хиҷил ва шармсор гардӣ. Тавфиқ рафиқ бод!».

Ин насиҳатномаи хурдро Е. Э. Бертельс «Номаи Абдуллохи Ансорӣ ба вазир» номидааст. Дар ин насиҳатнома Ансорӣ ба вазири аъзами давлати бузурги Салҷуқӣ на одоби русуми давлатдориву раиятпарварӣ, балки сифатҳои беҳтарини инсонӣ ва одамгариро тавсия мекунад, он хислатҳое, ки аҳли ирфон барои Инсон, барои солик, барои ориф сифатҳои машрут ва ҳатмӣ медонистанд.

Аз осори муҳимме, ки Ансорӣ дар мавзӯи тасаввуф таълиф намуда ё шогирдони ӯ имло ва тасниф кардаанд, боз **«Канз-ус-соликин»** ва **«Муҳаббатнома»**-ро зикр бояд кард. Дар ин рисолаҳои мансур, ки ба ҳамон сабки соддаву саҷъи зебо иншо шудааст, аз мақомот ва ҳолоти аҳли ирфон сухан меравад. Ва асари дигари умда ва ниҳоят бузурги ӯ **«Табақот-ус-суфийя»** аст, ки аз он орифони баъдӣ ва манокибсозони мутасаввиф бисёр истифодаҳо кардаанд. Ин китоби Ансорӣ аслан дар буниёди китоби машҳуре ба номи «Табақот-ус-суфийя», ки онро Абӯ Абдураҳмон Муҳаммад ибн Ҳусайн ас-Сулламии Нишопурӣ (с. в. 1021 ), ба забони арабӣ тартиб

дода буд, тасниф шудааст. Абдуллохи Ансорӣ дар мачлиси аҳли ирфон, ки аксар шогирду мухлисони ӯ буданд, ин китобро мехонд, онро тавчеҳу шарҳ медод, он чи дар ин китоб камтар буд, меафзуд ва он чи набуд, илова менамуд. Яке аз шогирдони ӯ аз ин суҳбатҳо фоидаҳо бармедошт ва ба коғазе сабт мекард. Ба ҳамин тариқа як китоби мураттаб ва муфассале дар аҳвол ва суханони шайхони ориф гирд омад, ки аҳамияту арзиши он аз «Табақот-ус-суфийя»-и Сулламӣ чанд борҳо баландтар буд.

Абдураҳмони Чомӣ, ки баъд аз қариб понсад сол ба таълифи чунин асаре мисли «Табақот» ба номи «Нафаҳот-ул-унс» азм кард, аввалин асаре, ки ӯ аз он пайравӣ ва истифода намудааст, ҳамин китоби «Табақот-ус-суфийя» дар таҳрири Абдуллохи Ансорӣ буд. Худи Чомӣ дар муқаддимаи «Нафаҳот-ул-унс» дар ин мавзӯъ гуфтааст:

«Аммо баъд мегӯяд пойшикастаи зовияи хумули гумномӣ Абдураҳмон ибн Аҳмад ал-Чомӣ..., ки шайх имоми олими ориф Абу Абдураҳмон Муҳаммад ибн Ҳусайн ас-Сулламӣ ан-Нисобурӣ қаддасаллоҳу таоло рӯҳаҳу дар баёни сияр ва аҳволи машоихи тариқат қаддасаллоҳу арвоҳаҳум, ки куброи дин ва узмои аҳли яқинанд ва чомеъанд миёни улуми зоҳир ва ботин, китобе чамъ кардааст ва онро «Табақот-ус-суфийя» ном ниҳода ва онро панч табақа гардонида ва дар ҳар табақа бист тан аз машоих ва аимма ва уламои ин тоифа зикр карда ва ба ҳасаби иқтизои вақт ва мақом аз каломоти қудсийя ва шамоили марзийяи ишон он чӣ далолат мекунад бар тариқат ва илм ва ҳол ва сирати ишон, дар баён оварда. Ва ҳазрати шайхулислом кахф-ул-аном носир-ус-суннат комеъ-ул-бидъат Абӯ Исмоил Абдуллоҳ ибн Муҳаммад ал-Ансорӣ ал-Ҳиравӣ қаддасоллоҳу таоло рӯҳаҳу онро дар мачолиси суҳбат ва мачомеи тазкир ва мавъизат имло мефармудаанд ва суханони дигар баъзе аз машоих, ки дар он китоб мазкур нашуда ва баъзе аз азвоқ ва мавочиди худ бар он меафзуда. Ва яке аз муҳиббон ва муридон ишонро чамъ мекарда ва дар қайди китобат меоварда. Ва алҳақ он китобест латиф ва мачмуаест шариф муштамил бар ҳақоиқ ва маорифи суфийя ва дақоиқу латоифи ин тоифаи алийя.[130]

Чунон ки Чомӣ дар ҳамин муқаддима ёдовар мешавад, «Табақот-ус-суфийя» ба лаҳчаи мардуми Ҳирот таълиф шуда будааст ва аз ин чо фаҳми баъзе иборотӣ калимот ба душворӣ мекашидааст. Аммо бо мурури замон котибон ва мусаннифони баъдӣ калимаву ибораҳои ҳиротиро ба таъбирҳои маъмул ва мутадовили форсӣ бадал кардаанд. Аммо бо ву-

чуди хамин имрӯз хам дар ин асар баъзе накшу нишонхои лахчаи хиротӣ бокист, ки баъзе аз онхо имрӯз дар гӯиши мардуми Самарканд боздид мешавад. Чунончи, «ёвед» ба чои ёбед», «ковед» ба чои «кобед» ва гайра. Мо ин чо намунае аз насри ин китобро, ки дар «Таърихи адабиёт дар Эрон» таълифи Забехулло Сафо оварда шудааст, дарч мекунем:

«Шайхулислом моро гуфт ва васийят кард каддасоллоху рухаху, ки аз хар пире сухане ёд гиред ва агар натавонед, номи ишон ёд доред, то бад-он бахра ёвед. Ва гуфт: Бешинин нишону баракат дар ин кор он аст, ки суханони машоих шунавӣ, хуш ояд ва ба дил ба ишон гирой ва инкор наёрӣ ва хар кӣ аз дӯстони худ яке бо ту намояд аз фаро наёяд ва хакир ояд, туро он батар бошад аз хар гунох, ки батар бошад, ки бикунӣ, яъне ки он аз тарики махрумӣ ва хичоб бошад...

Шайхулислом гуфт, ки маърифати сӯфиён ме-тасниф кунӣ ва шарх кунӣ, он на макол аст, ки дар самоъ ояд, ту ба чои рохи чони ӯ битавонӣ шинохт, он вакт ки туро рӯх намонад чуз аз шинохт, он вакт ӯ бишиносӣ. Маърифат ба мехр аст, одам ба он шинохт, ки оллохро дар шинохт на дар бихишт бинашнохта бувад, ба парскидан ва хаскидан маърифати ӯ бинатвон шинохт».

Яке аз китобхои пурахамияте, ки Ансорӣ дар тасаввуф таълиф намудааст, рисолаи **«Манозил-ус-соирин»** (яъне манзилхои сайркунандагон) аст, ки Шайх онро ба забони арабӣ тахрир намудааст. «Манозил-ус-соирин», чунон ки аз номаш пайдост, рисолаест, ки дар он рохи солик ва мурид аз аввал (бидоят) то охир (нихоят) ба максади ба Хак расидан шарх дода шудааст. Ансорӣ дар мукаддима навиштааст, ки макомот ва холоти соирин, яъне соликони рохи Хак дар сад мартаба карор дорад, ва ӯ ин сад мартабаро ба дах кисм чудо кардааст. Ва хар кисм, ки боз ба дах боб таксим мешавад, хамон сад манзил ва маротиби рохи сайри солик ба миён меояд. Ин рисоларо шоир ва олиму орифи номдори афгон устод Бетоб аз арабӣ ба форсӣ гардондааст, ки дар хамон шумораи чашнии мачаллаи «Адаб» дарч гардидааст. Дар мукаддимаи муаллиф аз чумла омадааст: «Бояд донист, ки умуми уламои ин тоифа муттафиканд бар ин ки нихоёт бидуни тасхехи бидоёт сиххат намепазирад, чунон ки иморат бидуни тахдоб истод шуда наметавонад». Аз ин сабаб бидоят, яъне аввали рохи солик бояд устувор ва мустахкам бошад, то ӯ ба тавфик ва сайри макомоту холот ба нихоят бирасад. Ва ин нихоят манзили фано филлох ва бако маъаллох аст. Дар сурате ки солик ба дарк ва мушохидаи тавхиди ху-

дованд мерасад.

Даҳ қисми «Манозил-уссоирин» ба ин тартиб аст: 1. Бидоят, 2. Абвоб, 3. Муомилот, 4. Ахлоқ, 5. Усул, 6. Адвийя, 7. Аҳвол, 8. Вилоёт, 9. Ҳақоиқ, 10. Ниҳоёт.

Мақоми Абдуллоҳи Ансорӣ ва осори ирфонии ӯ ба забонҳои арабиву форсӣ барои таҳқиқи таҳаввул ва такомули ақоиди ирфонӣ, барои омӯхтани таърихи тасаввуф ва зиндагиву андешаҳои бузургони чараёни сӯфия аҳамияти ниҳоят бузургеро дорост. Баробари ҳамин Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун адиб, нависанда, шоир ва яке аз поягузорони насри мусаҷҷаъ дар таърихи адабиёти форсӣ ҷойгоҳи шоиста дорад. Он насри мусаҷҷаъ, содаву зебо, муассиру хушоҳанг, ки аз таровиши қалам ва забони Ансорӣ берун омадааст, як ёдгории хоссаест, ки дигар дар адабиёти мо такрореву ҳамонанде надоштааст. Мухтассоти бадеӣ, синооти адабӣ, санъатҳои лафзию маънавии насри ӯ ҳанӯз ба тарзи бояду шояд таҳқиқ ва нақд нашудааст. Яке аз ковиш ва нақдҳои пурарзиш ва мӯшикофонае, ки дар тадқиқ ва интиқоди забон, сабк ва услуби насри форсии Абдуллоҳи Ансорӣ анҷом гирифтааст, ба номи олими афғонӣ доктор Ҷовид мансуб аст. Натиҷаи таҳқиқоти дақиқкоронаи олим дар ҳамон шумораи фавқулоддаи «Адаб» мундариҷ аст ва мо порчаҳои муҳимми онро дар поён дарҷ хоҳем кард. Назари нигоранда ин аст, ки то имрӯз чунин таҳқиқи пуркоронаеро дар насри форсии Абдуллоҳи Ансорӣ беҳтар аз ин донишманди мӯҳтарам касе анҷом надодааст.

«Бо мутолиаи осори Хоҷа метавон гуфт, ки шайх аз назари сабку иншо дорои се шеваи мумтоз ва мутафовит аст:

1. Қисмате, ки ба пайравӣ аз саҷъ дар адаби араб ва ба тариқи ҷумлаҳои ҳикматомези сӯфиён бо риояти эҷоз ва лутфи маънӣ ва камоли ҳамоҳангӣ ва интизоми саҷъ дар куллияи қароин ба тариқи шоирона назири насрҳои динӣ ва ирфонӣ ва дебоҷаҳои кутуби қадим нигошта шудааст. Дар ин қитъаҳо маонии дақиқ ва латифи ирфонии тахайюлот ва мазмунҳои зебо тавре дар қолабҳои фишурда ва ҷумлаҳои шоирона таъбия шуда, ки гӯӣ баҳреро дар кӯзае рехта бошанд. Ва ҳамон сабкест, ки Саъдӣ дар ҳамаи мавридҳо дар ҷумлаҳои ҳикматомези худ бо шеваи равонтар ва фасеҳтар тақлид кардааст. Намунаи равшани ин наср «Муноҷот» ва «Илоҳинома» аст монанди:

«Ҳар рӯз нокастарам ва аз мурод вопастарам, наёрам гуфт, ки туро шоям, на дилам бор диҳад, ки бо душман ба як забон бароям» («Табақот», с. 50).

Гоҳе қисматҳои ин қитъаҳо аз назари ҳусни иборат ва

таносуби маънӣ хукми масалхои машхурро пайдо кардааст: Монанди: «Меларзам аз он ки на арзам. Чуз набояд гуфт; хар рост нашояд гуфт; он арзӣ, ки меварзӣ».

Мисоли аълои он мукаддимаи «Ганчнома» аст, ки ба сурати шеърхои муламмаъ даромадааст: «Хамди бехад илохеро ва дуруди беадд мар подшохеро, ки бардошт аз дидаи дилхо рамад ва рафаа-с-самоа би гайри амад ва бигустаронид фарш ва сумма истава ала-л-арши ва ба кудрат аз фахм дур ва чаала-з-зулумота ва-н-нур ва падид овард даю бахор ва халака-л-лайла ва-н-нахор ва биёфарид куху камар ва саххара-ш-шамса ва вал-камар...».

2. Китаоте, ки ба тарики ирсол бо риояти камоли маънӣ ва чамоли услуб бидуни илтизоми сачъ навишта шудааст ва дар радифи зеботарин насрхои ирфонӣ кdaror дорад. Намунаи ин насрро борхо дар «Ганчнома» ва пароканда дар соири осори Шайх мебинем, монанди китъаи зайл дар одоби хирка пӯшидан аз китоби мухтасаре «Фӣ одоби суфийя»:

«Ва чун хирка хохад пӯшидан, аввал чомае, ки дар рӯзгор пӯшида бошад, барканад ва бияфганад. Ва бехтарин чомахо чомаи пашмин аст. Ва аввал касе, ки пӯшид Одаму Хавво буданд. Чун ба дунё омаданд, барахна буданд. Чабраил омад ва гӯсфанде бад-ишон овард, пашм аз вай боз карданд ва Хавво ба ресмон кард ва Одам бофт ва дарпӯшиданд. Ва Мӯсо алайхиссалом хам чомаи пашмин дошт. Ва сӯфиро нисбат ба суф аст...».

3. Осоре, ки бо услуби бадей ва муншиёна ба сурати китаоти шеърӣ назири шевае, ки баъдхо ба номи Макоманависӣ дар адабиёти форсӣ шоеъ мешавад, нигошта шуда, хусни калом ва зебоии лафз дар баён ва тачассуми маонӣ дар макоми васф ва хикоя ба кор рафтааст ва такрибан дар тамоми мавридхо сачъ риоят шудааст. Шояд битавон онро нахустин асари услуби Макомот дар насри форсӣ донист, ки баъдан мавриди таклиди нависандагоне чун Абулмаолӣ Насруллох — муаллифи «Калила ва Димна», Козӣ Хамидиддини балхӣ сохиби «Макомоти хамидӣ» ва Шайх Саъдӣ нависандаи «Гулистон» карор гирифт. Монанди намунахои зайл аз «Ганчнома»:

«Рӯзе дар олами чавонӣ чунон ки афтад ва донӣ, дар худ назар кардам, хешро дидам уре ва нафсро дар худ зӯре ва колабе чун гӯре бе нуре. Аз ман баромад шӯре. Гуфтам: чун кунам, то алифи коматро дар ибодати Хак нун кунам. Гуфтам: Е Абдуллох, дар ин рох марде бояд рӯхонӣ ва фарде бояд рахмонӣ, ки тарки халоик кунад ва катъи алоик. Маро нӯлеву фарзанде ва хиёлеву пайванде, ё хидмати ишон ку-

нам ё давои дили парешон кунам? Дар ин ғам бо ҷони пуралам ва дидаи пурнам мебудам, ки ногоҳ ҷавоне басомоне, дӯстдоре хаводоре, рафике шафике, ки маро бо вай мусодакат буд, баъд аз чанд рӯз, ки муфоракат буд, аз дар даромад. Гӯй ки моҳ аз абр баромад. Донист, ки бо синаи ғамгинам ва бо дидаи намгинам, аз ғояти меҳрубонӣ гирён шуд ва дар кори ман хайрон шуд. Гуфт: Ё Абдуллоҳ, ҳанӯз ғарраи моҳ аст, ин чӣ нолаву оҳ аст, ҳангоми шодмонист, на вақти пажмонист. Чун навбати пирӣ ояд, агар ин ғам пеш гирӣ шояд. Бархез, то ба бӯстон равем ва дар гулистон хиромем, то ғамҳо зоил шавад ва рӯҳ ба сабӯҳ моил».

Доктор Ҷовид сипас дар ин мақолаи муфассал санъатҳои лафзӣ ва маънавиеро, ки дар осори мансури Ансорӣ омадааст, ба ҷузъиёт таҳлил намудааст. Яке аз мухтассоти насри Абдуллоҳи Ансорӣ истифода ва воридоти порчаҳои мухталифи шеърӣ дар насри мусаҷҷаъ мебошад. Ин шеърҳо ҳама, ё дар аксари мавридҳо ба худи Ансорӣ мансуб аст, зеро ба сурудани шеърҳои ишқию сӯфиёна аз худи Ансорӣ ҳеҷ ҷои тардид нест. Доктор Ҷовид се мавриди истифодаи шеърро дар насри Ансорӣ таҳқиқ кардааст:

1. Дар мавриде, ки муаллиф фикри худро дар наср баён мекунад ва охиру тамомияти онро дар шеър анҷом медиҳад. Монанди:

«Ҳазрати Муҳаммад он Қаъбаро аз бутон пок кард ва ту ин Қаъбаро аз асноми ҳавову ҳавас пок гардон.

Дар роҳи худо ду каъба омад ҳосил,
Як Каъбаи сурат асту як Каъбаи дил.
То битвонӣ зиёрати дилҳо кун.
К-афзун зи ҳазор каъба бошад як дил. («Илоҳинома).

Ё мисоли дигар: «Яке масти шароб аст, яке масти соқӣ, ин яке фонӣ ва он яке боқӣ. Ҳар чиро мастӣ рӯ намудааст, ҳаргиз ҳушёр набудааст. Мастӣ пас аз ҳушёрист ва аз ориф орист. Мастӣ ба кошонаи дили орифон аст ва кори осон аст ва ин байт аз он аст:

Масти туам, аз ҷуръаву май озодам,
Мурғи туам аз донаву дом озодам.
Максуди ман аз Каъбаву бутхона туӣ,
В-арна ман аз ин ҳар ду мақом озодам. («Ганҷнома»).

2. Дар мавриде, ки муаллиф фикри худро бо ташбеҳ ё тамсил ё тавсиф таъйид мекунад. Монанди: «Бандаро вақте биёяд, ки аз тан забон монаду бас, ва аз дил нишон монаду бас ва аз ҷон аён монаду бас. Ин ҷавонмард ба манзил расид ва пурсид: аз сел чӣ нишон диҳанд. Чун ба дарē расид ва дар

дарё афтод ва сухан бипурсид, дар худ бирасид ӯ ки ба мавло расид:

> Булъаҷаб бодест дар ҳангоми мастӣ боди факр,
> К-аз миёни хушкрӯда моҳиёни тар гирифт.
> Ибтидо ғаввос тарки ҷону фарзандон бигуфт,
> Пас ба дарё дарфурӯ шуд, то чунин гавҳар гирифт.
> Солҳо Маҷнуи тавофе кард дар кӯҳсору дашт,
> То шабе маъшуқаро дар хонаи модар гирифт».
> (Аз «Кашф-ул-асрор»)

«Илоҳо ҳама аз ҳайрат ба фарёданд ва ман ба ҳайрат шодам, ба як лаббайк дари ҳама нокомӣ бар худ бикшодам. Дареғо рӯзгоре, ки намедонистам, ки лутфи туро дарёбам. Илоҳо! Дар оташи ҳайрат овехтам чун парвона дар чароғ, на ҷон ранҷи тапиш дида, на дил алами доғ. Илоҳо, дар сар об дорам, дар дил оташ, дар ботин ноз дорам, дар зоҳир хоҳиш. Дар дарё нишастам, ки онро карон нест, ба ҷон дардест, ки онро дармон нест, дидаи ман бар чизе омад, ки васфи онро зиён нест.

> Хасмон гӯянд, ки ин сухан зебо нест.
> Хуршед муҷрим, ар касе бино нест». («Кашф-ул-асрор»)

3. Ба тариқи татбиқ ва танзир, яъне он чунон ки маънии шеър ва маънии наср як ва ё назири ҳам бошад, ба ин маънӣ, ки шоир матлаби шеърро дар наср биёварад ва баъд дар шеър низ зикр кунад.

«Худовандо! Ту моро ҷоҳил хондӣ, аз ҷоҳил ҷуз аз ҷафо чӣ ояд? Ва моро заиф хондӣ, аз заиф ҷуз аз хато чӣ ояд? Худовандо! Ту моро баргирифтӣ ва кас нагуфт, ки бардор! Акнун ки баргирифтӣ, бигзор ва дар сояи лутфи худ медор:

> Гар об диҳӣ, ниҳоли худ коштаӣ,
> В-ар паст кунӣ бино, худ афроштаӣ.
> Ман бандаи ҳамонам, ки ту пиндоштаӣ.
> Аз даст маяфканам, чу бардоштаӣ. («Илоҳинома».[13]

Дар насри мусаҷҷаъи Абдуллоҳи Ансорӣ на танҳо ақоид ва афкори орифонаи ӯ, балки як нақши ақоиди тасаввуфи он давр намоён аст. Таҳқиқи жарфони осори ӯ як давраи муҳимми равнақ ва тавсиаи тасаввуфро дар хоки Эронзамин ва Хуросон барои мо равшан хоҳад кард.

Абдуллоҳи Ансорӣ бо насри орифонаи худ ба равнақу густариши насри фанниву бадеии форсӣ дар асрҳои баъдӣ, чунон ки борҳо дар боло гуфтем, мақоми пурнакше дорад. Дар насри ӯ мо тавсиф ва тасвирҳои муҷассами воқеӣ ва ҳаётиро мебинем, ки адибону нависандагони қарнҳои баъдӣ дар осори ғайриирфонии худ аз он баҳравар ва мутаассир гаштаанд. Барои тасдиқи ин фикр аз «Ганҷнома»-и ӯ пораеро дар

васфи хазон ин чо дарч кунем ва бубинем, ки Абдуллохи Ансорӣ дар як порчаи мансур чӣ манзараву намои мучассаму мусаввари хазонро ба чилва овардааст:

«Ногох дар тирамох расидам, бад-он боғ дидам, басе зоғ ориш хукми илохӣ расида, сарсари тирамох вазида, гулхо бирехта ва андалебон гурехта, лола мурда ва шукуфа пажмурда, бунафша бемор, нилуфар сӯгвор, насрин афтода, настаран чон дода, ёсуман овора, суман бечора, раёхин дар сукарот чашми ибратбин дар қатарот, ғунчахо резида, баргхо пӯсида, чӯйборхо сароб, гулзорхо хароб, хавои он пургард, сабзахо рухзард, нозанинони разон куштаи теғи хазон».

Забон, сабк ва таъбиру иборотн забони осори Ансорӣ имрӯз хам барои хонанда муассир ва дилангез аст, гузашта аз ин бисёр иборот ва лафзу каламоти ӯ имрӯз хам дар гӯишу шевахои мардуми точики Мовароуннахр, мисли Самарканду Бухоро, боздид мешавад. Хуллас, ахвол ва осори Ансорӣ имрӯз ганчест, ки бояду шояд боз нашуда ва дурру гӯхари он ба дидаву мазоқи мо дуруст нарасидааст.

## АЛӢ ИБНИ УСМОНИ ХУЧВИРӢ

Яке аз олимони аввалини мутасаввиф, шоир ва сӯфии номдори форсизабон ва гуфтан мумкин аст, яке аз нахустин назариятчиёни илми ирфонӣ Алӣ ибни Усмон Хучвирӣ аст, ки дар тасаввуфи форсӣ мақом ва нақши бузурге бозидааст. Номи пурраи ин сӯфӣ, чунон ки худ дар аввали китоби машхураш «Кашф-ул-махчуб» нишон додааст, Алӣ ибн Усмон ибн Алӣ ал-Чуллобӣ ал-Ғазнавӣ сумма ал-Хучвирӣ аст. Соли таваллуди ӯ дар хеч чо нишон наёфтааст. Зодгохи ӯ Чуллоб ном мавзеест дар наздикии Ғазнин (баъзехо ин чоро яке аз махаллахои шахри Ғазнин гуфтаанд). Ва аз он чо ки «сумма» мегӯяд, баъд дар махалле аз тобеи Ғазнин — Хучвир истиқомат ва касби улум кардааст ва аз ин чост, ки ӯ бештар ба насбаи Хучвирӣ машхур гаштааст.[132]

Муаллифи «Сафинат-ул-авлиё» Мухаммад Дорошукӯх ибн Шохчахонободӣ дар боби мавлид ва ачдоди Хучвирӣ чунин овардааст: «Ва асли эшон аз Ғазнин аст ва Чуллоб ва Хучвир ду махалла аст аз махаллоти шахри Ғазнин, ки интиқол кардаанд аз яке ба дигаре». Ва хамин муаллиф хабар медихад, ки қабри волидайни Хучвирӣ воқеъ дар Ғазнин будааст ва худи Хучвирӣ дар пеши ин қабр масчиде бино карда будааст ва мехроби онро нисбат ба масчидхои дигар, ки мехробашон рӯ ба тарафи ғарб буд, моилтар ба тарафи

чануб сохта будааст. Хучвирӣ дар ин иқломаш чониби чуғрофии Маккаро ба назар гирифтааст, ки дар воқеъ ҳам бошандагони ин сарзаминҳо мебоист намози худро рӯй ба ҷануби гарб бигузоранд. Ва муаллифи «Сафинат-ул-авлиё» дар ин хусус боз чунин овардааст:

«Гӯянд, ки уламои он вақт бар шайх дар ин боб эътироз карда буданд. Рӯзе ҳамаро ҷамъ намуда, худ имом шуда, дар он масчид намоз гузориданд. Баъд аз намоз ба ҳозирон гуфтанд: «Нигоҳ кунед ҷониби Қаъба, ки ба кадом самт аст. Ҳиҷобҳо аз миён бархост ва Қаъба аз муҳозии он масчид намудор гашт».[13]

Аз он ҷо, ки Хуҷвирӣ ба поси ёди волидайни худ дар Ғазнин масчиде дар шафати мадфани онҳо бино карда будааст, шоҳиди он аст, ки падари ӯ яке аз шахсони баргузидаи мутадаййин ва эҳтимол аз машоихи он замон будааст. Ва шояд Хуҷвирӣ дар пеши падар улуми мутадовилаи замонашро касб карда бошад. Дар ҳар сурат аз осори Хуҷвирӣ пайдост, ки ӯ дар улуми динӣ, фиқҳ, тафсири Қуръон ва аҳодиси набавӣ олим ва донои замонаш будааст. Ҳоло маълум нест, ки Хуҷвирӣ кай ба ҷодаи тасаввуф рӯй овардааст. Аммо аз муҳити маънавии он замон, ки тасаввуф дар Хуросону Мовароуннаҳр як вусъати бузург дошт, ба тақриб гуфтан мумкин аст, ки Хуҷвирӣ аз ҷавонӣ дар рӯҳи таълимоти ирфонӣ тарбия ёфтааст. Худи Хуҷвирӣ устоди ниҳоят мӯҳтарам ва бонуфузи худро Шайх Абулфазл ибн Ҳасани Хаталлонӣ ном гирифтааст. Ӯ бо ин шайх ҳамеша дар сафар будааст ва дар ин сафарҳояш бо машоихи номдори он вақт шайх Абулқосими Гургонӣ, Абӯсаиди Абулхайр, Абулқосими Қушайрӣ ва дигарон мулоқот кардааст. ва аз сӯҳбатҳои онҳо бисёр баҳраҳо бардоштааст.

Дар яке аз ин сафарҳо дар наздикии Димишқ устоди Хуҷвирӣ Абулфазл ибн Ҳасани Хатталонӣ аз ҷаҳон чашм мепӯшад ва Хуҷвирӣ худ ӯро ба хок месупорад. Ӯ дар ин воқеа чунин ҳикоят кардааст: «Зайни автод ва шайхи ибод Абулфазл Муҳаммад ибн ал-Ҳасани ал-Хатлӣ разияллоҳу анҳу иқтидои ман андар тариқат бад-ӯст. Олим буд ба илми тафсир ва ривоёт ва андар тасаввуф мазҳаби Ҷунайд «Ҷунайди бағдодӣ) дошт. ...Ва шаст сол ба ҳукми узлат содиқ ба гӯшаҳо андар метурехт ва номи худро миёни халқ гум карда буд... Ва умри некӯ ёфт ва вайро оёту бароҳини бисёр буд, аммо либоси русуми мутасаввифа надоштӣ ва бо аҳли расм шадид будӣ (яъне бо зоҳирпарастон ва уламои расмӣ муносибати сахт дошт). Ва ман ҳаргиз аз вай муҳибтар (боҳайбаттар) марде надида будам. Ва аз вай шунидам, ки гуфт:

«ад-дунё йавму ва лано фиҳо савмун, дунё худ як рӯз аст ва мо худ андарон рӯз ба рӯзаем, яъне аз он ҳеҷ насиб намегирем ва андар банди вай намеоем... Ва он рӯз ки вайро вафот омад, ба Байтулҷинн буд. Ва он деҳест, ки бар сари ақба миёни Бониё-руд ва Димишқ. Сар бар канори ман дошт ва маро ранҷе буд андар дил аз яке ёрони худ чунон ки одати одамиён буд. Маро гуфт: «Эй писар, масъала аз эътиқод бо ту гӯям, агар худро бар он дуруст кунӣ, аз ҳама ранҷҳо бозраҳӣ. Бидон, ки андар маҳалхо ва ҳолҳо худои таоло меофаринад аз неку бад. Бояд, ки бар феъли вай хусумат накунӣ ва ранҷе ба дил нагирӣ. Ва ба ҷуз ин васият дароз накард ва ҷон бидод».[134]

Дигар аз тарҷумаи ҳоли Ҳуҷвирӣ тафсилоте дар даст нест. Танҳо аз рӯи ишораҳое, ки ҳарҷо-ҳар ҷои «Қашф-ул-маҳҷуб» омадааст, баъзе ҷузъиёти аҳволи ӯро маълум кардан мумкин мегардад. Муаллиф дар муқаддимаи китоби худ овардааст, ки ӯ шоир ҳам буда ва девоне низ доштааст, ки ин девонро касе аз ӯ рабуда, ба номи худ қаламдод кардааст. «Ва боз яке он ки девони шеърам яке бихост ва бозгирифт ва асли нусха ҷуз он набуд. Он ҷумла бигардонид ва номи ман аз сари он бияфганд ва ранҷи ман зоеъ гардонид». Ғайр аз ин муаллиф боз китобе дар тасаввуф доштааст, ки онро низ касе ба номи худ гирифтааст: «Дигар китобе таълиф кардам андар тариқи тасаввуф... номи он «Минҳоҷ-уд-дин». Яке аз муддаиёни ракик, ки кирои гуфтори номи ӯ накунад, номи ман аз сари он пок кард ва ба наздики авом чунон намуд, ки он вай кардааст».[135]

Муаллиф аз ин бевиҷдонии дӯстони худ сабақ гирифта мегӯяд, ки ман аз ин сабаб дар ҳар ҷои китоби худ «Қашф-ул-маҳҷуб» такрор ба такрор номи худро зикр намудам, ки мабодо боз ин асарро ҳам нохалафон ба номи худ эълон доранд.

Аз ҷузъиёти дигари аҳволи Ҳуҷвирӣ боз ҳамин маълум аст, ки ӯ дар таййи умри худ дар шаҳру шаҳракҳои Хуросону Мовароуннаҳр сафарҳо карда, бо бисёр шайхони машҳури он замон ҳамсӯҳбат ва дар муомилаи дӯстӣ будааст. Чунончи ӯ менависад: «Аз шайхулмашоих Абулқосим Гургонӣ... ба Тус пурсидам», «Ва низ пире дидам аз аҳли маломат дар Мовароуннаҳр», «Ман ки Алӣ ибн Усмон ал-Ҷуллобиам панҷоҳ пора таснифи вай (яъне Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ) бидидам андар Бағдод ва навоҳии он»; «Вақте ман ба Марв будам, яке аз аиммаи аҳли ҳадис, он ки маъруфтарини эшон буд, маро гуфт, ки: «ман андар ибоҳати самоъ китобе кардаам».[136]

Дар ин сафарҳо Ҳуҷвирӣ бо бисёр шайхони бузург мулоқот кардааст, ки аксари номи онҳо ва аҳволи эшонро баъдтар дар китоби худ дарҷ сохтааст. Ӯ менависад: «Ва гурӯҳе аз ин ки зикри эшон андар ин китоб биёрем, гузаштаанд ва рӯ ба роҳату равҳ супурдаанд ва гурӯҳе зиндаанд».[137]

Аз гуфтаҳои муаллиф, ки ҷо-ҷо дар зимни шарҳи масоили гуногун омадааст, маълум мешавад, ки дар он замон тасаввуф ва ҷараёнҳои гуногуни он дар Хуросону Мовароуннаҳр ниҳоят густариш ёфта будааст. Чунончи ӯ дар бораи Хуросон чунин овардааст: «Ва агар ҷумларо баршуморам аз аҳли Хуросон, китоб дароз гардад ва сесад кас дидам андар Хуросон танҳо, ки ҳар яке офтоб ва иқболи тариқат андар толеи Хуросон аст».[138] Ва агар дар як худи Хуросон се сад шайх вуҷуд дошта бошанд, пас онҳо пайравону соликоне ҳам доштанд, ки шумораи онҳо шояд, ки ба чандин ҳазор расад. Аз ин ҷо тасаввур кардан мумкин аст, ки тасаввуф дар ҳаёти маънавӣ ва ривоҷи ислом дар он замон чӣ нақшеву мақоме доштааст.

Тасаввуф дар он аҳд ба исломи расмӣ ё дурусттараш ба уламои расмии ислом, ки аз қайди зоҳир ва маҳдудияти тафсиру тавҷеҳи аҳкоми шаръӣ берун намебаромадаанд, инчунин ба диндороне, ки халаф аз тоати зоҳириашон танҳо ба сарвату мукнат рӯзгузаронӣ буд, як кувваи мухолифе буд. Аз ин ҷост, ки уламои расмӣ ва пешдорони зоҳири дин пайваста аҳли тасаввуф ва таълимоту афкору ақоиди онро мазаммату маломат мекарданд. Дар ин бора Ҳуҷвирӣ дар чанд ҷои китобаш ёдовар шудааст: «Ва гурӯҳе пиндоранд, ки (тасаввуф) исмест бе ҳақиқате ва асле, то ҳадде, ки ба равийяти аҳли ҳазл уламои зоҳирбин куллияти инро инкор кардаанд ва ба ҳиҷоби ин қисса хурсанд шуда, то авом бад-эшон таклид кардаанд».[139]

Муаллиф ба муқобили чунин мункирони тасаввуф сахт нитиқод гирифта мегӯяд, ки инкори тасаввуф инкори «кулли шариати пайғамбар» бошад. «Акнун ин миқдор аз таҳқиқи мақолоти машоих андар ин китоб биёвардам дар боби тасаввуф, то бар ту... тариқи ин кушода гардад ва мар мункирони инро бад-он бигӯй, ки муродатон чист ва инкори тасаввуф? Агар исми муҷаррадро инкор кунанд, бок нест, маонӣ андар ҳаққи мусаммиёт бегона бошад. Ва агар айни ин маониро инкор кунанд, инкори кулли шариати пайғамбар ва хисоли сутуда бошад».[140]

Ҳуҷвирӣ баъди сафарҳои дуру дароз охир дар Лоҳур манзил мегирад ва дар ҳамин шаҳр, ба қавли соҳиби «Сафинатул-авлиё» дар соли чаҳорсаду панҷоҳу шиш ва ба қавле шас-

ту чаҳори ҳиҷрӣ ин ҷаҳонро падруд мегӯяд (мутобиқ ба солҳои 1064 ва 1071—72 милодӣ). Ва ҳамин муаллиф дар бораи мадфани Ҳуҷвирӣ ва шӯҳрати ӯ баъди вафоташ чунин нақл кардааст:

«Ва қабри эшон дар миёни шаҳри Лоҳур мағрибии қалъа воқеъ шуда; ва халқе анбӯҳ ҳар шаби ҷумъа ба зиёрати он равзаи мунаввара мушарраф мегарданд. Ва машҳур аст, ки ҳар кӣ чиҳил шаби ҷумъа ва ё чиҳил рӯз паи ҳам тавофи равзаи шарифи эшон бикунад, ҳар ҳоҷате, ки дошта бошад, ба ҳусул меанҷомад. Ва фақир низ ба зиёрати равзаи мунаввараи эшон мушарраф гашта».[141]

На танҳо мадфани мубораки ӯ балки китоби машҳураш «Кашф-улмаҳҷуб» маъруфият ва номи ӯро баъди маргаш пойдор гардонид ва дар қатори мардони бузурги ирфон ҳамчун пешво ва поягузори ин таълимот ҷой дод.

Чунон ки муаллиф дар муқаддимаи асараш менигорад, яке аз шогирдони ӯ ба номи Абӯсаид, ки низ аз Ҳуҷвир будааст, аз муаллиф хоҳиш мекунад, ки дар илми тасаввуф ва таълимоту пояҳои он ба суолҳои ӯ ҷавоб гӯяд. Ва Ҳуҷвирӣ ин китобро ҳамчун посух ба суолҳои Абӯсаид дар масъалаҳои муҳимтарини тасаввуф таълиф намудааст. Ин аст муқаддимаи худи муаллиф:

«Қола ас-соилу ва ҳува Абӯсаид ал-Ҳуҷвирӣ: «Баён кун маро андар таҳқиқи тариқат ва тасаввуф ва кайфияти мақомоти эшон ва баёни мазоҳиб ва мақолоти он ва изҳори рамуз ва ишороти эшон ва чигунагии муҳаббати худованди азза ва ҷалл ва кайфияти изҳори он бар дилҳо ва сабаби ҳиҷоби кунҳи моҳияти он ва нафрати нафс аз ҳақиқати он ва ороми рӯҳ бо баргузидагӣ ва сафвати он ва он чӣ ба ин тааллуқ дорад, муомилати он».[142]

Ҳуҷвири назарияи тасаввуфро ба забони форсӣ ба як тартиб ва зобитаи муайян даровард. Пеш аз Ҳуҷвирӣ тасаввуфро ба тарзи гуногун таъриф ва тавсиф мекарданд, ки чанде аз ин гуфторҳоро дар фаслҳои боло оварда будем. Аммо ин таърифот бештар ба эҳсос ва тазоҳури қувваҳои ботини ҳиссиёти орифон қарор ёфта буд. Ҳуҷвирӣ бори аввал асосҳои илмӣ ва назариявии тасаввуфро аз таҷруба ва таърихи қариб дуқарнии он хулоса кард ва онро ҳамчун илме ба форсӣ появу зобитаҳо муқаррар намуд. Ӯ гуфтааст:

«Тариқаи тасаввуфро асле қавист ва фаръе мусаммар. Ва ҷумла машоихи эшон аз аҳли илм будаанд. Ва ҷумла муридонро бар омӯхтани илм боис будаанд ва бар мудовамат кардан бар он эшонро ҳарис доштаанд... ва уламои эшонро андар он маънӣ тасониф сохтаанд ва ба ибороти латиф аз

хавотири раббонии худ бурхон намудаанд».[14] Аз ин ҷост, ки ӯ боби аввали китобро дар исбот ва таърифи илм ва илми тасаввуф, ки онро бо номи илми ҳақиқат ва маърифат таъбир кардааст, тахсис намудааст. Ҳуҷвирӣ дар ин боб кӯшиш кардааст нишон диҳад, ки ҳам илми расмии ислом, ки бо номи шариат иборат меёбад ва ҳам илми тасаввуф миёни худ умумият ва робитаи маҳкам доранд. Аз ин муқаддима чанд нуктаи он хеле ҷолиб аст:

«Илми ҳақиқатро се рукн аст: яке ба зоти худованди таоло ва ваҳдонияти вай ва нафийи ташбеҳ (яъне инкор намудани монандии зоти илоҳӣ бо ягон манбаи дигар); ва дигар илм ба сифоти худованди таоло ва аҳкоми он; ва сеюм илм ба афъол ва ҳикмати вай. Ва илми шариатро низ се рукн аст: яке китоб (яъне Қуръон), ва дигар суннат (яъне гуфтаҳои пайғомбар) ва иҷмоъ (қонунҳое, ки ба иттифоқи уламо ва фуқаҳо дар ҳар аср қабул мешавад) аст. Ва Муҳаммад ибн Фазл ал-Балхӣ гӯяд: ...ал-илму саломатун (илм аз се иборат аст): илм миналлоҳи (илм аз ҷониби худо) ва илм мааллоҳи (илм бо худо) ва илм биллоҳи (илм бо худо). Илм биллоҳи маърифат бувад, ки ҳама анбиё ва авлиё ӯро бадв (ибтидо) донистаанд... Ва илм миналлоҳи илми шариат бувад, ки он аз Вай ба мо ба фармон ва таклиф аст. Ва илм мааллоҳ илми мақомот ва тариқи Ҳақ ва баёни дараҷоти авлиёст. Пас маърифат бе пазируфтани шариат дуруст наёяд ва варзиши шариат бе изҳори мақомот рост наёяд».[14]

Дар ин ҷо Ҳуҷвирӣ Маърифатро асоси илми тасаввуф медонад, аммо шариат ва маърифат бо ҳам иртиботи сахте доранд, ки якеро аз дигаре ҷудо кардан номумкин аст.

Дигар фаслу бобҳои китоб ба ҳамин асосҳои таълимоти илми маърифат, яъне асоси илмии тасаввуф ва масъалаҳои дигаре, ки дар пурсишҳои Абусаид омадааст, бахшида шудааст. Таҳлил ва муқоисаи асосҳои назарӣ ва ақоиду афкори сӯфиёнаи Ҳуҷвирӣ худ як тақиқоти муфассалеро мехоҳад. Аммо ин ҷо барои равшантар тасаввур намудани, мазмун ва мӯҳтавиёти китоби «Кашф-ул-маҳҷуб», феҳристи мундариҷоти онро ба тарзи мухтасар зикр намудан зарур аст. Шумораи боб ва унвону бобу фаслҳо дар «Кашф-ул-маҳҷуб» ба забони арабӣ омадааст ва мо онро мазмунан ба форсӣ мегардонем.

**Боби аввал** дар исботи илм. **Боби дуюм** дар фақр. **Боби сеюм** дар тасаввуф. **Боби чорум** дар либос ва хирқаи аҳли тасаввуф. **Боби панҷум** дар зикри ихтилоф дар маънидод кардани мафҳуми фақр ва покӣ (сафват). **Боби шашум** дар маломат, яъне фирқаи маломатийя. **Боби ҳафтум** дар зикри

пешвоён (имомон) аз чумла сахоба. **Боби ҳаштум** дар зикри имомон аз хонадони пайғамбар. **Боби нуҳум** дар зикри аҳли Суффа, яъне як гурӯҳ ҳамроҳони Муҳаммад, ки ба Мадина ҳиҷрат карда, дар ниҳояти душворӣ ва сахтиву риёзат умр ба сар мебурданд. Ва ақидае ҳаст, ки гуё калимаи «тасаввуф» муштақ аз ҳамин «суффа» аст. **Боби даҳум,** дар зикри имомон аз ҷумла тобеин. **Боби ёздаҳум** дар зикри имомони замонҳои ахир (мутааххир). **Боби сездаҳум** дар зикри сӯфиёни замонҳои ахир ба таври ихтисор. Дар ин боб танҳо зикри номи чанд тан аз аҳли ирфон аз рӯи мансубияти онҳо ба шаҳр ё кишваре оварда шудааст (Шом, Форс, Озарбойҷон, Табаристон ва ғайра). **Боби чаҳордаҳум** дар фарқи фирқа ва мазҳабҳо тахсис шудааст; ин боб аз ҷиҳати равшан намудани таърихи тасаввуф ва ҷараёнҳои гуногуни он пеш аз замони муаллиф ва асри ӯ аҳамияти калон дорад. Ин маълумот бори аввал дар китоби Ҳуҷвирӣ гирд омадааст. Дар зимни таърифи ин ҷараёнҳо ва фирқаҳо, дар бораи баъзе ҳолот ва мақомот, ки намояндагони ин ё он фирқа ба он бештар майл доштаанд, тафсилот ва таърифоти Ҳуҷвирӣ оварда шудааст. Чунончи, ҷараёнҳои муҳосибийя, қассорийя, тайфурийя, ҷунайдийя, нурийя ва ғайра. Ва дар ҳамин зимн дар хусуси ризо, мафҳуми ҳол ва мақомот, дар бораи кароaccess мот ва мӯъҷиза, мақоми авлиё ва анбиё, дар бораи бақо ва фано маълумот ва таърифоти муаллиф ҷойгир шудааст.

Баъд аз боби чордаҳум фаслҳое меояд, ки «Қашф-ул-ҳиҷоб» номида шудааст ва онҳо ба ин қароранд: **Қашф-ул-ҳиҷоби аввал** дар маърифати оллоҳи таоло. **Қашф-ул-ҳиҷоби дуюм** дар тавҳид, ягонагии худо; **сеюм** дар имон; **чорум** дар таҳорат. Ва сипас боз тартиби бобҳо меояд:

**Боби понздаҳум** дар тавба ва он чи ба он тааллуқ дорад.

**Кашф-ул-ҳиҷоби панҷум** дар салот, яъне намоз; **Боби шонздаҳум** дар муҳаббат. **Қашф-ул-ҳиҷоби шашум** дар закот. **Боби ҳафдаҳум** дар ҷуду саховат. **Қашф-ул-ҳиҷоби ҳафтум** дар рӯза. **Қашф-ул-ҳиҷоби ҳаштум** дар ҳаҷ. **Боби ҳаждаҳум** дар мушоҳада.

Дар ин ҷо тартиб, табдил ва мавзӯи бобҳо хеле ҷолиб аст. Ҳуҷвирӣ дар бобҳо асосан мавзӯъҳои сирф сӯфиёнаро баррасӣ мекунад, яъне мавзӯъҳои илми маърифатро таҳқиқ менамояд. Сипас дар фаслҳои «Қашф-ул-ҳиҷоб» мавзӯъҳои шариатро аз назар мегузаронад. ва иртиботи байни ҳамдигарии ин мафҳумҳои умумии шариат ва маърифатро тавҷеҳ мекунад. Чунончи ӯ дар боби «кашф» масъалаи «таҳорат»-ро аз нуқтаи назари шариат мебинад ва сипас «тавба»-ро яъне пеш аз ба роҳи сулук даромадан аз гуноҳҳо пок шу-

дан) аз нуктаи назари тасаввуф дила мебарояд. Дар «кашф»-и шашум «закот»-ро (яъне аз ҳисоби молу сарват додани қисми муайяни хироҷ) аз нуқтаи назари шариат баррасӣ мекунад, ва сипас масъалаи «ҷуду саховат»-ро аз назари ирфон таҳқиқ мекунад.

«Кашф-ул-ҳиҷоб»-и нӯҳум дар сӯҳбат ва одобу аҳкоми он. Ин «кашф» дар навбати худ ба чанд фасл тақсим мешавад ва дар ҳар фасл сӯҳбату муомила дар ҳолат ва вазъҳои гуногун баён шудааст. **Боби бистум** дар сӯҳбат. **Боби бисту якум** дар одоби сӯҳбат. **Боби бисту дуюм** дар одоби сӯҳбат дар ҳолати дар як ҷо иқомат доштан. **Боби бисту сеюм** дар одоби сӯҳбат дар сафар. **Боби бисту чорум** дар одоби сӯҳбат ҳангоми хӯрдан. **Боби бисту панҷум** дар одоби сӯҳбат ҳангоми сайру гашт. **Боби бусту шашум** дар одоби хоб ҳангоми сафар. **Боби бисту ҳафтум** дар одоби сухан гуфтан ва сукут ихтиёр кардан. **Боби бисту ҳаштум** дар одоби пурсиш ва посухи он. **Боби бисту нӯҳум** дар танҳоӣ (яъне безанӣ) ва зан гирифтан.

**«Кашф-ул-ҳиҷоб»-и даҳум** дар мантиқ ва ҳудуди алфози онҳо, яъне истилоҳи сӯфиён» ва ҳақоиқи маъниҳои онҳо. Дар ин ҷо муаллиф дар бораи ҳолот ва мақомот маълумот медиҳад, дар бораи ҳолати бастагии хотир ва кӯшоиши рӯҳ, дар бораи унс ва лутф, дар бораи илми яқин, ҳаққ-ул-яқин ва айн-ул-яқин, дар бораи шариат ва ҳақиқат ва тафовути онҳо ва боз баъзе масъалаҳои дигари назарии тасаффув баҳс мекунад.

Ва ниҳоят **«Кашф-ул-ҳиҷоб»-и ёздаҳум** ба таҳлил ва баҳси самоъ (яъне мусиқӣ, суруд ва сурудани шеър) бахшида шудааст. Ин «кашф» дар навбати худ ба фаслҳо тақсим мешавад. **Боби сиюм** дар самои Қуръон ва он чӣ ба он даҳл дорад. **Боби сию якум** дар самои шеър. **Боби сию дуюм** дар шунидани савт ва суруд. **Боби сию сеюм** дар аҳкоми самоъ. **Боби сию чорум** дар ихтилофе, ки дар баҳси самоъ вуҷуд дорад. **Боби сию панҷум** дар он, ки ҳақиқати самоъ аз чӣ иборат аст. **Боби сию шашум** дар ваҷд ва вуҷуд, яъне ба ҷазабаю ҳаяҷон омадан. **Б^0би сию ҳафтум** дар рақс ва он чӣ ба он тааллуқ дорад. **Боби сиюҳаштум** андар расм ва олати пора кардани либос (харқ). **Боби сиюнӯҳум** дар одоби самоъ, яъне барно намудани мусиқӣ, гӯш кардани он ва ғайра. Ва дар охир ду фасл ин китобро ба охир мерасонад. Фасл дар баёни муҳаббат ва фасл дар баёни ишқ.

Аз феҳристи мавзӯъ ва мазмуни бобу фаслҳои «Кашф-ул-маҳҷуб» хулоса гирифтан мумкин аст, ки Ҳуҷвирӣ дар ин китоб на танҳо масъалаҳои назарии тасаввуфро ба як тар-

тибу назм баррасӣ намудааст, балки оид ба вазъи муҳити маънавӣ ва махсусан оид ба ҷараёнҳои гуногуни тасаввуф ва тарҷумаи ҳол ва афкору ақоиди орифони бузурги мукаддим ва муосири худ низ маълумотҳои басо муфид ва пурарзише додааст, ки аксари ин маълумот ва баёнияхо дар китобҳои дигари баъдӣ пайдо нест. Аз ин ҷост, ки «Қашф-ул-маҳҷуб» дар таърихи тасаввуф яке аз китобҳои нахустини мураттаб ва пурарзишест, ки муҳтавиёти онро муаллифони бисёр китобҳои баъдии ирфонӣ ба истинод ё бидуни истинод истифода намудаанд.

Мо бисёр нуктаҳои муҳим ва ақидаҳои муаллифи ин китобро дар фаслҳои оянда иқтибос ва истифода хоҳем кард. Аммо дар ин ҷо як нукта ва мухтассоти муҳимми ин китобро зикр кардан зарур аст. Ва он ин аст, ки Ҳуҷвирӣба ҷуз мавзӯъоти ирфонӣ ба бисёр масъалаҳои дину шариат дахл намудааст ва ин масъалаҳоро на аз нуктаи назари илми калом ва ақоиди дини расмӣ, балки аз нигоҳи як нафар ориф ва дар асоси ақоиди ирфонӣ баррасӣ намудааст. Барои мисол мо як масъалаи муҳимми ислом — салотро, ки яке аз рукнҳои панҷгонаи мусалмонӣ ҳисоб меёбад, ҳам аз нигоҳи Ғаззолӣ, ки як шахси мутадаййин ва олими исломист ва аз назари Ҳуҷвирӣ, ки як фарди ориф ва мутасаввиф аст, дар ин ҷо баррасӣ мекунем. Ва ҳамин ду нуқтаи назар дар масъалаҳои дигари дини расмӣ низ сареҳан бознид мешавад.

Ҳуҷвирӣ мегӯяд:

«Ва намоз ба маънии зикр ва инқиёд бошад аз рӯи луғат. Ва андар ҷараёни ибороти фуқаҳо ибодати махсус аст ба ин аҳком, ки му«тод аст. Ва он аз Ҳақ таоло фармон аст, ки панҷ намоз андар панҷ вақт бикунад. ...Бидон, ки намоз ибодатест, ки аз ибтидо то интиҳои роҳи Ҳақ муридон андар он биёбанд ва мақомоташон андар он кашф гардад. Чунон ки таҳорат муридонро ба ҷои тавба бувад ва тааллуқ ба пире кардан ба ҷои исобати кибла ва қиём ба ҷои муҷоҳадаи нафс ва қироат ба ҷои зикри бардавом ва рукӯъ ба ҷои тавозӯъ ва суҷуд ба ҷои маърифати нафс ва ташаҳҳуд (яъне ашҳаду ан ло илоҳа иллалоҳ гуфтан) ба ҷои унс ва салом ба ҷои тафрид аз дунё берун омадан аз банди мақомот. Ва аз он бувад, ки чун Расул алайҳиссалом аз кулли машориб мунқатеъ шудӣ (яъне ҳангоме, ки аз тамоми машрабҳо озод мешуд) андар камоли ҳайрат толиби шавқ мегаштӣ ва тааллуқ ба машрабе кардӣ. Онгоҳ гуфтӣ: Ё Билолу араҳно биссалоти — Ё Билол моро ба намоз ва бонги намоз хуррам гардон».[144]

Аз ин ишора маълум мешавад, ки намоз барои орифон на

нхо як ибодати расмӣ ва зарурии динист, балки як мако-
шавку чазабаест, ки дар он ба мушоҳидаи зоти илоҳӣ
здик мешудаанд. Дар намози орифон ҳар як марҳилаи он
мисли сучуду, рукӯъу салому таҳорат як марҳилаи шавқ
унсест, ки дили онҳоро ба шавку завки ботинӣ меовар-
аст. Намоз, ки аз вочиботи ибодат аст, дар пеши ориф як
хзаи шӯру ҳаячони ботинӣ гаштааст. Шавку завк ва кӯ-
ниши рӯх, ки дар намоз ҳосил мешавад, аз он ҳолот ва ма-
мест, ки орифонро дар айни мушоҳада ва мучоҳада даст
диҳад. Ҳучвирӣ дар ин маком аз расули акрам низ нақ-
меорад, ки шавку завке, ки ӯро дар вакти намоз даст ме-
дааст, ба равшании чашм ва роҳати тан мерасонидааст.
Расул гуфт алайҳиссалом: «чуилат куррату айнӣ фиссало-
— рӯшноии чашми ман андар намозҳо ниҳодаанд».
Ба ҳамин тариқа, тамоми вочиботу фаризаҳои динӣ ва
иннату русуми исломӣ, ки дар китобҳои фикҳ ва усули ди-
ийя бо зобитаву қавоиди сахт ва якранг дода шудааст, дар
Кашф-ул-маҳчуб» ҳама ба рамзу тавчеҳоти сӯфиёна баён
рдидааст. Барои ин кифоя аст бубинем, ки суннати намоз-
зорӣ ва заруратн намоз дар «Кимиёи саодат»-и имом Ғаз-
лӣ чӣ гуна шарҳ дода шудааст:
«Бидон, ки намоз сутуни дини мусалмонӣ ва бунёди дин
т ва пешраву сайиди ҳама ибодот аст. Ва ҳар кӣ ин панч
амози фариза ба шарти худ ва вакти худ бачой оварад, аҳ-
басто омад бо Ҳақ таоло, ки дар амону ҳимояти он бо-
ад. Ва чун аз кабоир (яъне гуноҳҳои калон) даст бидошт,
ар гуноҳи дигар, ки бар вай равад, ин панч намоз кафора-
он бошад. Расул (с) гуфт: «Масали ин панч намоз чун
и об равшан аст, ки ба дари сарои касе мегузарад ва ӯ
ар рӯз панч бор худро ба он мешӯяд... Расул (с) гуфт: «На
оз сутуни дин аст, ҳар кӣ даст бидошт, дини худро вайрон
ард». Аз вай пурсиданд, ки аз кор кадом фозилтар аст?
уфт: «Намоз ба вакти худ ба пой доштан». Ва гуфт: «Ка-
иди биҳишт намоз аст».[16]
Чунон ки мебинем, намоз дар назди орифон василаест,
и ба унсу мушоҳада ва маърифати Ҳақ мерасанд. Аз суха-
они пайғамбар орифон онро овардаанд, ки «боигу оҳанги
амоз» хуррамиву шодӣ дар дил меорад ва чашмҳоро рав-
ан мекунад. Дар пеши аҳли дин намоз сутуни дин, пояи-
ан имон ва калиди дари биҳишт аст. Аз пайғамбар низ дар
н маврид ҳадисҳо овардаанд, ки намоз пойдорандаи дини аст
а монанди оби чӯй аст, ки мӯъминонро тару тоза медорад.
Ба ҳамин мисолҳ дигар вочиботи дини ва фармудаҳои ша-
иат низ дар тавчеҳи Ҳучвирӣ ва дефтар умуман дар пеши

урафо ва шуарои суфийя бо чунин рамзҳои ҳассос ва тавчеҳоти шуридадилона баён гардидааст. Ин аст тафовути орифон аз мутакаллимон ва фақеҳон, тафовути кутубу расоили суфийя аз усули дин ва фиқҳи исломӣ,

Дар поён бояд ҳаминро низ зикр кунем, ки «Қашф-улмаҳчуб» ба як забони ниҳоят шево ва холӣ аз такаллуфоту иборотн бемавриди арабӣ, бо истифода аз мақолу зарбулмасалҳои фаровони мардум иншо шудааст. Аз ин лиҳоз ин асар яке аз беҳтарин намунаҳои насри илмию фалсафӣ ва адабию бадеии забони форсии асри XI ҳисоб мешавад.

## ИМОМ ҒАЗЗОЛӢ

Имом Ғаззолӣ, яке аз бузургтарин уламо ва пешвоёни улуми динийя, фиқҳ, фалсафа, тафсиру ахбори нубавӣ аст ва аз тарафи кулли мусалмонон ба лақаби «Ҳуччат-ул-ислом» эътироф гардидааст. Мартабаву манзалат ва осори диниву фалсафии ин олим имрӯз ҳам дар олами ислом шӯҳрат ва интишори зиёд дорад. Баробари ҳамин имом Ғаззолиро аҳли ирфон низ ба сифати яке аз назариётчиёни бузурги тасаввуф қабул доранд ва орову андешаи ӯ дар нуктаҳои муҳимми афкори суфиёна ва зуҳду риёзат миёни орифон вазну эътибори басазоро дорост.

Абуҳомид Муҳамад ибн Муҳаммад Ғаззолӣ соли 450 /1058 дар Тобирон ном мавзее аз навоҳии шаҳри Тус ба дунё омадааст. Падари ӯ аз мардони мутадаййин ва порсо буда, ба касби бофандагӣ (ғаззолӣ) машғул будааст ва ба Ғаззолӣ лақаб ёфтани имом ҳам аз ҳамин чост. Ғаззолӣ маълумоти ибтидоиро дар хона пеши устоди хусусӣ фаро гирифт ва сипас дар Гургону Тус низ ба таҳсили улум пардохт. Баъд аз ин ӯ барои камоли таҳсил ва такмили донишу илм ба Нишопур сафар мекунад ва дар ин чо ба хидмати яке аз уламои машҳури замон, фақеҳ ва мутакаллими забардаст Абулмаолӣ Чувайнӣ мулаққаб ба Имом-ул-ҳарамайн шарафёб мешавад ва зери роҳбарии ӯ дар тамоми улуми расмии замон мисли фиқҳу, каломи усулу ахбор ва адабу фалсафа аз пешқадамони аҳли замон мегардад. Баъди вафоти устодаш соли 1085 Ғаззолӣ ба дарбори салчуқиён ба хидмат ва суҳбати вазири бузурги давр Низомулмулк омад ва қариб ҳашт сол дар ин чо дар ҳалқаи уламои баргузидаи замон буд. Соли 1091 бо фармони Низомулмулк Ғаззолӣ ба тадриси мадрасаи Низомияи Бағдод маъмур мешавад. Дар ин солҳо ӯ ҳам ба таълифу тасинфи осори фалсафию динӣ мепардозад ва ҳам до-

ниши худро дар омӯхтани фалсафа, махсусан осори Абӯ Алӣ Сино такмил медиҳад.

Одатан дар сарчашмаҳо ва баъзе тадқиқоти олимони шарқ чунин омадааст, ки баъди соли 1095 дар рӯҳу андешаҳои Ғаззолӣ таҳаввуле рух дод ва ин баъд тарки тадриси мадрасаву истиқомати Бағдод кард. Шояд ин таҳаввулот дар асари андешаву ақоид ва таълимоти тасаввуф будааст, ки дар ин замон таъсиру нуфузи он на танҳо дар миёнаи омма, балки дар ҳаёти маънавию илмии Бағдод ва сарзаминҳои қаламрави хилофат беандоза зиёд буд. Аз эҳтимол дур нест, ки инак ҳамин тафаккуроти ирфонӣ дар ҷаҳонбинию ақоиди Ғаззолӣ дигаргуние ворид карда, ӯро ба тарки тадриси улуму дониши мадрасавӣ водор сохта буд.

Аз тарафи дигар тарки тадрис ва шаҳри Бағдод кардани Ғаззолӣ бо қатли вазир Низомулмулк ба дасти фидоиёни исмоилӣ низ алоқае доштааст. Зеро он ташаннуҷ ва ошӯбхое, ки дар асари таблиғот ва ҷунбишҳои ошӯбгаронаи фирқаи исмоилия сурат мегирифт, оромиву осоиш ва низоми кори бисёр ашхоси илму донишро халалдор карда буд. Ғаззолӣ низ шояд ба ҳамин сабаб шаҳри ободу гаҳвораи илму дониш Бағдодро тарк гуфта, дар шаҳрҳои гуногуни Шому Фаластин ва Арабистону Алҷазира дар ғурбату дур аз ватан зиндагӣ ба сар бурдааст. Дар ин билоди бегона низ Ғаззолӣ бо донишу илми худ миёни уламо шӯҳрат пайдо кард ва ҳеч гоҳ аз таърифу таснифи осори фалсафию динӣ фориғ набуд.

Баъд аз ёздаҳ соли ғурбату дурӣ аз ватан Ғаззолӣ соли 1104—05 (498 ҳиҷрӣ) ба Тус бозмегардад. Аммо соле сипарӣ нашуда бо даъвати вазири султон Санҷар — писари Низомулмулк Фахрулмулк ба Нишопур рафт ва ба вазифаи мударрисии мадрасаи Низомияи шаҳр таъйин гардид. Аммо дар ин ҷо низ зиёда аз як сол натавонист бимонад ва соли 1107 ба Тус бозгашт ва дар хонақоҳу мадрасае, ки дар наздикии хонааш буд, ба тарбияи муридон ва таълими шогирдон машғул гардид. Дар ин солҳо Ғаззолӣ ба зӯҳду қаноат ва риёзат зиста ва охир соли 1111 даргузашт ва дар зодгоҳаш Тобирон мадфун гардид.

Чунон ки аз тасвири мухтасари зиндагии Ғаззолӣ бармеояд, ин донишманди бузург ва имоми замон ҳамеша аз хидмати султону ҳокимон канора меҷустааст, аз сӯҳбати уламои расмӣ ва олимакоме, ки дар мадрасаҳо таълими хушкмизоҷона медоданд, нафрат доштааст ва дар муқобили зиндагии боҳашамат ва пуртаҷаммули аҳли сарват ҳаёти зоҳидона ва қаноатмандонае ба сар мебурдааст. Шояд дар ин тарзи зиндагӣ ахлоқу зиндагии поку беолоиши аҳли тасаввуф

накши калон доштааст ва Ғаззолӣ ҳар чанд шайх ё пири муршид набуд, аммо дар зиндагӣ ӯ ба тарзи рӯзгори шайхони бузургу орифони замонаш пайравӣ кардааст. Ва шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки ӯ дар фазилати зӯҳд ва зоҳидӣ навишта буд: «Гуфтаанд, ки ҳар ки чиҳил рӯз дар дунё зоҳид шавад, чашмҳои ҳикмат бар дили ӯ кушода шавад. Расул (с) гуфт: «агар хоҳӣ, ки худои таоло туро дӯст дорад, дар дунё зоҳид бош».[146]

Ғаззолӣ ҳам дар сафарҳояш ва ҳам дар солҳои оромиву осоиш аз таълифу тасниф ҳеҷ фориғ набудааст. Дар умри нисбатан кӯтоҳи худ ӯ осори ниҳоят бой ва пурбаракате аз худ боқӣ гузоштааст, ки имрӯз дар олами ислом арзиш ва мақому манзилати бузург дорад. Яке аз асарҳои калон ва ҳикмати ӯ «Эҳё-ул-улум-ид-дин» аст, ки вай онро дар чор ҷилд ба забони арабӣ таълиф намудааст. Аз ин асар поинтар боз сӯҳбат хоҳем кард. Асари дигари ӯ «ат-Тафриқат-байн-ал-ислом ва в-аз-зиндиқа» (яъне «Тафовут байни ислом ва зиндиқа») ном дорад, ки онро дар радди таълимоти исмоилия иншо кардааст. Асари дигари ӯ «Макосид-ул-фалосифа» ба таҳлили афкору ақоиди файласуфон тахсис шудааст. Китоби ӯ бо номи «Таҳофут-ул-фалосифа» («Ноустувории файласуфон») дар радди таълимоти фалсафаи шарқ, ки асосгузорони он Форобӣ ва Абӯ Алӣ Сино буданд, таълиф шудааст. Масъалаҳои илоҳиёт (метафизика) дар «Маориҷ-ул-қудс», асосҳои мантиқи шарқ дар рисолаҳои «Меъёр-ул-илм», нуктаҳои маърифати сӯфийя дар рисолаи «Мишкот-ул-анвор», мавзӯъҳои фиқҳ дар китобҳои «ал-Восит», «ал-Воҷиз» ва «ал-Босит», масъалаҳои усули дин дар рисолаҳои «ал-Иктисод фил-эътиқод» ва «ал-Арбаин» баррасӣ гардидааст.

Чунон ки гуфтем, дар ҷаҳонбинии Ғаззолӣ ақидаҳои ирфонӣ, таълимоти мутасаввифони пешина нақши бузург доштанд. Ин таъсиру нақши тасаввуф дар асари машҳури ӯ «Эҳё-ул-улум-ид-дин» бештар аз ҳама падидор гаштааст. Ва аз ин ҷост, ки баъзе олимон ин асарро дар қатори осори сӯфия гузоштаанд (чунончи олими англис Арберри). Яке аз муҳаққиқони осор ва аҳволи Ғаззолӣ мусташриқи ҳозираи рус В. В. Наумкин чунин навиштааст: «Ба мисли он ки тамоми зиндагии Ғаззолӣ ҳаёти як нафар фақеҳи суннатӣ ва сӯфиро таҷассум намудааст, асари умдаи ӯ «Эҳё» низ ҳамаи арзишҳои суннатии ортодоксалӣ ва идеалҳои тасаввуфро ба ҳам пайваст намудааст. Идеалҳои сӯфия дар «Эҳё» мақоми умдае доранд».[147] Аммо ин пайванди ду самти аз ҳам мутафовит, чунон ки баъзе донишмандон тасдиқ мекунанд, маъ-

нои онро надорад, ки Ғаззолӣ гӯё тасаввуфро бо ортодоксия созиш дода бошад.[106] Тафовути куллии асари Ғаззолӣ аз осори мутакаллимин иборат аз он аст, ки ӯ дар маркази ақоид ва баҳси худ фарди Инсонро мегузорад. Дар тамоми бобу фасли ин асар Инсон ҳамчун фарде қарор дорад, ки соҳиби рӯҳи илоҳӣ аст, ва бо тоату иолат ва тазкияи ахлоқ метавонад ба маърифати ҳақ расад. Ба ин муносибат Ғаззолӣ дар «Эҳё» масъалаҳои ахлоқро дар маддп аввал мегузорад ва ба ин мавзӯъ ҷилдҳои дуюм ва сеюми асари худро тахсис намудааст.

Ғаззолӣ фишурда ва мухтасари ин асари чорҷилдаи худро ба забони форсӣ дар китобе тадвин намудааст, ки ба он «Кимиёи саодат» ном ниҳодааст. Ин асар, ки бо забони ниҳоят шево ва матини форсӣ дар байни солҳои 1087—97 (490-500 хиҷрӣ), вақте ки Ғаззолӣ дар мадрасаи Низомийяи Нишопур дарс мегуфт, таълиф шудааст. Дар муқаддимаи асар Ғаззолӣ ҳамон матлаби асосии худро, ки дар мавҷудоти олам Инсон мақоми марказӣ ва илоҳӣ дорад, баён намуда навиштааст:

«Аммо баъд бидон, ки одамиро ба бозӣ ва ҳарза наёфаридаанд. Балки кори вай азим аст ва хатари вай бузург, чӣ агар вай азалӣ нест, абадист. Ва агарчи колбади вай хокӣ ва сифлист, ҳақиқати рӯҳи вай улвӣ ва раббонист ва гавҳари вай агарчи дар ибтидо омехта ба сифоти баҳимӣ ва сабъӣ ва шайтонист ва чун дар бӯтаи муҷоҳида ниҳӣ, аз ин омезиш ва олоиш пок гардад ва шоистаи ҷавори ҳазрати рубубият шавад. Аз асфалуссофилин то ба аъло алиййин ҳама нишебу боло кори ӯст. Ва асфалуссофилини вай он аст, ки дар мақоми баҳоим ва сибоъ ва шаётин фурӯд ояд, ки асири шаҳвату ғазаб шавад. Ва аълоалиййини вай он аст, ки ба дараҷаи малоика расад, чунон ки аз дасти шаҳвату ғазаб халос ёбад ва ҳар ду асири вай гарданд ва вай подшоҳи эшон гардад. Чун бад-ин подшоҳӣ расад, шоистаи бандагии илоҳият гардад. Ва ин шоистагӣ сифати малоика аст ва камоли дараҷаи одамият.

Ва чун вайро лаззати унс ба ҷамоли ҳазрати илоҳият ҳосил шуд, аз мутолиаи он ҷамол як соат сабр натавонад кард. Ва наззора кардан андар он ҷамол биҳишти вай шавад. Ва он биҳишт, ки насиби ҷашму шикаму фарҷ аст, наздики вай мухтасар шавад. Ва чун гавҳари оламӣ дар аввали офариниш ноқис ва хасис аст, мумкин нагардад вайро аз ин нуқсон ба дараҷаи камол расонидан, илло ба муҷоҳада ва муолаҷа.

Ва чунон ки он кимиё, ки мису биринҷро ба сафову покӣ ба зари холис расонад, ба ғоят душвор бувад. Ва дар касе

нашиносад ҳам чунин кимиё, ки гавҳари одамиро аз хиссат ва баҳимият ба сафову нафосати малоика расонад, то бадон саодати абадӣ ёбад, ҳам душвор бувад ва ҳар касе надонад.

Ва мақсуд аз бунёд ниҳодани ин китоб шарҳи ахлоти ин кимиёст, ки ҳақиқати кимиёи саодати абадист. Ва ин китобро бад-ин маънӣ «Қимиёи саодат» ном кардем».[149]

Чунон ки аз мазмуни ин муқаддима бармеояд, Ғаззолӣ дар маркази ҳамаи масъалаҳое, ки ба рӯҳ, ахлоқ, нафс ва ниҳоят офариниш дахл дорад, масъалаи камоли Инсониро мегузорад, ки ба гуфти вай бо мушоҳида ва муолаҷаи рӯҳонӣ ба дараҷаи улвӣ ва лаззати унси ҷамоли «ҳазрати илоҳият» мерасад. Чунин гузориши масъаларо дар осори мутакаллимин намебинем. Баръакс аҳли калом худоро ваҳдати мутлақ медонистанд, ки ба зоти ӯ касе ва чизе имтизоҷ ёфта наметавонад. Ӯ — парвардигор «мофавқи ҳар эҳсос ва инфиол ва таъсирест, ки... хеҷ башаре ба ҳар мартабае бирасад, наметавонад ба вай иртибот ё муносибате пайдо кунад». Возеҳ аст, ки худое, ки ба ин шакл ё ақоид назири онро дар ҳикмати исломӣ ва илми калом васф шуда, бо ақидаи ваҳдати вуҷуди суфия ва фикри онҳо аз худо фарқи бисёр дорад».[150]

Ғаззолӣ ин тариқати тасаввуфро дар «Қимиёи саодат» ва баъзе осори дигараш на ба он тавсифи эҳсос ва ҷазабаи ошиқонаи аҳли ирфон, балки бештар бо таҳлили ақлонӣ (рационалӣ) таҳқиқ ва исбот мекунад. Ва сохтори китоби ӯ низ аз ҳамин тариқи муҳокима ва таҳқиқот бунёд гирифтааст.

«Қимиёи саодат» аз **«Оғози китоб»** шурӯъ мешавад, ки он ба **чор унвон** тақсим мешавад ва дар ин унвонҳо асосҳои мусалмонӣ баррасӣ шудааст. **Унвони аввал** ба масъалаи худшиносии Инсон бахшида шуда, «Дар шинохтани хеш» ном гирифтааст. Ғаззолӣ дар ин унвон аз ҳадиси машҳури пайғамбар, ки «ман арафа нафсаҳу фақад арафа раббаҳу» (касе, ки худро шинохт, парвардигори худро низ мешиносад) гуфтааст, шурӯъ мекунад. Дар ин боб Ғаззолӣ Инсонро ҳамчун олами асғар ва оламро ҳамчун олами акбар тавсиф намудааст. Аз ин ҷост, ки Инсон, ки олами асғарро шинохт, ба шинохти олами акбар низ дастёб мешавад. **Унвони дуввум** «Дар шинохти Ҳақ субҳонаҳу» ном дорад. Дар ин боб тақдис ва танзеҳи офаридагор тасдиқ мегардад ва сипас муносибати Ҳақ бо мавҷудот ва Инсон баён мегардад. Ва дар ин ҷо бузургӣ ва бартараи Инсон аз тамоми мавҷудот ва махлуқоти олам исбот гардидааст.

**Унвони саввум** «Дар маърифати дунё» тасмия шудааст. Ғаззолӣ дар ин унвон моҳияти ин дунё ва дунёи дигарро, ки

охират меномаид, изҳор доштааст. Хулосаи ин унвон ин аст, ки Инсон дар ин дунё истиқомати муваққатӣ дорад ва аз ин сабаб чунон зиндагие кунад, ки барои осоиши охират тӯшае андӯзад. Ғаззолӣ менависад: «Пас ӯро (яъне инсонро) ба дунё ба ду чиз ҳоҷат бувад. Яке он ки Дилро аз асбоби ҳалол нигоҳ дорад ва ғизои ӯ ҳосил кунад. Ва дигар он, ки танҳо аз мӯҳликот (чизҳои ҳалоккунанда) нигоҳ дорад ва ғизои ӯ ҳосил кунад».[111] Ба ақидаи Ғаззолӣ, он чи ки Инсон барои ҳифзи тан мекунад, ин аслан барои Дил аст, зеро Дил боқӣ аст ва Тан фонӣ. Ғизои Дил маърифат ва муҳаббати Ҳақ таоло мебошад.

**Унвони чоруми** «Кимиёи саодат» ба масъалаҳои зиндагии Инсон дар охират бахшида шудааст. Ин ҷо Ғаззолӣ рӯҳи Инсонро аз рӯҳи ҳайвонӣ боло мегузорад, зеро дар охират, яъне пас аз марг рӯҳи Инсонӣ ба қурби илоҳӣ мерасад.

**Дигар**, баъд аз муайян кардани асли моҳияти Инсон дар ин дунё ва охират масъалае ба пеш меояд, ки Инсон барои расидан ба қурби илоҳӣ, яъне расидан ба унси ҷамоли ҳазрати Ҳақ таоло бояд чӣ роҳу тариқатро тай кунад. Ба ин масъалаҳо **чор боби «Кимиёи саодат»**, ки **«рукн»** номида шудаанд, тахсис гардидаанд.

**Рукни аввал** «Дар Ибодат» ном дорад. Дар ин рукн Ғаззолӣ асосан дар бораи намоз (салот) ҳаҷ, савм (рӯза), ки се қисми таркибии панҷ бинои мусалмонист (ба иловаи закот ва калимаи шаҳодат) хеле муфассал таваққуф кардааст. Дар ин ҷо қоидаҳои вузӯъ ва гузоридани намози панҷгона, тартиби адои ҳаҷ ва савм бо тафсил ва тафсирҳои зарурӣ оварда шудааст. Баробари ҳамин тарзи тиловати Қуръон ва мавриду мақомҳои гуногуни хондани Қуръон низ баён гаштааст.

**Рукни дуюм** «Дар муомалот» тасмия шудааст. Дар ин рукн Ғаззолӣ қоидаҳои муомила бо халқ, бо оила, бо дӯстон ва умуман тарзи зиндагии башарро баён намудааст. Дар ҳамин боб одоби никоҳ, зарурати издивоҷ, қоидаҳои хонадорӣ ва муомилаи бо зан низ оварда шудааст. Ин ҳама ба ахлоқи фардии инсон дар оила ва дар ҷамъият доир гаштааст. Аз ин бобу фаслҳо бармеояд, ки Инсон на танҳо дар ибодати Ҳақ таоло, балки дар зиндагии шахсии худ низ дорои ахлоқи ҳамида ва хисоли писандида бошад.

Фасли махсусе дар охири ин рукн ба масъалаҳои давлатдорӣ ва риояи ҳуқуқи фуқаро бахшида шудааст. («Асли даҳум дар раият нигоҳ доштан ва вилоят рондан»). Ин чунин оғоз меёбад:

«Бидон, ки вилоят доштан коре бузург аст ва хилофати Ҳақ таоло бувад дар замин чун бар тариқи адл равад. Ва чун

аз адл ва шафқат холӣ бувад, хилофати иблис бувад, ки хеч фасодро асари азимтар аз зулми волӣ нест».[152] Мавзӯи асосии ин фасл Адл мебошад, ки риояти он дар истеҳкоми давлат ва пойдории салтанат шарти асосӣ ба шумор меравад. Ин фасл ба рисолаҳои муаллифони баъдӣ, ки дар мавзӯи ақоиди тасаввуф тадвин кардаанд, таъсире аз он ҷиҳат дошт, ки ҳар кадоми онҳо баробари таъриф ва тафсири ахлоқи сӯфия ба масъалаҳои ахлоқи иҷтимоӣ, махсусан ба масоили тарзи давлатдорӣ ва раиятпарварӣ дахле намудаанд. Ғаззолӣ дар ин мавзӯъ ба забони форсӣ боз рисолаи ҷудогонае бо номи «Насиҳат-ул-мулук» навиштааст.

**Рукни саввуми** «Кимиёи саодат» чунин унвон гирифтааст. «Дар пайдо кардани ақаботи роҳи дин, ки онро мӯликот гӯянд, ки он чист ва чанд аст ва илоҷи он бар чӣ ваҷҳ аст». Дар ин боб Ғаззолӣ он хислатҳои замимаро, ки боиси аз роҳ баромадани фарди мусалмон шуда метавонад, зикр намуда, роҳҳои халосӣ аз ин хислатҳои бадро баён мекунад. Ва он даҳ асле, ки фаслҳои ин рукн ҳастанд, мақсад ва мароми муаллифро хеле равшан нишон медиҳанд.

**Асли аввал.** Дар риёзати нафс ва илоҷи хӯи бад ва тадбири хӯи некӯ. **Асли дуввум.** Дар илоҷи шаҳвати фарҷ ва шикам ва шикастани шараҳи ҳарду. **Асли саввум.** Дар илоҷи шараҳи сухан гуфтан ва офатҳои забон. **Асли чаҳорум** дар илоҷи хашму ҳасад ва офатҳои он. **Асли панҷум.** Дар илоҷи дӯстии дунё ва баёни он ки дӯстии он сари ҳама гуноҳон аст. **Асли шашум.** Дар илоҷи дӯстии мол ва офати мол. **Асли ҳафтум.** Дар илоҷи дӯстии ҷоҳу ҳашамат ва офати он. **Асли ҳаштум.** Дар илоҷи риё ва нифоқ дар ибодот ва худро ба порсоӣ намудан. **Асли нуҳум.** Дар илоҷи кибру уҷб. **Асли даҳум.** Дар илоҷи ғурур ва ғафлат.

Ин аслҳо боз ба фаслу бобҳои хурде ҷудо мешавад, ки дар онҳо ҷузъиёти мавзӯъҳои ҳар асл ба тафсил таҳқиқ шудаанд. Чунон ки аз номи мавзӯи аслҳо бармеояд, Ғаззолӣ дар ин рукн хислат ва одатҳои замимаи инсонро, ки ӯро ба гумроҳӣ ва олоиши ахлоқи пок меоварад, нишон дода, сипас роҳҳои наҷот аз ин хисоли нописандидаро ба хонанда талқин мекунад. Барои равшантар шудани матлаб ин ҷо мухтасареро аз таъбири Хашм ва илоҷи баркандани ин хӯи бад аз гуфтаҳои Ғаззолӣ меорем.

«Бидон, ки хашм чун ғолиб бувад, сифате мазмум аст ва асли он аз оташ аст, ки захми он бар дил бувад ва нисбати ӯ бо шайтон аст. Расул (сал.) гуфт: «Хашм имонро чунон табоҳ кунад, ки алво (гиёҳи талх), ангубинро. «...Ва гуфт: «Ҳар кӣ хашме битавонад ронад ва фурӯ хӯрад, Ҳақ таоло рӯзи

киёмат дили ӯро аз ризо пур кунад». Ва гуфт: «Дӯзахро дарест, ки хеҷ кас бад-он дар наравад, илло касе, ки хашми худ ба хилофи шаръ биронад» ...Фузайли Аёз ва Суфёни Сурӣ ва ҷамоате аз бузургон иттифок кардаанд, ки хеҷ кор нест фозилтар аз илм ба вақти хашм ва сабр ба вақти тамаъ».

Ва ниҳоят дар ҷое аз илоҷи дур андохтан ва фурӯ нишондани хашм сухан карда, ҷораҳои бисёреро зикр мекунад. Ва аз ҷумла: «Илоҷи он аз ду ҷинс аст. Яке масали он чун мусҳил (доруи дарунпронӣ) аст, ки бехи моддан онро аз ботин биканад. Ва яке масали он мисли сиканҷабин аст, ки таскин кунад, аммо бехи модда нақанад. Пас мусҳил он аст, ки нигоҳ кунад, то сабаби хашм дар ботин чист. Ва он асбобро аз бех биканад. Ва асбоби он панҷ аст. Аввал, кибр аст, ки мутакаббир ба андак моя сухан ё муомилат, ки бар хилофи таъзими ӯ бувад, хашмгин шавад. Пас бояд, ки кибрро ба тавозӯ бишканад. Ва бидонад, ки ӯ аз ҷинси бандагони дигар аст ва фазле ки бувад, ба ахлоки некӯ ва кибр аз ахлоки бад аст, ҷуз ба тавозӯ ботил нашавад. Дуввум уҷб аст, ки дар шаъни худ эътиқоде дорад. Ва илоҷи ин он аст, ки худро бишиносад... Севвум мазоҳ аст, ки дар бештар ба хашм адо кунад. Бояд, ки худро ба ҷидд машғул гардонад дар сохтани кори охират ва ҳосил кардани ахлоки некӯ... Чаҳорум маломат кардан ва айб кардан аст касеро, ки он чиз сабаби хашм гардад аз ҳар ду ҷониб. Ва илоҷ он бувад, ки бидонад, ки ҳар кӣ бе айб набошад — ӯро маломат нарасад ва хеҷ кас бе айб набувад. Панҷум ҳирс ва оз бувад бар зиёдати мол ва ҷоҳ ва бад-он ҳоҷат бисёр шавад. Ва ҳар кӣ бахил бувад, ба як ҳабба, ки аз вай бибаранд, хашмгин шавад ва ҳар кӣ томеъ бувад, ба як луқма аз ӯ фавт шавад, хашмнок шавад. Ва ин ҳама ахлоқи бад аст. Ва асли хашм ин аст. Ва илоҷи ин ҳам илмист ва ҳам амалӣ. Илми он аст, ки офату шарри он бидонад, ки зарари он бар вай дар дину дунё то ба чӣ ҳадд аст, то ба дил аз он нафур (пурнафрат) шавад. Он гоҳ ба илоҷи амалӣ машғул шавад. Ва он он бошад, ки ба ин сифот ба мухолифат бархезад, ки илоҷи ҳама ахлоқи бад мухолифат аст, чунон ки дар риёзати нафс гуфтем».[illegible]

Дар боби фаслҳои дигар низ ба ҳамин сиёқ Ғаззолӣ саравввал зоҳир ва ботини ахлоқи бадро нишон дода, сипас роҳҳои илоҷи ислоҳи онро хеле муфассал, ҳам аз рӯи шариат ва ҳам аз таҷрибаи рӯзгор баён мекунад.

**Рукни чоруми** «Кимиёи саодат» «Мунҷиёт» номида шудааст, яъне он ахлоқу тарзи зиндагие, ки роҳи наҷоти Инсон аст. Ин рукн ҳам иборат аз даҳ асл ба қарори зер аст: «Ас-

**ли аввал** дар тавба. **Асли дуввум** дар сабр ва шукр. **Асли саввум** дар хавф ва раҷо. **Асли чаҳорум** дар фақр ва зӯҳд. **Асли панҷум** дар ният ва ихлос ва сидқ. **Асли шашум** дар муҳосиба ва муроқиба. **Асли ҳафтум** дар тафаккур. **Асли ҳаштум** дар тавҳид ва таваккул. **Асли нӯҳум** дар муҳаббат ва шавқ. **Асли даҳум** дар зикри марг ва аҳволи охират».

Ҳамаи мавзӯъҳои ин рукн (ба ҷуз асли даҳум) ҳамон мақомҳои гуногуни орифон аст, ки ба ақидаи аҳли ирфон солик ё мурид баъди тайи он ба мақоми фано филлоҳ ва бақо маъаллоҳ мерасад (дар ин хусус мо поинтар таваққуф хоҳем кард). Ақидаву афкори аҳли тасаввуф дар бораи ин мақомот ба тарзи мунтазам ва мураттаб набошад ҳам, аммо пеш аз Ғаззолӣ дар гуфтору суханони онҳо боздид мешуд (чунончӣ, дар гуфторҳои Боязиди Бистомӣ, Ҷунайди Бағдодӣ, Абулҳасани Харақонӣ ва ғайра). Аз он ҷо, ки маълум аст, ин мақомотро бори аввал ба ин тарзи мunaззам ва ба як шакли назариявӣ Ғаззолӣ ба тартиб баён намудааст. Ва ҷолиб он аст, ки Ғаззолӣ агар дар рукнҳои дигар умуман ба мусалмонон ва мӯъминон мурочиат кунад, дар ин рукн беш аз ҳама ва пеш аз ҳама ба аҳли ирфон (ба соликон ва муридон) мурочиат намудааст. Ва дар ҳамин рукн ақоиди ирфонии Ғаззолӣ хеле равшан ва ба як систем падидор гаштааст. Хулосаи «Кимиёи саодат» низ ҳамин аст, ки ба қурби ҷамоли илоҳӣ расидан на танҳо ба воситаи ахлоқи ҳамидае, ки барои ҳамаи мусалмонон шарт ва лобудд аст, балки ба воситаи риёзат ва муҷоҳадати аҳли ирфон, ба воситаи тай намудани мақомоти муайян даст медиҳад. Мо дар бораи мақомот ва ҳолоти аҳли тасаввуф поинтар боз баҳс хоҳем кард. Аммо барои равшантар тасаввур намудани андеша ва орои сӯфиёнаи Ғаззолӣ аз ин рукнҳо чанд порча ин ҷо дарҷ мекунем. Ва ин порчаро аз оғози рукни аввал, ки дар таърифи тавба аст, иқтибос мекунем:

«Бидон, ки тавба ва боз гаштан ба Ҳақ таоло аввали қадами муридон аст ва бидояти роҳи соликон аст. Ва ҳеч одамиро аз ин чора нест, чӣ пок будан аз гуноҳ аз аввали офариниш то охир кори фариштагон аст. Ва мустағрақ будан дар маъсият ва мухолафат ҳама умр пешаи шайтон аст. Ва боз гаштан аз роҳи маъсият ба роҳи тоат ба ҳукми тавба ва надомат кори одам ва одамиён аст. Ҳар кӣ ба тавба тақсири гузаштаро тадорук кунад, насаби худ бо одам дуруст гардад. Ва ҳар кӣ бар маъсият то охири умр исрор кард, нисбати худ бо шайтон рост дошт.

Аммо ҳама умр дар тоат будан одамиро худ мумкин нест, чӣ ӯро офаридаанд дар ибтидо ноқис ва беақл офаридаанд.

Ва аввал шаҳватро бар вай мусаллат кардаанд, ки он олати шайтон аст. Ва он ақл, ки хасми шаҳват аст ва нури ҷавҳари фариштагон аст, баъд аз он офаридаанд... Пас тавба зарурати одамиён ва аввали қадами соликон аст».[154]

Порча аз боби «Фазилати дарвеши хурсанд». «Ва гуфт (расул) салъам: Эй дарвешон, аз миёни дил ба дарвешӣ ризо диҳед, то савоби фақир биёбед. Ва агар наёбед, ин ишорат аст ба он ки дарвеши ҳарисро савоб набувад... Ва гуфт (расул): Ҳар чизеро калидест ва калиди биҳишт дӯстии дарвешони собир аст, ки эшон рӯзи қиёмат ҳамнишинии Ҳақ таолоанд. Ва гуфт: Дӯсттарини бандагон назди худои таоло дарвешест, ки ба он чӣ дорад, қонеъ аст ва аз худои таоло дар рӯзие, ки диҳад, розӣ аст. Ва гуфт: Фардо дар қиёмат ҳеҷ дарвеш ва тавонгар набошад, ки на орзу кунад, ки дар дунё беш аз қувват наёфтӣ. Ва худои таоло ба Исмоил алайҳиссалом ваҳӣ кард, ки маро назди шикастадилон ҷӯй. Гуфт он киёнанд? Гӯяд: Дарвешони мусалмонон, ки ба атои ман розӣ буданд, ҳамаро ба биҳишт баред. Ва биҳишт раванд ва ҳанӯз ҳама халқ дар ҳисоб бошанд».[155]

Дар боби фаслҳои дигар низ чунин мақомот ва ахлоқи сӯфиёну дарвешон бо оёту ҳадиси шарифа таъйид ва тасдиқ шудааст. Ва ин ҳама таъйиду тасдиқ ба тартиб ва тарзи баёни файласуфона ва олимона анҷом дода шудааст. Агар боби муқаддамотӣ ва рукнҳои якуму дуввуму сеюми «Кимиёи саодат» баробари шариат тариқатро низ дар назар дошта ва дар баъзе мавридҳо ба ранги сӯфиёна бештар ҷилва кардааст, рукни чаҳорум аз ҷиҳати мазмун, мақсуд ва маром комилан як асари соф сӯфиёна ба шумор меравад.

Ғаззолӣ ахлоқ ва мақомоти сӯфиёнаро ба оёту аҳодис тақвият намуда, тасаввуфро ҳамчун як ҷараёни мазҳабиву афкори ба дини ислом мутакко тарафдорӣ намудааст ва баробари ҳамин шахси солик ва дарвешро, ки уламои расмӣ онҳоро паст мезаданд, сахт ҳимоя намуда ва ононро ҳамчун як тоифаи покдил ва покдин пеши оламиён нишон дода тавонистааст. Баробари ҳамин Ғаззолӣ он сӯфиёнеро, ки танҳо зоҳирнамоӣ мекарданду дар асл риёкору авомфиреб буданд, сахт танқид кардааст. Чунончӣ ӯ дар боби ният ва тариқаи сафар дар бораи сӯфиёне, ки дар роҳи сафар ба риёкориву фиребгарӣ барои худ ризқе меҷустанд, чунин мазаммат кардааст:

«Ва ҳар ки нияи сӯфийя хӯрад ва суол кунад ва худро ба сурати сӯфиён боз намояд, фосиқ ва осӣ бувад ва он чӣ ситонад ҳаром бувад. На ҳар ки муроққаъ пӯшад ва панҷ вақт намоз бигзорад, сӯфӣ бувад. Балки сӯфӣ он бошад, ки ӯро

талабе бошад дар вай, ба он кор оварда бошад ё ба он расида бошад ё дар кушиши он бувад ва ҷуз ба зарурате дар он тақсире накунад ё касе бувад, ки ба хидмати ин қавм машғул бувад. Ва нони суфийя ин се қавмро беш ҳалол набошад. Аммо он ки марди оиле бувад, ва ботини ӯ аз талаб ва муҷоҳада дар он талаб холӣ бувад ва ба хидмати сӯфиён машғул набошад, ӯ бо он ки мураққаъ дарпушад, сӯфӣ нагардад. Балки агар чизе бар тарророн вақф карда бошад, ӯро мубоҳ бошад, ки худро ба сӯфийя намудан, бе он ки ба сифат ва сирати эшон бувад, маҳзи нифоқ ва тарророӣ бувад.

Ва бадтарини ин кавм он бошад, ки сухане чанд ба иборати сӯфийя ёд гирифта бошад ва беҳуда мегӯяд. Ва пиндорам, ки илми аввалину охирин бар вай кушода шуд, ки ин сухан битавонад гуфт. Ва бошад ки шумии он суханон ӯро ба ҷое расонад, ки дар илму уламо ба чашми ҳақорат нигарад. Ва бошад ки шаръ низ дар чашми ӯ мухтасар гардад. Ва гӯяд, ки ин худ барои зуафост. Ва касоне, ки дар роҳ қавӣ шуданд, эшонро ҳеҷ зиён надорад, ки дини эшон ба ду кулла расида ва ба ҳеҷ чиз наҷосат напазирад. Ва чун ба ин дараҷа расиданд, куштани яке аз эшон фозилтар аз куштани ҳазор кофир дар Рум ва Ҳинд, ки мардумони худро аз кофир нигоҳ доранд. Аммо ин малъун мусалмонпро ҳам ба забони мусалмонӣ ботил мекунад. Ва шайтон дар ин рӯзгор ҳеҷ дом фуру накарда маҳкамтар аз ин. Ва бисёр кас дар ин дом афтоданд ва ҳалок шуданд».[156]

«Кимиёи саодат»-ро мо асари сирф ирфонӣ гуфта наметавонем. Ин китобест дар усули дин, фиқҳ ва роҳи ибодати мусалмонон аз рӯи шариат ва аҳкоми Қуръону фармудаҳои ахбор, яъне аҳодиси набавӣ. Аммо таҳқиқ ва баррасии он аз ҷойгоҳи назари ирфонӣ, аз пояи ақоид ва андешаҳои дар ин замон устуворгардидаи тасаввуф бунёд гирифтааст. Аз ин сабаб «Кимиёи саодат» дар таърихи инкишофи тасаввуф ва таҳаввулу такомули он дар асрҳои баъдӣ нақши бузурге гузоштааст. Дар асрҳои баъдӣ низ китобу рисолаҳои зиёде дар таълимот ва назарияи тасаввуф ҳам дар назму ҳам дар наср таълиф гардид. Аммо миёни ин осори ирфонӣ ва «Кимиёи саодат», ба назари мо як фарқи методологӣ боздид мешавад. «Кимиёи саодат» таълимот, мақомот ва масъалаҳои ахлоқи тасаввуфро аз нуқтаи назари аҳкоми шаръӣ ва фалсафаи ислом таҳқиқ намудааст. Китобҳои ирфонӣ бошанд (дар ин ҷумла «Маснавии» Мавлонои Рум ҳам дохил аст) масъала ва мавзӯъҳои шариат ва аҳкому Қуръону аҳодиси набавиро аз нуқтаи назари тасаввуф ва аҳли сӯфийя таҳқиқу тафсир мекунанд. Барои исботи ин фикр мо метавонем тафсир ва

тавчеҳи оёту аҳолиси «Маснавӣ»-и Ҷалолуддини Румиро бо тафсирҳои суннатӣ ва шарҳи мукояса кунем ва дар ин ҷо мо нақши тасаввуфро равшан мушоҳада мекунем.

«Кимиёи саодат» баъди «Донишнома»-и Абӯ Алӣ Сино ва «Ат-Тафҳим»-и Абӯрайҳони Берунӣ дар фалсафаю хикмати назарӣ гуфтан мумкин аст сеюмин асари фалсафист, ки ба забони форсӣ таълиф шудааст. Ин асар бо забони ниҳоят шево, форсии тоза, бо истифода аз таъбироту ҳикоёти бадеъу дилнишин, бо истеъмоли истилоҳоти шинам ва хеле бамавриди забони дарӣ таълиф ёфтааст. Ин асар дар тараққиёти баъдии забони адабиёти бадей ва илмию фалсафии форсӣ мақоми баргузида ва нурнақше дорад.

* * *

Аз шиносоӣ бо ду асари умдае, ки дар боби тасаввуф ва масъалаҳои алоқаманди он баҳс мекунад, чунин хулоса ҳосил мешавад, ки ин ҷараён дар тӯли ду аср асосҳои мустаҳками фалсафию назарӣ пайдо кард ва дар олами ислом ҳамчун илм ташаккул ёфт. Аз ин сабаб он ақидаҳое, ки гӯё тасаввуф як ҷараён ва таълимоти эклетикие бошад, ки унсурҳои гуногуни дини исломи масеҳият, оровӣ андешаҳои буддоию навафлотуниро дар мӯхтавиёти худ фаро гирифтааст, аз ҳақиқати илмӣ дур аст.

Мо илми тасаввуфро дар ду китобе, ки ба забони форсӣ ва дар заминаи анъанаҳои соф форсӣ ба вуҷуд омадааст, аз назар гузаронидем. Аммо ҳанӯз як аср пештар дар хилофати араб аз тарафи орифоне, ки аслан араб буданд ё аз қавми дигар буданду ба забони арабӣ таълиф мекарданд, дар рисолаву гуфторҳои шифоҳӣ аввалин пояҳои назарии ин илм гузошта шуда буд. Аз ҷумла Сарроҷи Тӯсӣ (с. в. 988) дар «Китоб-ул-лумаъ» аз бисёр масъалаҳои фалсафию назарии тасаввуф, аз ҷумла дар бораи мақомот ва ҳолот дар тасаввуф баҳс намудааст. Китоби дигар ба номи «ат-Таарруф ли мазҳаби аҳли-т-тасаввуф» («Ошноӣ ба мазҳаби аҳли тасаввуф») ба қалами Абӯбакр Муҳаммад ибн Исҳоқи бухорӣ (с. в. 990—95) тааллуқ дорад. Ин марди ориф, ки дар Бухоро зода ва дар ин ҷо таҳсили илм кардааст, дар ин асар андешаҳои гуногуни ва парокандаи аҳли тасаввуфро ба як тартибу танзим овардааст.

Чанд китоби ниҳоят пурарзиш дар фалсафаю назарияи тасаввуф, инчунин китоби аввалини тарҷумаи ҳоли орифон ба номи «Табақот-ус-сӯфийя» ба қалами Абӯ Абдураҳмон Муҳаммад ибн Ҳусайн ас-Суламии нишопурӣ мутааллиқ аст. Ин олими ирфонӣ, ки дар Нишопур таваллуд шуда ва дар

ин ҷо як мактабу ҷараёни ирфониро асос гузошта буд, бо асарҳои худ ба ҷараёни сӯфияи мамолики араб ва махсусан Хуросону Эрон таъсири бузург дошт. Дар рисолаву китобҳое, ки ба забони арабӣ таълиф намудааст, аз ҷумла дар рисолаҳои «Ӯйуб-ун-нафс ва мудовотуҳо» («Нуқсонҳои нафс ва давои он»), «Одоб-ус-суҳбат», «Рисолат-ул-маломатийя» бисёр нуктаҳои умдаи фалсафа ва назарияи илми ирфон баррасӣ ва тафҳрезӣ шудааст.

Ва ниҳоят асари машҳури муосир ва устоди Ҳуҷвирӣ — Абулқосими Қушайрӣ (986—1072) бо номи «ар-Рисола фи илм-ит-тасаввуф» дар ташаккул ва вусъати фалсафа ва назарияи тасаввуф мавқеъ ва нуфузи хеле калон дошт.

Баъди панҷ қарни зуҳури тасавуф дар мамолики араб орифу файласуфи дигар ба номи Муҳйиддин Ибн-ал-Арабӣ (1165—1240) ба арсаи вуҷуд меояд, ки ӯ илми тасаввуфро ба як системаи муайян ва мураттаб даровард, дар он на танҳо орову андешаҳои орифони бузурги мутақаддимро ҷамъбаст мекунад, балки дар таълимоти ваҳдати вуҷуд як мактаб ва назариёти мукаммалу мураттаби худро созмон медиҳад.

Таъсиру нуфузи осори фалсафию назарии тасаввуфи арабизабон ба тасаввуфи форсӣ нақши муайян дошт. Аммо тасаввуф дар илму адаби арабӣ бештар бо роҳи таҳқиқ ва баррасиҳои фалсафию назариявӣ вусъат гирифт ва дар адабиёти бадеӣ, махсусан дар назм камтар нуфузу мақом дошт. Дар кишварҳои форсизабон баъди «Кашф-ул-маҳҷуб» низ боз чандин китобу рисолаҳои ирфонӣ дар ҷанбаи фалсафию назарӣ таълиф гардиданд. Аммо мавқеъ ва нуфузи тасаввуф дар адабиёти бадеӣ ва махсусан дар шеъри форсӣ вусъат ва густариш пайдо кард. Ҳатто бисёр масъалаҳои фалсафию назарӣ низ дар адабиёти форсӣ дар шеъру назм баррасӣ мешуд. Дар маснавиҳои Саноию Аттор, Румию Авҳадӣ, Ҷомию Ироқӣ, Хоқониву Низомӣ нуктаву андешаҳои ирфонӣ дар шакли бадеӣ ва дар достонҳову ҳикоятҳои манзум таҳқиқ шудаанд, бо воситаҳои бадеию принсипҳои эстетикӣ таъбир ва тадқиқ гаштаанд. Гузашта аз ин тасаввуф дар назми лирикӣ, махсусан дар ғазалиёти шуарои бузург мисли Саъдиву Ҳофиз, Ҷомию Бедил таҷассуми бадеӣ ва фикрии худро гирифт ва як системаи бузурги адабию эстетикиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа тасаввуф шеъри форсиро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа, мавзӯъ ва ақоиду афкор амиқтар гардонид, таъсири бадеӣ ва вусъату нуфузи онро ниҳоят пурдомана кард. Гуфтан мумкин аст, ки яке аз омилҳои шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани шеъри форсӣ низ ба ҳа-

мии афкор ва ақоиди ирфонӣ мавқуф буд. Сабаби дар назм мавқеъ ва нуфузи бузург пайдо кардани тасаввуф дар он буд, ки дар ин чараён масъалаи Инсон ва Ахлоқи инсонӣ ҷойгоҳи бузург дошт. Мавзӯи адабиёт бошад дар ҳар асру дар ҳар замон, дар ҳар қавму ҳар халқ ҳамин Инсон ва инсонпарварӣ буд. Ва инак баҳси мо ба он наздик шуд, ки мақоми Инсонро дар тасаввуф мухтасар аз назар гузаронем.

## МАСЪАЛАИ ИНСОНИ КОМИЛ ВА АХЛОҚИ ПОК ДАР ТАСАВВУФ

Агар мо рукнҳои асосии тасаввуфро аз чор эътиқоди куллӣ: зӯҳд, ишқ, маърифат ва ваҳдати вуҷуд донем ва ин ҳамаро воситаи расидан ба зоти илоҳӣ шуморем, чунин тақарруб дар олами мавҷудот танҳо ба Олам-Инсон муяссар аст. Танҳо Инсон — на мавҷудоти дигар — метавонад ба зӯҳд пайвандад, танҳо Инсон метавонад Ишқи саршору пуршӯр ба офаридагор дошта бошад ва муҳаббати илоҳиро нисбат ба худ эҳсос кунад, танҳо Инсон, ки аз олами ҳайвонот ба ақлу хирад тафовут ва бартарӣ дорад, метавонад ба маърифати худо ва қудрати ӯ бирасад. Ваҳдати вуҷуд, ки зуҳури намои илоҳии тамоми олами ҳастӣ мебошад, танҳо дар симои Инсон, дар вуҷуди Инсон таҷассум ва таҷаллии олии худро пайдо мекунад. Бинобар ин Инсон дар таълимоти аҳли тасаввуф яке аз марказитарин, яке аз олитарин ҳастиест, ки ба воситаи он на танҳо олам ва мавҷудотро фаҳмидан мумкин аст, балки таҷаллии зоти илоҳӣ, мушоҳидаи зоти офаридагорро дар тасаввуру тахайюли ӯ мушоҳида метавон кард.

Таъсир ва нуфузи тасаввуф ба адабиёт ва махсусан ба шеъри форсӣ, ки низ мазмуну мӯҳтавиёти он Инсон ва эҳсосу хиради ӯст, дар ҳамин мавзӯи умда ва муҳимми адабиёт зоҳир мегардад. Зеро дар маркази тасвири бадеии адабиёт низ симои Инсон мутасаввир аст. Агар гӯем, ки то нашъати тасаввуф ва нуфузи он ба адабиёт дар назми форсӣ мо симои Инсони заминӣ, Инсони махсуси ҷисмониро медидем, пас тасаввуф ба адабиёт образи Инсони идеалӣ, Инсони илоҳиро дохил намуд.

Чунон ки маълум аст, Инсон ва таҳқиқи он дар соҳаҳои гуногуни улуми инсонӣ (гуманитарӣ), аз ҷумла дар фалсафа, ахлоқ, фиқҳ, ва ҳуқуқ, инчунин дар диёнатҳои калонтарини дунё яке аз мавқеъҳои марказӣ дорад. Дар диёнати зардуштӣ, дар китоби муқаддаси «Авесто», дар хитобаҳои Зар-

душт ва андарзҳои Аҳуро Маздо, дар ҳамаи ниёишу дуоҳо мо симои Инсонро мебинем. Ҳамаи ниёишҳо ба даргоҳи Аҳуро Маздо ва ба посдории фариштагони мухталиф ҳама барои беҳбуди Инсон, раҳоии ӯ аз зиштӣ ва бадкориҳои Аҳриман аст.

Дар динҳои қадими яҳудӣ ва насронӣ симои Инсон боз ҳам бештар ва намоёнтар ҷилва мекунад. Китоби муқаддаси насрониён «Инҷил» Инсонро ҳамчун як офаридаи наздики Худо, ҳамчун доранда ва муҳофизи мавҷудоти дунё тасвир намудааст. Дар тани (ҷисми) Инсон, ки ба назарҳо намудор аст, ҳамаи сифот ва ҷиҳатҳои беҳтару комилтаре, ки дар олами ашё ҳаст, таҷассум гаштааст. Аммо Инсон боз бо Нафси (Ҷони) худ аз тамоми мавҷудот тафовути куллӣ дорад. Ин пеш аз ҳама дар он ифода ёфтааст, ки худо нафси (ҷони) инсониро ба монанди симо ва тимсоли худ офаридааст, дар ин нафс нафси (дами) Худо ҷойгир аст ва дар худ камолоти Худойро инъикос менамояд.

Симои Инсон ва тасвиру тавҷеҳи он дар тасаввуф оё бо пайдоиши ин таълимот вобаста аст ё мабдаи он ба ягон сарчашма ва таълимоти дигар пайванд дорад? То имрӯз ба ин мавзӯъ камтар аз муҳаққиқон таваҷҷӯҳ намудаанд. Аз тарафи олимони Эрон дар таърих ва таҳаввули тасаввуф ҳарчанд осори зиёд ва пурарзише таълиф шудааст, аммо мавзӯи «Инсон дар тасаввуф» ба тарзи ҷудогона баррасӣ ва омӯхта нашудааст. Чанде аз пажӯҳишуковишҳо дар ин самт аз тарафи баъзе уламои шарқшиноси урупоӣ анҷом дода шудааст, аммо ҳамаи ин танҳо муқаддимаи корҳои бузургест, ки дар пеши илми исломшиносӣ ва ирфономӯзӣ истодааст.[157] Он чӣ дар ин фасл мо дар таҳқиқи масалаи инсон ва тасаввуф аз худ мегӯем, хулоса ва натиҷаи мушоҳадаву мулоҳазаҳои мост, ки таййи солиёни зиёд дар ин ҷода дар лаҳзаву замонҳои гуногун ҳосил шудааст. Аммо тозагии баррасии ин ҷониб дар он аст, ки тадқиқ ва баррасии худро дар ин бобат бори аввал бо назардошти паҳлӯҳои гуногуни назариёти фалсафии тасаввуф марбут сохтаем ва ин таҳқиқоти худро ба як тартиб даровардаем.

Пеш аз ҳама бояд муайян намуд, ки концепцияи Инсон ва таҳқиқи он дар тасаввуф аз куҷо мабда ва сарчашма гирифтааст. Мақолае, ки дар боби «Инсони комил» олими тоҷик А. Турсунов дар бораи сарчашмаи ин таълимоти ирфон навиштааст, ҳеҷ асоси илмию реалӣ надорад. Ӯ навиштааст: «Маънӣ ва маслаки гуманистии ақидаи инсони комил иборат аз он аст, ки вай бар хилофи ислом бар пояи теоцентризм не, балки антропоцентризм қарор гирифтааст...

Бо вучуди он ки баъзе саромадони ақидаи инсони комил (Ибн Арабӣ) Қуръонро сарофози илҳоми худ эълон доштаанд, дар асли ҳол решаи ин ақида аз сарчашмаҳои ғояви афкори пеш аз исломии Ачам об мехӯрад».

Тамоман нодуруст аст — ва мо инро поинтар исбот хоҳем кард, — ки решаи ақидаи «инсони комил» дар асл аз сарчашмаҳои «ғояви афкори пеш аз исломии ачам об» мехӯрда бошад. Сарчашмаи «Инсон» ва «Инсони комил» дар тасаввуф китоби муқаддаси ислом Қуръон аст. Шояд дертар, баъд аз шӯйуи фалсафаи юнонӣ дар шарқ ва тарчумаи чанде аз кутуби дини зардуштӣ ба забони арабӣ баъзе ақидаҳои ниҳоят дур ва камнури диёнати пеш аз ислом ба фалсафаи «инсони комил» таъсир дошта бошад. Аммо ин танҳо таъсиру нуфузи дарачаи дуюм асту бас.

Дигар А. Турсунов дар бораи мақоми «инсон» дар ислом чунин изҳори ақида дорад: «Бар хилофи аҳкоми ислом, ки инсонро зочаи мумсирате дар дасти нерӯманди «фалаки лӯъбатбоз» вонамуд месозад, тасаввуф ӯро ҳамкатор ва ҳамразми (?) худо эълон мекунад[138].

Ин фикр аз фикри аввалӣ боз зиёдтар хатост ва аз нуктаи назари ихтилофи он бо маънии Қуръон як куфри маҳз аст. Дар ҳеч чои Қуръон чунин иборае нест, ки инсон зочаи дасти фалаки «лӯъбатсоз» бошад. Баръакс, офаридгор Инсонро огоҳӣ медиҳад, ки ба ин ҳаёти дунё, ки мисли бозию дилхушист, фирефта нашуда, барои охират некиҳо захира кунад. Ба ин маънӣ дар ояти 64 сураи Анкабут омадааст: «Ва мо ҳозиҳи-л-ҳайот-ут-дунйя илло лаҳвун ва лаибун» («Чист ин ҳаёти дунё ғайр аз он ки бозиву дилхушӣ аст»).

Чунон ки дар «Инчил» омадааст, дар Қуръон низ масъалаи офариниши Одам ва мақоми ӯ чойгоҳи шоиста дорад. Дар бисёр сураҳо ва оёти шарифа дарачаи улвияти Инсон ниҳоят сареҳ баён ёфтааст ва инак ҳамин мазмунҳои олӣ ба тасаввуф низ гузаштааст. Барои равшан шудани он ки мақоми Инсон дар тасаввуф чӣ гуна будааст, мо маншаи ин мазмунро бояд дар Қуръон муайян кунем.

Дар сураи Бақара дар оятҳои 28—32 офариниши Инсон ва бартарии ӯ дар ақлу хирад ва чойгоҳи улвӣ баён шудааст. Офаридагор баъд аз он ки колаби Одамро аз хок мучассам месозад, ба фариштагон эълон медорад, ки ӯ Инсонро чойнишини худ дар замин баргузидааст. «Иннӣ чоилун фи-л-арзи халифатан». Чонишин, халифаи худо будан дар замин мартабаи бузургест, ки онро ба Инсон худо ато фармудааст. Фариштагон ба худованд арз мекунанд: худоё, ту дар замин маҳлуқе падид меорӣ, ки он чо табоҳӣ ва хунрезӣ

кунад. Худованд фариштагонро аз ин эътироз манъ мефармояд. Зеро офариниши олам ва дар замин ҷонишини худо баргузида шудани Инсон ин сиррест, ки онро фақат худи офаридагор медонад: «Инни аъламу мо таъламу» — мегӯяд парвардигор, яъне он чӣ ман медонам, шумо (фариштагон) намедонед.

Сипас офаридагор ба Инсон асмои ашёи оламро меомӯзонад, яъне ба ибораи дигар гӯем, инсонро бо ҳастии олам шинос мекунад. Ин нукта ҳам барои фаҳмидани улвияти дараҷаи инсон аҳамияти калон дорад: яъне дар Инсон аз офариниш дониши илоҳӣ, илми раббонӣ талқин шуда ва ин илм ғайр аз Инсон ба офаридаи дигар арзонӣ нашудааст. Ҳатто фариштагон, ки муқаррабони боргоҳи илоҳӣ ҳастанд, ба ин дониш нарасидаанд. Аз ин ҷо пас парвардигор мефармояд, ки тамоми малоик пеши Инсон саҷда оранд, зеро ӯ ба идроки олам, ба моҳияти ҳастии олам расид. Ин бузургвории Инсон аст ва ин бузургвориро бояд малоик бо суҷудашон ба назди Инсон эътироф ва тасдиқ намоянд. Ва тамоми малоик саҷда карданд, илло Иблиси лаин.

Офаридагор зиндагии Инсонро, ки дар замин муқаррар намудааст, барои ин зодаи шарифа ризқу рӯзии беҳтаринро низ арзонӣ доштааст. Дар ояти 70, сураи Бани Исроил (Исроъ) худо фармудааст: «Ва лақад каррамно Бани Одама ва ҳамалноҳум фи-л-барри ва-л-баҳри ва разақноҳум мин-аттаййиботи ва фаззалноҳум ала касири мимман халақно тафзилан». «Ва ба яқин мо писарони Одамро гиромӣ доштем ва онҳоро дар хушкиву дарё нишондем ва аз покизаҳо ризқашон додем ва онҳоро бар бисёрие аз онон, ки офаридем, бартарӣ додем, бартарии доданӣ».

Дар ин оят ҳам мартабаи бузурги Инсон нисбат ба дигар офаридаҳои худо таъкид ва таъйид шудааст. Фарз кардем, агар барои парандаву ҳайвонот хушкӣ ва ё обро баргузида бошад, барои зиндагӣ ва ризқу рӯзии Инсон ҳам баҳру ҳам хушкӣ арзонӣ шудааст. Дар шарҳи ин оят ҳаким Саной дар маснавии «Тариқ-ут-таҳқиқ» чунин гуфтааст:

Дарнигар, то кӣ офарид туро,
Аз барои чӣ баргузид туро!
Хок будӣ — туро мукаррам кард,
З-он пасат ҷилваи ду олам кард.
Аз ҳама меҳтар офарид туро,
Ҳар чӣ ҳаст, аз ҳама баргузид туро.
Дар назар аз ҳама латифтарӣ,
Ба сифат аз ҳама шарифтарӣ.
Хубтар аз ту нақшбанди азал
Ҳеҷ нақше набаст дар аввал.

Қудраташ беҳтарин сифат ба ту дод,
Шарафи нури маърифат ба ту дод.
Гавҳари мардумӣ шиори ту кард,
Караму лутфи худ нисори ту кард.
Ботинатро ба лутфи худ парвард,
Зоҳиратро қиблаи малоик кард.
..Торуми осмону гуй замин
Аз барои ту сохтаст чунин.
Фарши ғабро барои ту густард,
Чархи фирӯза соябони ту кард.
Офариниш ҳама ғуломи туанд,
Аз паи қуввати қавоми туанд.
Ҳикмату фитнату киёсату илм,
Ҳиммату сирату мурувату ҳилм
Дар вуҷуди ту ҷумла мавҷуд аст,
В-ин ҳама лутфу ҷуд маъбуд аст.
Сифати ту ба қадри он ки тӯй,
Натавон гуфт он чунон ки туй.[159]

Дар ин маънӣ Мавлонои Рум дар охири дафтари дуюми «Маснавӣ» фармудааст:

Ту зи «каррамно» бани Одам шаҳӣ,
Ҳам ба дарё; ҳам ба хушкӣ по ниҳӣ.
Ки «ҳамалноҳум ало баҳри» ба ҷон,
Аз «ҳамалноҳум алабарр» пеш рон.
Мар малоикро суви барр роҳ нест,
Ҷинси ҳайвон низ зи баҳр огоҳ нест.
Ту ба тан ҳайвон, ба ҷони аз малак,
Ту равӣ ҳам бар замин, ҳам бар фалак.[160]

Офаридагор на танҳо ҷони гуворотарини зист ва ризқу рӯзии беҳтаринро барои Инсон ато фармудааст, балки табиат ва тамоми нерӯҳои осмониву заминро ба зердасти Инсон гузошт, то ҳамаи ин қуввою нерӯ ба манфиати Инсон хидмат кунад. Дар ояти 12—13, сураи Ҷосийя ба ин маънӣ чунин омадааст: «Оллоҳу-л-лазӣ саххара лакум-ул-баҳра литаҷрийа-л-фулку фиҳи би амриҳи ва литабтағу мин фазлиҳи ва лааллакум тушкарӯна ва саххара лакум мо фиссамовоти ва мо филарзи ҷамеан минҳу». «Он парвардигор аст, ки дарёро ба шумо рому зердаст кард, то ки дар он дарёҳо киштиҳо ба фармони вай шино кунанд ва аз караму ҷуди ӯ ризқу рӯзӣ биҷӯед, шояд ки сипосгузор бошед ва ҳар чӣ дар осмонҳову замин ҳаст, ҳамаро аз ҷониби хеш пешкашу зердасти шумо сохт».

Худованд на танҳо ба Инсон мавҷудоти оламро мусаххар ва зердаст кунонид, балки ҳифозат ва нигаҳбонии ин дунё, яъне ободдоштани ҷаҳонро низ ба ӯҳдаи Инсон гузоштааст. Дар ояти 72, сураи Аҳзоб омадааст, ки офаридагор амонати оламро ба офаридаҳои дигари худ бор мекунад, аммо ҳеҷ

яке аз онҳо, ба ҷуз Инсон ба ҳифозати ин ҷаҳон дилу ҷуръат намекунад. «Инно аразно ал-амоната ала-с-самовоти ва-л-арзи ва-л-ҷиболи фа абайна ан-йаҳмилнаҳо ва ашфақна минҳо ва ҳамалаҳо-л-Инсону иннаҳу кона залуман ҷаҳулан». «Мо ин амонатро ба осмонҳо ва замину кӯҳҳо арза кардем ва онҳо аз бардоштани ин амонат ибо карданд ва аз он битарсиданд ва танҳо Инсон буд, ки онро бардошт, ки вай ситампеша ва нодон буд».

Ин мазмуни ояти шарифаро Ҳофизи Шерозӣ дар як ғазали пуршӯраш дар байтҳои ҳаяҷонангез ба ин тарз ба риштаи назм кашидааст:

Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд.
Гили Одам бисириштанду ба паймона заданд.
Сокинони ҳарами сатру ифофи малакут.
Бо мани роҳнишин бодаи мастона заданд.
Осмон бори амонат натавонист кашид,
Қуръаи фол ба номи мани девона заданд.
Шукри эзид, ки миёни ману ӯ сулҳ афтод.
Қудсиён рақскунон соғари шукрона заданд.

Баробари ин худованд ба Инсон азамати рӯҳонӣ низ ато кардааст. Ин лутфу рӯҳи илоҳист, ки дар сирату ботини Инсон аз тарафи офаридагор эъто шудааст. Дар оятҳои 71—72 сураи Сод ин маънӣ дар ин фармудаи худованд баён шудааст: «Из қола раббука ли-л-малоикати иннӣ холиқу башаран мин тини фа изо саввайтуҳу ва нафахту фиҳи ми-р-рӯҳӣ...». «Ва чун парвардигорат ба фариштагон гуфт: «ман офаридагори башар ҳастам, ки онро аз хок офаридам ва чун ин корро анҷом додам, ба ӯ — Инсон аз рӯҳи худ дамидам».

Дорои «рӯҳи илоҳӣ» будани Инсон аз тарафи бисёр уламо ва махсусан шайхони ориф тафсиру тавҷеҳи гуногун гирифт. Ҳатто дар рамзу истиороти сӯфийя Инсонро таҷассуми Ҳақ ба қалам додаанд. Яке аз шайхони бузурги сӯфӣ Боязиди Бистомӣ ҳангоме ки гуфт: «Иннӣ аноллоҳу ло илоҳа илло ано» — ӯро ба девонагӣ айбдор карданд. Ҳол он ки Боязиди Бистомӣ дар ин ҷо на худро, балки Инсонро дар назар дошт, ки дар ӯ рӯҳи илоҳӣ ҷойгир аст ва ҳамин Инсон аз номи худо чунин сухан гуфтааст. Он вақте ки Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ «аналҳақ» — «ман Ҳақ ҳастам» гуфт, ӯ худро Ҳақ — Худо нагуфтааст, балки Инсонеро Ҳақ гуфта буд, ки онро худованд бузургтару волотар аз ҳамаи мавҷудот офарида, ба ӯ аз рӯҳи худ дамида аст. Кӯртинатон ва зоҳирбинони ҷоҳил бошанд, ӯро ба куфр гунаҳкор карда, ба дор кашиданд. Аммо айбдоркунандагону қотилони Ҳаллоҷ бе ному нишон рафтанду номи ин орифи бузург дар олами ислом ҷо-

видон ба некӣ монд.

Бузургии Инсон боз дар он аст, ки бинои Олами кабир ба мисоли Олами сағир, ки Инсон аст, сознон ёфтааст. Аз ин ҷост, ки тамоми мавҷудоти оламро Олами акбар ва Инсонро олами асғар гуфтаанд. Гузашта аз ин Олами акбар ба ҳастии Олами асғар вобаста аст ва аз рӯи ояти Қуръон, ки дар боло иқтибос шуд, Олами акбар барои вуҷуди Олами асғар офарида шудааст. Мавлонои Рум дар «Маснавӣ» ин маъниро ба умқи назар ва ҷазабаи орифона шарҳ дода гуфтааст, ки асли моҳияти Олами акбар ҳамин Инсон аст, ки мо онро «Олами асғар» меномем:

Зоҳиран он ахтарон каввоми мо,
Ботини мо гашта каввоми само.
Пас ба сурат Олами асғар туӣ,
Пас ба маънӣ Олами акбар туӣ.
Зоҳиран он шоҳ асли мева аст,
Ботинан баҳри самар шуд шоҳ ҳаст.
Гар набудӣ майлу уммеди самар,
Кай нишондӣ боғбон бехи самар.
Пас ба маънӣ он шаҷар аз мева зод,
Гар ба сурат аз шаҷар будашниҳод.
Гар ба сурат ман зи Одам зодаам,
Ман ба маънӣ ҷадди ҷадд афтодаам.[161]

Бартарӣ ва бузургии Инсон дар нисбати офаридаҳои дигари Олам, аз ҷумла олами ҳайвонот дар он аст, ки баъди марг ва реҳлат аз ин ҷаҳон рӯҳи ӯ ба осмон меравад ва ба ҷойгоҳи илоҳӣ мерасад. Чунин ҷойгоҳи олӣ баъди марг ва иттиҳод бо офаридагори худ танҳо насиби Инсон шудааст. Дар Қуръон дар ин маънӣ бисёр оятҳои шарифа ва сареҳ омадааст.

Натиҷаи зиндагии Инсон, оқибати вуҷуди ӯ дар ин дунёи ҷисмонӣ, анҷоми амали неку бади ӯ дар зиндагии ин ҷаҳон хайр аст аз он сабаб ки фарҷоми ӯ ба сӯи худост ва дар назди худост. Дар ояти 4, сураи Мумтаҳана чунин омадааст: «Раббано алайка таваккално ва илайка анабно ва илайка-л-масиру». «Парвардигоро таваккул бар ту мекунем ва сӯи ту боз мегардем ва саранҷом сӯи туст». Дар ояти 15, сураи Шӯро омадааст: «Оллоҳу раббуно ва раббукум лано аъмолуно ва лакум аъмолукум ло ҳуҷҷата байнано ва байнакумоллоҳу йаҷмаъу байнано ва илайҳи-л-масиру». «Худои якто парвардигори мо ва парвардигори шумост, кирдори мо ба худи мо мегардад ва кирдори шумо ба худи шумо мегардад, байни мову байни шумо хусумат ва ҷудоие нест, худо моро (баъди фавтамон) ҷамъ менамояд ва оқибату саранҷом ба сӯи ӯст».

На танҳо саранҷоми корҳо ба сӯи худост, балки худи Ин-

сон низ баъди рехлат аз ин чахони фонӣ ба сӯи худо бармегардад ва дар курби илохӣ чойгузин мешавад. Ин маънӣ аз ояти 70, сураи «Қисас» ба сарех бармеояд: «Ва ҳуваллоҳу ло илоҳа илло хува лаху-л-ҳамду фил-уло ва-л-охирати ва лаҳу-л-ҳукму ва илайхи турчаун». «Ва ӯст, ки худои яктост, худое ба чуз ӯ нест, ҳамду ситоиш дар ин дунёву дар охират барои ӯст ва амру фармон хам аз они ӯст ва ба сӯи ӯ бозмегардед». Дар ояти 11, сураи Сачда ин маънӣ боз хам равшантар омадааст: «Қул йатаваффокум-малаку-л-мавтиллазӣ вуккила бикум сумма ило раббикум турчаун». «Бигӯй: «Фариштаи марг, ки ба шумо фиристодаанд (барои кабзи рӯхи шумо) ва сипас шумо сӯи парвардигоратон бозгашт меёбед». Дар ин оят равшан омадааст, ки баъд аз кабзи рӯҳ Инсон ба пеши парвардигори худ бозмегардад. Ин мархамати илохӣ танхо ба Инсон ато шудааст.

Саранчоми хайр ва бозгашт ба сӯи парвардигор дар таълимоти аҳли тасаввуф мавзӯи мухим ва тавчеху тафсири он хеле доманадор аст. Мавлонои Рум маънии бозгашт ба назди худоро хамчун иттиходи чони инсонӣ бо зоти илохӣ тавчеҳ намуда, дар «Маснавӣ» гуфтааст:

Мӯъминон маъдуд, лек имон якест.
Чашмашон маъдуд, лекин чон якест.
Ғайри фахму чон ки дар гову хар аст,
Одамиро аклу чони дигар аст.
...Чони ҳайвонӣ надорад иттиход.
Ту мачӯ ин иттиҳод аз рухи бод.
Чони гургону сагон аз хам чудост,
Муттахид чонҳоишерони худост.[162]

Саранчоми нек ва бозгашт ба сӯи худованд дар таълимот ва фалсафаи аҳли ирфон яке аз мавзӯъҳои пураҳамият аст, ки хам дар назми тасаввуф ва ҳам дар кутуби фалсафию назарӣ мавриди тасвир ва баҳсхои амику доманадоре гаштааст. Ин бахсу мунозирот ҳарчанд аз ҳамон нуктаҳои «масир» ва «ручъат» ба сӯи оллоҳ нашъат мегиранд, аммо аҳли ирфон роҳи расидан ба «худо»-ро ба марҳилаҳо ва ҳолатҳои ахлоқиву рӯҳонӣ мавкуф донистаанд. Ориф ё сӯфӣ факат баъди тай намудани ин макомот ва холатҳои рӯҳӣ метавонад ба дарачаи «фано филлоҳ» («дар роҳи худо фонӣ шудан») ва «бақо мааллоҳ» («бақо ёфтан бо ҳазрати илоҳ») расад. Ин макомот ва холоти сӯфийя дарача ва марҳилаҳое дорад, ки дар поин аз он сухан хоҳад рафт.

Аммо дар хамаи ин марҳилахо ва умуман пеш аз дохил шудан ба тарикати сӯфийя солик, яъне он шахсе, ки ба роҳи тасаввуф кадам мегузорад, аз чиҳати ахлоқ бояд пок бо-

шад. Покии дил, сидку самимият, равшанй ва беолоиши ният ва азми рохи тарикат — ин аст аввалин падидахои ахлоки нек ва воло, ки сўфи бояд дар сирату ниходи худ дошта бошад. Дар ин мавзўъ лозим аст, ки чанде аз гуфтахои саромадони тасаввуфро ин чо зикр кунем.

Башири Хофй (асри IX) гуфтааст: «Сўфи он аст, ки дили софе дорад бо худой... Орифон қавмеанд, ки эшонро нашиносад магар худой ва эшонро гиромй надорад магар аз бахри худой... Ҳар кй хоҳад, ки таъми озодй бичашад, гў сар пок дорад».

Зунуни мисрй гуфтааст: «Сифати ориф аз ў пурсидаанд. Гуфт: «Ориф бинанда бувад бе илм ва бе айн...» Пурсиданд, ки сўфиён чй касонеанд?» Гуфт: «Мардумонеанд, ки худойро бар ҳама чиз баргузидаанд ва худой эшонро бар ҳама кас баргузида». Пурсиданд аз амали ориф. Гуфт: «Он ки нозири Ҳақ бувад дар кулли аҳвол».

Чунайди Бағдодй: «Ва пурсиданд аз тасаввуф. Гуфт: «Он аст, ки софй аз худованди хеш ва пур аз анвор ва дар айни лаззат бувад аз зикр...».

Ҳусайн Мансури Ҳаллоч: «Гуфт: «Сўфи он аст, ки ишорат аз худой кунад ва халқ ишорат ба худой кунад».[163]

Абулмафохир Яхёи Бохарзй дар китоби «Авроду-л-ахбоб ва фусус-одоб» ба масъалаи ахлоқ ва одоби аҳли тасаввуф чандин бобу фаслҳо тахсис намудааст. Ва дар боби «Ахлоқ-ус-сўфийя» чунин овардааст:

«Бузургтарин хисоли сўфиён ахлоқи эшон аст. Оншаро... аз хулки расул (с) пурсиданд. Гуфт: «Кона хулкуху ал-Қуръон». (Хулки ў Куръон, яъне фармудахои ҳамин китоб буд). Қолаллоху таоло: «Хуз-ил-афва ва мур би-л-урфи ва-ъриз ани-л-чохилин»[164] (худо гуфтааст: сифати авф намудан ва сахтгирй накарданро пеша кун ва дигаронро ҳам ба некўкорй бифармой ва рўй бигардон аз касони чоҳил»[165].

Ва расули худой (с) фармуд, ки «хабар диҳам шуморо, ки дар рўзи қиёмат кй дўсттар хоҳад будан ба наздики ман ва кй наздик хоҳад нишастан?». Гуфтанд: «Бале, ё расулуллоҳ!». Фармуд, ки «касоне, ки ахлоқи эшон некўтар бошад ва хештанро фурўтан ва мискин доранд, то ҳама кас бо эшон улфат гиранд ва эшон бо ҳама кас». Ва дигар фармуд: «Хулки бад шум аст ва бадтарини шумо он кас аст, ки хулки ў бадтар аст».

Шайх Абўбакри катонй мегўяд, ки «тасаввуф ҳама хулқ аст. Онро, ки яке хулқ аз ту зиёдат бошад, дар тасаввуф аз ту низ зиёдат бошад».

Ва баъзе аз ахлоқи эшон ин аст, ки шумурда мешавад:

ҳилм ва тавозуъ, ва насиҳат, ва шафқат, ва таҳаммул, ва мувофақат, ва эҳсон, ва мудорот, ва исор, ва хидмат, ва улфат, ва башошат, ва карам, ва футувват, ва базлу ҷоҳ, ва муруввату таврийя кардан — яъне бадиҳои дигаронро ва некуиҳои худро пушонидан — ва ҷуду афв, ва даргузаштан аз бародари мусалмон, ва сахову вафо, ва ҳаёву лутф, ва тазаруву кушодаруӣ, ва орому виқор, ва дуову сано мар дигаронро, ва ҳусни занн дар ҳаққи халқ, ва тасхири нафси худ, ва азизу гиромӣ доштани бародарон, ва тавқири эшон кардан, ва бузург доштани машоих, ва дар бузург тараҳҳум кардан. Ҳарчанд некуӣ ва хидмат кунӣ дигареро, он амали худро ҳақир ва хурд бинӣ, агарчи бисёр бошад».

Гузашта аз ин аҳли тасаввуф одоби махсус ва ҳамидаро низ дар марҳилаҳои гуногуни мақомоти тадриҷии ба Ҳақ расидан бояд риоят намоянд. Ғайр аз ин дар ин китоб одоби аҳли тасаввуф дар рузаву намоз, дар самоъ, дар суҳбат ва ҳолатҳои гуногуни зиндагии аҳли муслим оварда шудааст. Муаллиф дар хусуси одоби тоифаи мутасаввифин менависад: «Ва гуфтаанд кулли тасаввуф адаб аст. Ҳар вақтеро адабе, ҳар мақомеро адабе, ва ҳар ҳолеро адабе. Ҳар ки ин одобро мулозамат намояд, ба дараҷаи мардон бирасад ва ҳар кӣ аз ин одоб маҳрум гардад, аз камоли қурбат ба ғоят дур шавад ва аз умеди қабул мардуд».[166]

Танҳо бо ахлоқи пок ва одоби ҳамида шахс метавонад ба роҳи — тариқати суфийя ё ирфон дохил шавад. Ин роҳравони тариқати суфийяро солик мегӯянд. Ва солик то он ҷое, ки ба мақоми Инсони комил ва тақарруби ҳазрати Ҳақ бирасад, бо ахлоқи ҳамида ва одоби писандида бояд чандин марҳила — мақомотро тай кунад ва аз чандин ҳолатҳои руҳониву эҳсос гузарад.

Аммо на ҳар солики тариқати суфийя ба танҳоӣ (дар ҳар ҳол дар сароғози ин роҳ) бе роҳбар ва сарвар роҳ ёфта метавонад. Бинобар ин дар тариқати суфийя роҳбароне, роҳбаладоне лозиманд, ки соликонро дастгирӣ кунанд, онҳоро ҳидоят намоянд. Мавлонои Рум дар «Маснавӣ» зарурати сарварӣ ва роҳнамоии фардеро дар тариқати суфийя борҳо ва дар мавридҳои гуногун таъкид кардааст. Мавлоно мегӯяд, ки дар ҳар кор, ки шахс бе устод ва бе далел иқдом кард, ӯ роҳи дуруст ва ҳақро пайдо карда наметавонад:

Ҳар кӣ гирад пешае бе усто,
Ришханде шуд ба шаҳру русто.
Ҳар кӣ дар раҳ бе қаловузе равад,
Ҳар дуруза роҳ садсола шавад.
Ҳар кӣ тозад суи каъба бе далел,
Ҳамчу ин саргаштагон гардад залил.[167]

Сарвар ва муршидро (ба роҳи рост баранда), ки соликонро дар роҳи (сулук) камолоти маънавӣ ва рӯҳонӣ ҳидоят мекунад, дар тасаввуф **шайх ва валӣ** меноманд. Дар мартабаи шайх ва валӣ, инчунин дар тавзеҳи вилоят (валигӣ) дар китобҳои ирфонӣ ва ашъори сӯфийя тафсиру шарҳҳои бисёре омадааст.[169] Хулосаи ин ҳама таъбир ва таърифот он аст, ки шайх ва валӣ шахсест, ки ба дараҷаи тақарруб ба зоти илоҳӣ расида, манзили **фано филлоҳ** ва **бақо мааллоҳро** дастрас шудааст. Аз ин сабаб аст, ки шайх ҳам покии ахлоқро ба соликон талқин мекунад ва ҳам ба роҳи тақарруби зоти Ҳақ таоло соликон ва орифони ҳақиқиро ҳидоят мекунад.

Мавлонои Рум дар зарурати ҳидояти шайхон ва валиён дар «Маснавӣ» ҳам ба тамсилоту ҳикоят ва ҳам ба муҳокимаи фалсафию назарӣ далелҳои ниҳоят қотеъ овардааст. Ӯ дар ҷое навиштааст, ки чунон ки ақл барои ҳидоят ва идора намудани нафси ту зарур аст, шайх низ барои аз хатову саҳв эмин мондани ту ва пайдо карданат роҳи Ҳақро зарур ва лобудд аст:

Ақл гоҳе ғолиб омад дар шикор.
Бар саги нафсат, ки бошад шайх ёр.
Нафс аждарҳост бо сад зӯру фан
Рӯи шайх ӯро зумурраддида кун.
Гар ту хоҳӣ эминӣ аз аждаҳо.
Дасташ аз домон макун як дам раҳо.
Хок шав дар пеши шайхи босафо,
То ки хоки ту бирӯяд кимиё.[170]

Шайх ва валӣ дар кутуби сӯфийя ва дар «Маснавӣ»-и Румӣ дар як маъно ба кор рафтааст; шайх ва валӣ **сарвари** маънавӣ ва рӯҳонист, ки ба солик он чӣ ба вай дар зоҳир маълум нест, ба ақлу идрок ва эҳсоси ӯ талқин мекунад. Ин илқо ва талқинот чашми соликро равшан ва дили ӯро пурнур мекунад. Он ҳақиқатеро, ки ба чашму дили фардони он маълум ва машҳур нест, дар назари онҳо ҷилвагар месозад ва дар тариқати ирфон ба лағзишу инҳироф роҳ намедиҳад:

Ҳар ки оҳирбинтар ӯ масъудвор
Набвадаш ҳар дам ба раҳ рафтан исор.
Гар нахоҳӣ ҳар даме ин ҷуфту хез,
Кун зи хоки пои мардум чашм тез.
Кӯҳли дида соз хоки пошро,
То намидозӣ сари авбошро,
Ки аз ин шогирдиву з-ин ифтиқор
Сӯзане бошӣ, шавӣ то зулфиқор.
Сурма кун ту хоки ин бигзидаро,
Ҳам бисӯзу ҳам бисоз ду дидаро.
Чашм равшан кун зи хоки авлиё,
То бубинӣ з-ибтидо то интиҳо.

Дар сарварию ҳидояти валӣ ё шайх рафтан низ роҳи осон нест, балки дар ин ҷода соликро дар кашидани бори фақру риёзат сабру таҳаммул лозим аст. Танҳо чунин таслим ба фақру дарвешӣ соликро метавонад ба дил қувваи имон, ба чашм нури басирати Ҳақ ато кунад. Румӣ дар давоми порчаи иқтибосшуда менависад:

Чашми уштур з-он бувад бас нурбор,
Ки хӯрад аз баҳри нури чашм хор.
Хор хӯр, то гул бирӯёнад туро,
Чашми ту равшан шавад, ҷон бо сафо.
Хорро аз чашми дил гар баркани,
Чашми ҷонро Ҳақ бубахшад равшанӣ.[170]

Чаро ба солик муршиде мисли шайх ва валӣ лозим аст? Зеро пай бурдан ба сирри Ҳақ ва расидан ба таҷаллии зоти илоҳӣ ба ҳар солике, ки ба ҷодаи ирфон қадам ниҳодааст, муяссар намешавад. Ба ин мазмун баъзе гуфтаҳои орифонро аз «Фарҳанги мусталаҳоти урафо» зикр мекунем: «Қайсарӣ гӯяд: «Ботини вилоят нубувват аст ва шумулаш аз нубувват беш аст, ки шомили нубувват ва вилоят ҳарду шавад. Ва анбиё худ авлиёанд». Ва боз: «Авлиёуллоҳ маъдани асрори Ҳақканд ва муталлеъ бар ғайби макнунанд ва онҳоро тарсе набошад». Ва боз: «Ва худойро дӯстонест, ки онҳоро ба дӯстӣ ва вилояти худ махсус гардонид ва онҳо волиёни мулки вайанд».[171]

Шайхон ва волиён мисли пайғамбарон дар сурат одами муқаррарианд, аммо зери ин сурат як сирру асроре ҳаст, ки онро на ҳама пай мебаранд. Вале пайғамбарону валиён инро эҳсос мекунанд.

Ё ту пиндорӣ, ки рӯи анбиё,
Он чунон ки ҳаст, мебинем мо?
Дар таааҷҷуб монда пайғамбар аз он,
Чун намебинанд рӯям мӯъминон.
Чун намебинанд нури рӯ халқ,
Ки сабақ бурдаст бар хуршеди шарқ.
В-ар ҳамебинанд, ин ҳайрат чарост.
То ки ваҳй омад, ки он рӯ дар хафост.

Мисли ҳамин анбиё, авлиё ва шайхон ҳам дар зоҳир ба ҳама монанд ҳастанд, аммо дар ботин онҳоро сирру қувватест, ки барои сарварӣ намудани уммат ва муридони худ ато шудааст:

Ҳақ наҷунбонад ба зоҳир сар туро,
Лек созад бар сарон сарвар туро.
Мар туро чизе диҳад яздон ниҳон,
Ки суҷуди ту кунанд аҳли ҷаҳон.
Он чунон ки дод сангеро ҳунар,
То азизи халқ шуд, яъне ки зар.

Катраи обе биёбад лутфи Хак,
Гавхаре гардад, барад аз сар сабак.
Ҷисм хок асту чу Хак тобиш дод,
Дар ҷахонгирӣ чу мах шуд устод.
Хин тилисм аст ину накши мурдааст.
Ахмаконро чашмаш аз рах бурдааст.
Менамояд он ки чашме мезанад.
Аблахон созиданд онро сабақ.[172]

Ҳамин огаҳӣ ба сирри ғайбӣ ва доноӣ ба илми ладунӣ авлиё ва шайхонро баъди анбиё дар маснади сарварӣ ва иршоди халқ гузоштааст. Фаридуддини Аттор дар муқаддимаи «Тазкират-ул-авлиё» овардааст:

«Чун баъд аз Қуръон ва аҳодис ҳеҷ сухан болои сухани машоихи тариқат нест,.. ки сухани эшон натиҷаи корҳо ва ҳол аст, на самараи ҳифзи қол ва аз аён аст, на аз баён, ва аз асрор аст, на аз такрор, ва аз ҷӯшидан аст, на аз кӯшидан, ва аз илми ладунист, на аз илми касбӣ, ва аз илми аддабнии раббӣ (маро офаридагорам адаб дод), на аз ҷаҳонии алламнии абӣ (маро падар омӯхт), ки эшон варасаи анбиёанд салавотуррахмони алайҳим» ва боз гуфтааст: «...Баъд аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ беҳтарин суханҳо суханҳои эшон дидам ва ҷумла сухани эшон дар аҳодис ва Қуръон дидам».[173]

Дар ин нуктаи Аттор низ робита ва пайванди маънавӣ ва ботинии тасаввуфро бо Қуръон ва шаръи исломӣ равшан мебинем. Солик то расидан ба мартабаи олии ирфонӣ, то қурби ҳазрати илоҳ ва шуҳуди таҷаллии зоти Ҳақ бояд аз таййи мақомот ва ҳолоти рӯҳия бигзарад. Ва инак омадем ба таъриф, тавсиф ва шарҳи мақомот ва ҳолот дар тасаввуф.

## МАҚОМОТ

Чунон ки дар боло гуфтем, шахсе, ки ба роҳи ирфон — тасаввуф азми дохил шудан кард, онро «солик» ва дар радифи ин калима дар шеъру адаб «роҳи мард», «роҳрав», «марди роҳ» низ мегӯянд. Ва он роҳе, ки солик бояд тай кунад, «тариқат» аст. Аммо тариқат бе аз худ кардани шариат даст намедиҳад. Аз ин сабаб солик пеш аз вуруд ба тариқат бояд шариатро аз худ кунад. Шариат, ин яъне асосҳои дини исломро аз худ кардан ва ба он пайравӣ кардан аст.

Ҳуҷвирӣ дар «Кашф-ул-маҳҷуб» илмро ба се қисм ҷудо кардааст. Илми шариат, илми тариқат ва илми ҳақиқат, ки онро маърифати Ҳақ таоло низ гӯяд. Илми шариат аз се рукн иборат аст: яке китоб, ки он Қуръон аст, дуюм суннат аст, ки он пайравӣ намудан ба аҳодис ва гуфтаҳои пайғам-

бар, сеюм аҷмоъ аст, ки афкори муттафиқ дар бунёдҳои идеявии дин ба шумор меравад.

Ба ҳамин тариқа, суфӣ, ориф ё умуман солик пеш аз он ки ба тариқат қадам гузорад ва роҳи расидан ба Ҳақиқатро пеш гирад, бояд дар тамоми улуми замонаш доно ва воқиф бошад. Мо дар тарҷумаи ҳоли шайхони бузург дидем, ки аксари онҳо дар чанд мадраса таҳсил намуда, дар аксари улуми замонашон на танҳо доно, балки аз сaромадони рӯзгор буда, дар риштаҳои гуногуни илми тафсиру фиқҳ асарҳо таълиф намудаанд. Аммо ҳамаи ин илмҳо дар роҳи расидан ба Ҳақиқат, дар дастрас шудан ба илми яқин ва маърифати Ҳақ кофӣ набудаанд. Ин ҷо илми дигаре лозим аст, ки онро дар пеши устодони номӣ ва дар ҳуҷраҳои мадраса ҳосил кардан мумкин нест. Аз ин сабаб аст, ки дар осори ҳам орифони назарӣ ва ҳам шоиру адибони суфӣ, мисли Саноиву Аттор ё Румию Ҷомӣ паст задани улуми расмии мадрасавӣ ва нотавонии ӯ дар ҷӯстани роҳи Ҳақ борҳо ва ба сароҳати том ба назар мерасад. Бинобар ин мо интиқоди орифонро аз улуми мадрасавӣ ва инкори ононро дар қудрати ҳосил намудани роҳи Ҳақ тарғиб ва таблиғ аз тарки илму дониш набояд тавҷеҳ кунем. Балки аҳли тасаввуф, ки бар хилофи аҳли калом тақарруб ба зоти илоҳиро барои Инсон имконпазир медонанд, ингуна роҳи тақарруб ва иттиҳодро бо Оллоҳ дар ҷунин илме мебинанд, ки онро танҳо бо роҳи иҷтиҳоду кӯшиш ва нузули эҳсосу махсусиятҳои қалбӣ ва рӯҳии инсонӣ касб кардан, дурусттараш ба худ тасаввур ва тахайюл кардан мумкин аст. Ин як бӯест, рамзест, илқоест аз тарафи худованд, ки танҳо ба покони роҳи ҷустуҷӯи Ҳақ ҳосил мешавад. Онҳо бо дили пок, бо нияти холис, бо ҷаҳди тамом ва кӯшоии ҷонсупорона роҳи Ҳақро меҷӯянд ва имон ба он овардаанд, ки кӯшиши онҳо барабас нахоҳад рафт.

Мавлонои Рум дар дафтари чорум дар он бобе, ки нури илоҳиро барои авлиё ва машоих на танҳо ғизои маънавӣ, балки ғизои ҷисм ҳам медонад, ба ҳамин ҷустуҷӯи ҷонфишонона ва содиқона ишора кардааст:

Эй худои беназир, исоркун,
Гӯшро чун ҳалқа дорӣ аз сухун.
Гӯши мо гиру дар он маҷлис кашон.
К-аз раҳиқат мекашанд ин сархушон.
Чун ба мо бӯе расонидӣ аз ин.
Сар мабанд он мушкро, эй рабби дин.
Аз ту нӯшанд аз закуру аз инос,
Бедареғӣ дар ато, эй мустағос!
Эй дуо нокарда аз ту мустаҷоб,
Дода дилро ҳар даме сад фатҳи боб.

Чанд харфе накш кардй аз ракум,
Сангхо аз ишки ӯ шуд хамчу мум.
Нуни абрӯ соди чашму чими гӯш,
Барнавиштӣ фитнаи сад аклу хуш.
З-ин хуруфат шуд хирад борикрес,
Насх мекун, эй адиби хушнавис!

Ин асрор ва сирру рози накшу рамзҳои илоҳиро хеч илме кашф карда натавонистааст. Танхо муҷоҳада ва тай намудани роҳи мушкили ҷустуҷӯйхо ҷӯяндаро метавонад ба мақсад расонад.

Ҳамчу кавме ки таҳарро мекунанд,
Бар хаёли кибла ҳар сӯ метананд.
Чунки Каъба рӯ намояд субхгох,
Кашф гардад, ки гум кардаст рох.
Ё чу гаввосон даруни қаъри об,
Ҳар як чизе ҳамечинад шитоб.
Бар умеди гавҳару дурри самин,
Тӯбрае пур мекунанд аз ону ин.
Чун бароянд аз таги дарёи жарф,
Кашф гардад соҳиби дурри шигарф.
...Ҳамчунин ҳар қавм чун парвонагон
Гирди шамъе парзанон андар ҷаҳон.
Хешро бар оташе бармезананд,
Гирди шамъи худ тавофе мекунанд.
Бар умеди оташи Мӯсии бахт,
К-аз лаҳибаш сабзу тар гардад дарахт.[174]

Инак, ҳама ҷустуҷӯйҳои Инсон барои расидан ба Ҳақ аст. Ин роҳи ҷустуҷӯй чандин марҳилаҳо дорад. Ва солик бояд ти илоҳӣ расида, манзили **фано филлоҳ** ва **бақо маъаллоҳро** гузарад. Ин марҳилаҳоро на ба илму дониши муктасабӣ (яъне таҳсилӣ), балки ба муҷоҳада ва саъйи дилу қалб ва эҳсоси ботинии худ тай намудан мумкин аст.

Шарти дуюме, ки солик дар таййи ин марҳилаҳо бояд онро ифо кунад, тарки Н А Ф С, фурӯ нишонидани Н А Ф С аст. Нафс назди сӯфиён ҳам мафҳуми фалсафист, ки ба маънии Ҷ О Н аст, ҳам ба мафҳуми умумии луғавист, ки ба маънии «худ», «ман» ва «шахси маҷозии» (на ҷисмонии) Инсон аст. Ба ҷуз ин нафс ба маънии ҳавою ҳавас ва орзуҳою дилбастагиҳои инсон ба ҳастиҳои моддии ин ҷаҳон низ меояд. Солик дар роҳи расидан ба Ҳақ бояд ҳам бо муҷоҳада ва ҳам ба воситаи талқин ва саъйҳои рӯҳонӣ ҳамин НАФС-ро дар ниҳоди худ барҳам занад.

Аҳли тасаввуф нафсро душмани Инсон шумурда, ба ҳадиси набавӣ истинод мекунанд, ки он ин аст: «Аъдоу адуввука нафсука аллатӣ байна ҷанбика», «душмантарини душмани шумо нафси шумост, ки дар паҳлӯи шумост», яъне ҳа-

меша бо шумост. Инак солик бояд пеш аз ҳама ҳамин «душмани» худро мағлуб созад, то ба мақсад расад. Дар тафсири ин ҳадис ҳаким Саноӣ дар маснавии «Тариқ-ут-таҳқиқ» овардааст:

Дар ту ҳам девесту ҳам малакӣ,
Ҳам заминӣ ба қадру ҳам фалакӣ.
Тарки девӣ кунӣ — малак бошӣ,
Аз шараф бартар аз фалак бошӣ.
То аз ин ҳамнишин ҷудо нашавӣ,
Дон, ки шоистаи худо нашавӣ.
Ту аз ин ҳамнишин чу гардӣ дур,
Мулки боқӣ туросту дори сурур.
Ту аз ин ҷойгаҳ фараҷ ёбӣ,
Чун бад-он ҷо расӣ, дараҷ ёбӣ.
Гар ба ин ҷой-т пойбаст кунад,
Бо сагу хук ҳамнишаст кунад.
То ки деват бувад ба роҳ далел,
Накунад бо ту ҳамраҳӣ Ҷибрил.
То зи олоиши табиӣ пок —
Нашавӣ, кай шавӣ ту бар афлок?!...[175]

Мегӯянд, ки вақте Муҳаммад (с) аз як ҷиҳод баргашта буд, ба қавми худ гуфтааст: «қад раҷаъно мин-ал-ҷиҳоди-л-асғари ила-л-ҷиҳоди-л -акбари», яъне мо аз ҷанги хурд ба сӯи ҷанги бузург баргаштем. Мавлонои Рум дар ин мақоли пайғамбар овардааст, ки расули акрам ин ҷо манзури он дошт, ки мо дар ҷанги куффор ғолиб омадем, акнун ҷанги бузург бо нафси мо дар пеш аст, ки он ҷо ҳам бояд ғолиб бошем. Ва Мавлоно мегӯяд:

Эй шаҳон, куштем мо хасми бурун.
Монд хасме з-он батар дар андарун.
Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,
Шери ботин сӯхраи харгӯш нест.
Дӯзах аст ин нафси дӯзах аждаҳост.
К-ӯ ба дарёҳо нагардад камму кост.
Ҳафт дарёро дарошомад, ҳанӯз
Кам нагардад сӯзиши он ҳалқсӯз.
Сангҳову кофирони сангдил
Андароянд андар ӯ зору хиҷил.
Ҳам нагардад сокин аз чандин гизо,
То зи Ҳақ ояд мар-ӯро ин нидо:
«Сер гаштӣ?» «Сер — гӯяд — не, ҳанӯз!»
Ин-т оташ, ин-т тобиш, ин-т сӯз!»
Оламеро луқма карду даркашид,
Меъдааш наъразанон: «Ҳал ман мазид!»
Ҳақ қадам бар вай ниҳад аз ломакон,
Он гаҳ ӯ сокин шавад аз «кун факон!»
Ин қадам Ҳақро бувад, к-ӯро кушад.
Ғайри Ҳақ худ кай камони ӯ кашад?!
Чунки ҷузви дӯзах аст ин нафси мо,
Табъи кулл дорад ҳамеша ҷузвҳо.

Дар камон нанҳад яло тир рост,
Ин камонро божгуя каж тирхост.
Рост шав чун тиру ворах аз камон,
К-аз камон ҳар рост бичҳад бегумон.
Чунки вогаштам зи пайкори бурун,
Рӯй овардам ба пайкори дарун.
Қад рачаъно мин чиҳод-ил-асғарем,
Ё наби, айдар чиҳоди акбарем.[176]

Чӣ дар гуфторҳои шайхони мутақаддам, мисли Боязиду Ҷунайду Ҳаллоҷу Харқониву ва ғайра, чӣ дар кутуби назариявии фалсафаи тасаввуф ва чӣ ғазалиёту маснавиҳои сӯфиёна ва ғайрисӯфиёна дар мазаммати нафс ва барҳам задани нафси шаҳвонӣ, ҳавою ҳаваси нафсонӣ бисёр фикру андешаҳо ва муҳокимаву баррасиҳои мутафаккирона ва нуктаҳои дақиқу бориксанҷона оварда шудаанд.

Инак, куштани Нафс, барҳам задани нафс шояд дар марҳилаҳои баландтари мақомоти сӯфийя рух диҳад, аммо аз қадами аввали сулук (ба роҳи тариқат даромадан), аз марҳилаҳои аввалини мақомоти сӯфийя солик бояд ба фурӯ нишондани Нафс бикӯшад.

Акнун бубинем, ки ин мақомоте, ки аҳли тасаввуф барои расидан ба дараҷаи Инсони комил ва тақарруби Ҳақ муайян намудаанд, чӣ марҳилаву дараҷот дорад.

Мафҳуми дараҷаҳои мақомот дар таъбироти гуногун ва пароканда ҳанӯз дар гуфтори шайхони пешин пайдо буд. Махсусан, чунин мақомот мисли тавба, таваккул, зӯҳд, фақр аз марҳилаву дараҷоти Инсони комил буд, ки машоих ва урафои мутақаддимин роҷеъ ба онҳо изҳори ақидаву андеша намудаанд. Аммо то дерзамон ин мақомоту дараҷот ба як танзиму тартиб дар китоб ва ё рисолае баён нагашта буд.

Баён ва тавҷеҳу тафсили мақомот ва ҳолати сӯфийя бори аввал ба тарзи муфаттаб ва муназзам дар рисолаи шайхи машҳур Абӯнаср Абдулло ибн Алӣ ас-Сарроҷи тусӣ ба унвони «Китоб-ул-лӯмаъ» («Китоби дурахшҳо») оварда шуда буд. Ин шайх (с. в. 378/988—89) мақомотро ба ҳафт дараҷа муайян намудааст, ки ба қарори зер аст: тавба, вараъ, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо.

Баъд аз китоби Сарроҷӣ мақомоти сӯфийя дар «Кимиёи саодат»-и имом Ғаззолӣ ва дар «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ ба як тартиб ва тавзеҳи муназзам оварда шудааст. Аз он ҷо, ки рисолаи Сарроҷӣ ба забони арабӣ таълиф ёфта буд, гуфтан мумкин аст, ки Ғаззолӣ ва Ҳуҷвирӣ муаллифони аввалин буданд, ки мақомот ва ҳолати сӯфийяро ба забони форсӣ шарҳу тавзеҳ доданд ва ба ҳамин восита заминаи форсии интишори ин нукта ва назарияи тасаввуфро дар Хуро-

сону Мовароуннахр таъмин намуданд.

Доктор Қосим Ғанӣ дар китоби пурарзиши худ дар бораи тасаввуф дар табақабандии мақомот ба «Китоб-ул-лумаъ»-и Саррочӣ такя кардааст ва мо низ дар ин чо аз ҳамин тарзи баён ва шарҳи олими эронӣ дунбола мегирем.

Ҳучвирӣ дар китоби худ маънии луғавӣ ва истилоҳии «мақом»-ро ба ин шарҳ овардааст: «Муқом миззами мим иқомат бошад ва чои иқомат бошад. Ва «мақом» ба фатҳи мим қиём бошад ва чои қиём, на чои иқомати банда бошад, андар роҳи Ҳақ гузоридан ва риоят кардани вай мар он мақомро, то камоли онро идрок кунад чандон ки сурат бандад бар одамӣ. Ва раво набошад, ки аз мақоми худ андаргузарад бе аз он ки Ҳаққи он бигзорад».[177]

Дар ин чо Хучвирӣ қайд мекунад, ки «мақом» на чои ист ва таваққуф аст, балки чои қиём, яъне кӯшиш ва чунбиш аст. Дигар, солик бояд дар мақоме, ки расида бошад, бояд онро ба хубӣ дарк кунад, онро бо ичтиҳоду саъйи тамом тай намояд, ба поён расонад ва сипас ба мақоми навбатӣ қиём намояд. Яъне аввал тавба, баъд вараъ ва баъд зӯҳду фақру ва ҳоказо. Инак, мо мақомоти суфийяро ба он тартибу танзиме, ки Саррочӣ таъйин намудааст, мухтасар бо шарҳу тавзеҳ аз назар мегузаронем.

**Тавба.** Мақоми аввалине, ки дар тариқат солик бояд тай намояд, мақоми тавба аст. Ин мақомест, ки солик дар зиндагии худ як инқилоб, гардиш ва дигаргунии рӯҳонӣ эҳсос мекунад ва ин ҳама ӯро аз роҳи муқаррарии зиндагӣ ба чодаи тоза ва поку покиза ҳидоят менамояд. Дар аксари мавридҳо ин ибтидои гардиш ягон воқеаи тасодуфӣ ё муқарраріе мешавад, ки соликро ба тафаккур ва андешаҳои нав водор месозад ва ин андешаҳо ӯро ба роҳи навини зиндагии рӯҳонӣ медарорад. Чунончӣ, дар тарчумаи ҳоли Иброҳими Адҳам чунин овардаанд, ки ӯ дар ҳини подшоҳӣ шабе дар боми қасри худ ҳаёҳӯй ва шӯру шағаби бисёре мешунавад. Аз сабаби ин пурсон мешавад, мегӯянд, ки мо шутур гум кардаему ин чо шутур мековем. Иброҳим Адҳам мегӯяд, ки шутури гумшударо чӣ гуна шумо дар бом чустучӯй доред? Дар чавоб мегӯянд, ки ту чӣ гуна дар тахти салтанат нишаста талаби тақаррӯби Ҳақ таоло мекунӣ. Ин сухан таъсири сахт ба Иброҳими Адҳам мекунад ва ӯ дарзамон тахти подшоҳиро тарк гуфта, либоси дарвешӣ мепӯшаду ба роҳи сӯфиён дохил мешавад. Дар зиндагии Чалолиддини Румӣ низ инқилоб ва гардиши рӯҳонӣ аз мулоқоти тасодуфии ӯ бо Шамси Табризӣ рух дода буд.

Тавба гӯё як эҳёи нави маънавист, ки солик пеш аз он

онро эхсос намекард. Ў гўё аз зиндагии пешин, ки як хоби гарон буд ва шояд пур аз ҷурму гунаҳ низ буд, рўй гардонида, таваҷҷўҳ ба суи Ҳақ меорад. Дар ин мавриди аҳли тасаввуф ба фикраи охирини ояти 31 аз сураи Нур истинод мекунанд: «Тўбў илаллоҳи ҷамеан айюҳал-муъминин лаъаллакум туфлиҳун». «Эй гурўҳи муъминон, ҳамагӣ рўй ба Худо оваред, шояд, ки растагорӣ ёбед».

Дар ин мақом дар солик бедории рўҳӣ ва маънавӣ рух медиҳад, ў аз тамоми ҷурму гуноҳҳое, ки карда буду ва ҳоло онро мефаҳмад, тавба мекунад ва дигар ба ҷурму гуноҳ даст намезанад.

Дар ин мақом солик барои худ муршид — роҳнамое дар рутбаи шайх ё валӣ интихоб мекунад, валӣ ва шайх сидқу сафои соликро дида, ба ў дасти иродат дароз мекунад, ўро ба ҳидоят ва парасторни худ қабул мекунад. Пас аз он ки шайх (муршид) ба устувори ва сидқу имони муриди худ бовар ҳосил мекунад ва мебинад, ки ў ба роҳи рост меравад ва бозпас гаштан дар нияту дили ў дида намешавад, ба солик, — муриди худ, хирқа — либоси махсуси дарвешона мепўшонад. Дар маънии хирқа ва расму оини пўшидани он дар китобҳои тасаввуф бисёр тафсилот ва тавзеҳот омадааст. Аммо дар шеър хирқа ҳамчун рамзи дарвешӣ, фақру хоксорӣ ва озодиву лоуболӣ аз ҳавою ҳавасҳои дунявӣ омадааст.

Хирқа одатан аз пашмина ё суфу карбоси сафед дўхта мешуд ва онро дар таййи роҳи сулукат — ғайр аз лаҳзаҳои шустан ва пок доштан — аз тан намекашиданд. Дар сурате, ки он медарид ё пора мешуд, ба он дарбеху пораҳои нав медўхтанд.

Либоси сўфиёна ва дарвешонаро муракқаъ низ мегуфтанд. Муракқаъ низ аз решаи «руқъа» гирифта шудааст, ки ба маънии пора аст ва дар ин маврид ба маънии пораҳои матоъ меояд. Ҳуҷвирӣ дар «Кашф-ул-маҳҷуб» дар бобн муракқаъ гуфтааст: «Бидон, ки шиори мутасаввифа либоси муракқаа аст ва либоси муракқаот суннат аст, аз он ҷо, ки расул (с) гуфт: «Алайкум би лабси-с-сўфӣ таҷидўна ҳаловату-л-имони фи қалбикум». «Бар шумо бод ба ҷомаи пашмин, то дар қалб ҳаловати имон ёбед». Муракқаа пироҳани вафост мар аҳли сафоро ва либоси сурур мар аҳли ғуруро, то аҳли сафо ба пўшидани он аз кавнайн муҷаррад шаванд аз маълуфоти аслӣ мунқатеъ ва аҳли ғурур бад-он аз Ҳақ маҳҷуб гарданд ва аз салоҳ бозмонанд ва дар ҷумла мар ҳамаро самти салоҳ ва сабаби фалоҳ аст».[176]

Муракқаъро аз матоъ кабуд месохтанд, то дар вақти са-

фар ва мусофират чиркин нашавад. Мураққааро низ дар вақти пора шуданаш дарбеҳу руфӯ мекарданд.

Ба ҳамин тариқа, солик дар мақоми тавба бояду шояд ба роҳи тасаввуф дохил мешавад ва дигар бозгашт ба гузашта надорад ва танҳо ба иродату кӯшиш ба тарафи камолоти маънавӣ меравад.

**Вараъ.** Маънии луғавии ин калима «парҳезгорӣ» ва «худдорӣ» аст. Солик, ки ба роҳи тавба омад ва аз ҷурму гуноҳ пок шуду дигар азми гуноҳ содир накардан дорад, бояд ӯ дар ин мақоми вараъ аз тамоми шубҳаҳо ва иқдомҳои машкук, ки бими гуноҳ овардан дорад, парҳез ва худдорӣ намояд. Шариат пеши муслимон ҳаром ва ҳалолро бо нуктаҳои сареҳ муайян сохтааст. Аммо бо вуҷуди ин иқдом ва кирдорҳое пеш меоянд, ки ҳудуди ҳаром ва ҳалоли онҳоро муайян кардан душвор аст. Солик дар ин мақом худ бояд ин ҳудудро муайян кунад ё агар таъйин кардан натавонад, бояд аз он иқдому кирдор худдорӣ намояд.

Сарроҷӣ дар «Китоб-ул-лумаъ» аҳли вараъро ба се табақа ҷудо кардааст: Аввал он аст, ки шахс бояд дар чизҳое, ки ҳараму ҳалол будани онҳо шубҳаангез аст, парҳезгорӣ намояд. Ин вараи умумист, ки ба ҳама дахл дорад. Дуввум, вараи аҳли дил аст. Ин чунин аст, ки агар шахсе дар чизе дар ботин ва қалби худаш шубҳае эҳсос кунад, бояд тарки он чиз ва он амр кунад. Саввум вараи ориф, яъне сӯфӣ аст, ки он вараи хосса аст. Ва он ин аст, ки ориф бояд аз ҳар чизе, ки дар таваҷҷӯҳи ӯ ба Ҳақ халал ворид мекунад, бояд бипарҳезад.[179]

**Зӯҳд.** Чунон ки дидем, вараъ худ як пояе ба сӯи зӯҳд аст. Солик, ки аз тамоми шубаҳот ва машкукоти дил парҳезгорӣ кард, ӯ ба дараҷаи зӯҳд наздик мешавад. Зӯҳд барои худдорӣ ва парҳезгорӣ аз хатову гуноҳ тарки алоқаи дунё мекунад. Ҳар чизе, ки ба дунё ва орзуву ҳаваси дунявӣ мутааллиқ аст, дар пеши сӯфӣ ҳақир ва ноҷиз менамояд ва тарки онро ба худ осон медорад.

Соҳибони китобҳои ирфонӣ зоҳидонро, ки пайравони зӯҳд ҳастанд, ба се табақа ҷудо кардаанд:

Табақаи аввал зоҳидоне ҳастанд, ки дасту дил аз дунёву ҳавасҳои дунявӣ шустаанд ва тамаъ ба ин ҷаҳон ва аҳли он надоранд. Ин табақаро **«мубтадиён»** гуфтаанд.

Табақаи дуввум зоҳидоне ҳастанд, ки тамоми лаззати рӯҳонӣ ва қалбиро низ барои худ ҳаром медонанд. Ин табақаи сӯфиён ҳатто зӯҳдро, ки зоҳидон барои лаззати рӯҳонӣ ва оромишу истироҳати қалб пайравӣ мекунанд, маломат кардаанд. Дар зӯҳд манзур на оромишу лаззати эҳсоси танҳой

ва таҷрид, балки дурӣ аз озолӣ аз тамоми эҳсоси ҳаззи ҳастӣ мебошад. Ин гурӯҳ зоҳидонро табақаи **муҳаққиқин** гуфтаанд.

Табақаи саввум зоҳидони хосс ҳастанд, ки онҳо танҳо дар олами ишқ озоду лоубол буда, ҳасту нести дунёро пушти по зада, танҳо бо шӯру муҳаббати Ҳақ рӯз мегузаронанд.

Ғайр аз ин дар тавсиф ва тақсими дараҷаи зӯҳд мутасаввифони дигар низ ба тарзи гуногун изҳори ақида кардаанд, аммо хулосаи ҳамаи он ба тарзи умумӣ ба ҳамин табақабандие, ки дар боло овардем, мунҷар мешавад.

Зӯҳду тақво ва порсоӣ дар тасаввуф аҳамияти калон дорад, зеро аз ин ҳолати риёзат устувории сӯфӣ дар тариқат пайдо мешавад. Фақру дарвешӣ, ки дараҷаи баъдии мақомот аст, ба риоят ва пос доштани ҳамин мақоми зӯҳд сахт вобаста аст. Аз ин сабаб аст, ки ҳар сӯфӣ дар ин мақом устуворӣ ва побарҷоӣ нишон медиҳад. Бисёр вокеъ шудааст, ки зӯҳди сӯфиён ба зоҳирбиниву риёкорӣ меанҷомад. Ин аст, ки дар шеъри шуарои сӯфӣ танқиду мазаммати зоҳидони риёкор ва зоҳирпараст бисёр омадааст. Аз ҷумла Ҳофиз дар ғазале гуфтааст:

Зоҳиди зоҳирпараст аз ҳоли мо огоҳ нест,
Дар ҳақи мо ҳар чи гӯяд, ҷои ҳеҷ икроҳ нест.
Дар тариқат ҳар чи пеши солик ояд, хайри ӯст,
Дар сироти мустақим, эй дил, касе гумроҳ нест.
...Бар дари майхона рафтан кори якрангон бувад,
Худфурӯшонро ба кӯи майфурӯшон роҳ нест.
Бандаи пири хароботам, ки лутфаш доим аст,
В-арна лутфи шайху зоҳид гоҳ ҳасту гоҳ нест.[100]

**Фақр.** Фақр аз ҳайси даст кашидан аз пайвандҳои дунявӣ ба зӯҳд наздик аст. Бинобар ин имом Ғаззолӣ таърифу тавҷеҳи фақр ва зӯҳдро бо ҳам вобаста намудааст. Агар зӯҳд бештар ба тарки лаззоти маънавӣ ва рӯҳонӣ тааллуқ дошта бошад, фақр бештар ба тарки молу сарвати дунявӣ дахл дорад. Илова бар ин, чунон ки имом Ғаззолӣ фармудааст, бениёзӣ ва адами эҳтиёҷ ба дунё танҳо ба воситаи фақр ҳосил мешавад. Инсон дар офариниш фақир аст, зеро ӯ ба ҳастии худ, ба бақои худ, ба зиндагии худ эҳтиёҷ дорад, аммо ҳамаи ин дар доираи қудрати вай нест. Ҳам ҳастӣ, ҳам бақои охират, ҳам ризқу рӯзӣ ба дасти офаридгор аст. Аз ин ҷо ғанӣ, яъне бениёз танҳо Ҳақ таолост ва ҷумла уммати Ҳақ фақиранд.

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фақр танҳо ба зоҳири молу сарват марбут нест. Сӯфиёне буданд, соҳиби молу сарват, аммо ин сарвату боигарӣ дар назари онҳо ночиз

буд ва худро пеши Ҳақ таоло фақир ва нотавон меҳисобиданд. Сарвату моли худро барои дарвешон, роҳнишинон, муҳтоҷону бенавоён харҷ мекарданд.

Қосим Ғанӣ аз қавли Сарроҷӣ фақиронро (яъне пайравони фақрро) низ ба се табақа ҷудо кардааст: «Аввал онҳое, ки молики чизе нестанд ва аз аҳаде на ба зоҳир ва на ба ботин чизе наметалабанд ва аз аҳаде интизори чизе надоранд. Ва агар чизе ҳам ба онҳо дода шавад, намегиранд. Ва ин мақоми **Муқаррибин** аст... Дуввум, онҳое, ки молики чизе нестанд ва аз аҳаде суол намекунанд ва талаб намекунанд, вале агар чизе ба онҳо дода шавад, мегиранд... Саввум онҳое, ки молики чизе нестанд ва ҳар гоҳ муҳтоҷ шаванд, ба баъзе аз бародарони тариқат, ки бидонанд, ба талаби онҳо масрур мешаванд, муроҷиат мекунанд. Ва ин мақоми **сиддиқин** дар фақр аст».[181]

**Сабр.** Сабр аз мақомоти муҳиммест дар роҳи тариқати солик. Ҳам зуҳду ҳам фақр бе сабри собит ҳосил намешавад. Тарзи лаззоти дунё кардан, пушти по ба сарвату молу ҷаҳон задан, худдорӣ аз ҳавою ҳаваси дунявӣ сабри устуворро тақозо дорад. Баробари ҳамин ба тамоми ҳолатҳои қазову қадар тан додан, душвориҳои зиндагӣ ваазиятҳои ҷисмониву рӯҳониро хомӯшона ба сар бурдан — ин ҳам сабри пуртоқатеро мехоҳад. Тай кардани марҳилаву дараҷаҳои тариқат низ кори осон нест, он ҳам сабру таҳаммулро тақозо дорад. Бинобар ин сабр ҳам дар ахлоқи сӯфиёна ва ҳам дар китобҳои ахлоқӣ-дунявӣ аз хислатҳои ҳамида ва писандидаи инсонӣ махсуб мешавад.

Сабр на танҳо зуҳду фақрро устувор ва ҳалалнопазир мегардонад, балки софии тинат ва асли самимияту садоқати дилу нияти соликро падидор месозад. Аз тарафи дигар, сабр дар душворӣ ва мушкилиҳо дар охир роҳату осоиш меорад. Ҳамон таълимоте, ки дар кутуби файласуфон ва мутафаккирон ба таъбири «фараҷ баъди шиддат» («кушоиш пас аз душвориҳо») омадааст, дар орову андешаҳои аҳли ирфон низ мавқеи калон дорад. Ҳаким Саноӣ дар ин маънӣ гуфтааст:

Ҳар киро дод эзидаш тавфиқ,
Сабру шукраш бувад ҳамеша рафиқ.
Ин биқоҳад балову меҳнатро,
В-он физояд ғанову неъматро.
Сабр талх аст, аз ӯ бувад ҳараҷат,
Ӯ диҳад аз балову ғам фараҷат.
Чун шакар завқи шукр ширин аст,
Неъматафзою қувватоин аст.
Бод доим ба ҳар ду ҳол туро,
То муяссар шавад камол туро[182].

Сабр дар ахлоқ ва хисоли инсонӣ мисли қаноат, шукр хислатҳои ҳамидаро низ падидор месозад. Ба мавзӯи «қаноат», «шукр» Саъдӣ дар «Бӯстон» ва «Гулистон» бобҳои махсус кушодааст, ки моҳияти ин хислати инсониро бо ҳикоят ва андарзҳои судманд ба ақлу дили одамӣ талқин намудааст. Ба ақидаи Саъдӣ, аз сабр қаноат бармеояд, қаноат бошад аз сирати инсон тамаъкорӣ ва гадотабъиро дур месозад:

Мабар тоати нафси шаҳватпараст,
Ки ҳар соаташ қиблаи дигар аст.
Қаноат сар афрозад, эй марди хуш,
Сари пуртамаъ барнаёяд зи дӯш.
Тамаъ оби рӯи тавакқур бирехт,
Барои ду чав домане дурр бирехт.
Чу сероб хоҳӣ шудан з-оби ҷӯй,
Чаро резӣ аз баҳри барф обрӯй?
Магар аз танаъум шакибо шавӣ,
В-агар на зарурат ба дарҳо шавӣ.
Бирав, хоҷа, кӯтоҳ кун дасти оз,
Чӣ мебоядат з-остини дароз.
Касеро, ки дурҷи тамаъ дарнавишт,
Набояд ба кас абду ходим набишт.
Тавакқӯъ биронад зи ҳар маҷлисат,
Бирон аз худат, то наронад касат.[183]

**Таваккул.** Яке аз дараҷаҳои баландтарини тариқати сӯфийя таваккул ба шумор меравад. Ба ин дараҷа расидан на ба ҳама даст медиҳад ва онҳое, ки ба ин мақом расидаанд, аз муқаррибони боргоҳи илоҳӣ маҳсуб мешаванд. Имом Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» дар боби таваккул чунин муқаддима ҷардааст: «Бидон ки таваккул аз ҷумлаи мақомоти муқаррабон аст ва дараҷаи он бузург аст. Лекин илми он дар нафси худ борик ва мушкил аст... илме ғомиз (пӯшида) аст ва ҳар касе нашиносад».[184]

Таваккул дар урф ҳама корро ба худо ҳавола кардан ва аз худо донистан аст. Дар Қуръон борҳо омадааст, ки агар мӯъмин дар имони худ устувор ва маҳкам бошад, ба худо бояд таваккул кунад ва худованд низ таваккулкунандагонро (мутаваккилонро) дӯст медорад. «Ва аллалоҳи фатаваккалӯ ин кунтум мӯъминин». «Агар имон дошта бошед мӯъминед, ба худо таваккул кунед» (сураи Моида,охири ояти 23). «Ва қола Мӯсо: Ё қавми ин кунтум омантум биллоҳи фаалайҳи таваккулӯ ин кунтум муслимин». «Мӯсо гуфт: «Эй қавм! агар ба худо имон овардаед ва гардан ниҳодаед, бад-ӯ таваккул кунед» (сураи Юнус, ояти 84). «Фатаваккал алаллоҳи инналлоҳа йуҳиббу-л-мутаваккилин». «Ба худо таваккул кун ва худо мутаваккилонро дӯст дорад». (Сураи Оли Имрон, охири ояти 159).

Чунон ки мебинем, таваккул ба худо аз имон ва эътиқоди том ба Ҳақ пайдо мешавад. Чунин имон пеш аз ҳама аз эътиқод ба тавҳид — ягонагии Ҳақ бармехезад. Солик бояд пеш аз ҳама дар тавҳид имон дошта бошад. Агар ягонагии худо ва таҷаллии ӯ дар ҳама ҷо ва дар ҳама авқот соликро дар эътиқоду дар тафаккур ҳосил шавад, ӯ метавонад ба таваккул аллалоҳӣ бирасад.

Имом Ғаззолӣ **дараҷаи ба тавҳид расиданро** ба чор марҳила ҷудо кардааст. Дараҷаи аввал «он аст, ки ба забон ло илоҳа иллоллоҳ», гӯяд ва дар дил эътиқод надорад ва ин тавҳиди мунофиқ аст». Дараҷаи дуввум он аст, ки ба «ло илоҳа иллоллоҳ» дар дил бовар дорад, лекин ба тақлиди дигаро ва омма ё ба далелу бурҳонҳои ақлонии мутакаллимон в умуман олимону донишмандони дин. Дараҷаи саввум, да дил нуре пайдо мешавад, ки ба воситаи он мушоҳида меку над, ки «ҳама аз як асл меравад ва фоил яке беш нест ва ҳеч каси дигарро феъл нест. Ва ин нуре бувад, ки дар дил пайдо ояд, ки дар он ин мушоҳида ҳосил ояд». Чунин мушоҳидаи қалбӣ ва эҳсосӣ аз эътиқоди бурҳонӣ ва далелии олимона болотар ва ҳассостар аст. Дараҷаи чаҳорум он аст, ки ҷуз якеро набинад ва ҳамаро худ яке бинад ва яке шиносад ва тафриқаро дар ин мушоҳида ҳеҷ роҳ набувад ва ин роҳро сӯфиён фано дар тавҳид гӯянд».[185] Мақоми ҳақиқии таваккул ҳамин дараҷаи чорум аст, ки онро ваҳдати вуҷуд гуфтан мумкин аст. Дар ин мақом солик дар ҳама ҷо ва дар ҳама авқоту ашё танҳо Ҳақро мебинад ва худ низ дар ҳамин ягонагӣ ва тавҳид ҳастии ҷисмонии худро ба фано медиҳад.

Шарти дигари таваккул баъди тавҳид имон аст. Имон бовар ва эътиқод ба қудрат ва ҳикмати офаридгор аст. Чунончӣ, чаро пашшаро ба ду боли наҳиф ва филро ба ҷуссаи азим офаридааст. Дар ин ҳикмат ва қудрати офаридгор аст, ки солик бояд ба вай имон дошта бошад. Агар парандае мисли товус ба зебоию рангорангии парҳо офарида шуда бошад, ғук ё тимсоҳ ба симою намуди зишт омадаанд. Дар ин офариниши олам ва мавҷудот як сирр ва ҳикмате ҳаст, ки он аз қудрати Ҳақ таоло омадааст, аммо кашфи ин сир барои банда пӯшида аст. Пӯшидагии сирри ҳикмати илоҳӣ набояд имонро ба қудрат ва ҳикмати илоҳӣ нуқсон оварад.

Дар таъриф ва тавҷеҳи таваккул орифони бузург бисёр баёноти дақиқ ва шарҳҳои борик кардаанд, ки чанде аз онҳоро ин ҷо зикр мекунем:

Зуннуни Мисрӣ: «Таваккул аз тоати худоёни бисёр берун омадан аст ва ба тоати як худой машғул будан ва аз сабабҳо буридан аст». «Таваккул даст ба доштани тадбир бу-

чун бандагони ман дар боран ман аз ту бипурсанд, (бигӯ): ман (ба онҳо) наздикам ва даъвати дуокунандаро иҷобат мекунам». Дар «Тафсири Ҳусайнӣ» фикраи охирин чунин тарҷума шудааст: «иҷобат мекунам хондани хонандаро», яъне ба он бандае, ки ба сӯи ман даъвате дорад, ба даъвати ӯ ман ҳозир ҳастам. Ва Кошифӣ менависад: «Гӯянд аъробие суол кард, ки «ё расуллоллоҳ, худой ба ман наздик аст, то ба ӯ роз гӯям ё дур аст, то овоз баланд бардорам? Ин оят нозил шуд, ки «ман ба бандагон наздикам ва ба ҳар навъ, ки маро бихонед, бар ман пушида нест».[108] Аммо худо ба ҳар бандае, ки ӯро хонад, наздик бошад, пас ба соликоне, ки дар роҳи Ҳақ ибодату тоатҳои мутамодӣ доранд, боз ҳам наздиктар аст.

Ояти дигаре, ки миёни аҳли тасаввуф хеле машҳур ва борҳо тавзеху тафсир шудааст, ояти шарифа аз сураи Қоф аст: «Валақад халақно-л-инсона ва наъламу мо тувасвису бихи нафсуху ва наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабл-ил-вариди». «Ба дурустӣ, ки офаридем одамиро ва медонем он чизро, ки васваса мекунад мар ӯро бад-он нафси ӯ аз андешаҳои бад ва мо наздиктарем ба сӯи инсон аз раги ҷони вай (ояти 16).

Инак, ҳамин таъбири «наҳну ақрабу илайҳи мин ҳабл-ил-вариди» яке аз маъниҳои бузургест, ки дар тафсир ва шарҳи «қурб» манша ва мабдаи асосӣ гаштааст. Қурби худо ба банда, ки наздиктар аз раги ҷони вай аст, соликро ба ҳазрати Ҳақ боз ҳам наздиктар мекунад. Ҳусайни Воизи Кошифӣ дар тафсири худ ин оятро шарҳ дода менависад, ки қурби Ҳақро танҳо ҳис кардан мумкин аст, онро наметавон ба ақл идрок кард ва дарёфт. Ӯ баъд аз овардани байти Мавлоно Румӣ:

> «Наҳну ақраб» гуфт: «мин ҳабл-ил-варид»,
> Ту фиганда тири фикратро баъид
> Эй камону тирҳо барсохта,
> Сайд наздик, ту ба дур андохта

менависад: «Ва бибояд донист, ки қурби Ҳақ бе «чуну» бе «чӣ гуна» бошад. Эй азиз, кайфияти қурби ҷонро, ки пайваста ба тан аст, дарнаметавон ёфт ва қурби Ҳақро, ки аз кайфият (чигунагӣ) муқаддас ва муназзаҳ аст, чӣ гуна идрок тавон кард».[109]

**Муҳаббат.** Ҳолати муҳаббат ва ишқ (ва умуман мафҳуми ишқ) дар тасаввуф аз умдатарин ва олитарин эҳсос ва тафаккур аст, ки ҳам назарияи сӯфиён ва ҳам назми ирфониро саросар фаро гирифтааст. Мавзӯи ишқ бо тамоми тасвир ва умқи муҳтавиёти худ ҷанбаҳои гуногуни афкор ва ақоиди тасаввуфро ифода намудааст. Ба восита ишқ ҳам

гояи ваҳдати вуҷуд, ҳам маърифати Ҳақ, ҳам муҳаббати банда ба офаридгор ва ҳам меҳрубонию ишқи офаридгор ба банда, ҳам ҷозибаи ҷинс ба ҷинси худ, ҳам ҷозибаи мавҷудоти олам дар шеъру дар достонҳои ирфонӣ ба тарзу сабкҳои гуногун, ба таъбиру истилоҳоти маҷозӣ, ба истиораву ташбеҳоти олӣ — хуллас дар либоси бадеи суханоройӣ баён гардидааст. Ишқ хулосаи ин ҷаҳону дунёи охират, ҳидояту иноятӣ илоҳӣ, ҷунбонандаи ҳалқаи зиндагӣ, тапиши дилу ҷараёни хун — хуллас ҳастиву адам, азалу абади инсонӣ аст. Чунон ки Саноӣ гуфтааст:

Эй писар, ишқро ниҳоят нест,
Дар раҳи ошиқӣ ниҳоят нест.
Агарат ишқ ҳаст, шокир бош,
Ки ба ишқ андарун шикоят нест.
Гар биноли зи ҳоли ишқ туро
Иллати ошиқӣ ба ғоят нест.
Ҷаҳд кун, ҷаҳд, то ба ишқ расӣ,
К-онҷӣ гуфтам туро, кифоят нест.
Зи амал коми дил шавад ҳосил,
Дардро назди ман ҳикоят нест.
Чун васият кунам ба ишқ туро,
Ки маро навбати висоят нест?
Ишқ моро вилояте додаст,
Ки касеро чунон вилоят нест.
Рояти хайли ишқ феъл бувад,
Ишқро назди феъл роят нест.
Ҳар киро ишқ нест дар дилу ҷон,
Дар дилу ҷони ӯ ҳидоят нест.[194]

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ низ дар пайравӣ аз Ҳаким Саноӣ ғазале дар ин мавзӯъ иншо кардааст, ки чанд байти он ин аст:

Ишқ ҷуз давлату иноят нест,
Ҷуз гушоди дилу ҳидоят нест.
Ишқро Бӯ Ҳанифа дарс нагуфт,
Шофеиро дар ӯ ривоят нест.
Ло яҷузу яҷуз то аҷал аст,
Илми ушшоқро ниҳоят нест.
Ошиқон ғарқаанд дар шакароб,
Аз шакар Мисрро шикоят нест.
Ҳар киро барғаму турш дидӣ,
Нест ошиқ в-аз он вилоят нест.

Аммо ҳоли ошиқ, ки соликро рух медиҳад ва ин х
муфассирони сӯфийя тавсиф кардаанд, аз мабҳаси ишқ
дар шеърҳо мебинем, тафовут дорад. Ин ҳолатест, ки д
лик ҳамчун як мавҳибат ва вазъи пуршӯр аз ғайб ме
ӯро дар ҳоли эҳсоси баланди ишқе, ки аз ҳама чиз
мепӯшад, мегузорад. Абӯнасри Сарроҷ дар «Кито
маъ» аҳволи аҳли муҳаббатро низ ба се тақсим кар

**Ҳоли аввал** муҳаббати омма, яъне ҳамагон аст ва ин муҳаббат ба офаридагор аз эҳсони ӯ нисбат ба бандагон ҳосил мешавад, зеро қалби инсон аз фитрат ба хидмати он касе мекунад, ки дар ҳаққи ӯ эҳсон, яъне некӣ зоҳир менамояд.

**Ҳоли дуввум** муҳаббати соликон ва мутаҳаққиқон аст, ки он аз назари қалби солик нисбат ба беният, бузургиву азамат ва илму қудрати худованд бармехезад ва дар ин ҳол иродаву суботи солик аз миён бардошта мешавад ва ҷумла сифоти башарият ва ҳоҷату ниёзи ӯ барҳам мехӯрад.

**Ҳоли саввум** муҳаббати содиқон ва орифони комил аст. Ин ҳол дар он вазъ рух медиҳад, ки ориф назари пок дошта бошад, чунон ки Ҳофиз мегӯяд:

Ғута дар ашк задам, к-аҳли тариқат гӯянд.
Пок шав аввалу, пас дида бар он пок андоз.

Ва дар ин ҳолат ориф ба шиноҳти он мерасад, ки худованд бо ягон сабабу ваҷҳ не, балки ба раҳмати сирф ва фазли худ бандаро дӯст медорад. Ориф низ бе ҳеҷ ниёзу тамаъ, бе ҳеҷ сабабу иллати зоҳирӣ худовандро дӯст медорад. Яъне ин муҳаббати пок ва беолоиш, бе ҳеҷ умедвори ба уҷру деҳиш аст. Дар ин ҳол ориф ҳатто аз муҳаббати худ огоҳ намешавад, зеро дар дили ӯ ғайр аз муҳаббат дигар чизе нест ва ба ҷуз маҳбуб мавҷуде нест. Дар баёни ин ҳоли муҳаббат Ҳофиз ғазале бас шевою ғаррое дорад:

Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад.
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад
Ҷилвае кард рухат, дид малак, ишқ надошт—
Айни оташ шуд аз ин ғайрату бар одам зад.
Ақл мехост, к-аз он шуъла чароғ афрӯзад.
Барқи ғайрат бидурахшиду ҷаҳон барҳам зад.
Муддаӣ хост, ки ояд ба тамошогаҳи роз.
Дасти ғайб омаду бар синаи номаҳрам зад.
Дигарон қуръаи қисмат ҳама бар айш заданд.
Дили ғамдидаи мо буд, ки ҳам бар ғам зад.
Ҷони улвӣ ҳаваси чоҳи занахдони ту дошт,
Даст дар ҳалқаи он зулфи хам андар хам зад.
Ҳофиз он рӯз тарабномаи ишқи ту навишт,
Ки қалам бар сари асбоби дили хуррам зад.[100]

Қосим Ғанӣ баъди таҳқиқи мавзӯъ ва мазомини ишқ дар ашъори форсии сӯфиёна менависад: «Ҳосил он ки ба ақидаи ориф онче болотар аз онҳо ишқу муҳаббат нест. Ишқ асоси ҳар ҳақиқатест ва орифи ҳақиқӣ ишқро ба ҳар шакле, ки ҷилвагар шавад, дӯст дорад. Аз худ гузаштагӣ ва исору таҳорати қалб ва шуҷоату имон ва тарки ҳавои нафс ва гузаштан аз дунё ва ҳазорон фазоили дигар ҳамаро аз натиҷаи ишқу муҳаббат мешуморад. Ин ҳама хушбиниву сулҳи кулл ва

ғанимат шумурдани вақт ҳосили ишқ аст».[196] Дар ин маънӣ Ҷалолиддини Румӣ дар Маснавӣ бисёр байтҳои обдор бо муҳтавиёти амиқу борикбинона дорад ва аз ҷумла дар поёни «Ҳикояти зоҳир шудани фазл ва ҳунари Луқмон» ин байтҳои шӯрангезро овардааст:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад.
Аз муҳаббат мисҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат дардҳо софӣ шавад,
В-аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.
Аз муҳаббат хорҳо гул мешавад,
В-аз муҳаббат сиркаҳо мул мешавад.
Аз муҳаббат дор тахте мешавад,
В-аз муҳаббат бор бахте мешавад.
Аз муҳаббат сиҷн гулшан мешавад,
Бе муҳаббат равза гулхан мешавад.
Аз муҳаббат нор нуре мешавад.
В-аз муҳаббат дев ҳуре мешавад.
Аз муҳаббат санг равған мешавад,
Бе муҳаббат мум оҳан мешавад.
Аз муҳаббат ҳузн шодӣ мешавад,
В-аз муҳаббат ғӯл ҳоди мешавад.
Аз муҳаббат неш нӯше мешавад,
Бе муҳаббат шер муше мешавад.
Аз муҳаббат суқм сиҳҳат мешавад,
В-аз муҳаббат қаҳр раҳмат мешавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мешавад,
В-аз муҳаббат шоҳ банда мешавад.[197]

**Хавф ва раҷо.** Чунон ки Қосим Ғанӣ навиштааст, хавфу раҷо дар ҳукми ду боли солик аст, ки ба мадади он ду бол солик метавонад дар фазои тақарруб ба худо парвоз кунад».[198]

Ҳоли **ХАВФ** он аст, ки ориф ба маърифати Ҳақ ҳар чӣ бештар наздик шавад, ӯ аз худо бештар метарсад. Дар Қуръон (сураи Фотир, ояти 28) низ дар ин маънӣ омадааст, ки аз бандагони ман аз худо танҳо донишмандон метарсанд. «Иннамо йахша-ллоҳа мин ибодиҳи-л-уламоу». «Аз худо аз бандагони ӯ олимон метарсанд». Олим дар ин ҷо ба маънии доно ва донишмандон меравад ва, ба қавли орифон, онҳое, ки ба маърифати Ҳақ расидаанд.

**Хавф ҳам се дараҷа** дорад. **Яке** хавфи омма аст, ки мардум ҳамагон аз ҳайбати худованд метарсанд. Дар ин ҷо тарс маърифат нест, аз ин сабаб дар ин дараҷа тарс тарси кӯдаконаро мемонад. **Дуввум** хавфи қавӣ ва пуршиддат мешавад, ки ин тарси аз ҳад берун нописандида аст. Зеро ин хавф шахсро ба навмедӣ мерасонад, яъне дар ин хавф раҷо — умедворӣ ба кушоиш дида намешавад. **Саввум хавфе писандида** ва шоиста хавфи мӯътадил аст. Ин хавф шахсро ҳам

аз гунох боз медорад ва хам бар тоати Хак хидоят мекунад.

Орифи комил аз хавфу рачо озод аст. Зеро орифи комил аз хамаи манзилхо, ки дар пеш аст, огохӣ дорад. Дар ин маънӣ Мавлоно Румӣ гуфтааст:

Хаст зохидро ғами поёни кор,
То чи бошад холи ӯ рӯзи шумор.
Орифон з-огоз гашта хушманд.
Аз ғаму ахволи охир фориғанд.
Буд орифро ғами хавфу рачо,
Собикадонеш хӯрд он хар дуро.
Ориф аст, ӯ бозраст аз хавфу бим.
Хою хӯро кард теғи Хак дуним.
Буд ӯро биму уммед аз худо,
Хавф фонӣ шуд, аён шуд он рачо.
Хавф тай шуд, чумлагӣ уммед шуд.
Нур гашту тобеи хуршед шуд.[199]

Рачо умедвори ба рахмат ва мавхибати худованд аст. Банда ва хусусан солик дар тоати худ ба Хак на тарсу харос, балки умедворӣ бояд дошта бошад. Ва хамин умедворӣ холи рачои солик аст.

Абӯнасри Сарроч **рачоро низ ба се кисм** таксим кардааст. **Аввал, рачо** — умедворӣ ба савоб. Дуввум, рачо бар вусъати рахмати худованд. **Саввум,** рачо филлох, яъне умедворӣ танхо ба худо ва дар худост. Дар ин хол солик аз худо дигар чизе тамаъно надорад. Мавлонои Рум дар ин маънӣ дар «Маснавӣ» гуфтааст:

Анбиё гуфтанд навмедӣ бад аст.
Фазлу рахматхои борӣ бе хад аст.
Аз чунин мухсин нашояд ноумед.
Даст дар фитроки ин рахмат занед.
Эй басо коро, ки аввал саъб гашт,
Баъд аз он бикшода шуд, сахтӣ гузашт.
Баъди навмедӣ басе уммедхост.
Аз паси зулмат басе хуршедхост.[200]

**Шавк ва унс.** Чунон ки гуфтем, холи мухаббат яке аз ахволи олитарини солик аст. Мухаббат ба Хак таоло ва дӯстӣ ба он зоти илохӣ пайдо мешавад. Имом Ғаззолӣ дӯстӣ ва мухаббати Хак таолоро аз олитарин макомоти солик хисоб мекунад. Ӯ менависад: «Гурӯхе аз мутакаллимон инкор кардаанд ва гуфтаанд, ки касе ки аз чинси ту набувад, ӯро дӯст натавон дошт ва маънии дӯстии худо фармонбардорист. Ва хар ки чунин пиндорад, ки аз асли дин хабаре надорад».[201]

Ғаззолӣ ин акидаро дар асоси хамон оятхое, ки дар боло дар холи мухаббат овардем, рад мекунад. Ва пас мегӯид, ки «хар ки мухаббатро инкор кард, шавкро низ инкор кард. Шавке, ки дар солик пайдо мешавад, аз хамон мухаббате

сар мезанад, ки ӯро билкулл фаро гирифтааст. Ғаззолӣ мегӯяд, ки пайғамбар (с) азҲақ таоло дар бораи завқи бандагон ва ваҷҳи ӯ суол мекунад ва офаридгор мефармояд: «Тола шавқ-ул-аброри ило лиқоӣ ва ано ило лиқоиҳим лаашадду шавқан». Дароз шуд орзуи некмардон ба лиқои ман ва ман ба эшон орзумандтарам аз эшон ба ман».[202]

Шавқ эҳсоси бузург ва ҳаяҷони пуршӯр аст ба чизе, ки аз чашм ғоиб аст, аммо дар хаёл ҳозир. Аз ин сабаб аз ин шавқ ба лиқои худон таоло на ба чашм, балки ба маърифат расидан мумкин аст.

Ҳангоме, ки солик ва ориф бо шавқ ба мушоҳидаи ирфонии ҷамоли Ҳақ мерасад, дар ӯ ҳоли **УНС** пайдо мешавад, ки ин як ҳисси хурсандӣ, фараҳмандӣ ва озодӣ аз ин мушоҳида мебошад.

Дар баёни шӯру шавқу лаззати унс Ҳофиз абёти зиёде дорад, ки чанде аз онҳоро ин ҷо сабт мекунем:

Дар шавқ: Нидои ишқи ту дӯшам дар андарун доданд,
Фазои сина зи шавқам ҳанӯз пур зи садост.

Забони нотиқа дар васфи шавқ моломол,
Чӣ ҷои килки буридазабони беҳудагӯ.

То мутрибон зи шавқи манат огаҳӣ диҳанд,
Қавлу ғазал ба созу наво мефиристамат.

Баёни шавқ чи ҳоҷат, ки ҳоли оташи дил
Тавон шинохт зи сӯзе, ки дар сухан бошад.

Ҳофиз аз шавқи рухи меҳрфурӯғи ту бисӯхт,
Комгоро, назаре кун сӯи ноками чанд.

Дар унс: Эй қасри дилафрӯз, ки манзилгаҳи унсӣ,
Ёраб, макунод офати айём харобат.

Мутрибо, маҷлиси унс аст — ғазал хону суруд,
Чанд гӯӣ, ки чунин рафту чунон хоҳад монд?

Чӣ ҷои суҳбати номаҳрам аст маҷлиси унс,
Сари пиёла бипӯшон, ки хирқапӯш омад.

Ёд бод он, ки сабӯҳӣ зада дар маҷлиси унс
Ҷуз ману ёр набудему худо бо мо буд.

Мо маҳрамони хилвати унсему ғам махӯр,
Бо ёри ошно сухани ошно бигӯ.

**Итминон**. Итминон оромиш ва осоиши дил аст дар зикри Ҳақ таоло. Дар Қуръон чанд ҷой оёти шарифа дар ин маънӣ омадааст ва аз ҷумла дар сураи **Раъд ояти 28** фармудааст: «Аллазина оману ва татмаинну қулубуҳум би зикри-л-лоҳи ало би зикри-л-лоҳи татмаинну-л-қулубу». «Ҳамон ка-

сон, ки имон овардаанд ва дилхояшон ба ёд кардани худо ором мегирад, бидонед, ки дилхо ба ёд кардани худо ором мегирад».

Чунон ки аз ин оят бармеояд, итминон аввало аз имони комил хосил мешавад, имони комил ба ягонагии худо, ба хикмат ва кудрати офаридагор. Банда ва солик дар ин хол ором меёбад, аз чизе намехаросад, зеро ба он, ки худо ўро дўст медорад ва аз осебхо нигох медорад, имон дорад.

Абўнасри Саррочҳ холи итминонро ба се таксим кардааст. **Кисми аввал** итминони омма аст, ки бовар доранд, чун ба тоати Хак машгуланд, худованд дуои онхоро ичобат хохад кард. **Кисмати дуввум** итминони хавос, хоссагон аст, ки ба казои илохӣ розӣ ва аз казо хар чӣ ояд, ба он собиранд ва аз ин чо онхо ором ва осудахотир хастанд.

**Кисми саввум** итминони хоссагони хосса аст, ки онхо дар водии хайратанд, медонанд, ки худо ягона аст, худоро дарк кардан номумкин аст, зеро чизе ба ў монанд нест. Аз ин сабаб ин хоссагон дар водии хайрат ороми дил надоранд ва хамеша таманно доранд аз худо, ки хамин холати хайрат ва тахайюри онхоро офаридгор устувор дорад, балки бар он афзояд. Хофиз дар ин маънӣ гуфтааст:

Дар ин шаби сиёхам гум гашт рохи максуд,
Аз гўшае бурун ой, эй кавкаби хидоят.
Аз хар тараф, ки рафтам чуз вахшатам наяфзуд,
Зинхор аз ин биёбон в-ин рохи бенихоят.
Ин рохро нихоят сурат кучо тавон баст,
К-аш сад хазор манзил беш аст дар бидоят.

**Зикр.** Зикр дар холати сўфийя ва эътикоди онхо хеле мухим аст ва онхо онро болотар аз хар ибодат мегузоранд. Дар ин маврид онхо ба ояти **45-и шарифаи Куръон аз сураи Анкабут истинод** мекунанд: «Утлу мо ўхийа илайка мин-ал-китоби ва акими-с-салота инна-с-салота танхо ан-ил-фахшои ва-л-мункари, ва-ла-зикру-ллохи акбару валлоху йаъламу мо таснаўна». «Он чи аз Куръон ба ту вахӣ мешавад ба (бандагон) бихон ва намоз барпо кун, ки намоз аз бадкорихо ва норавоихо бозмедорад ва ёд кардани худо (зикри худо) (аз хар ибодате) бузургтар аст ва худо медонад, ки шумо чӣ мекунед».

Дар тасаввуф зикри Хак аз хама ибодат ва намози панчгона баландтар гузошта мешавад. Газзолӣ дар «Кимиёи саодат» дар ин мавзўъ чунин навиштааст:

«Бидон, ки лубоб ва максуди хама ибодот ёд кардани Хак таолост, ки имози мусалмонӣ намоз аст ва максуди вай зикри Хак таолост... Ва Куръон хондан фозилтарини ибодот аст

ба сабаби он ки сухани Ҳақ таолост, ки музаккир аст ва ҳар чӣ дар он аст, ҳама сабаби тоза гардонидани зикри Ҳақ таолост... Балки асли мусалмонӣ калимаи «ло илоҳа иллоллоҳ» аст ва ин айни зикр аст ва ҳама ибодоти дигар таъкиди ин зикр аст».[203] Ва сипас муаллиф чор дарачаи зикрро тавсиф мекунад.

Зикр аз он чиҳат муҳим аст, ки солик дар вақти зикри Ҳақ таоло тамоми қувваи ҳиссия ва нерӯи рӯҳии худро ба як чо чамъ мекунад, ки ӯ дигар ном ва калимотро фаромӯш мекунад. Ин ҳол соликро ба ҳолати мушоҳада омода мекунад.

Зикр ё «чалӣ» (ошкор) ё «хафӣ» (хуфягӣ) мешавад. Дар зикри чалӣ забон зикр мекунад, дар зикри хафӣ танҳо дил ва шуур кор мекунад. Аҳли тасаввуф гуфтаанд, ки зикри беҳтарин он аст, ки ҳам дар забон бошаду ҳам дар дил. Қосим Ғанӣ дар ин мавқеъ хулосаи гуфтаҳои Ғаззолиро аз «Кимиёи саодат» ва «Эҳё-ул-улум» овардааст, ки мо ин чо нақл мекунем.

«...Солик бояд қалби худро ба ҳоле даоварад, ки дар он ҳол вучуду адами дунё барои ӯ яксон бошад. Баъд танҳо дар гӯшае бинишинад ва аз фароизи шаръӣ фақат онҳоеро ба чо биёрад, ки заруррист. Ва муроқиб бошад, ки чуз Худо ҳеч чиз дар фикру зеҳни ӯ набошад. Баъд дар ин ҳоли танҳой ва муроқаба бидуни инқитоъ (бе танаффус) ба забон бигӯяд: «оллоҳ, оллоҳ». Билохира ба чое хоҳад расид, ки забон аз ҳаракат боз хоҳад монд, вале дар ин мақоми таваччӯҳ ва истиғроқ ба ҳоле бошад, ки гӯӣ калимаи «оллоҳ» аз забони ӯ чорист. Ин ҳолро давом бидиҳад, то забон ба куллӣ аз кор бияфтад ва эҳсос кунад, ки қалбаш ба зикри «оллоҳ» аст. Онгоҳ бикӯшад, то он ки шакли калимаи «оллоҳ», яъне ҳуруф ва шакли он дар қалбаш нақш бандад. Ҳамчунон ба зикр идома диҳад, то он ки шаклу ҳуруфи калимаи «оллоҳ» аз қалбаш зоил шавад ва фақат фикри «оллоҳ» дар қалб боқӣ бимонад, яъне чунон эҳсос кунад, ки мафҳуми калимаи «оллоҳ» дар қалб чунон чойгузин шуда, ки аз он чудо шуданӣ нест».[204]

**Мушоҳада.** Ин ҳама муроқабаву сабр, ризову рачо, зикру шавқ, ишқу муҳаббати сӯзону чонгудоз — хуллас ҳама марҳилаҳои мақомоту гуногунии аҳволи орифон барои расидан ба васли Ҳақ, ба қурби Ҳақ аст. Дар ин марҳилаи васл ориф ба тамошои чамоли Ҳақ мушарраф мешавад. Аммо дидани ин чамол на ба дидани чашм, балки ба дидани дил ҳосил мешавад. Сӯфийя мегӯянд, ки зоти илоҳӣ пеши ориф бо тачаллӣ, нуру шаъшаа, чилваи ламъаи фурӯзон падидор мегардад. Бале, ин нур, шуоъ, ламъа, чилваи тачаллӣ, инъикоси

ҷамолу ликои илоҳӣ аст, ки Ҳақ таоло онро ба баргузидагон ва орифони хосса намудор месозад.

Ин ҳама рамзу киноёт дар баёни нуру ҷилваи зоти илоҳӣ дар таълимот ва истилоҳоти суфийя худ аз худ пайдо нашудааст. Ин нуру шаъшаа аз оятҳои Қуръон нашъат гирифтааст. Дар ояти 35 сураи Нур омадааст: «Оллоҳу нуру-с-самовоти ва-л-арзи масалу нуриҳи камишкоти фиҳо мисбоҳун алмисбоҳу фи зуҷотатин аз-зуҷоҷату каанаҳо кавкабун дурриййун йӯқаду мин шаҷаратин муборакатин зайтунатин ло шарқиййатин-вало ғарбиййатин йакоду зайтуҳо йӯзиу ва лав лам тамсасҳу норун нурун ало нурин йаҳдиллоҳу линуриҳи манйашоу ва йазрибуоллоҳу-л-амсола линноси валлоҳу бикулли шайъин алимун». «Худо нури осмонҳо ва замин аст. Масали нури ӯ чун чароғдонест, ки дар он чароғ бошад ва он чароғ дар обгинае ва он обгина гӯӣ ситораест дурахшанда, ки бар ӯ афрӯхта мешавад аз дарахти бо баракати зайтун, ки на шарқӣ аст ва на ғарбӣ. Равғанаш рӯшноӣ бахшад, агарчи оташе бад-он нарасида бошад. Нурест бар нуре афзоянда. Худо ба нури хеш ҳар киро хоҳад, ҳидоят кунад ва худо масалҳоро барои мардум мезанад ва худо ба ҳама чиз доност».

Ин оят, ки ба тарзи тамсил бо овардани масалҳо нузул шудааст, дар байни муфассирон тафсир ва тавчеҳҳои гуногун ва басо доманадоре овардааст.[206] Тамсил (масал) ва истиороте, ки дар ин оят омадааст, барои аҳли тасаввуф низ мавриди таъриф ва шарҳҳои басо рангоранге шудааст. Ин иборот ва истилоҳот, мисли нур, таҷаллӣ, ҷилва, шаъшаа, ки дар миёни аҳли ирфон ва дар назми сӯфийя бисёр дида мешавад, аз ҳамин оят нашъат гирифтааст.

Хулосаи ин тавчеҳот он аст, ки худо на нури осмонҳову заминҳо, балки худ нурест, ки оламн мавҷудотро равшан мекунад. Ва аз ин ҷо имону дили бандагонро низ равшан мекунад. Ва худост, ки ба ин нур бандагонро ба роҳи рост ҳидоят мекунад. Ин нур дар таълимоти орифон таҷаллӣ, ҷилваи ҷамоли Ҳақ дар шуони зоти худ аст, ки онро ориф ба чашми дил мебинад. Ин дидори таҷаллии Ҳақ иттиҳод ё иттисол ба зоти Ҳақ нест, балки қурби висол ва дидори дили огаҳ аст. Дар ин ҳол ориф худро гум мекунад, аз ҳастии худ мегузарад ва дар зоти Ҳақ фонӣ мегардад. Мо дар боло оварда будем, ки Боязиди Бистомӣ худро ба дараҷае гум карда ва дар зоти Ҳақ фонӣ гашта, ки вақте сойле дар пеши дар ӯро суроғ мекунад, Боязид ҷавоб медиҳад: «Бечора Боязид, сӣ сол аст, ки ман ӯро гум кардаам».

Ба ҳамин тариқа, он дараҷаи фано филлоҳ ба бақо маъ-

аллох махз дар ҳамин соати қурб ва висол, ки он ҷо ҳол мушоҳада рух медиҳад, ба вуқӯъ меояд. Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар «Маснавӣ» овардааст, ки мушоҳада на б чашми ҳис, балки ба чашми дил воқеъ мегардад:

Чашми ҳис асб асту нури Ҳақ савор,
Бе савор ин асб худ н-ояд ба кор.
Пас адаб кун асбро аз хӯи бад,
В-арна пеши шоҳ бошад асб рад.
Чашми асб аз чашми шаҳ раҳбар бувад,
Чашми ӯ бе чашми шаҳ музтар бувад.
Нури Ҳақ бар нури ҳис рокиб шавад,
Онгаҳе ҷон сӯи Ҳақ роғиб шавад.
Нури ҳисро нури Ҳақ тазйин бувад,
Маънии «нурун ало нур» ин бувад.
Нури ҳиссӣ мекашад сӯи суро,
Нури Ҳаққаш мебарад сӯи адо.[206]

Ҳофиз дар ғазалҳои худ аз таҷаллии Ҳақ, ҷилваи ҷамоли ёр, аз нури илоҳӣ борҳо ба шӯру ҳаяҷон дар байтҳои обдор ёдовар шудааст.

Таҷаллӣ: Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.

Бехуд аз шаъшааи партави зотам карданд,
Бода аз ҷоми таҷаллисифотам доданд.

Ҷилва: Уро ба чашми пок тавон дид чун ҳилол,
Ҳар дида ҷои ҷилваи он моҳпора нест.

Акси рӯи ту чу бар оинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом афтод.

Ҷилвае кард рухат рӯзи азал зери никоб,
Ин ҳама нақш дар оинаи авҳом афтод.

Рӯи нигор дар назарам ҷилва менамуд,
В-аз дур бӯса бар рухи маҳтоб мезадам.

Ҷилваи бахти ту дил мебарад аз шоҳу гадо,
Чашми бад дур, ки ҳам ҷониву ҳам ҷонони.

Ҷамол: Баъд аз ин рӯи ману оинаи васфи ҷамол,
Ки дар он ҷо хабар аз ҷилваи зотам доданд.

Ҷамоли ёр надорад никобу парда, вале
Ғубори роҳ бинишон, то назар тавонӣ кард.

Нур: Дар хароботи муғон нури худо мебинам,
Ин аҷаб бин, ки чӣ нуре зи куҷо мебинам!

Ҷилва бар ман мафурӯш, эй малик-ул-ҳоҷ, ки ту
Хона мебиниву ман хона(и) худо мебинам.

Гар нури ишқи Ҳақ ба дилу ҷонат уфтод,
Биллаҳ к-аз офтоби фалак хубтар шавӣ.

...Аз пой то сарат ҳама нури худо шавад,
Дар роҳи зулҷалол чу бе пову сар шавӣ.

Самоъ дар асрҳои баъдӣ дар маҷлису маҳфилҳои орифони бузург яке аз расму оинҳои асосӣ гардид. Чунин маҷлисҳо махсусан дар чомеаи орифону соликони Мавлоно Чалолиддини Румӣ пайваста бо шӯру чазабаҳои рӯҳониву дилангез барпо мешуд. Дар ин маҷлисҳо орифон бо мусиқиву овозхонӣ шеърҳо месуруданд, рақсҳо мекарданд.

Самои орифон асбоби дилхушӣ ва маъракаоройӣ набуд. Самоъ як ҳолати рӯҳӣ ва қалбие буд, ки дар он баъзе аз орифон дар ҳоли мушоҳада меафтоданд ва ҳамон тачаллии партави зоти илоҳиро медиданд. Баробари ҳамин ин ҳолате буд, ки ориф ва солик дар он тазкияи нафс ва хулқи худро медид. Ғаззолӣ дар «Кимиёи саодат» менависад:

«Ва кас бошад аз эшон, ки дар миёни самоъ ӯро мукошифот (яъне ҳоли мушоҳада) падид ояд ва бо вай лутфҳо равад, ки беруни самоъ набувад (яъне беруи аз самоъ чунин воқеъ нагардад). Ва он аҳволи латиф, ки аз олами ғайб ба эшон пайвастан гирад ба сабаби самоъ, онро вачд гӯянд эшон. Ва бошад, ки дили эшон дар самоъ чунон поку софӣ шавад, ки нуқра чун дар оташ ниҳӣ. Ва он самоъ оташ дар дил афганад ва ҳама кудуратҳо аз дил бибарад». Аз ин гуфтан Ғаззолӣ бармеояд, ки ҳолати аз самоъ ба вуқӯъ ояндаро ВАЧД меномидаанд. Ва ин ҳоли вачд на ба ихтиёри солик, балки ба омили хорич аз ӯ ҳосил мегардад.

Аҳли тасаввуф дар хонишу садои чонварон низ як оҳангу лаҳнеро медиданд, ки дар он зикри Ҳақ ифода мешудааст. Мавлоно Чомӣ дар «Сибҳат-ул-аброр» овардааст: «Нкди сию чаҳорум дар самоъ, ки аз худ гузаштан аст ва остин бар халқ афшондан, на гирди худ гаштан ва аз худой бозмондан».

Эй, дар ин хобгаҳи бехабарон,
Бехабар хуфта чу кӯрону карон.
Сар баровар, ки дар ин пардасарой
Мерасад бонги сурур аз ҳама чой.
Булбул аз минбари гул нағманавоз,
Қумрӣ аз сарви сиҳӣ замзамасоз.
Фохта чанбари даф карда зи тавқ,
Аз наво гашта чалочилзани шавқ.
Лақлақ қаввол шуда самъагир,
На мурид аз дами ӯ часта, на пир.
Мутриб аз мастабаи дурдкашон,
Дода аз манзили мақсуд нишон.
Бодаи най бар дили мастони сабӯҳ
Фатҳ карда ҳама абвоби футӯҳ.
Уди хомӯш зи як нолиши гӯш
Кӯдаквосаст бароварда хурӯш.
Чанг бо ақл раҳи чанг зада.
Раҳи сад дил ба як оҳанг зада.

Тоиби косашикаста зи шароб
Ба яке коса шуда масти рубоб.
Пири роҳиб шуда нокусзанон,
Навбате микраа бар кӯс занон.
...Чарх дар чарх аз ин бонгу наво,
Куҳ дар рақс аз ин савту садо.[211]

Орифон дар мусиқӣ, дар навои асбоби мусиқӣ, дар лаҳни суруду таронаҳо оташеро медиданд, ки он дилҳои бедори онҳоро ба шавқи мушоҳадаи дидори ёр, рӯҳи онҳоро аз ин олами сифлӣ ба дунёи улвӣ, ба қурби ҳазрати илоҳӣ мебурд. Аз ин чост, ки Мавлонои Рум гуфтааст:

Оташ аст ин бонги ною нест бод.
Ҳар ки ин оташ надорад нест бод!

## ХОТИМА

Сипос худойро ин мухтасаре, ки онро ба ҳусни ният барои огаҳӣ ёфтани толибон аз таърих ва афкори тасаввуф ба риштаи таҳрир кашида будам, ин ҷо поён ёфт. Дар охири ин авроқ хостам чанд нуктаи муҳимро ба тарзи хулоса ба хонанда арз кунам.

Ман кӯшиш намудам, ки дар баёни таърихи пайдоиши тасаввуф ва марҳилаҳои баъдии тавсиаи он бештар ба робита ва таъсири он ба адабиёт, хусусан ба шеъри форсӣ таваҷҷӯҳ дошта бошам.

Аз пажӯҳиши донишмандон ва ақоиди аҳли ирфон ба чунин хулосае расидам, ки тасаввуф дар аслу моҳияти афкор ва андешаҳои худ аз чор рукн — пояи идеявӣ иборат будааст ба ин қарор: **ЗУҲД, ИШҚИ ИЛОҲӢ, МАЪРИФАТИ ҲАҚ, ВАҲДАТИ ВУҶУД.** Ин аркон бо ҳам иртиботва иттисоли маҳкаме доранд ва афкору ақоиди дигари ирфонӣ болои ҳамин пояҳои идеявӣ қарор гирифтаанд. Бо мурури замон мавзӯи **ИШҚ** ва **ВАҲДАТИ ВУҶУД** бештар густариш ёфт ва иттисоли қавие байни ин ду рукн ба вуҷуд омад. Ва ин ду мавзӯъ дар адабиёти форсӣ ниҳоят умқу вусъате пайдо кард. Бинобар ин дар ин китоб ба таҳқиқ ва таҳлили чор аркон ва хусусан ду рукни охирин таваҷҷӯҳи зиёдтаре вақф гардид.

Тасаввуфи исломӣ, монанди ҳар як таълимоти фалсафию динӣ вуҷуди холис нест, балки аз орову андеша ва афкору ақоиди ҷараёнҳои дигари диниву мазҳабӣ, мисли мазҳаби зардуштиву масеҳият ё буддоиву навафлотунӣ бетаъсир набудааст. Аммо пайдоиш ва рушду тавсиаи он дар асрҳои

Саъдинома ё Бӯстон. Теҳрон, 1347, с. 178—179.
Қимиёи саодат, с. 440.
Ҳамон ҷо, с. 441.
Иқтибос аз китоби Қосим Ғанӣ, с. 296—297.
Кимиёи саодат, с. 472.
8. Маснавии Маънавӣ, с. 231—232.
0. Девони Анварӣ, ҷилди аввал. Қасоид. Ба эҳтимоми Муҳаммад Тақӣ Мударрис Разавӣ, Теҳрон, 1337, с. 41.
89. Маснавии Маънавӣ, с. 357.
191. **Қосим Ғанӣ.** Таърихи тасаввуф дар ислом, с. 322—323.
192. Тафсири Ҳусайнӣ, с. 47.
193. Ҳамон ҷо, с. 831.
194. Девони Саноӣ. Бо муқаддима ва ҳавошӣ ва феҳрист, ба саъй ва эҳтимоми Мударрис Разавӣ, Теҳрон, бидуни таърих, с. 826.
195. Девони Ҳофиз (Инҷавӣ), с. 126.
196. **Қосим Ғанӣ.** Таърихи тасаввуф дар ислом, с. 340.
197. Маснавии Маънавӣ, с. 134.
198. **Қосим Ғанӣ.** Таърихи тасаввуф дар ислом, с. 346.
199. Маснавии Маънавӣ, с. 487.
200. Ҳамон ҷо, с. 255.
201. Кимиёи саодат, с. 457.
202. Ҳамон ҷо, с. 471.
203. Ҳамон ҷо, с. 102.
204. **Қосим Ғанӣ.** Таърихи тасаввуф дар ислом, с. 360.
205. Қуръони Маҷид (Зайнулобудини Раҳнамо), ҷилди саввум, Теҳрон, 1358, с. 77; Тафсири Ҳусайнӣ, с. 569—570.
206. Маснавии Маънавӣ, с. 129.
207. Кимиёи саодат, с. 194—196.
208. Кашф-ул-маҳҷуб, с. 460.
209. Кимиёи саодат, с. 194.
210. **Қосим Ғанӣ.** Таърихи тасаввуф дар ислом, с. 392.
211. Ҳафт авранги Ҷомӣ, Тошканд 1331/1914, с. 272.

## МУНДАРИҶА


Пешгуфтор . . . . . 3
Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик . . . . . 7
Ишқ дар тасаввуф . . . . . 19
Ишқи илоҳӣ . . . . . 22
Маърифати ҳақ . . . . . 32
Ваҳдати вуҷуд . . . . . 38
Тасаввуф дар Хуросон ва Мовароуннаҳр . . . . . 69
Шайх Абулҳасани Харақонӣ . . . . . 71
Шайх Абӯсаиди Абулхайр . . . . . 83
Бобо Кӯҳӣ . . . . . 93
Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ . . . . . 99
Алӣ Ибни Усмони Ҳуҷвирӣ . . . . . 112
Имом Ғаззолӣ . . . . . 122
Масъалаи инсони комил ва ахлоқи пок дар тасаввуф . . . . . 136
Мақомот . . . . . 147
Аҳвол . . . . . 161
Самоъ дар тасаввуф . . . . . 176
Феҳристи номҳои шахсон . . . . . 178
Ҳошия . . . . . 182


**РАСУЛ ҲОДИЗОДА**

**ТАСАВВУФ ДАР АДАБИЕТИ ФОРС—ТОҶИК**


Ороиши А. МУҲАММАДИЕВ

Муҳаррири техникӣ С. Қирғизов.

Ба матбаа 19.07.99 ворид шуд. Ба чопаш 15.09.99 имзо шуд. Андозаи 6х84 1/16. Қоғази офсетии № 2. Ҳуруфаш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 23,0. Ҷузъи рангаи шартӣ 11,5. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 11,5. Адади нашр 1000. Супориши 154.

Матбааи Вазорати Кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон